ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 343.1
ТКБ: 67.410.92
Қ 53

ҚАҲОРЗОДА НАСИМҶОН МАЗБУТ

ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ: МАСОИЛИ МУБРАМИ НАЗАРИЯ, ТАНЗИМИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ВА АМАЛИЯИ ТАТБИҚИ ОН

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

МУШОВИРИ ИЛМӢ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **ИСКАНДАРОВ З.Ҳ.**

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....4
МУҚАДДИМА.....5-35
БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ ҲУҚУҚИИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....36-75
1.1. Табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ.....36-47
1.2. Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии марҳилаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ.....47-62
1.3. Нақши марҳилаи муҳокимаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ.....62-76
БОБИ II. ТАШАККУЛЁБӢ, МОҲИЯТ, АҲАММИЯТ ВА НИШОНАҲОИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ.....76-130
2.1.Заминаҳои иҷтимоии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди қоидаҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ.....76-88
2.2. Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ.....88-114
2.3. Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ноил шудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ.....114-130
БОБИ III. НИЗОМИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАСНИФОТИ ОНҲО.....131-198
3.1. Низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ.....131-154
3.2. Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ.....154-171
3.3. Муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ.....171-189
3.4. Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд.....189-198
БОБИ IV. МАСОИЛИ МУБРАМИ АМАЛИШУДАНИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДӢ.....199-277
4.1. Мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ.....199-211
4.2. Хусусияти иштироки судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ.....211-230
4.3. Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ.....230-258

4.4. Амал ва санадҳои судӣ зимни муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ……258-277
БОБИ V. МУАММОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ РИОЯ ВА ИҶРОИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДӢ ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ.....278-346
5.1. Бозdoштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ ……...278-306
5.2. Асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ…….....306-324
5.3. Аҳаммияти расмиёти натиҷаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ……....324-346
ХУЛОСА……..347-354
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....355-363
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)……...364-416
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....417-426
ЗАМИМАҲО…….....427-451

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМҶ ҶТ – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КММ ҶТ – Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМИ ҶТ – Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМҲМ ҶТ – Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФР – Федератсияи Россия

КМҶ ФР – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ҶШСТ – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ШВКД – Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

с. – сархат

қ. – қисм

м. – модда

б. – банд

б. – боб

с. – саҳифа

с. – сол

ғ. – ғайра

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Таъмини осоиштагии ҳаёти мардуми кишвар ва адолати иҷтимоӣ, ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути танзими боэътимоди ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар низоми давлатдории муосир аз ҳадафҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Ҳамзамон, сиёсати ҳуқуқӣ дар мамлакат, дар ҷодаи мурофиаи ҷиноятӣ, бо ҳадафи роҳандозӣ намудани принсипҳои конститутсионии таъмини ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷинояткорона, кафолати ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ҳимоя аз ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодӣ ва таъқиби беасос дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ гардонида мешавад [34].

Дар Тоҷикистон, ки ба марҳилаи сифатан нави рушду инкишоф ворид шуда, роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст, баҳри тақвияти кафолати ҳифзи судӣ нисбати ҳар шахс ҳуҷҷатҳои муҳимми расмии давлатӣ [38] қабул ва амалӣ шудаанд, ки устувории асосҳои ҳуқуқии адолати судии кишварро таҳким мебахшанд.

Дастовардҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва тағйироти куллие, ки баҳри амалишавии адолати судӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон татбиқ шуда истодаанд [39], ҳадафҳои минбаъдаи рушди низоми ҳуқуқиро муайян карда, дурнамои инкишофи асосҳои адолати судӣ ва нақши онро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон назаррас карданд.

Роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар давоми солҳои истиқлол нишон дод, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳо, таъмини осоиштагӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегӣ бидуни таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва адолати судӣ дучори пайомадҳои нав ва мушкилоту душвориҳое гардид, ки сари вақт бартараф карда

шудани онҳо андешидани чорабиниҳои маҷмуӣ, аз ҷумла таҳқиқотию илмиро талаб мекунад.

Новобаста аз дигаргунӣ ва дастовардҳо дар назарияи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва амалияи судии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ имрӯз ҳам масъалаҳое боқӣ мемонанд, ки ҳалли онҳо зарурати таҳқиқоти фарогир ва такмил додани сатҳу сифати таъмини адолати судиро тақозо дорад. Ҳамзамон, риоя ва иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ, танзими дақиқи тартиботи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳқиқи холисонаи далелҳо ва баррасии судии маводи аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пешниҳодшуда дар ҳузури бевоситаи тарафҳо ва ба таври мубоҳисавӣ ба таҷдиди назар ниёз дорад.

Ин масъалаҳо дар маркази таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти олии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст. Ба андешаи дурбинонаи Сарвари давлат: «бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати таҳкими кафолатҳои ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад. Бинобар ин, мақомоти ҳокимияти судиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд» [63; 67].

Натиҷаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, ки марҳилаи асосии он бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфта ва дар асоси он Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва аз соли 2010 мавриди амал қарор дода шуд, муайян кард, ки муаммоҳое, ки мушкилоти риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои мурофиаи ҷиноятиро дар амалияи тафтишотию судӣ ба миён меоранд, то ҳол вуҷуд доранд ва

минбаъд онҳо бояд бо андешида шудани маҷмуи чораҳои асосноки ҳуқуқию мурофиавӣ бартараф ва ҳал карда шаванд.

Агар дар давраи солҳои 2009-2019 судҳои Тоҷикистон 121 шаҳрвандро сафед карда блшанд, дар солҳои 2019-2023 оид ба 28 парвандаи бо айбдорӣ ба баррасии судӣ ирсолшуда, суд ҳукми сафедкунанда баровардаст - 24 нафар судшаванда пурра, 4 нафар қисман сафед карда шудаанд. Тибқи маълумот дар давоми даҳ сол (солҳои 2009 то 2019) дар маҷлисҳои судӣ наваду панҷ ҳазор парвандаҳо бо айбдории шахсони муайян дида баромада шудаанд. Дар баробари он, нисбати шаш саду даҳ парванда бо айбдории ҳаштсаду наваду як шахс тафтиши иловагӣ баргузор гаштааст [66]. Дар амалияи мақомоти ҳокимияти судӣ дар кишвар дар давоми сол аз панҷсад то ҳаштсаду панҷоҳ адад ҳолатҳои қатъ карда шудани пешбурди парвандаҳои айбдоркунӣ дар содир кардани кирдорҳои хавфнок ба мушоҳида мерасанд.

Омӯзиши амалияи судӣ нишон медиҳад, ки шумораи муайяни парвандаҳои ҷиноятӣ, ки барои анҷом додани тафтиши иловагӣ баргардонида шудаанд, минбаъд ба муҳокимаи судӣ баргардонида нашудаанд. Дар натиҷа, самаранокӣ ва натиҷаи ниҳоии тафтиши иловагӣ дар чунин ҳолатҳо норавшан мемонад. Ин вазъият боиси нигаронии Сарвари давлат гардида, зикр шудааст, ки фаъолияти мурофиавии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва сохторҳои назоратӣ ба меъёрҳои қонунгузорӣ мутобиқати кофӣ надорад [68].

Аз ҷумлаи вайронкунии қонун, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиш ва баррасии судии парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудаанд [67].

Аз ин рӯ, таҳқиқи илмии ин масъалаҳо, ҳалли илман асосноки онҳо, тақвияти робитаи назария бо амалия, ҷорӣ намудани натиҷаҳои

таҳқиқоти илмӣ дар амалия ва муайян кардани дурнамои рушди минбаъдаи онҳо яке аз вазифаҳои илм, аз ҷумла илми мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад [68; 69].

Сатҳи пасти ҳамкории муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ бо мақомоти судӣ ва пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ҷорӣ нагардидани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳои пазируфташуда дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷиҳати паст кардани сатҳи вайронкунии қонун, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва кормандони мақомоти судӣ, ҳамкории бесамари байнисоҳавӣ дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳқиқоти нокифояи илмӣ дар асоси воқеияти хатарҳои терроризм, экстремизм ва ҷиноятҳои дигар аз ҷумлаи норасоии назария ва амалия ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, дар шароити таҳаввулоти бунёдии созмонҳои иҷтимоӣ, замони рушди бесобиқаи илму техника, иттилооти рақамӣ ва дар маҷмуъ нерӯйи эҷодии инсон, замони имконоти азими такомули фарҳангӣ ва ахлоқиву маънавӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳли ҷомеа, баҳри сари вақт пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири омилу падидаҳои хавфнок, такмил дода шудани қонунгузории миллӣ, асосҳои адолати судӣ, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон самтҳои афзалиятноки рушди низоми ҳуқуқии кишварро муайян мекунанд [71; 34].

Ба вуҷуди ин таҳлили назариявии меъёрҳои ҷории мурофиавии ҷиноятӣ ва сатҳи танзимоти муносибатҳои мурофиавӣ дар соҳаи адлияи ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки як қатор номутобиқатии меъёрҳои алоҳидаи мурофиавӣ бо вазифа ва ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ихтилофи муқаррароти дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталифи танзимкунандаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, ҳолатҳои нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар амалияи тафтишотию судӣ ҷой доранд, ки дар таъмини кафолатҳои ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа монеаҳо эҷод мекунанд.

Дақиқ ва ҳадафнок иҷро нашудани тартиби баргузории мурофиаи судии ҷиноятӣ дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ҳалли нодуруст ва ғайриқонунии масъалаҳои мурофиавӣ аз ҷониби суд дар марҳилаҳои тосудӣ бе иштироки тарафҳо, сатҳи нокифояи таъмини кафолатҳои мурофиавии иштирокчиёни маҷлиси суд, беасос маҳдуд шудани иштироки тарафҳо ва ҳатто ҳадди ваколатҳои суд дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, сари вақт иҷро нашудани санадҳои судӣ то андозае мубрамияти таҳқиқоти мавзуи мазкурро афзун мекунанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ шуруъ аз асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили мухтасари зинаҳои таърихии ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиавӣ, муқоисаи онҳо бо қоидаҳои муосири баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки акнун бо арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуну муҳтавои нав гирифтанд, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар таъмини адолати судӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад.

Дар аксарияти қисматҳои рисолаи мазкур амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки қонун муқаррар кардааст ва тартиби ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, бо назардошти танзими ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ, аз нуқтаи назари таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ таҳлил карда мешаванд.

Баррасии парвандаи ҷиноятӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад, ки ин танҳо бо риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мешавад.

Таҳлили ҷамъбастии амалияи судӣ нишон медиҳад, ки судҳои ҷумҳурӣ сифати ба амал баровардани адолати судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятиро беҳтар ба роҳ мондаанд, ҳукм ва қарорҳои судӣ бештар бо риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавию моддӣ

бароварда шуда, ҳолатҳои вайрон кардани ин қонунҳо камтар ба назар мерасанд. Вале ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки баъзе аз судяҳо ба вайронкунӣ ва татбиқи нодурусти қонунҳо роҳ медиҳанд, ба ҳаматарафа ва пурра гузаронида шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ эътибори ҷиддӣ намедиҳанд, ки дар натиҷа ҳукм ва қарорҳои судӣ, бинобар шикоят ва эътироз овардани тарафҳо аз ҷониби судҳои болоӣ, бекор мешаванд. Дар баъзе мавридҳо қабули қарорҳои судӣ бо шикоят, ариза ва дархости айбдоршаванда, судшаванда (ба сифати далелҳо) асоснок карда шуда, ё асосҳои қабул намудани қарор баён карда намешаванд [161, с. 10], ифодаи мазмуну сифати тартиб додани қарорҳои судӣ низ беҳбудӣ металабанд. Нисбати ташкил ва гузаронидани мурофиаҳои судӣ тибқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳам ба камбудиҳо роҳ дода мешаванд, ки дар натиҷа ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа вайрон гардида, аҳаммияти иҷтимоӣ ва нақши тарбиявии мурофиаи судӣ коста мешавад. Ҳангоми ҳаллу фасли масъалаи баррасии парванда дар мурофиа аз ҷониби судяҳо арзу дархости тарафҳо беасос рад карда мешавад, аҳаммияти иҷтимоӣ доштану рӯзмарра будани баррасии одилонаи парвандаҳои мушаххас, моҳияти ҷиноятӣ содиршуда, маълумот дар бораи шахсияти судшаванда ба инобат гирифта намешаванд [211; 164].

Дар амалияи судӣ аз сабаби хунукназарӣ, ба сабабҳои сари вақт ҳозир нашудани иштирокчиёни мурофиа, ба пурра таҳқиқ карда шудани далелҳои пешниҳодшуда, асоснокии қарорҳои мурофиавии қаблан қабулкардаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин ба дуруст тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ диққати зарурӣ дода намешавад, ҳолатҳое, ки дар қонун дарҷ гардидаанд ва дар таҳқиқи парванда аҳаммият доранд, мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода намешаванд. Дар баробари ин, бинобар сатҳи нокифояи донишу маҳорати касбӣ, дар баъзе мавридҳо муносибати ғаразнок ба кор боиси нодуруст истифода шудани қонунҳо ва дар ниҳояти кор қабул шудани санадҳои ғайриқонунӣ мегардад [67; 169; 161; 160; 168].

Бинобар ин, танзими ҳуқуқӣ ва ҳалли ин масъалаҳо тибқи меъёрҳои ҷорӣ, роҳҳои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ, бартараф карда шудани муаммоҳои дар назария ва камбудиҳои дар амалияи мурофиаи судӣ ҷойдошта, таҳқиқоти комплексии илмии ин мавзуъро дар марҳилаи муосир талаб мекунад, зеро дар таҳқиқоти илмӣ ва назарияи мурофиаи ҷиноятӣ масъалаҳои ба риоя ва иҷрои шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, марбут ба сабабҳои хатою камбудиҳои дар амалия ҷойдошта, роҳҳои бартараф карда кардани онҳо ба таври умумӣ, аз назари таълимӣ, оморӣ, ҳисоботӣ ё дар муқоиса номбар карда мешаванд, ки ин нокифоя аст.

Мубрамияти таҳқиқоти комплексию илмии моҳият, мазмун, аҳаммияти мурофиавӣ ва хусусиятҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти консептуалии ин масъалаҳо дар танзими ҳуқуқӣ, фаъолияти эҷоди ҳуқуқ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ва амалишавии адолати судӣ муҳим ва рӯзмарра боқӣ мемонанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ имконият медиҳанд, ки дар амалияи судӣ шарту шароите муҳайё карда шавад, ки ҳангоми баргузории муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, иштирокчиёни мурофиаи судӣ, тарафҳо, аз ҷумла судшаванда (ҳимоятгари ӯ) ва ҷабрдида (намояндаи ӯ) чун тарафҳои дигари манфиатдори муҳокимаи судӣ ба маҷлиси суд омода шаванд, то ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии худро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин намоянд, ки дар натиҷа ба риоя ва иҷрои принсипҳои адолати судӣ тавассути амалишавии воқеии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ тақвият бахшида шавад.

Натиҷаҳои асосноки таҳқиқоти илмӣ барои муайян кардани мавзуъ ва самтҳои таҳқиқоти нави илмӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ,

коркарди дурнамои рушд ва такмили меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини воқеии кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни истилоҳоти мурофиавӣ дар татбиқи ҳадафноки меъёрҳои ҷорӣ, ба сатҳи сифатан нав гузаштани амалияи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ барои баланд бардоштани самаранокии баамалбарории адолати судӣ, аз ҷумла оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, хеле муҳим ва ногузиранд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Асосҳои конститутсионӣ, заминаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккулёбии қоида ва шартҳои баргузории мурофиаи судӣ, аҳаммияти онҳо дар ҳалли масъалаҳои умумиинҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асарҳои олимони ватанӣ С.А. Рачабов [172; 409], Б. Ғафуров [99, с. 544], Н.Н. Неъматов [163], Ф.Т. Тоҳиров [216], А.Ғ. Холиқзода [225], Р.Ш. Шарофзода [192], И.Б. Буризода [95], Ф.М. Абдулхонов [370], У.А. Азиззода [79; 255], Х.М.Мирзамонзода [101], А.М. Диноршоев [111; 112; 110], Ч.М. Зоир [120], А.Э. Раҳматулоев [408], Д.С. Раҳмон [195], И.Р. Шодиев [430], Р.Одиназода [407] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Масъалаҳои мубрами назариявӣ ва тартиби амалишавии асосҳои ҳимояи судӣ ва таъмини кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, муаммоҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар асарҳои илмии олимони ватанӣ - З.Ҳ. Искандаров [131; 128; 129], Р.Р. Раҳмадҷонзода [411; 431], Р.Ҳ. Раҳимзода [188], И.Т. Маҳмудов [154], А.Л. Арипов [372], А.Ҳ. Ҳасанбоев [426], П.С. Абдуллоев [367], И.А. Баҳромов [378], П.Ҳ. Алиева [376], Н.М. Самиев [415], И.А. Одинаев [406], А.Х. Ҳасанбоев [426], А.Э. Раҳматулоев [177], Н.М.Қаҳоров [134], Б.Қ. Қобилов [390], М.К. Абдуллоева [369], Б.С.Негматов [401], М.Ш. Шерализода [429], К.М.

Мадвализода [393], А.И. Иноятзода [386] ва дигарон мавриди баррасӣ, таҳқиқу таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Айни замон идома додани таҳқиқоти илмӣ оид ба такмили тартиби мурофиавии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ба амалбарории адолати судӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар доираи масъалаҳои баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ риоя ва иҷрои тартиби мурофиавии ҷиноятӣ, такмили фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, зарурати васеъ кардани кафолатҳои мурофиавӣ, роҳҳои ҳалли муаммоҳои назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ дар таҳқиқоти мутахассисон ва олимони ИДМ, аз ҷумла А.Ф. Кони [142], М.С. Строгович [204; 207], В.М. Савитский [193], [194], Ф.Н. Фаткуллин, З.З. Зинатуллин [223], Е.А. Лукашева [152], Н.П. Кириллова [135], А.А. Маганкова [393; 303], А.А. Сеньков [419], Б.А. Ринчипов [413] ва дигарон баррасӣ шудаанд, ки дар ҷараёни таҳқиқи диссертатсиони ақида ва хулосаҳои онҳо мавриди таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд.

Таҳқиқоти олимон, аз ҷумла Т.А. Владикина [383], М.А. Сидигалиев [423], А.О. Машоветс [397], М.С. Колосович [390], М.В. Беляев [381], Т.К. Рябинина [415] ва дигарон оид ба муайян кардани сабабҳои мавҷудияти муаммоҳои ташкил ва баргузории маҷлиси суд бо иштироки тарафҳо ва тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, сабабҳои риоя нашудани талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ саҳми арзанда гузошта, зарурати такмил додани фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ва ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро асоснок кардаанд, ки мубрамият ва умумияти муаммоҳои мавҷуда ва кӯшишҳои ҳалли онҳоро дар назарияи мурофиаи ҷиноятии давлатҳои дигари ИДМ инъикос мекунад.

Лекин, алоқамандии ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, раванди риоя, иҷро ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ,

сатҳу сифати иштирок ва фаъолнокии тарафҳо ва суд дар амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар иртибот бо рушди қонунгузории миллӣ, барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон то имрӯз мавриди таҳқиқоти комплексии илмӣ қарор нагирифтаанд.

Бо назардошти амалияи судӣ ва натиҷаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар кишвар (2007-2021), инчунин таҳқиқоти илмӣ оид ба муаммоҳои адлияи ҷиноятӣ идомаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқиро дар Тоҷикистон дар солҳои минбаъда самтҳои зерин ташкил медиҳанд:

1) идомаи трансформатсия, таносуб ва бо ҳам мутобиқ намудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

2) баҳамназдикшавии принсипҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ, континенталӣ, мусулмонӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ, якҷояшавӣ ва воридшавии меъёрҳои як низоми ҳуқуқӣ ба меъёрҳои низомҳои ҳуқуқии дигар, ки мутобиқ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои адолати судӣ мебошанд;

3) дар амалияи судӣ оид ба татбиқи ҳуқуқ ба талаботи адолати иҷтимоӣ бартарият дода, бо барпо карда шудани мувозинати ҳуқуқу манфиатҳои шахс, шаъну эътибори ӯ, шароити моддиву маънавии нафарони зарардидаро ба назар гирифта, мурофиаи судии ҷиноятӣ ба суи муросо, авфу бахшиш, барқарор қардани зарари бамиёномада, тариқи иваз карда шудани ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ба намудҳои дигари ҷазо, ки ба адлияи тарбиявӣ, барқароркунанда равона карда шавад;

4) Таҳия ва амалӣ намудани консепсияи адлияи одилона ва муросодиҳӣ нисбат ба пешбурди судии кирдорҳои ба ҷамъият хавфи ҷиддӣ надошта, бори аввал ва аз беэҳтиётӣ содиршуда, ки таъқиби ҷиноятиро ба истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонии муросои тарафҳо ва мусоидату ёрӣ ба онҳо иваз мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо иштироки бевоситаи унвончӯ дар доираи коркарди чорабиниҳо ва нақшаи дурнамои мавзуъҳои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2020-2025 ва дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ барои солҳои 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, муайян кардани табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ; таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва робитаи онҳо бо асосҳои конститутсионии адолати судӣ; таҳлили сатҳи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва роҳҳои такмили амалишавии онҳо; муайян кардан ва таҳлили мушкилоти амалияи судӣ, омилҳо, сабабу шароитҳое, ки ба амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ монеъ мешаванд, коркарди хулосаҳо баҳри бартараф кардани онҳо; таҳқиқи меъёрҳои мурофиавӣ ва қоидаҳои баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҳадафи таҳқиқотро ташкил додаанд, ки натиҷаҳои он ба муайян кардани дурнамои рушди қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии шартҳои

муҳокимаи судӣ, инчунин амалияи мақомоти ҳокимияти судӣ дар таъмини кафолати конститутсионии ҳифзи судӣ равона мешаванд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсадҳои зикршуда, вазифаҳои зеринро иҷро кардан лозим аст:

– омӯзиши табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосӣ ва таркибии мурофиаи ҷиноятӣ;

– омӯзиш ва таҳлили давраҳои пайдоиш ва инкишофёбии заминаҳои бунёдии адлияи ҷиноятӣ дар Тоҷикистони муосир, раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва такмил ёфтани қоидаҳои муҳокимаи судӣ;

– таҳқиқи марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– муайян кардани манбаъҳои пайдоиш ва ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиаи судӣ ва даврабандии онҳо то замони муосир;

– омӯзиши мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, муайян кардани ҳамбастагии онҳо бо вазифа ва ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ;

– таҳқиқи мафҳум, қоида ва меъёрҳои мурофиавӣ, ки маҳаки шартҳои умумии муҳокимаи судиро ташкил додаанд;

– таҳқиқи шарти бевосита, шифоҳӣ ва ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– муайян кардани нақши мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– таҳқиқи муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ;

– баррасии шарти тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд;

– таҳлили мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– омӯзиши имкониятҳои мурофиавии судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ;

– муайян кардани ҳадди ваколати суд, судя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили сатҳи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳқиқи муаммоҳои амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳангоми ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳлили расмиёти муҳокимаи судӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳоти мурофиавӣ бо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ;

– муайян кардани омил, сабабу шароите, ки ба амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ монеъ мешаванд;

– таҳлили ҳуқуқии татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

– омӯзиши таҳқиқоти олимони давлатҳои хориҷӣ вобаста ба шартҳои баргузории муҳокимаи судӣ, ҷустуҷӯи самтҳои истифодаи тачрибаи онҳо дар амалияи судии Тоҷикистон;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, мусоидат ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ;

– таҳқиқи роҳу воситаҳои бартараф намудани омилу монеаҳо дар амалияи судӣ, муайян кардани самтҳои беҳтар ва самаранок татбиқ кардани қоидаҳои баргузории мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

– таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба самтҳои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати амалияи судӣ.

Объекти таҳқиқот аз маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавие иборат мебошад, ки фаъолияти суд, тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, дар бар гирифта, онҳо бо меъёрҳои қонугузории ватанӣ танзим мешаванд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқотро меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ, сарчашмаҳои доктриналӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, ки хусусиятҳои амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ҷабҳаҳои фаъолияти мурофиаи суд ва сатҳи иштироки тарафҳоро танзим ва таҷассум мекунанд, инчунин омилҳое, ки ба амалишавии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, ташкил медиҳанд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Таҳқиқоти муаммоҳои назариявӣ ва амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар заминаи маводҳои амалияи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2025 ба амал бароварда шудааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2016 оғоз гардида, то соли 2025 идома ёфтааст. Диссертатсия дар назди кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш.Хуҷанд) иҷро шуда дар давоми солҳои 2016-2025 унвонҷӯ дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот, муқаррароти назариявиро коркард кардааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии мако-

моти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои олимони ватанӣ ва давлатҳои ИДМ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ташкил додаанд.

Дар таҳқиқот сарчашмаҳои доктриналӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм, Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021), Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, асарҳои монографӣ ва нашрияҳои олимони ватанию хориҷӣ, мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои даврӣ оид ба масъалаҳои гуногуни муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ истифода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеият ва зуҳуроти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ба усулҳои диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ба монанди таърихӣ, таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, сотсиологӣ, муқоиса, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ такя намудем. Дар шакли саҳеҳу фарогир ифода шудани ҳадаф, мазмун ва моҳияти қоидаҳои ҳуқуқӣ марбут ба шартҳои умумии муҳокимаи судӣ тавассути усулҳои номбаршуда (аз ҷумла усулҳои илмии шаклбандӣ, абстраксия, хронологӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ) дар таҳқиқоти бисёрҷабҳаи амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба муайян кардани аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар амалишавии принсипҳо, вазифа ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, ба тасдиқи асосноки пайвастагии мазмуни онҳо бо талаботи мурофиавӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ, ба натиҷагирӣ, таҳия ва пешниҳоди хулосаҳои асоснок мусоидат карданд.

Заминаҳои эмперикии таҳқиқот:

– маҷмуи парвандаҳои ҷиноятии баррасишуда дар судҳои Тоҷикистон (дар давраи солҳои 2010-2024);

– нишондиҳандаҳои омории фаъолияти мақомоти судӣ дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2024;

– маводи парвандаҳои ҷиноятии бойгонишуда (дар давоми солҳои 2015-2024, ки аз онҳо унвончӯ 495 парвандаи ҷиноятиро омӯхтааст);

– маводҳои парвандаҳои ҷиноятии ба тафтиши иловагӣ баргардонида шуда (дар давоми солҳои 2015-2024, аз ҷониби унвончӯ 72 парвандаи ҷиноятӣ омӯхта шудааст);

– маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ, ки пешбурди судии онҳо боздошта шудааст (дар давоми солҳои 2015-2024, аз ҷониби унвончӯ 42 парвандаи ҷиноятӣ омӯхта шудааст);

– маводҳои баррасии судии масъалаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ (дар давоми солҳои 2015-2024);

– маводҳои суди марҳилаи кассатсионӣ ва суди марҳилаи назоратӣ (дар давоми солҳои 2015-2024);

– қарорҳои Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи солҳои 2000-2023 (таҳлил ва ҷамъбаст кардааст);

– тавзеҳоти дастурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба мавзуи таҳқиқот аз солҳои 1992-2024 дахл доранд, таҳлил ва ҷамъбаст намудааст;

– натиҷаҳои татбиқи Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи Расмиёти шарҳи универсиалии даврӣ (давраи дуюм) дар солҳои 2017-2020;

– натиҷаҳои пурсишномаи 120 нафар прокурор, 115 нафар судя, 50 нафар адвокат;

– таҳлили таҳқиқоти гуногуни мониторингҳо ва экспертизаҳо оид ба проблемаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ дар давраи солҳои 2009-2023;

– таҳлили мавзуъ ва мундариҷаи зиёда аз 150 таҳқиқоти диссертатсионӣ (дар масъалаҳои гуногун оид ба мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ) дар давраи аз соли 1956 то соли 2024 ҳимояшуда.

Маводҳои амалияи тафтишотӣ-судӣ дар минтақаҳои алоҳидаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ, омӯзиш ва мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти маводи номбаршуда бо маълумоти таҷрибавии муаллифони дигар, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ алоқаманд мебошанд, муқоиса карда шудаанд, ки таҳкурсии боътимоди ташаккули роҳҳои сифатан нави амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ гардидаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки унвончӯй кори фарогири илмии тахассусиро омода кардааст, ки дар он:

– дар асоси таҳқиқот маҷмуи афкори нави илмӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллифӣ дар бораи низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, алоқамандии онҳо бо асосҳои конститутсионии адолати судӣ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ҳифзи судӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешаванд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаммоҳои амалӣ шудани қоидаҳои мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар раванди амалишавии Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2021-2030) таҳлил шуда, ба ҷараёни татбиқи онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад;

– моҳият, аҳаммият ва зарурати риоя, иҷро ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин ногузирии тағйир додан, бе ихтилоф ва дақиқ муқаррар шудани қоида ва шартҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, такмил додани тартиби амалишавии онҳо дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари муаллифӣ пешбарӣ мешавад;

– роҳҳои самараноки риояи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ноил шудан ба адолати судӣ бо хулоса ва пешниҳодҳои муаллифӣ ҷамъбаст ва асоснок карда мешаванд;

– консепсияи муосири рушди асосҳои адлияи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи стратегии такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешбарӣ мешаванд, ки онҳо умумият ва ягонагии шартҳои муқарраршудаи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ тақвият бахшида, пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд;

– ба ошкор ва бартараф шудани мухолифати ақидаҳои назариявӣ, камбудиҳои дар амалияи судӣ ҷойдошта; такмили қоидаҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, манфиати давлат, ташкилотҳо; таҳкими қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ; баланд бардоштани сифат ва самаранокии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин баҳри беҳтар намудани сатҳу сифати риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, одилона баррасӣ гардидани парвандаҳои ҷиноятӣ ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт мусоидат мекунанд;

– дар диссертатсия ғояҳои доктриналӣ оид ба таснифоти низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, такмил додани қоидаҳои риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан дар марҳилаҳои судӣ коркард шудааст, ки онҳо ба ҳалли маҷмуи масъалаҳое, ки бо шаклбандӣ, банизомдарорӣ, мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ ва азнавсозии ҳам меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва ҳам амалияи судии ҳуқуқтатбиқнамоӣ алоқамандӣ доранд, асос мешаванд.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти комплексӣ метавонад ба сифати асоси назариявӣ, методӣ ва роҳнамо дар корҳои минбаъдаи илмӣ, дар таҳқиқоти муаммоҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шавад. Онҳоро ҳамчун роҳнамои илмӣ дар ҳалли проблемаи васеи илми мурофиаи ҷиноятӣ, ки аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ доранд, истифода бурдан мумкин аст. Татбиқ ва истифодаи онҳо ба илм ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ саҳми назаррас дорад ва аҳаммиятнок аст. Бинобар ин, таҳқиқоти илмии мавзуи мазкурро бо боварии том метавон ҳамчун нахустин таҳқиқоти мустақили бунёдии илми мурофиаи ҷиноятӣ дар ин мавзуъ арзёбӣ намуд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда инъикос ёфтаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда:

1. Аввалин падидаҳои мурофиа дар шакли урфу одат, расму ойин, ё қоидаҳои одитарини танзимкунандаи муносибати байни одамон, қонеъ кардани талабот, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз бесарусомонӣ ва худсарӣ арзи вуҷуд кардаанд. Унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя»-и расму оин ва урфу одатҳо дар низоми муносибатҳо ҷорӣ шуда, аз як насл ба наслҳои дигар гузашта, то ба шакли қоидаҳои меъёрии ҳатмӣ ва танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Ин қоидаҳо падидаҳои аввалини ҳуқуқӣ на дар фаҳмиши муосири шакли расмӣ дошта, балки инъикоси натиҷа, маҳсули эҷод ва кӯшишҳои инсон оид ба ногузир барпо карда шудани муҳити ҳамзистӣ (зоҳиршавии табиати иҷтимоӣ) буда, таъиноти худро мутобиқ ба табиати аслии худ пайдо кардааст.

Ҳадафи ҷорӣ шудани ин қоидаҳои мурофиавӣ сараввал як шакли таъсиррасонӣ ва ё танзими рафтор, ҳифзи анъана ва манфиатҳои аъзоёни авлод ё қабила буд, сипас баробари тавсеаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷузъи низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, зинаҳои ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиаи судӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ чунин даврабандӣ мешавад:

1) қоидаҳои давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ);

2) қоидаҳои давраи ташаккули мурофиаи замони зардуштӣ;

3) қоидаҳои давраи рушди мурофиаи шариатӣ;

4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ;

5) қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ;

6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятӣ дар замони муосир.

Таҳлили марҳилаҳои рушд собит месозад, ки қоидаҳои аз урфу одатҳои авлодӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ шакли устувор гирифтаи мурофиаи даъвогӣ ва хусусӣ барои минбаъд ҷорӣ ва амалкарди қоидаҳои мурофиавӣ таҳкурсӣ гузоштаанд. Бо мурури замон, бинобар тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва пайваста васеъ гаштани фаҳмиши адолат ва шартҳои муҳокимаи судӣ мукаммал гардида, мазмуну муҳтавои нав гирифтаанд. Қоидаҳои мазкур бо нуктаҳои зерин ғани гаштанд:

а) шарту шароити баргузории мурофиа бо ташаббуси даъвогар, ҷабрдида ё хешовандони ӯ;

б) ба шикоят ва арзу даъво ҳуқуқ доштани шахс;

в) таҳти ҳимояи аҳли ҷомеа ва ё ҳоким, довар қарор доштани ҷабрдида ва ё даъвогар, нафарони муҳтоҷ, ниёзманд, зарардида;

г) ҳуқуқи даъвогар ба рӯёнидани товони зарар;

д) қоидаҳои баррасии дастаҷамъона ва шифоҳии арзу даъво;

е) иштироки тарафҳо ва аҳли ҷомеа дар муҳокима, яъне ошкоро баргузор шудани мурофиа;

ё) барои тарафҳо пешбинӣ шудани имкониятҳои мурофиавӣ ва имконияти созиши тарафҳо;

ж) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба исботи гунаҳгорӣ;

з) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба даъвати шоҳидон ва пешниҳоди далел;

и) одилона таъин кардани ҷазо;

к) кӯшиши оқилона, воқебинона муайян кардани товони зарар;

л) ҷорӣ шудани хароҷоти мурофиавӣ, қоидаҳои риояи қатъии мурофиаи судӣ;

м) таъмини мустақилият ва беғаразии суд дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ.

2. Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад, ки тавассути таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз ибтидо то интиҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ онҳо вобаста:

а) бо амалишавӣ дар марҳилаҳои ҷудогонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ;

б) бо мавзуи муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ;

в) бо амалишавии функсияи айбдоркунӣ;

г) бо амалишавии таъиноти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ки дар натиҷа аҳаммият, мазмун ва умумияти ҳар як шарт муайян карда шудааст.

Баргузории ошкорои муҳокимаи судӣ (м.273 КМҶ ҶТ) мазмуни васеъ дошта, танҳо бо моҳият ва аҳаммияти мурофиавӣ, яъне бо ифодаи иштироки бевоситаи тарафҳо ва шахсони манфиатдор дар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию давлатӣ дошта:

а) шакли иштироки аҳли ҷомеа (доираи васеи шаҳрвандон) дар амалӣ гардидани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

б) шакли амалисозии ҳокимияти халқ, имконияти иштироки аҳли ҷомеа (ба сифати тарафҳо) дар қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

в) иштироки аҳли ҷомеа дар амалинамоии намуди муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ;

г) шакли ҳуқуқии назорати аҳли ҷомеа (халқӣ) аз болои фаъолияти мақомоти судӣ мебошад.

3. «Муҳокимаи бевосита» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мазмуни нисбатан васеъ дошта, тибқи таҳлил танҳо бо тафтиши бевоситаи далелҳо маҳдуд намешавад, чунки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад:

– пешбурди амалҳои судӣ аз ҷониби суд, судя, ки бевосита иҷро мешавад, монанди эълони ҳайъати суд, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд ва ғайраҳо (м.м.296-307, 349 КМҶ ҶТ);

– суд, судя далелҳои пешниҳодшударо, бо роҳи пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ бевосита санҷида баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. (м.м.21, 311-326 КМҶ ҶТ);

– суд, судя иштироки бевоситаи тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда, барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад (м.м.12, 22, 276-277 КМҶ ҶТ);

– суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад (м.м.21, 85,90 КМҶҶТ);

– дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро аз ҷумла монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ҳал мекунад. (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

– суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита қабул мекунад (м.м. 290, 332-350 КМҶ ҶТ).

4. Мафҳуми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (на танҳо ҷамъи қоидаҳо) ифодаи ҷузъи ҷудонопазири масъулияти давлат ҷиҳати таъмини кафолати расмӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гашта, дар ҷараёни ҳалли тамоми масъалаҳое, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муҳокима ва баррасии судиро талаб мекунанд, амал мекунанд. Онҳо моҳияти расмию ҳуқуқии муҳокимаи судиро ифода карда, ба татбиқи меъёрҳои ҷорӣ ва амалӣ гаштани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ шароит фароҳам меоранд.

Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар раванди амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мурофиавӣ, иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятиро таъмин мекунанд. Бо ин хусусиятҳо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъиноти худро ифода мекунад: ҳимояи ҳуқуқи инсон дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, фароҳам овардани шароити омодагӣ ва баррасии ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ; таъмини рафтори муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; таъмини иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди судии ҷиноятӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ.

5. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни талабот ва кафолати мурофиавӣ дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъсир расонида, ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ шароит муҳайё мекунанд. Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои ҳатмии мурофиавии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил мекунанд.

Тавассути танзими муносибати иштирокчиёни мурофиавии судии ҷиноятӣ бо ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ чунин шакли таъсиррасонии расмии давлатӣ ба рафтори иштирокчиёни муносибатҳои

ҷамъиятӣ фаҳмида шудааст, ки зарурати таъсиррасонии он дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар шакли ваколатдиҳӣ, уҳдадорнамоӣ, имкониятдиҳӣ, маҷбуркунӣ, барқарорсозӣ, маҳдуднамоӣ, пешгирӣ ва манъ кардан пайдо мешаванд, тағйир меёбанд, қатъ мешаванд ва ё хотима меёбанд.

Аз ин рӯ, таъиноти хос мурофиавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян мешаванд:

– ҳамчун шакли мурофиавии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар шудаанд;

– амалӣ шудани принсипҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунанд;

– мазмун ва таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни муҳокимаи судиро ташкил дода, дар ҷараёни амалишавии ин фаъолият ба риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит муҳайё мекунанд;

– ҳадди имконият ва рафтори иштирокчиён, мақсад ва хусусияти иштироки тарафҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегиранд.

6. «Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» пеш аз ҳама шароиту муҳити муносиб ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрванд беасос, ноодилона айбдор ва маҳкум нашавад, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъмин гардад, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно карда шавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯ бетаъхир сафед карда шавад.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъминкунандаи баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо, ифодаи иштироки онҳо дар маҷлиси судӣ, амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ ва риояи тартиби ягонаю умумии

мурофиавӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини қонуният дар ин марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд.

7. Барои таъмини самаранокии амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст, ки: Дар матни м.34 КМҶ ҶТ бояд муқаррараи «....тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро ба тариқи дастаҷамъона доранд» нишон дода шавад.

Матни моддаи 292 КМҶ ҶТ қоидаеро пешбинӣ намояд, ки мутобиқи он бо вуҷуди аз маҷлисгоҳи судӣ дур карда шудани судшаванда, минбаъд ӯ ба музокираи судӣ бояд ҳозир карда шавад.

8. Судя бояд салоҳияти таъмини баробарии тарафҳоро ҳангоми баррасии судии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, ҳамчунин риояи (татбиқи) шартҳои умумии муҳокимаи судиро дошта бошад. Ғайир аз ин, ҳангоми аз нав баррасии шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ аз рӯйи эътироз ё шикоят, суд бояд салоҳият дошта бошад, ки зарурати иштироки тарафҳо ва татбиқи шартҳои муҳокимаи судиро мустақилона муайян намояд.

Пешниҳодҳои пешбарӣ кардаи муаллиф ҷиҳати такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни меъёрҳои мурофиавиро дақиқ намуда, ба татбиқи дурусти қонунҳо ёрӣ мерасонанд, ки на танҳо ба қонунӣ, асоснокӣ ва одилона қабул гаштани ҳукм мусоидат мекунанд, балки нофаҳмӣ, шубҳа ё хатогиҳоро дар амалияи судӣ пешгирӣ ва бартараф мекунанд, инчунин воқеан ҳамаҷониба, пурра ва холисона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро таъмин менамоянд.

Тавсияҳои муаллиф дар лоиҳаи муаллифӣ ба сифати «Барномаи стратегии рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муқаррар карда шудани тағйиру

иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» пешниҳод шудаанд (замима шудааст).

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз таҳлили назариявӣ-консептуалии муқаррароти пешбинишудаи қонун ҳамчун шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, таснифоти низоми онҳо, моҳият, ифодаи дақиқ ва фарогири мақсад ва хусусиятҳои хоси онҳо иборат аст. Диссертатсия таҳқиқоти илмӣ-тахассусии мустақилона аст, ки дар сатҳи зарурӣ низоми донишҳои илмиро дар бораи механизми амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ, мазмун ва хусусиятҳои шаклгирифтаи онҳоро мукаммал намуда, инчунин ҳалли як қатор проблемаҳои бунёдии илми мурофиаи судии ҷиноятии миллиро пешбарӣ ва асоснок менамояд.

Муқаррароти консептуалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Тоҷикистон, ки масъалаҳои асосии риоя ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ танзим мекунанд, инъикос ёфтааст. Як қатор хулосаву пешниҳодҳо ва тавсияҳои унвончӯ оид ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ҷодаи муайян намудани самтҳои афзалиятноки мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ, банизомдарорӣ ва азнавсозии меъёрҳои он аҳаммияти муҳимми амалӣ доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти илмӣ, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳо метавонанд дар фаъолияти мақомоти олии қонунгузорӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шаванд. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли хулосаҳои муаллифӣ пешбарӣ ва асоснок шуданд, самтҳои минбаъдаи таҳқиқотҳои илмиро дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда, ба такмил дода шудани амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, ба риояи самараноки

онҳо дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ ба баланд бардоштани сатҳи ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим ва омӯзиши курси «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Таҳияи расмии санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ», курси махсуси «Асосҳои адлияи ҷиноятӣ», «Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар пешбурди судӣ» дар таълими ҳуқуқ ва дар низоми такмили ихтисос истифода шавад.

Нуқтаи назари пешбаришуда дар таҳқиқоти илмии мазкур метавонад дар амалияи ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар омузиш ва таҳлили муаммоҳои назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ, дар раванди таълимии муассисаҳои олии таълимии раванди ҳуқуқӣ дар омӯзиши фанҳои дахлдор, курсҳои махсус, дар рафти такмили ихтисос ва бозомӯзии судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, таҳқиқбарандагон ва адвокатҳо истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мазмун ва хусусияти комплексии он, бо татбиқи тарзу услубҳои муосири таҳлилии таҳқиқот, дастовардҳои назариявӣ, асосҳои меъёрӣ, риояи принсипҳои илмӣ ва таҳлили миқдори дахлдори маводи амалияи мақомоти судӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (дар давоми солҳои 2015-2025) оид ба амалишавии шартҳои умумии муҳокима шудани парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти бевоситаи ӯ, пешбарии ақида ва тавсияҳо, ҷамъи пешниҳоду хулосаҳо, таҳлили мундариҷаи истилоҳоти меъёрӣ, таърифҳо ва пешбарии навоварии илмии диссертатсия инъикос мешавад. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисолаҳои илмӣ (монографияҳо), мақолаҳои илмии муаллиф, коркарди мавод ва барномаҳои таълимии тахассусӣ (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), маърузаҳо дар чорабиниҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Диссертатсия дорои сохтори ягонагии дохилӣ, пайдарҳамии мантиқии масъалагузорӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад, ки дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода шуда, муҳокима ва тақриздиҳиро гузаштааст. Экспертизаи иловагии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Хусусияти комплексии таҳқиқоти диссертатсионӣ боиси шаклҳои гуногуни тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои он гардид. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар, ва дигар ҳамоишҳои зерин дар шакли маърузаҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

А) байналмилалӣ:

– конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» - дар мавзуи «Доир ба масъалаҳои мурофиавии бозгоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ» Шуъбаи ташкили-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ш.Душанбе, 10 декабри с.2020);

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 55-солагии Академияи Қарағандагии ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Б.Бейсенов таҳти унвони «Масоил ва дурнамои такмили қонунгузорӣ ва амалияи тадбиқи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ» маърӯза дар мавзуи «Принсипҳои конститутсионии адолати судӣ дар истеҳсолоти судии ҷиноятӣ» (Қарағанда, 30 октябри соли 2024);

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рузи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Руссия, д.и.ҳ., профессор Р.С.Мулкаев - маъруза дар мавзуи «Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ» (Душанбе, 10 декабри с.2025).

Б) ҷумҳуриявӣ:

– конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалии профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ», - маърӯза дар мавзуи «Доир ба шакл ва мазмуни санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ» (ш. Хуҷанд, 4-уми апрели соли 2020);

– конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалии профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ» - маърӯза дар мавзуи «Шакл ва мазмуни фикри айбдоркунӣ ҳамчун санади мурофиавӣ» (ш.Хуҷанд, 25-уми майи соли 2020);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар» дар мавзуи «Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот» - маърӯза дар мавзуи «Доир ба аҳаммияти маълумоти воқеи дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ» (филиали донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара. – 2020);

– конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - маърӯза дар мавзуи «Зарурати такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Хуҷанд, 2021);

– конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик - маърӯза дар мавзуи «Принцип справедливости в отечественном уголовном судопроизводстве» (ш. Хуҷанд, 19-уми апрели соли 2024);

– конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявии «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он» бахшида ба Рузи илми тоҷик ва Солҳои рушди иқтисодӣ ва иноватсия - маърӯза дар мавзуи «Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ» (ш. Хуҷанд, 25 апрели соли 2025);

– конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон» бахшида ба амалишавии «Стратегияи рушди иқтисодӣ «Сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ва Рӯзи илми тоҷик - маърӯза дар мавзуи «Таъмини дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ» (Хуҷанд, 23 апрели соли 2025).

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида ба Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия - маърӯза дар мавзуи «Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд» (Хуҷанд, 01 ноябри соли 2025);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои инкишофи Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 16-солагии

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - маърӯза дар мавзуи «Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» (Душанбе, 03 декабри соли 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ 55 маводи илмӣ, аз ҷумла 3 монография, 18 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 34 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, панҷ боб, ки ҳабдаҳ зербобро муттаҳид менамояд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёт (ҷилди 1) ва 5 замимаи дахлдор (ҷилди 2), аз ҷумла маълумоти оморӣ иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷме омода карда шудааст, ки ба талаботи пешбиникардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 451 саҳифаро дар бар мегирад.

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ ҲУҚУҚИИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.1. Табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ

Дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ ҳамчун афзалияти стратегии ҷомеаи Тоҷикистон эътироф мегардад. Ин ҳадаф тавассути татбиқи принсипи волоияти қонун, таъмини амнияти ҷомеа, ҳимояи арзишҳои истиқлол ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мешавад. Мувофиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, барои таҳкими қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ масъулияти хоса дорад.

Воқеан, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, муқовимат ба ҷиноят ва ҷиноятқорӣ баҳри таъмини оромиву осоиштагии ҳаёти мардуми кишвар ба адолати судӣ эҳтиёҷ ва пайвастагии ногусастанӣ дорад. Чунин асоси раҳбарикунанда тақозо менамояд, ки рушди пайвастаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ дар кишвар таҳким ва густариш ёбад.

Дар ин ҷода, дар ташкилу таҳкими адолати судӣ, таъмини қонунияту адолат дар Тоҷикистон ислоҳот ва андешида шудани тадбирҳои ҳуқуқӣ бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз гардид, ки он самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии кишварро муайян кард. Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ба сифати шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ муқаррар гардид. Конститутсия бо ҷудо намудани боби махсус ба ҳокимияти судӣ, принсипҳои асосии ташкили ва фаъолияти онро муайян кардааст. Минбаъд, дар такя ба ин муқаррарот, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ, аз

ҷумла кодексҳои соҳавӣ, қабул шуданд, ки онҳо асоси ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти судиро ба вуҷуд оварданд.Аз ин рӯ, таҳқиқоти табиати иҷтимоӣ ва моҳияти расмиву ҳуқуқии муҳокимаи судӣ нишон медиҳад, ки он бо асосҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву иқтисодии ҳаёти ҷомеа ҳамбастагии бевосита дошта, дар радифи рушдёбии онҳо ташаккул ёфтааст.

Дар Тоҷикистони муосир яке аз воситаҳои самараноки таъмини амалишавии сиёсати ҳуқуқии давлат [34] дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд аз таҷовузи ҷиноят ва ҷиноятқорӣ, муқовимат бар зидди он фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ эътироф гардид, ки тартиби пешбурди онро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4], ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] маншаъ мегирад, муайян кардааст. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва амалишавии он мубрамияти хосаро касб намуда, унсури калидии адлияи ҷиноятии кишварро ташкил медиҳад.

Дар низоми фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ марҳилаи марказиро ишғол менамояд, ки дар раванди он натиҷаи тамоми амалҳои мурофиавии марҳилаҳои тосудӣ ҷамъбаст мешаванд. Дар ин марҳила тамоми масъалаҳое, ки бинобар содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба миён омадаанд, аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо қонунӣ, холисона ва одилона ҳалли худро меёбанд.

Барои муайян кардани моҳияти иҷтимоии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар маркази мурофиаи судии ҷиноятӣ мақом пайдо кардани он, дар доираи таҳқиқоти назариявии илмии мазкур омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳлили моҳият (манбаъ)-и иҷтимоӣ ва табиати ҳуқуқии он зарур аст.

Бояд тазаккур дод, ки баҳри арҷгузорӣ, эҳё, ҷорӣ намудан ва дар амал татбиқ кардани қоидаҳои пешқадам ва самараноки ба амалбарории

адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва қисми марказии он чун муҳокимаи судӣ муҳим аст, ки манбаъҳои таърихии пайдоиш ва ташаккулёбии онҳо, аз ҷумла табиати иҷтимоиву ҳуқуқии қоидаҳои муҳокимаи судиро мавриди таҳлил ва муқоиса қарор диҳем, зеро ки дар замони муосир, бинобар тағйирёбӣ ва мураккаб гаштани муносибатҳои ҷамъиятӣ, шиддат гирифтани таъсири падидаҳои хавфнок, густариш пайдо кардани зуҳуроти терроризм, экстремизм ва падидаҳои хатарзо тавассути истифодаи технологияи иттилоотӣ, зарурати таҳким бахшидани асосҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ҳифзи суннату арзишҳои фарҳангию маънавии миллӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва рушди қонунгузории миллиро талаб менамояд.

Манбаъҳои таърихӣ собит кардаанд, ки падидаи «муҳокимаи судӣ» дар фаҳмиши имрӯза, дар таърихи пайдоиши худ манбаъҳои иҷтимоӣ дошта, бо эҷод, коркард ва амалӣ шудани қоидаҳо (шартҳо) - и умумӣ ва оддитарини дастаҷамъона дар «ҳанҷамана» (анҷуман), бо роҳи *муҳориба*, *мубоҳиса, санҷиш*, *музокира*, *овоздиҳӣ* [76; 94, с. 43; 372] ошкоро ҳал кардани баҳсу низоъ, арзу шикоят, муноқиша ва моҷаро дар ҳаёти мардуми тоҷик дар замонҳои қадими қабиладории авлодӣ [99, с. 544] пайдо шуда, минбаъд пайдарҳам ва ногузир вобаста ба дигаргун гаштани ҳаёти ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоши давлат ва сохти идоракунӣ ташаккул ва рушд ёфтааст [267, с. 69-75].

Ба андешаи як қатор олимон, пояҳои маънавии адолати судӣ дар раванди ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинии пешқадам ба вуҷуд омадаанд. Онҳо дар давраҳои мухталифи таърихӣ бо тағйироти иҷтимоӣ мутобиқ гардида, тадриҷан рушд намудаанд ва имрӯз ҳамчун унсури муҳимми амалияи ҳуқуқӣ пазируфта шудаанд [398; 180, с. 23]. Онҳо аввалин қоидаҳои шаклгирифтаи мурофиаро «мурофиаи даъвогӣ (хусусӣ)» номидаанд, ки тибқи қоидаҳои манъкунанда (табу), қобили қабул (имконпазирӣ), уҳдадоркунанда (ҳатмӣ) [252, с. 18-27], бо яке аз

шартҳои аввалини он бо ташаббуси даъвогар баргузор мегашт [371; 180, с. 27-28].

Пайдоиш ва ҷорӣ шудани истилоҳи «мурофиа» дар фаҳмиши ибтидоӣ ва ифодаи гуногуни он дар шакли «мурофаа»,«мурофаот», «рикоъ» ва «муросалот» [210, с. 746] бо имконияти муроҷиати шахс (ҷабрдида, даъвогар) барои ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда ба довар, ҳоким ё шахси дигари масъул вобаста буд, ки ин аввалин ёдгории амалишавии ҳуқуқҳои шахс ба ҳимоя аст, қайд мекунад профессор Искандаров З.Ҳ. [131, с. 35-36].

Баъзе аз қоидаҳои мурофиавӣ, ки минбаъд ҷорӣ шудаанд, ба монанди уҳдадории исботи айбдоркунӣ, ҷамъ овардани далелҳо, даъвати шоҳидон, маҷбуран дастгир ва ҳозир кардани гунаҳгор ба зиммаи ҷабрдида ё даъвогар вогузор шуда буд [404], ки аз мавқеи афзалиятнок доштани шахси арзкарда, зарардида, ҷабрдида ё даъвогар дар ҷомеа ва аз иштироки ҳатмии тарафҳо дар рафти мурофиа гувоҳӣ медиҳанд. Дар сурати мавҷуд набудани арзу шикоят ё даъво, мурофиа (дар шакли муосир баррасӣ дар назар дошта мешавад) умуман баргузор намешуд [370; 439].

Барои муайян кардани ҳақиқати ҳол (ҳодиса), ҷавобгар (айбдор) бо роҳи қасамёдкунӣ ҳодисаро баён мекард ва сипас, рафтору гуфтори худи ӯ мавриди санҷиш бо обу оташ, оҳани тасфон ё роҳҳои дигар дучори шиканҷа (азоб)-и ҷисмонӣ «то иқроршавӣ» мегардид [220, с. 420], ки мавҷудият ва амалӣ шудани яке шартҳои ибтидоии санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳоро нишон медиҳад. Иқроршавӣ (новобаста аз ихтиёрӣ ё бо роҳи татбиқи азобу шиканҷа) далели асосӣ дониста шуда, натиҷаи ҳалли мурофиаро муайян мекард, ки яке аз шартҳои маъмули мурофиа эътироф шуда буд [149, с. 18-21].

Дар давоми ҳар як марҳилаи ташаккулёбӣ ва рушди худ моҳият ва таъиноти иҷтимоии қоидаҳои мурофиавии судӣ вобаста ба дигаргуниҳои иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсии ҳаёти ҷомеа (дар марҳилаҳои гуногуни

таърихӣ) пайваста тағйир дода шудааст. Сарварон, ҳокимону ҳокимиятдорони ҳар давру замон амалишавии қоида ва шартҳои мурофиавиро умуман бекор ва манъ накардаанд, баръакс онҳоро барои тақвияти ҳокимият, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар тобеияти қатъӣ нигоҳ доштани аҳолӣ ва дар самтҳои дигари идоракунии давлат самаранок истифода намудаанд.

Аз ин нуқтаи назар, амалишавии шарту шароити баргузории мурофиа ифодаи натиҷаҳои кӯшиш, эҷод ва иродаи аҳли ҷомеа дар роҳи пешгирии беадолатӣ ва бенизомӣ, зулму шиканҷа, бемасъулиятӣ, худсарӣ ва худмаҳвкунӣ, ҳифзи манфиат, арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ мебошад, ки минбаъд аҳаммияти иҷтимоии он то сатҳи ҳуқуқӣ расида, риоя ва иҷрои онҳо хусусияти расмию ҳатмӣ пайдо кардааст.

Таъсири равандҳои иҷтимоӣ ба шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди давлатдорӣ ба инкишофи таҷрибаи ҳадафмандонаи ҳалли баҳсу мунозираҳо мусоидат намуд. Дар ин раванд қоидаҳои мурофиавӣ, иштироки баробари ҷонибҳо, баррасии ошкорои даъвоҳо, риояи принсипи мубоҳиса ва тартиби ҳаллу фасли дастаҷамъонаи ихтилофҳо ба вуҷуд омаданд. Дар шароити муосир ин арзишҳо таҳкурсии устувори фарҳангии қонунгузории миллӣ дар самти такмили адолати судиро ташкил медиҳанд.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифон [252, с. 18-27; 410; 277, с. 29-43] гуфтан мумкин аст, ки бо вуҷуди дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҳар як марҳилаи таърихии рушди ҳаёти ҷомеа, новобаста аз зиддияти манфиатҳо, камбудӣ ва ихтилофҳо пайдоиш ва паҳн шудани арзишҳои умумиахлоқию маънавӣ барои ҷорӣ шудани низоми муайяни мурофиавӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, барои таъмини ҳаёти осоиштаи мардум ва адолати иҷтимоӣ роҳ кушода, ба рушди қоидаҳои мурофиаи одилонаи судӣ замина гузоштааст.

Ҷараёни ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ва минбаъд, рушди низоми давлатдорӣ ба паҳн гаштани таҷрибаи мақсаднок ва одилона ҳал кардани баҳсу низоъ мусоидат карда, ба пайдоиш ва рушди қоида ва шартҳои мурофиа бо иштироки тарафҳо, баррасии ошкорои арзу даъво, қоидаҳои мубоҳиса ва ҳалли дастаҷамъонаи баҳсу мунозира замина гузоштаанд, ки дар замони муосир онҳо таҳкурсии боэътимоди фарҳангии қонунгузории миллиро дар самти рушди адолати судӣ ташкил медиҳанд.

Ин қоидаҳо падидаҳои аввалини ҳуқуқӣ на дар фаҳмиши муосири шакли расмидошта, балки инъикоси натиҷа, маҳсули эҷод ва кӯшишҳои ҷомеа ба ҳимоя, ба ногузир барпо карда шудани муҳити осоиштаи ҳамзистӣ (зоҳиршавии табиати иҷтимоии ҳуқуқ) буда, таъиноти худро мутобиқ ба табиати аслии худ (то ҳимояи ҳуқуқи инсон) пайдо кардаанд.

Қоидаҳои мурофиаи судӣ марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва санҷишҳои иҷтимоиву сиёсиро паси сар намуда, аз ҷиҳати моҳият ва мазмун тобиши нав гирифтаанд, меъёр ва ҳудуди амалишавии онҳо тағйир ёфтааст, лекин онҳо аҳаммият ва мубрамияти худро дар роҳи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ собит кардаанд. Ин қоидаҳои мурофиавӣ арзиши маънавию иҷтимоии худро нигоҳ дошта, то ҳануз бо мазмуну моҳияти аслии худ арзи вуҷуд мекунанд ва ҳамчун осори ниёгони мо, на танҳо аҳаммияти таърихиву ҳуқуқӣ доранд, балки ҷузъи таркибии фарҳангиву маънавии миллии моро дар соҳаи адолати судӣ таҷассум мекунанд.

Ҳамин тариқ, тавассути ташаккули ҳуқуқ ва моҳияти иҷтимоии он, бо роҳи муқаррар кардани меъёри рафтор, низоми умумиҳатмӣ, ҳадди баробарӣ ва озодӣ роҳҳои таъмини ҳимояи онҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ эҷод ва ҷорӣ шудаанд, ки ин аз моҳияти ҳуқуқ бармеоянд. Барои ҳамин ҳам, меъёри рафтор ва ҳадди имкониятҳои ҳар як шахс пайваста шакли расмӣ гирифта, ченаки ҳуқуқ эътироф шудааст ва дар адабиёти ҳуқуқӣ «меъёри ҳуқуқ» ном гирифтааст [201, с. 204-295;

83, с. 116-117]. Меъёр он гоҳ ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки доираи амали он ҳадди ягонаи рафтори ҳамаро дар бар гирифта бошад. Аз ин рӯ, меъёри ҳуқуқ аз шаклҳои оддитарини зоҳиршавӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар мурофиаи судӣ дар байни дигар меъёрҳои иҷтимоии танзими рафтор то шакли расмию умумиҳатмӣ расидааст.

Таҳқиқоти моҳият (манбаъҳо)-и расмиву (сиёсӣ) ҳуқуқии муҳокимаи судӣ нишон медиҳанд, ки дар давоми 35 соли истиқлолият дар Тоҷикистони муосир баробари пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа асосҳои конститутсионии адолати судӣ аз ҷониби давлат ва сиёсати ҳуқуқии давлат низ пайваста такмил дода шудаанд. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 натиҷаи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Ин ислоҳот на танҳо рушди институтҳои давлатиро ба танзим даровардаанд, балки ба таври назаррас кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тақвият дода, самаранокии ҳимояи судии онҳоро боло бурданд.

Тағйироти конститутсионии солҳои 1999 ва 2003 пояҳои марҳилаи нави ислоҳоти судию ҳуқуқиро гузоштанд. Дар асоси онҳо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф шуданд; раъйпурсӣ ва интихобот ҳамчун шакли мустақими амалӣ гардидани ҳокимияти халқ муайян гардиданд; ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун унсури таркибии низоми сиёсӣ шинохта шуданд. Ҳамзамон, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳадафи асосии фаъолияти давлат табдил ёфта, кафолати баррасии парванда дар суди босалоҳият ва мустақил таъмин гардид [430].

Соли 2015 Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 бо мақсади идома додани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, таъмини мустақилият, такмили сохтор ва фаъолияти он, рушди қонунгузории соҳа қабул карда шуд [37], ки дар натиҷа барои таъмини саривақтии баррасии парвандаҳо, кам кардани сарбории судяҳо ва соддагардонии

мурофиаҳои судӣ рушди мурофиаҳои тосудӣ, ҳалли тосудии баҳси тарафҳо ба таври соддакардашуда баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои категорияи вазнин, ҳалли дигар масъалаҳои фаъолияти судӣ дар қонунгузории мурофиавии гражданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таҷдид гардида, ба онҳо тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Тибқи Барнома ба зиммаи судяи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дигар вазифаҳо, ба монанди расонидани ёрии амалӣ ба судҳои поёнӣ, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ бо судяҳо ва кормандони масъули дастгоҳи судҳо, аз рӯйи барномаҳои тасдиқгардида дар Маркази таълимии судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо судяҳо ва коромӯз-судяҳо гузаронидани дарсҳо, ба воситаи телевизион ва радио дар мавзуҳои ҳуқуқӣ баромад намудан, дар рӯзномаю маҷаллаҳо хабару мақолаҳо ба нашр расонидан, дар ташкилотҳо вохӯрию мулоқотҳо баргузор намудан, ба маълумоти аҳолии кишвар расонидани қарорҳои қабулгардидаи судӣ ва ғайраҳо вогузор карда шуд. Бо дарназардошти таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷиҳати амалӣ намудани меъёри зикргардидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст, ки Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон таҳия гардад.

Қабули Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019–2021 [38] идомаи сиёсати пайгиронаи давлат дар самти такмили низоми адолати судӣ ба шумор меравад. Барнома дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 таҳия гардида, татбиқи тадбирҳоро барои тақвияти мустақилияти ҳокимияти судӣ ва такмили заминаи қонунгузорӣ вобаста ба фаъолияти судҳо, хадамоти иҷро ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ намудааст.

Дар шароити таҳаввулоти иҷтимоӣ ва зуҳури муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, идомаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба мутобиқсозии адолати судӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи санадҳои миллӣ, инчунин ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон равона карда шудааст.Дар баробари ин, таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ ба рушди назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ба ошкор ва бартараф карда шудани мухолифат, номутобиқатӣ ва камбудии меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона шуданд [184, с. 133].

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки мақсад ва вазифаҳои барномаҳо ба такмили сохтори судҳо ва тақвияти фаъолияти онҳо равона шудаанд. Дар маркази ин раванд ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо, таҳкими қонунияту адолат, назорати иҷрои қарорҳои судӣ, баланд бардоштани сифати кори судҳо ва беҳтар намудани шароити иҷтимоии судяҳо қарор дорад. Ҳамчунин, такмили қонунгузорӣ дар ин самт яке аз самтҳои афзалиятнок эътироф шудааст [429].

Бинобар ин, дар назарияи муосири мурофиаи ҷиноятӣ «муҳокимаи судӣ» ҳарчанд аз ҷониби муҳаққиқон дар шакли ифодаёбӣ чун «маҷлиси судӣ» [401, с. 29], «баррасии судӣ» [282], «дида баромадан ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ» [390], «мурофиаи судии парвандаи ҷиноятӣ» [394] шарҳу баён шуда бошанд ҳам, аз рӯйи мазмун ва дар сатҳи меъёрӣ «муҳокимаи судӣ» қисми марказии мурофиаи ҷиноятӣ ва ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ эътироф мешавад.

Ба андешаи мо, дар таркиби мурофиаи судии ҷиноятӣ «муҳокимаи судӣ» марҳилаи мустақил ва марказии он буда, маҷмуи амалҳои мурофиавии ҷиноятии судӣ, тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя, инчунин иштирокчиёни мурофиаи судиро дар бар мегирад, ки дар раванди он тибқи қоида ва шартҳои муқарраркардаи қонунгузории мурофивии ҷиноятӣ тамоми масъалаҳое, ки бинобар содир шудани ҷиноят ба миён

омадаанд, ҳамаҷониба, пурра ва холисона мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қабули санади судӣ ҳалли асоснок ва одилонаи худро меёбанд, лекин барои ифодаи моҳияти ҳуқуқии «муҳокимаи судӣ» таърифи баёншуда маҳдуд аст.

Ғайр аз ин, ба андешаи олими ватанӣ Мирзамонзода Х.М. лозим ба зикр аст, ки «муҳокимаи судӣ» вобаста ба табиати ҳуқуқӣ ва моҳият, инчунин бо мазмун ва нишонаҳои хоси худ, ҷудонопазирии худро бо адолати судӣ (шакл ва натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ [397; 313, с. 169-179] инъикос менамояд. Илова ба ин, ба андешаи мо:

- «муҳокимаи судӣ» ҷузъи муҳимми фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ (давлатӣ) мебошад, ки асос, тартиб, қоида ва шартҳои пешбурди онро дар сатҳи меъёрӣ (ҳатмӣ) давлат муқаррар мекунад ва аз номи давлат иҷро мешавад;

- «муҳокимаи судӣ» танҳо аз ҷониби суд ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ мешавад. Ҳеҷ мақомоти дигар ва ё шахси мансабдор салоҳияти ташкил ва баргузории муҳокимаи судиро надорад;

- баргузории «муҳокимаи судӣ» иҷрои вазифаҳои мурофиаи судӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои онро, яъне ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин менамояд;

- «муҳокимаи судӣ» яке аз шаклҳои маъмул ва марказии фаъолияти мурофиавии суд, бо *тартиби муайяни* аз тарафи мақомоти олии қонунгузор муқарраршуда, ба амал бароварда мешавад;

- «муҳокимаи судӣ» дар асоси принсипҳои конститутсионии адолати судӣ (ғояҳои роҳбарикунанда) амалӣ мешавад, ки мазмун ва моҳияти мурофиаи судӣ, ҳадаф ва вазифаҳои амалишавии онро муайян мекунад;

- «муҳокимаи судӣ» баҳри баррасии холисона, шаффоф ва одилонаи баҳси ҳуқуқи байни тарафҳо амалӣ мешавад;

- санадҳои судӣ (ҳукм, қарор, таъинот), ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ қабул шуда, эътибори қонунӣ пайдо мекунанд, дар ҳудуди Тоҷикистон ба ҳама мақомот, ташкилот, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон хусусияти ҳатмӣ доранд;

-«муҳокимаи судӣ» ин ҷузъи таркибӣ ва асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва раванди ҳуқуқтатбиққуние маҳсуб меёбад [384], ки дар баамалбарории он қарорҳои ниҳоие қабул мегарданд, ки боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигар (ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ) мегарданд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар замони муосир омузиш, таҳлил ва имконияти эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва таҷрибаи нодири ниёгон оид ба мурофиаи одилонаи судӣ имконият медиҳад, ки дар самти ҳифзи дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, таҳкими устувории давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ғанӣ гардонидани фарҳанги миллӣ, амалӣ сохтани сиёсати ҳуқуқии давлат, инчунин баҳри такмил додани қонунгузории миллӣ ва муайян кардани дурнамои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ, пайваста вобаста ба талабот ва пайомадҳои замон саривақт чораҳои самаранок андешида шаванд.

Ҳамин тариқ, «муҳокимаи судӣ» марҳилаи мустақил ва марказии мурофиаи судӣ буда, маҷмуи амалҳои мурофиавии суд, тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судиро дар бар гирифтааст, ки дар раванди он тибқи қоида ва шартҳои муқарраркардаи қонун тамоми масъалаҳое, ки бинобар содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ (ё содир шудани ҷиноят ба миён омадаанд) ҳамаҷониба, пурра ва холисона мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қабули санади судӣ ҳалли асоснок ва одилонаи худро меёбанд.

Ба андешаи мо, идома додани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар баҳри таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, таъмини мустақилияти суд, такмили сохтор ва фаъолияти он, дар рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муҳим аст, ки он мазмуни муҳокимаи судиро дигаргунӣ мебахшад:

- ба мақсад мувофиқ аст, ки баҳри амалӣ гаштани асоси конститутсионии арзиши олии ҳуқуқ ва озодии ҳар шахс дар таҷрибаи

мақомоти судӣ ҷиҳати татбиқи ҳуқуқ ба адолати иҷтимоӣ бартарият дода шуда, бо назардошти тавозуни манфиати шахс ва давлат, ба инобат гирифтани қадру қимати инсон, аҳволи бади ҷабрдида, имконияти бахшидани гуноҳи ҳамдигар, мурофиаи ҷиноятӣ ба самти оштидиҳӣ, ҷуброни зарари ҷабрдида, иваз шудани ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ба намудҳои дигари ҷазо, ба адлияи тарбиявӣ, барқароркунанда роҳандозӣ шавад;

- коркарди Стандарти муҳокимаи одилона ва оштидиҳии парвандаҳои ҷиноятӣ дар хусуси баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои начандон хавфнок, бори аввал ва аз беэҳтиётӣ содиршуда, ки таъқиби ҷиноятиро ба истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонии муросои тарафҳо ва мусоидату ёрӣ ба онҳо иваз мекунад, мубрам аст, ки амалишавии он воқеияти адолати иҷтимоӣ ва тақвияти заминаи инсондӯстонаи онро таҷассум хоҳад кард;

- баҳри таъмини адолат нисбати ноболиғон, ҳаматарафа таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, фароҳам овардани муҳити солим ба ноболиғон дар рафти таҳқиқ ва тафтиш, инчунин баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд, муайян намудани судяҳои баррасикунандаи парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии ноболиғон дар ҳайати судҳои амалкунанда ва такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла таъсиси судҳои оштидиҳанда ва ювиналӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

1.2. Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии марҳилаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ

Солҳои 90 охири асри XX Тоҷикистон дар низоми давлатдорӣ ба марҳилаи сифатан нави таърихи инкишофи худ ворид шуда, пайваста тавассути ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба дигаргуниҳои куллӣ

дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи баамалбарории адолати судӣ ноил гардид.

Дар солҳои аввали истиқлолият дар сатҳи меъёрӣ ба танзим даровардани асосҳои фаъолияти судяҳо, тақвияти мустақилияти онҳо, баланд бардоштани дараҷаи касбию зеҳнӣ, дониши амиқи ҳуқуқӣ, одоби муошрати касбии судягӣ, адлу инсоф, беғаразӣ, ҳисси баланди эҳтиром ба халқу Ватан, Конститутсия ва қонунҳо, сатҳи адолатнокию поквиҷдонии судяҳо, масъалаҳои таъмини сатҳи зарурии шароити моддию техникӣ ва ташкилии судҳо, бо биною таҷҳизоти муосир ва воситаҳои нақлиёти хизматӣ таъмин намудани онҳо аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки бе ҳалли онҳо ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, таъмини адолати иҷтимоӣ ва иҷрои вазифаҳои дар назди судҳо гузошташуда имконнопазир гашта буд.

Қабули ҷудогонаи қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ марҳилаи муҳим дар такмили низоми адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Ин иқдом имкон фароҳам овард, ки баррасии парвандаҳо, гузаронидани тафтишоти судӣ ва таҳияву қабули қарорҳои қонуниву асоснок дар муҳити шаффоф, дақиқ ва мутобиқ ба талаботи қонун амалӣ гардад. Ҷудо намудани қисми мурофиавӣ аз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияву қабули Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба такмили танзими мурофиавӣ ва мутамарказ сохтани меъёрҳои расмиёти судӣ мусоидат намуд.

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ, такмил додани қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ, инчунин дигар санадҳои марбут ба татбиқи якхелаи онҳо, ба бартарафсозии монеаҳои нолозим, соддагардонии марҳилаҳои судӣ, баррасии саривақтӣ ва дар муҳлати кӯтоҳ ҳаллу фасл намудани парвандаҳо замина гузошт. Ин раванд ба пешгирии кашолкорӣ, беҳтар гардидани сифату самаранокии фаъолияти судҳо, сабуктар шудани

сарбории судяҳо ва коҳиши ҳолатҳои вайронкунии қонун мусоидат карда, дар маҷмӯъ ба таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, инчунин татбиқи принсипи адолат таъсири мусбат расонид [281].

Бо вуҷуди ин дастовардҳо, омӯзиш ва таҳлили фаъолияти судҳо нишон медиҳанд, ки дар амалияи мурофиавӣ ҳанӯз як қатор мушкилот боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, баҳсҳои граждани ва иқтисодӣ тарафҳо маҷбур мешаванд аз марҳилаҳои сершумор ва расмиёти мураккаб гузаранд, ки ин боиси талафи вақти зиёд гардида, ҳам барои иштирокчиёни мурофиа ва ҳам барои худи судҳо мушкилоти иловагӣ ба миён меорад [67].

Дар чунин шароит, зарурати идомаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар солҳои 2007–2021 ба миён омад. Ин марҳилаи ислоҳот бо дарназардошти таҳаввулоти иҷтимоӣ, пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва мутобиқсозии низоми адолати судӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии миллӣ амалӣ гардида, ба таҳкими пояҳои адолати судӣ ва густариши кафолатҳои ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда шуд. Тибқи натиҷаҳои таҳлил, дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ҷустуҷӯ ва татбиқи роҳу воситаҳои таъмини баррасии одилона ва беғаразонаи парвандаҳои ҷиноятӣ андешида шуданд. Дар ин замина, ба масъалаи кафолати ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, механизмҳои ҳуқуқии дахлдор такмил дода шуданд [13].

Ҳамзамон, бо мақсади таҳкими заминаҳои қонунӣ ва мутобиқсозии расмиёти мурофиавӣ ба принсипи бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин таъмин намудани кафолати конститутсионии ҳифзи судӣ, ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру

иловаҳо ворид карда шуданд [9]. Аз ҷумла, тартиби додани иҷозат барои татбиқи чораи пешгирӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ва дигар меъёрҳои муҳими мурофиавӣ мавриди бознигарӣ қарор гирифта, такмил ёфтанд.

Ин ислоҳот ба таҳкими кафолатҳои мурофиавӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа ва мутобиқсозии низоми мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи ҳуқуқи миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ равона гардидаанд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» [14], такмили фаъолияти сомонаҳои расмии судҳо, ҷорӣ намудани низоми тақсимоти электронии парвандаҳо ва рушди минбаъдаи қонунгузорӣ вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти мақомоти судӣ ба баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии адолати судӣ мусоидат менамояд. Ин тадбирҳо имконият фароҳам меоранд, ки фаъолияти судҳо дар амалисозии адолати судӣ боз ҳам равшантар ва барои ҷомеа бозтар гардад.

Бо дарназардошти зарурати таҳкими ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳимояи манфиатҳои давлату ташкилотҳо, рушди минбаъдаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад. Дар шароити пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар таҳрири нав ва такмили низоми қонунгузорӣ мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад. Идома додани ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар самти омода намудан, интихоб ва ҷобаҷогузории босалоҳияти кадрҳои соҳа, баланд бардоштани сатҳи тахассусии онҳо ва ҳаллу фасли масъалаҳои ташкилии фаъолияти судӣ, бояд ҳамчун самти афзалиятнок боқӣ монад.

Ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ва интихоби роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадаф ва дурнамои рушди давлат бо такя ба арзишҳои умумибашарӣ

муайян гардидааст [1]. Ин раванд моҳияти иҷтимоӣ ва башардӯстона касб намуда, ба таҳкими адолати иҷтимоӣ замина гузоштааст. Ҳамзамон, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият муҳити мусоиди сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ фароҳам оварда шудааст [212, с. 22].

Принсипҳои конститутсионии адолати судӣ дар як вақт принсипҳои демократии мурофиаи судии ҷиноятӣ эътироф гардиданд. Олими ватанӣ З.Ҳ. Искандаров дар натиҷаи таҳқиқот ба хулоса омадааст, ки «асосҳои муҳокимаи судиро ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳанд, ки аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифтаанд, аз ин рӯ, ин асосҳо дар меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқии ҳамаи бобҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла: «Асосҳои сохти конститутсионӣ», «Ҳуқуқ, озодиҳо, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд», «Маҷлиси Олӣ», «Президент», «Суд» ва «Прокуратура» муқаррар шудаанд» [131, с. 14].

Дар қонунгузории миллӣ қоидаҳои пешқадами пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ ва дар амал ҷорӣ гаштаанд, ки манбаи онҳоро меъёрҳои конститутсионӣ ташкил медиҳанд. Тибқи онҳо ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои муҳимми танзими муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд, таъиноти давлат, уҳдадории давлат вобаста ба таъмини амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардид, ки пайваста рушд меёбад.

Бинобар ин, принсипҳои арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон (м.5), ҳимояи судии ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд ва адолати судӣ (м.84), кафолати ҳифзи судӣ (м.м.14,16,19), қонуният (м.10), мустақилияту беғаразии судяҳо ва танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат намудани онҳо (м.87), дастрасии адолати судӣ ба ҳар як шахс (м.5), баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (м.5), ошкоро баргузор шудани мурофиаи судӣ (м.5), дар асоси мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сурат

гирифтани мурофиаи судӣ (м.88), баробарҳуқуқии ҳар шахс дар назди қонун ва суд (м.17), ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ (м.88), принсипи забони мурофиа (м.88), кафолати дахлнопазирии шахсият, қадру номус, манзил, маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот (м.м.5, 18, 20, 22, 23,36), ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида (м.м.21,32), эҳтимолияти бегуноҳӣ (м.20), ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ (м.92), ҳуқуқ ба шикоят (м.31) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ мебошанд, ки зимни пешбурди ҳар як амали мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳангоми ҳалли тамоми масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ва аз ҷониби суд ва бе истисно тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Вобаста ба ин, дар сатҳи расмӣ эътироф шудани асосҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар ва қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) яке аз дастовардҳои муҳимми миллӣ дар замони муосир эътироф гардид ва имкон дод, ки муқаддасоти миллӣ, собиқаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи арзишҳои умумибашарӣ, анъанаҳо ва осори таърихии фарҳанги миллӣ эҳё ва амалишавии онҳо таҳти кафолати давлат қарор дода шаванд [212, с. 12].

Ба андешаи мо, асосҳои конститутсионии арзиши олии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ таҳкурсии меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар танзими муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки дар амал ҷорӣ гаштани онҳоро меъёрҳои мурофиавӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар мазмуну талаботи мурофиавӣ таҷассум мекунанд. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои бевосита амалӣ гаштани асосҳои конститутсионии адолати судӣ шароит барпо мекунад. Тавассути асосҳои конститутсионии адлияи ҷиноятӣ муқаррар шудани шартҳои муҳокимаи бевосита ва шифоҳии муҳокимаи судӣ, қонунгузор ба суд имконияти амалӣ кардани салоҳияти расмии

таъмини адолати иҷтимоиро додааст, ки суд аз номи давлат тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро бевосита, ҳамаҷониба, пурра ва холисона, дар шароити ошкоро, шифоҳӣ, бо тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо баррасӣ намуда, қарори қонунӣ, асоснок ва одилона қабул менамоянд.

Принсипи конститутсионии ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва таъмини дастрасии ҷомеа ба фаъолияти судҳо ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии муҳокимаи одилонаи судӣ муқаррар гардидааст. Ин принсип ҳамзамон василаи муҳими таҳкими эътимоди ҷомеа ба ҳокимияти судӣ ба шумор меравад. Татбиқи амалии он ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи судӣ дар самти таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии содиршавии ҷиноятҳо, боло бурдани эҳтиром ба қонун ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Муҳокимаи ошкорои судӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи давлати демократӣ ва ҷомеаи адолатмеҳвар эътироф гардида, яке аз нишондиҳандаҳои муҳими сатҳи рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, дар низоми ҳуқуқии кишвар инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро меҳвари давлатдорӣ эътироф намуда, ҳуқуқҳои фитрии инсон, аз ҷумла ҳаёт, шаъну эътибор ва номусро дахлнопазир эълон кардааст. Таъмини риоя ва ҳифзи ин ҳуқуқҳо, инчунин татбиқи қонуният ва адолат ба зиммаи давлат вогузор гардидааст. Дар ҳамин замина, бо мақсади таҳкими асосҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, низоми мустақил ва беғарази судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият дар сохтори давлатӣ мавқеи устувор пайдо намуд.

Асосҳои конститутсионии адолати судӣ ба амалишавии ҳадафу вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ шароит фароҳам оварда, ба тарзи мубоҳисавӣ ва иштироки баробари тарафҳо дар муҳокимаи судӣ, ба ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирифтани муҳокимаи судӣ замина

гузоштанд, то ки барои беғаразона, одилона, ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда ба тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда дар муҳокимаи судӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар такмили қонунҳои амалкунанда, қабули кодексу қонунҳои нав, ташкили сохторҳои нави судӣ, ба монанди коллегияҳои маъмурӣ ва оилавӣ, таъсис додани вазифаи коромӯз судя, амалӣ намудани дигар чорабиниҳои соҳавӣ ва ниҳоят дар таҳкиму тақвияти ҳокимияти судӣ нақши назаррас касб намуданд. Бинобар ин, идома ёфтани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ талаби замон мебошад.

Дар доираи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, такмили сохтори институтсионалии мақомоти судӣ ва бознигарии салоҳияти онҳо яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ваколатҳои судҳо бояд мушаххас, фаъолияти онҳо шаффоф ва ба ҷомеа ҳисоботдиҳанда бошад. Дар баробари ин, баланд бардоштани меъёрҳои тахассусӣ ҳангоми таъин ва интихоби судяҳо, инчунин такмили мунтазами дониш ва малакаи касбии онҳо талаботи замон аст. Меъёрҳои ахлоқӣ, сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ, адолатнокӣ, беғаразӣ, эҳтиром ба арзишҳои конститутсионӣ ва поквиҷдонӣ бояд нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ҳар як судя бошанд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба Кодекси одоби судяҳо дар таҳрири нав тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанӣ ҷоизи дастгирӣ аст, ки тибқи онҳо Конститутсияи миллӣ принсипҳои бунёдие, ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс, ҳифзи судӣ, эҳтироми шаъну шарафи шахс, озодӣ ва баробарии шаҳрвандонро ифода мекунанд, муқаррар кардааст [359].

Марҳилаи муосири рушди ҳуқуқ ва амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар ҳар як зинаи навбатии ислоҳот дар ҳаёти ҷомеа мавҷудияти омил ва монеаҳои ҷиддие маълум мешаванд, ки бе бартараф карда шудани онҳо муайян кардани дурнамои рушд ва ҳадафҳои умумии инкишофи ҳаёти ҷомеа, таъмини бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ душвор ва ҳатто ғайриимкон мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки бо вуҷуди ҳамаи дастоварду пешравиҳо дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ва суд дар самти таҳкими қонуният ҳанӯз ҳам мушкилоту масъалаҳои зиёди ҳалталаб қарор доранд, ки зарурати ташаккули шохаҳои мустақили ҳокимият ва ниҳодҳои давлатии мутобиқ ба принсипҳои демократии давлатдориро тақозо менамоянд [62].

Воқеан, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити муосир дар соҳаи амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ ҳам дучори муаммоҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ гардиданд, ки ҳалли онҳо ногузир вазифаҳои навро пеш оварданд ва иҷрои онҳо зарурати баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва такмил дода шудани қоидаҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро тақозо доранд. Бинобар ин, аз соли 2009 то соли ҷорӣ ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки барои амали бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ ва такмил дода шудани қоидаҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ равона шудаанд.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ҳам масъалаҳои ногузирии такмил дода шудани меъёрҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ ва амали бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ мавриди муҳокима ва хулосаҳои асоснок пешбарӣ мешаванд [131; 411; 278, с. 37-45]. Ба андешаи олимони ватанӣ «мақсад аз ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои мурофиавӣ

агар аз як тараф устувор набудани меъёрҳои мурофиавӣ бошад, аз тарафи дигар таҷрибаи нодурусти татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда мебошад» [263, с. 16-30]».

Дар доираи сиёсати такмили низоми адолати судӣ, барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба татбиқ расиданд [35; 36; 37; 38]. Онҳо ба таҳкими ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо, тақвияти қонунияту адолат, таъмини иҷрои саривақтии қарорҳои судӣ, баланд бардоштани самаранокии мурофиа ва беҳтарсозии шароити иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳ равона гардидаанд. Ҳамзамон, такмили қонунгузории соҳавӣ яке аз самтҳои муҳими ин барномаҳо маҳсуб мешавад.

Натиҷаҳои такмили фаъолияти мақомоти судӣ нишон медиҳанд, ки ин раванд на танҳо ба татбиқи самараноки принсипҳои конститутсионии адолати судӣ мусоидат кард, балки ба таҳкими чораҳои пешгирикунанда ва муқовимат бо терроризм, экстремизм, коррупсия ва дигар ҷиноятҳои хавфнок низ таъсири мусбат расонид. Ҳамзамон, ошкор ва бартараф намудани сабабу шароити мусоидаткунандаи ҳуқуқвайронкуниҳо тақвият ёфт [417, с. 70].

Риояи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳангоми анҷоми амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла дар марҳилаи муҳокимаи судӣ, заминаи асосии татбиқи адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои дақиқ ва саривақтии ин амалҳо кафолати муҳими баррасии одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар амалия на ҳама вақт ин талабот пурра риоя мегарданд. Риоя нашудани муҳлатҳои баррасӣ, дер расонидани санадҳои судӣ, бекоршавии қарорҳо, муносибати беэҳтиромона нисбат ба шаҳрвандон, инчунин ҳолатҳои зоҳирпарастӣ ва коррупсионӣ аз ҷумлаи мушкилоти мавҷуда мебошанд

[68], [67]. Ин вазъият зарурати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тақвияти масъулияти касбии иштирокчиёни мурофиаро ба миён меорад.

Дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ қабул гардидани қонунҳо, аз ҷумла қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2], «Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3], Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [12], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда» [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» [14], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» [13] ва ғайраҳо ба васеъ гаштани мазмуни қонуният ва қоидаҳои ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ хеле мусоидат хоҳанд кард.

Бо вуҷуди ин, олимони ватанӣ З.Ҳ. Искандаров, А.М. Диноршоев ва муаллифони дигар қайд мекунанд, ки дар шароити ташаккул наёфтани муҳити дахлдори иҷтимоии муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ [304, с. 37-43], бартараф нашудани сатҳи пасти худшиносӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, танзим ва таъмини кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, хусусан дар мурофиаи судӣ, мутобиқ гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба санадҳои байналхалқӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат дар шароити муосир ба шумор меравад [284, с. 51-57].

Дар баробари ин, таҳқиқоти олимон [397] ва натиҷаи таҳлилҳои амалияи судӣ нишон медиҳад [68; 278, с. 37-45; 429; 263, с. 116-30], ки барои воқеан, амалӣ шудани асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла

муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ омилҳое ба мушоҳида мерасанд, ки бартараф карда шудани онҳо яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ дар замони муосир ба шумор мераванд ва зарурати идома дода шудани ислоҳоти судию ҳуқуқиро асоснок мекунанд.

Муаллифон З.Ҳ. Искандаров, А.И. Иноятзода, М.К. Абдуллоева мутобиқ ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ васеъ карда шудани имконияти иштирокчиёни муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятиро пешбарӣ мекунанд. Аз ҷумла, қайд мешавад, ки имконияти иштирок дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ воқеан амалӣ шудани кафолати ба ҳар шахс дастрас будани адолати судӣ, ҳифзи судии ҳуқуқу манфиати тарафҳо ва шахсони дигар, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, баррасии бевосита ва одилонаи парвандаи ҷиноятиро таъмин мекунад [278, с. 37-45; 369, с. 29].

Аз ҷониби дигар, дар шароити муосир муҳаққиқони ватанӣ дар ҷодаи ҳалли масъалаҳои низомсозии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ зарурати модернизатсия (азнавсозӣ)-и фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мураттабсозии меъёрҳои мурофиавиро тавассути коркард ва қабули ҳуҷҷатҳои комплексии дорои мазмуни соҳавӣ мебинанд. Ҳамчун асоси назариявии модернизатсия лоиҳаҳои Стратегияи ислоҳоти фаъолияти мақомоти тафтишотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2028 ва Консепсияи такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2028 пешбарӣ мекунанд [328, с. 114-119], ки ба доираи васеи таҳқиқоти илмӣ замина мегузоранд.

Дар ҷараёни масъалагузорӣ доир ба такмили низоми судӣ, олимон андешаҳои гуногунро вобаста ба сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти амалии мақомоти судӣ пешниҳод мекунанд. Мафҳумҳое чун «адолати судӣ», «ҳокимияти судӣ», «ҳимояи судӣ» ва «баррасии судӣ» дар

адабиёти ҳуқуқӣ баъзан ҳамчун шакли муайяни фаъолият [178] ва ё ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҳуқуқӣ [220, с. 344] тавсиф мегарданд.

Аз ин нуқтаи назар, ба андешаи мо, такмили низоми адолати судӣ бояд аз муайян намудани мазмун ва ҳудуди дақиқи ин мафҳумҳо оғоз ёбад. Шарҳи саҳеҳ ва расмӣ гирифтани онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ барои татбиқи дуруст ва якхелаи қонун аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки бо усулҳои умумиилмӣ ва соҳавӣ анҷом меёбанд, метавонанд дар такмили заминаи меъёрӣ ва баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ нақши муассир бозанд.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ҷараёни рушди қонунгузории миллӣ бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалишавии барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ баҳри амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳу сифати муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар доираи шартҳои умумии муқарраршуда хотима наёфтааст, зеро ки яке аз воситаҳои муҳимми ҳифзи истиқлоли давлатӣ, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, устувории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳо, инчунин беҳтар намудани сифати чораҳои ҳуқуқии муқовимат ба хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо) ин дуруст, бонизом ва мутобиқ ба арзишҳои башарӣ ва манфиатҳои миллӣ боэътимод сохтани сиёсати ҳуқуқии давлат, такмил додани қонунгузории миллӣ ва татбиқи онҳо, аз ҷумла дар самти баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Ба андешаи мо:

- дар раванди рушди минбаъдаи қоидаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бояд дар назар дошта бошем, ки судя ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки дар м.35 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва боиси маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодиҳои шахс (иҷозат дода ба татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ва амалҳои тафтишӣ) мегарданд, суд бояд аз нуқтаи назари принсипи конститутсионии дастрасии адолати судӣ

масъалаҳои даъват шудани тарафҳо, ё хабардор кардани онҳоро дар бораи баргузории маҷлиси суд, аз нигоҳи амалишавии кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои онҳо мустақилона аз рӯйи салоҳдиди худ ҳал намояд.

- Пешниҳоди дигар, баҳри тақвияти асоси конститутсионии мустақилияти суд барқарор карда шудани салоҳияти суд оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ мантиқан дуруст аст, чунки оғози парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи суд ҷонибдории тарафро ифода намекунад. Судя, суд бо ташаббуси худ ҷой доштани аломати ҷиноятро дар кирдори содиршуда муайян намекунад, чунки судя, суд ба далелҳои ба суд пешниҳодшуда баҳои ҳуқуқӣ дода, новобаста аз мавқеи тарафҳо (мустақилона) хулоса мебарорад. Суд масъалаи қаблан аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ тибқи қонун ҳал нагардидаро, ки бо далелҳои ба суд пешниҳодшуда муайян шудаанд, мустақилона дар доираи салоҳияти худ ҳал мекунад. Суд, судя бо қарори худ дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ шахсро айбдор намекунад, айби шахсро исбот намекунад, ё ба ӯ айб эълон намекунад, балки ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҷой доштани вайронкунии қонун ё аломати ҷиноятро (новобаста аз мавқеи тарафҳо) мустақилона аз рӯйи қонун муайян мекунад. Суд бояд дар баҳодиҳии далелҳо ва татбиқи ҳуқуқ мустақил бошад.

- Дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ номбар карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ғайриимкон аст, бинобар ин, барои такмил додани амалияи тафтишотию судӣ дар фаъолияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ (аз рӯйи мазмун ва моҳияти онҳо) ва баланд бардоштани сатҳу сифати баамалбарории адолати судӣ шарҳу маънидоди асосноки мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, бартараф карда шудани ихтилофи меъёрҳо, коркард ва мавриди амал қарор додани тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷдиди

назар ба қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони соҳа, мубрам ва муҳим боқӣ мемонад;

- Баҳри амалишавии бевоситаи меъёрҳои конститусионӣ дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки моддаи 19 КМҶ ҶТ бо мазмуни «Принсипи ошкоро дар мурофиаи ҷиноятӣ» номида шуда:

- қисми 1 ҳамин модда ба тариқи зайл: «1.Пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон дар ҳама марҳилаҳои он ошкоро амалӣ мешавад»:

- қисми 2: «2.Парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси кушоди суд ба таври ошкоро муҳокима карда мешавад» муқаррар карда шавад.

Ҳамин тариқ, эътибори ҳатмӣ ва арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолати риоя, иҷро, ҳимоя ва амалӣ гаштани онҳо асосҳои конститутсионии адолати судӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти он таъмин карда мешаванд. Таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки мақсад ва вазифаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, ки аз солҳои аввали истиқлоли давлатӣ оғоз шудааст, аз таҳкими асосҳои фаъолияти судҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори судҳо, инчунин такмили пайвастаи қонунгузорӣ дар ин самт иборат аст, ки вобаста ба талаботи замон ҷараёни муттасил аст.

Баҳри амалӣ шудани асосҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ қоидаҳои расмии умумиҳатмӣ, аз ҷумла шартҳои умумии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, ки онҳо пайвастагии меъёри ҳуқуқи расмиро бо ҳуқуқи инсон таҷассум намуда, барои амалишавии воқеии онҳо шароит муҳайё мекунанд.

Асосҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон аз рӯйи қоидаҳои

расмии умумиҳатмӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ гашта, дар ягонагӣ барои ба ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ ноил шудан *шароит* барпо мекунанд. Тартиби расмии баамалбарории адолати судӣ аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон сарчашма гирифтааст.

Мутобиқ ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ягонагӣ, умумият ва пайвастагии на танҳо самти фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти давлатӣ, балки таъинот ва мазмуни принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ба ҳам алоқамандии тамоми амалҳои мурофиавиро бо ҳадафи он фаро гирифтааст.

1.3. Нақши марҳилаи муҳокимаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ

Таҳлили ҳуқуқии меъёрҳои амалкунандаи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ (КМҶ ҶТ) нишон медиҳад, ки мурофиаи ҷиноятӣ шакли танзимёфтаи фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мебошад, ки вобаста *ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ* ба марҳилаҳо ҷудо карда шудааст, яъне, сохтори таркибии фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ ташкил додаанд.

Оид ба хусусиятҳои фарқкунанда ва ҷудогонаи ин марҳилаҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ муаллифон нуқтаи назари худро бештар бо пайдарҳамии пешбурди амалҳои мурофиавӣ ва иҷрои вазифаҳои умумӣ ва махсуси ҳар як марҳила асоснок кардаанд [431; 411; 402]. Чунин нуқтаи назар дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ низ ба назар мерасад [225; 137, с. 16; 158, с. 114; 327, с. 83-87].

Олимон қайд мекунанд, ки низоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ин қисмҳои нисбатан мустақили мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд, ки бо ҳадаф ва вазифаҳои умумӣ, тартиби муқарраркардаи қонун, принсипҳои ягонаи адолати судӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд [179, с.17].

Аз нигоҳи олими ватанӣ Р.Р.Раҳмадҷонзода «марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ зинаи мустақили пешбурди парвандаи ҷиноятӣ буда, аз маҷмуи амалҳо ва қарорҳое, ки бо вазифаи умумӣ муттаҳид мегарданд ва бо хулосаҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ хотима меёбанд, иборат аст» [159, с. 25].

Дар назарияи ҳуқуқ бо мафҳумҳои «пешбурди тосудӣ ва судӣ», «истеҳсолоти тосудӣ ва судӣ», «қисм», «давра» ё «зина» ифода гаштани марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мазмуни онро дигаргун намекунад [144, с. 18]. Лекин, ба андешаи мо, шакли ифодаи мафҳумҳои мурофиавӣ ҳам дар сатҳи назария ва ҳам дар сатҳи меъёрӣ бояд дорои мазмуни умумӣ ва ягона бошанд. Масалан, фаҳмиши «марҳилаҳои судӣ» ҳарчанд хусусияти мурофиавии судӣ дошта бошад ҳам, назар ба мафҳуми «марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ» мазмуни нисбатан умумӣ ва васеъ дорад. Чунки тибқи меъёрҳои қонун «марҳилаҳои судӣ» дар доираи низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал кардани мақомоти судӣ ва аз номи давлат – Тоҷикистон барои баррасӣ ва ҳалли тамоми баҳсҳои ҳуқуқӣ (маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ) ва ба амалбарории адолат салоҳиятдор шудани онҳоро ифода менамояд. Ҳарчанд тибқи КМҶ ҶТ дар марҳилаҳои аввали мурофиаи ҷиноятӣ асосан фаъолияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оид ба пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ муқаррар шуда, ба доираи салоҳияти суд дохил нашавад ҳам, дар таркиби мурофиаи судии ҷиноятӣ қарор доранд. Бояд қайд кард, ки марҳилаҳои тосудии мурофиаи ҷиноятиро марҳилаи марказии мурофиаи ҷиноятӣ - муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ муттаҳид менамояд. Бо ҳамин ҷиҳатҳо марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ аз марҳилаҳои мурофиаи судии иқтисодӣ, маъмурӣ ва маданӣ фарқ мекунанд.

Дар муқоиса мафҳуми «зинаҳои судӣ» мазмуни марҳилаҳои судиро иваз карда наметавонад, чунки мафҳуми «*зинаҳои судӣ*» хусусияти ташкиливу маъмурӣ (таъсисёбӣ) дошта, тибқи қонун вобаста ба сохтори маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудани мақомоти судиро ифода мекунад. Чунки судҳои *зиннаи аввал* - судҳои ноҳия ва шаҳрҳо, судҳои *зинаи (миёна) дуюм* - суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе, зинаи (олӣ) - сеюм Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст [312, с. 169-179].

Аз ин рӯ, қайд кардан муҳим аст, ки то ҳол дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ назари умумӣ ба мушоҳида намерасад.

Ба андешаи мо, вобаста ба вазифаҳо дар м. 2 КМҶ ҶТ, ки иҷрои онҳо дар мурофиаи *судии* ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, дар таркиби он марҳилаҳои асосии (ҳатмии) мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудаанд:

- марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ;

- марҳилаи тафтиши пешакӣ.

Марҳилаҳои номбаршударо марҳилаҳои «тосудӣ», яъне то муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ меноманд. Иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ дар ин марҳилаҳо, ҳарчанд бо фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вобаста шуда бошанд ҳам, лекин суд бо салоҳияти истисноии худ дар ин марҳилаҳо ҳам нақш ва мавқеи хоса дорад. Мувофиқи таҳлилҳо маҳз дар марҳилаҳои тосудӣ аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бо иштироки шахсони манфиатдор, дар доираи принсипҳои адолати судӣ мавҷудияти аломатҳои таркиби ҷиноят дар кирдори содиршуда, ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, айби шахс дар содир кардани ҷиноят, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин сабабу шароити содир шудани ҷиноят бо тартиби муқарраркардаи қонун бо далелҳо муайян карда, маводи ҷамъоваришуда ба баррасии судӣ пешниҳод карда мешаванд [411; 390; 429; 393].

Олимони соҳа мушкилот ва тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавиро аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор дар ин марҳилаҳо таҳлил намуда, қайд мекунанд, ки дар мавридҳои пешбиникардаи қонун танҳо суд дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ қарори ниҳоӣ қабул карда метавонад [289, с. 159-164; 186; 309, с. 147-158]. Дар муқоисаи ин қоидаҳо, дар КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба ин марҳилаҳо боби махсусро (боби 37) оид ба назорати судӣ ва салоҳияти муфаттиши судиро муқаррар кардааст [51] лекин моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ ва бегуноҳӣ ба салоҳияти муфаттиши судӣ дохил намешаванд [349, с. 161-166; 294, с. 109]. Дар КМҶ Ҷумҳурии Узбекистон марҳилаҳои тосудӣ пешбурди тосудӣ номгузорӣ шуда, аз санҷиши тотафтишӣ (боби 40-1), оғози парвандаи ҷиноятӣ (боби 41) ва тафтишоти пешакӣ (боби 43) иборат аст [52].

Пас аз баргузории пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятӣ, марҳилаҳои судии мурофиави ҷиноятӣ оғоз мешаванд, ки тибқи КМҶ ҶТ:

- марҳилаи омодасозӣ ва тайёрӣ ба муҳокимаи судӣ;
- муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ;
- марҳилаи иҷрои ҳукм номбар шудаанд.

Таҳлили ин падидаи ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар таркиби марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ «муҳокимаи судӣ» маҷмуи амалҳои танзимёфтаи судиро ҳамчун «пешбурди судӣ» дар бар гирифтааст, ки тибқи шартҳои муқарраркардаи қонун амалӣ мешаванд. КМҶ ҶТ баробари муқаррар кардани қоидаҳое, ки тартиботи мурофиавии иҷрои чунин амалҳоро танзим менамоянд, дар боби алоҳидаи КМҶ ҶТ шартҳои умумиро пешбинӣ кардааст, ки мувофиқан ба тамоми амалҳои муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи муҳимми мурофиаи судии ҷиноятӣ дахл доранд. Онҳо дар ҷараёни мурофиаи судӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд, моҳиятан ба анҷом дода шудани ҳамаи амалҳои мурофиавӣ

таъсир мерасонанд, хусусияти муҳим ва нишонаҳои марҳилаи мазкурро нисбат ба марҳилаҳои дигари мурофиа муайян менамоянд.

Дар таносуб дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ҳам чунин марҳилаҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, лекин дар муқоиса бо меъёрҳои КМҶ ҶТ, масалан КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон дар боби 39 марҳилаи «басуддиҳӣ» боқӣ мондааст, ки қаблан дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с.1961) [46] пешбинӣ шуда буд. Дар КМҶ Ҷумҳурии Белорус пешбурди судии ғоибона (м.459) ва имконияти баровардани ҳукми суд бидуни муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ зимни пешбурди суръатнок (м.459-1) иҷозат дода шудааст.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии аксари давлатҳои аъзои ИДМ ба марҳилаҳои пешбурди судӣ марҳилаҳои ҳатмии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ва марҳилаи иҷрои ҳукм номбар шудаанд. Марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ тамоми амалҳои судиро ҷиҳати омодагӣ ба муҳокимаи судӣ дар бар гирифта, бо муҳокима (шунида)-и пешакии парвандаи ҷиноятӣ оғоз мешавад [52; 53; 47; 49], лекин масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс дар муҳокимаи пешакӣ ҳал намегардад. Чунин қоидаҳо қаблан дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с.1961) дида мешуданд, ки «маҷлиси амрдиҳӣ» номида шуда буданд (м.222).

Имрӯз тибқи КМҶ ҶТ пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо марҳилаи таъин кардани маҷлиси судӣ ва омодагӣ ба он оғоз мешавад, ки дар ҷараёни он суд, судя, масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳии судшавандаро пешакӣ *ҳал накарда*, барои баррасии маҷлиси судӣ *кофӣ* будани маводи парвандаи ҷиноятӣ, инчунин мавҷуд будани *асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеиро* барои таъин кардани моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, мавриди санҷиш қарор медиҳад ва амалҳои омодагӣ ба маҷлиси судиро анҷом медиҳад. Қаблан ин марҳила басуддиҳии айбдоршаванда номида мешуд.

Марҳилаи мазкур нисбати марҳилаҳои тосудӣ давраи санҷишӣ буда, нисбати марҳилаи маҷлиси судӣ марҳилаи омодагӣ (тайёрӣ) мебошад. Марҳилаи номбурда қоидаҳои мурофиавиеро дар бар гирифтааст, ки бо ёрии онҳо дар ҷараёни таҳқиқ ва ё тафтишоти пешакӣ риоя шудани талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла пурра, ҳаматарафа ва холисона муқаррар карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, мавриди санҷиши судя қарор дода мешавад. Қабул шудани қарор дар бораи таъин кардани муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба марҳилаи марказии мурофиа оғоз мебахшад.

Аз ҷониби дигар, ҳоло дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудааст, ки «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ» аз қисмҳои муайян ва маҷмуи амалҳои мурофиавии судӣ иборат буда, қатъиян бо тартиб ва шартҳои муайянкардаи қонун иҷро шуда, дар натиҷа ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавӣ дар ҳукми суд нишон дода мешавад. Бо баровардани ҳукми судӣ, моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал хотима меёбад. Танҳо суд бо ҳукм аз номи давлат шахсро барои содир кардани ҷиноят маҳкум мекунад ва ҷазои одилона таъин мекунад ё баръакс бегуноҳии шахсро эътироф ва эълон мекунад. Ягон мақомоти дигар салоҳияти аз номи давлат баррасӣ намудан ва ҳалли парвандаи ҷиноятиро надорад.

Ҳукм на танҳо санади татбиққунандаи меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ, балки санади татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда ё ҳукме, ки озод кардан аз адои ҷазо, бе таъини ҷазо, шартан маҳкум намудан ё таъини ҷазои ғайримаҳрумсозӣ аз озодиро дар бар мегирад, судшавандаи ба ҳабс гирифташуда дар ҳамон лаҳза дар толори маҷлиси суд озод карда мешавад.

Агар маҳкумшуда дорои фарзандони ноболиғ, шахсони таҳти таъминот ё падару модари пиронсол бошад, ки баъди маҳкумшавӣ бе

нигоҳубин мемонанд, суд ин ҳолатро беэътибор намегузорад. Ҳангоми баровардани ҳукм суд масъалаи таъмини ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро баррасӣ менамояд. Бо санади алоҳида чораҳои зарурӣ, аз ҷумла супоридан ба хешовандон ё ҷойгирсозӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ, муайян карда мешаванд.

Чунин қоидаҳои мурофиавии ҷиноятии муҳокимаи судӣ ба маҷлисҳои дигари суд зимни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ хос нестанд.

Чунон ки дида мешавад, вобаста ба хусусиятҳои номбаршуда фарқияти мафҳум ва мазмуни «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ» аз мафҳум ва мазмуни «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ», «баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ» дар он зоҳир шудааст, ки мафҳуми охирон ҷузъи таркибии муҳокима ва маҷлиси судро ифода мекунад.

Идомаи таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ нишон медиҳанд, ки «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ» дар марҳилаҳои тосудӣ ва ё баъди моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ низ баргузор мешавад, ба монанди маҷлиси суд оид ба баррасии дархост дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавидошта (м.м. 111, 116 КМҶ ҶТ), маҷлиси суд оид ба баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шахрвандон ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ- ҷустуҷӯӣ (м. 351 КМҶ ҶТ), маҷлиси судӣ оид ба баррасии дархости гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м. 352 КМҶ ҶТ), маҷлиси судӣ оид ба баррасии шикоят аз болои санад, амал ва беамалии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (м. 124 КМҶ ҶТ), маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ (м. 368 КМҶ ҶТ), маҷлиси судӣ оид ба масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм (м. 401 КМҶ ҶТ), маҷлиси суди марҳилаи назоратӣ (м. 410 КМҶ ҶТ), маҷлиси суд оид ба аз нав оғоз кардани мурофиа, бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав (м.421 КМҶ ҶТ). Аз ин бармеояд, ки аз ҷиҳати мазмун ва меъёрии мурофиавӣ мафҳуми «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ» хеле васеъ буда, бо

моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал маҳдуд нашудааст. Лекин мафҳуми «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ» бо «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ» алоқамандии бевосита дошта, онҳо салоҳият ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти судиро дар мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳад.

Дар айни замон, марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бо шартҳои умумии баргузоршавӣ, сохтори таркибӣ, пайдарҳамии амалҳои мурофиавӣ ва мавзуи баррасиии судӣ назар ба маҷлиси дигари судӣ бо моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, хусусиятҳои ба худ хосро доро аст.

Ба андешаи муаллифон «муҳокимаи судӣ – ин фаъолияти бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ батанзимдаровардашудаи суд оид ба таҳқиқи далелҳои ҳам дар маводи парвандаи ҷиноятӣ ҷойдошта ва ҳам аз ҷониби тарафҳо ба таври иловагӣ пешниҳодшуда мебошад, ки дар натиҷаи он суд қарорро оид ба бегуноҳии шахс қабул намуда, ҳукми сафедкунанда ё қарор оид ба қатъ намудани парвандаи ҷиноятиро мебарорад ва ё оид ба гунаҳгории шахс ҳукми айбдоркунанда бо таъин намудани ҷазо ё бе таъини он мебарорад» [144, с. 368].

Ба андешаи мо, мафҳуми «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ», пеш аз ҳама, дар таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун марҳилаи мустақил ва марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷойгир аст ва танҳо бо фаъолияти мурофиавии суд, судя маҳдуд нест.

Аҳаммияти муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар он зоҳир мешавад, ки:

а) ба таъмин шудани риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, равона шудааст;

б) кафолати риоя ва иҷрои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ (вобаста аз мавқеъ, таъинот, ҳадаф ва ҳолати ҳуқуқии онҳо) аст;

в) ба шакл гирифтани низоми ягона ва ба танзими боэътимоди муносибатҳои ҳуқуқии иштирокчиёни он шароит муҳайё мекунад;

г) ҳадду ҳудуди дақиқи иштирок дар муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафтори муайян, андешидани чораҳои маҷбурӣ ва барқароршавии муносибатҳои ҳуқуқиро низ дар бар гирифтааст.

Бинобар ин, муҳокимаи судӣ чун талаботи ҷорӣ на танҳо нисбати суд, судя, амалҳои судӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, балки нисбати тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳамаи амалҳои мурофиавӣ ва ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ паҳн гашта, раванди мурофиаи ҷиноятиро вобаста ба вазифа ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ муайян ва ба танзим медарорад.

Дар марҳилаи «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ» ҷамъи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо, аз ҷумла масъалаи асосии он - гунаҳгор ё бегуноҳии шахс дар содир намудани ҷиноят мавриди муҳокима қарор мегирад. Дар қиёси он фаҳмиши «маҷлиси судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ» баррасии судии масъалаҳои гуногун ва нисбатан маҳдуд ё мушаххаси парвандаи ҷиноятиро ифода кардааст, ки ба салоҳияти суд вогузор шудаанд.

Маҷлиси дигари суд ҳамаи хусусиятҳои муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятиро доро нест, бинобар он дар раванди баргузории онҳо на ҳама шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амал мекунанд. Дар баробари ин, ба назар мерасад, ки тартиб ва қоидаҳои баргузории маҷлиси суд дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ вобаста ба мавзуи баррасии суд гуногунанд, лекин амалишавии тамоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ танҳо ба марҳилаи марказии мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ дониста мешавад.

Муаллифони ватанӣ зимни таҳқиқоти назариявӣ ба хулоса омадаанд, ки “шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар баргузории тамоми маҷлисҳои судӣ амал намоянд ва ба роҳбарӣ

гирифта шаванд, ки амалӣ гаштани меъёри конститутсионии мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро таъмин хоҳад кард” [278, с. 37-45].

Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ вобаста ба пайдарҳамии иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки хусусияти хоси марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

- вазифаҳои бевоситаи ҳар як марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз вазифаҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ бармеоянд;
- дар ҳар марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, гурӯҳи муайяни субъектони мурофиаи ҷиноятӣ тибқи тартиби муайянкардаи қонун амал ва иштирок мекунанд;
- шакли (тартиби) мурофиавии амалҳо бо вазифаи бевоситаи ҳар як марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо ҳамдигар алоқамандӣ дошта, аз рӯйи мазмун талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро ифода менамоянд;
- дар ҳар кадом марҳила иҷрои ҳатмии вазифаи муайян пешбинӣ мешавад, ки барои ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ ноил гаштан равона мешавад;
- муносибатҳои хоси иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар марҳилаи муайяни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла дар рафти муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён меоянд, тағйир меёбанд ва ё қатъ мешаванд;
- қабул шудани санади мурофиавӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи мурофиавӣ, аз ҷумла дар марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ивазшавии онро ба марҳилаи дигар таъмин менамояд;
- иваз шудани як марҳила, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бо марҳилаи навбатӣ (иҷрои ҳукм), боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гаштани муносибатҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ мегардад;
- салоҳияти суд дар ҳама марҳилаҳо, аз ҷумла дар марҳилаи

муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ равона мешавад.

Ба андешаи мо, умумият ва ягонагии мафҳумҳои «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ» ва «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ» дар он зоҳир мегардад, ки онҳо салоҳияти истисноии мақомоти ҳокимияти судиро инъикос намуда, таҷассуми кафолати ҳимояи судии инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ мебошад, ки бо принсипҳои конститутсионии адолати судӣ таъмин мешавад.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот ба хулоса омадан мумкин аст, ки «*марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ*» *гуфта*, қисмҳои таркибии нисбатан мустақил, лекин бо ҳам алоқаманди фаъолияти мурофиаи ҷиноятиро меноманд, ки аз ҳамдигар бо пайдарҳамӣ, вазифаҳои муайян, доираи иштирокчиёни мурофиа, муносибатҳои ҳуқуқӣ, амалҳои мурофиавӣ, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, инчунин бо тартиби расмиёти натиҷаи амалҳои мурофиавӣ фарқ мекунанд. Марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо тартиби муқарраркардаи қонун, бо пайдарҳамии иҷрои вазифаҳои мурофиавиро таъмин ва ҳамдигарро иваз менамоянд. Баробари ба иҷро расидани вазифаи муайяни мурофиавӣ марҳилаи навбатии мурофиа оғоз мешавад.

Ҳамин тариқ, муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар таркиби фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ марҳилаи навбатӣ ва мустақил мебошад, ки натиҷаи баргузории марҳилаҳои тосудиро бо баргузории маҷлиси ошкорои суд бо иштироки тарафҳо ҷамъбаст намуда, ҳалли масъалаи асосии пешбурди парвандаи ҷиноятиро муқаррар менамояд. Он аз рӯйи мазмун, вазифа, тартиби мурофиавии ҷиноятӣ ва мавзуи баррасии судӣ (моҳиятан баррасӣ шудани масъалаҳое, ки дар м.335 КМҶ ҶТ пешбинӣ мешаванд) дар байни марҳилаҳои дигари мурофиа мавқеи марказӣ ва асосии мурофиаи судиро ишғол кардааст.

Новобаста аз танзими ҳуқуқии тартиби муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии арзу шикоятҳои мардум ба марҳилаҳои болоии судӣ дар он аст, ки дар амал татбиқ шудани қонун дар бисёр мавридҳо, бинобар омилҳои субъективӣ ба муҳлатҳои гуногун «мавқуф» гузошта мешаванд ё «боздошта» мешаванд. Сатҳи пасти ташкили корбарӣ, нокифоягии маърифати ҳуқуқӣ, беэътиноӣ нисбати татбиқи қонунҳо ва ғайраҳо аз ҷумлаи омилҳои паҳнгаштае мебошанд, ки ба татбиқи воқеии қонунҳо ва амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аксар вақт монеъ мешаванд, инчунин боиси норозигӣ ва нобоварии мардум ба қонун ва адолати судӣ мегарданд.

Бинобар ин, баҳри амалишавии кафолатҳои конститутсионии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, баробарии тарафҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳангоми зарурати бо иҷозати суд маҳдуд карда шудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон бо пешбурди амалҳои тафтишӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, масъалаи даъват ва иштироки тарафҳо ба муҳокимаи судӣ ба салоҳдиди суд вогузор карда шавад. Бинобар ин, пешбарӣ мешавад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, на танҳо дар марҳилаҳои судӣ (маҷлиси суди марҳилаи аввал оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав оғоз шудани мурофиа бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав), балки дар марҳилаҳои тосудӣ, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар маҷлиси судӣ бо иштироки тарафҳо аз ҷониби суд мустақилона ва вобаста ба ногузирии муваққатан маҳдуд шудани ҳуқуқу озодии шахс ҳал карда шаванд, ки ин татбиқи талаботи м.м. 19, 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.м. 20-22, 277 КМҶ ҶТ-ро таъмин мекунад.

Дар баробари ин, пешниҳод дорем, ки чораҳои таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ на танҳо нисбати ҷабрдида ва

шоҳид (м.172 КМҶ ҶТ), балки нисбати гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда ва аъзои оилаи онҳо низ амал намояд ва пеш аз пурсиши судшаванда ба ӯ фаҳмонида шавад (м.311 КМҶ ҶТ). Чунки муқаррароти ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кафолат дода шудани чораҳои амнияти давлатӣ (м.м.12, 277, 302 КМ Ҷ ҶТ) ҳуқуқи баробарии тарафҳо, баробарии онҳо ва имконияти тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро ифода мекунад.

Бо мақсади таҳкими ҳокимияти судӣ, фаъолияти самараноки мақомоти судӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, кафолати дастрас гардидани адолати судӣ ба ҳар як шахс, ҳифзи судии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ, донишу таҷриба ва масъулиятнокии онҳо ислоҳоти судию ҳуқуқӣ бояд идома ёфта, барномаи навбатӣ таҳия ва қабул гардад, ки масъалаҳои зерин муҳокима, мавриди ташхиси ҳуқуқӣ қарор дода шаванд:

- салоҳият ва ваколатҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самаранок истифода бурдани назорати судӣ аз болои фаъолияти судҳои зинаҳои поёнӣ такмил дода шавад;

- дастрасии ҳифзи судӣ такмил дода шуда, баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон ба ҳифзи судӣ, новобаста аз имконияти пардохти боҷи давлатӣ таъмин карда шавад;

- маҳдуд кардани иштироки судшаванда, маҳкумшуда дар маҷлиси судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар ғоибии ӯ ҳал кардани масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ истисно карда шаванд;

- тавассути қабули қонун интихоб ва пешбарӣ кардани машваратчиёни халқӣ, ки дониш ё собиқаи ҳуқуқшиносӣ доранд ба роҳ монда шавад.

Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми кафолатҳои ҳуқуқӣ бояд мавқеи афзалиятнок дошта бошад, зеро маҳз тавассути муҳокимаи судӣ адолат татбиқ мегардад. Асосҳои

конститутсионии адолати судӣ ҳамбастагӣ ва ягонагии қоидаҳои мурофиавиро таъмин намуда, татбиқи бевоситаи онҳоро дар ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи судӣ пешбинӣ мекунанд. Риоя нагардидани ин принсипҳо, новобаста аз ҳолат, боиси беэътибор донистани амалҳои мурофиавӣ ва ба миён омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Ба натиҷаҳои муҳокимаи судӣ набояд танҳо аз рӯйи шумораи аризаҳои воридшуда ё парвандаҳои ба суд ирсолшуда зоҳирӣ баҳо дода шавад. Баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои муҳокимаи судӣ аз рӯйи миқдори парвандаҳое, ки нисбати онҳо танҳо ҳукми айбдоркунанда бароварда шудааст низ нисбӣ аст. Нишондиҳандаи миқдорӣ дар ин сурат сатҳу сифати баланди корбариро ифода карда наметавонад. Фаъолияти мақомоти номбаршуда дар роҳи тарғибу ташвиқоти қонунҳо, ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳо оид ба баррасии арзу шикоят, пешгирии ҷиноят, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва оқибатҳои он бештар дар таъмини осиштагии ҳаёти ҷомеа мақсаднок аст ва набояд сарфи назар карда шавад.

Дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо яке аз заминаҳои асосии конститутсионии муҳокимаи судиро ташкил медиҳад. Барои татбиқи воқеии ин принсип зарур аст, ки қонунгузории мурофиавӣ имкониятҳои баробар ва васеъро барои ҳимоя ва пешниҳод намудани мавқеи ҳуқуқии иштирокчиён кафолат диҳад. Такмили минбаъдаи ин заминаҳои конститутсионӣ бояд бо такя ба дастовардҳои назариявӣ ва амалии муқовимат ба ҷиноятқорӣ сурат гирад. Талаби таъмини адолат бояд ба ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ба тамоми субъектҳои он дахл дошта, ба ҳар як амали мурофиавӣ татбиқ гардад.

БОБИ II. ТАШАККУЛЁБӢ, МОҲИЯТ, АҲАММИЯТ ВА НИШОНАҲОИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

2.1. Заминаҳои иҷтимоии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди қоидаҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ

Муҳаққиқони ватанӣ дар натиҷаи бурдани таҳқиқоти илмӣ ба хулоса меоянд [273; 361, с. 27-28], ки дастовардҳои муосир дар соҳаи адолати судӣ аз ғояҳои иҷтимоиву таърихӣ, арзишҳои фарҳанги миллӣ оид ба адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон сарчашма гирифта, дар замони муосир то сатҳи расмӣ эътироф ва бо арзишҳои муосири миллӣ, “ба монанди бо забони давлатӣ баргузор шудани мурофиа дар ҳузури тарафҳо, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, дастаҷамъона бо иштироки аҳли ҷомеа одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ ва ғайраҳо мазмуну моҳияти нав ғанӣ гашта, ба зинаи навбатии ташаккулёбии ҳуқуқи мурофиаи судии муосир ҳамчун пайвандгари собиқа ва афкори гузаштагон ва наслҳои ҳозира замина гузоштааст” [273; 361, с. 27-28].

Дар натиҷаи таҳқиқот Ф.М.Абдулхонов ба хулоса омадааст, ки пайдоиш ва ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ аз замонҳои қадим сарчашма гирифта (давраҳои ҷомеаи ибтидоӣ ва ҷомеаи тамаддунӣ) [249, с. 44-51], вобаста ба сохти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар ҷомеа бо таъсири дигаргуниҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ пайваста такмил ёфтаанд. Аз ёдгориҳои таърихӣ, осори гузаштагони худ (Сурудаҳои Авасто [77, с. 25-31; 76, с. 612], Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён [171, с. 7-11], Қуръони карим, Сиёсатнома [139, с. 20], Шоҳнома [174, с. 127; 228, с. 103], Тоҷикон [99, с. 544-545] ва садҳо асарҳои безавол) мо на танҳо таърихи руйдодҳо, ҳадису ривоятҳо, ситоиши покизагӣ, балки суннату одатҳо, анаъанаҳои миллӣ, одоби зисту зиндагии осоишта, оини давлатдорӣ, ватандӯстиву раиятпарварӣ, озодӣ ва озодагии рафтору гуфтор, шинохти ҳаққу ботил, пирӯзии нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ эҳтирому ҳаққу ҳуқуқи

дигаронро меомӯзем ва аз онҳо сабақҳои заруриро дармеёбем, ки дар ягонагӣ адолатпарварӣ ва инсондӯстиро таҷассум кардаанд. Беҳуда нест, ки истилоҳҳои «додрас, додгустар ва додситон», ки маънии ҳомии қонунро доранд, ҳанӯз аз овони Рудакӣ ва ташаккули давлати Сомониён маълуму машҳур буданд [236, с. 124].

Таҳқиқоти олимон баёнгари онанд, ки “сарчашмаҳои қадимтарини ҳуқуқӣ дар нахустдавлатҳо (Пешдодиён, Каёниён, Ҳахоманишиён, Модҳо) одатҳои ҳуқуқӣ бо сарчашмаҳои ҳуқуқи мазҳабӣ ва маҳсули ҳуқуқэҷодкунандаи давлат таҳия ва такмил дода шудаанд” [124, с. 401; 163]. Дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рафтори одамон урфу одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқ нақши асосиро доштанд. Мақоми махсусро дар танзими муносибатҳои аҳли ҷомеа урфу одатҳои авлодӣ ва қабилаҳо касб карда, дар ҳалли баҳсу даъво васеъ истифода шудаанд [99, с. 544; 250, с. 44-51].

Дар ин ҷода байни олимон ва мутахассисон маълумоти гуногуни таърихӣ, археологӣ, антропологӣ, этнографӣ ва сотсиологӣ муҳокима мешаванд, ки ба пайдоиш ва ташаккулёбии меъёрҳои рафтори ҷамъияти ибтидоӣ равшанӣ меандозанд. Лекин, ба андешаи профессор Р.Шарофзода (Сотиволдиев), ҳар як назария оид ба ин масъалаҳо ҳам андешаҳои қобили қабул ва ҳам нуктаҳои баҳсталаб дорад. Омӯзиши онҳо на бо мақсади инкор кардани маълумот ё мутлақо ҳақ донистани назарияи дигар ё ҷудогона, балки истифодаи нуқтаву хулосаҳои қобили қабули куллӣ онҳоро дорад [341, с. 98-102].

Аз ҳамин нуқтаи назар, умумияти назарияҳои мухталиф дар он зоҳир мешавад, ки қоидаҳои оддитарини рафтор дар ҷамъияти ибтидоӣ аз азал хусусияти муттаҳидкунанда, ҷамъкунанда ва танзимкунанда пайдо кардаанд, ки дар назарияи ҳуқуқ чун «мононорма» қайд мешаванд [152, с. 26], ки имконияти гурӯҳбандӣ кардани онҳо аз рӯйи умумият, ягонагӣ, ин ё он хусусият (меъёр, ҳуқуқу уҳдадорӣ дар назар дошта мешавад) ғайриимкон аст. Онҳо бештар хусусияти маҳдуди авлодӣ ва

қабилавӣ дошта, урфу одатҳо, анъана ва ҷашну маросими хосаи авлодро оид ба ҳамзиштӣ, кӯмакрасонӣ ва ҳимояи ҳамдигарро дар бар гирифтаанд [153, с. 23], ки бинобар дар шароити душвор, зисту зиндагӣ кардан ва зарурати ҳимоя аз хавфу офатҳо ва зулму ҳуҷуми қабилаҳои дигар ногузир пайдо ва ташаккул ёфтаанд [387, с. 81; 398].

Қайд кардан зарур аст, ки аз собиқаи даврaҳои гузаштаи таърихӣ, аз суннату урфу одатҳои мардумӣ ва анъанаҳои ҷомеаи ибтидоӣ унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя, уҳдадорӣ ва масъулият» дар низоми муносибатҳои одамон пайдо шудаанд, ки тариқи таҷрибаи рузгордорӣ, панду насиҳат, маслиҳат ва машварати куҳансолони авлоду қабила аз як авлод ба авлоди дигар, аз як насл ба наслҳои дигар гузашта, аз ташаккули мафкуравӣ то ба шакли меъёрии ҳатмӣ ва танзимгари боэътимоди муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфтаанд.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихиву ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва низоми давлатдорӣ шартҳои баргузории мурофиа бо ҷорӣ ва татбиқи қоидаҳои мазҳабию динӣ пурра тобиши динӣ гирифта, онҳо дигаргуниҳои ҷиддиро, аз ҷумла ҷорӣ шудани меъёрҳои пешқадами ҳамон давру замонро ба миён овардаанд. Монанди, дини зардуштӣ Худованд - «Аҳуро Маздо»-ро додрас (довари холис)-и ҷаҳонӣ номида, додрасӣ (одилона татбиқ кардани қонун, ҷазо)-ро яке аз самтҳои муҳимтарин дар фаъолияти идоракунии шоҳ муқаррар кардааст [215, с. 113-126; 214, с. 105], ки шарти муҳим ва умумии баамалбарории адолат ҳамчун таъиноти давлат дониста шудааст.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ, дар низоми давлатдорӣ: «шоҳ сарвари кулли ҳокимияти давлатӣ буда, ваколати додгоҳӣ (татбиқи қонун ва таъини ҷазо), муайян намудани молиёт (андоз), ташкили корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, сохтмон, ҳалли масъалаҳои ҷангу сулҳро ба зимма дошт. Дар замони Ҳахоманишиҳо (асрҳои VI то қарни мо) ислоҳоти гузаронидаи Куруши Кабир заминаи таҷзияи ҳокимияти граждӣ, судӣ

ва низомӣ дар маҳалҳо гардида буд. Шоҳ Ҳушанг аввалин маротиба адл, довар ва ҳукмро дар ҳаёти мардум ҷорӣ кардааст, бинобар ин ӯро «пешдод» ном мебурданд» [427, с. 17; 228, с. 103]. Чунин низом хусусияти қатъӣ ва ҳатмӣ пайдо кардан ва ҷорӣ шудани қоидаҳои мураттаб (тавзеҳот, дастурҳо, ки «чаштак», «картак» номида мешуданд [371, с. 7-8]) ва шартҳои баамалбарории адолат (беғаразӣ, мустақилияти суд, холисона баррасӣ ёфтани баҳс, мавқеи баробари тарафҳо)-ро ҳамчун ҷузъи таркибии низоми давлатдорӣ нишон медиҳад [93, с. 12-13].

Ба мазмун ва моҳияти шарту шароит ва қоидаҳои муҳокима ва баррасии арзу даъво (мурофиа) ва рушди қоида ва меъёрҳо, одилона ҳалли худро ёфтани баҳсу низоъ, ҷорӣ шудани дини мубини Ислом (асриVII) дар ҳудуди Осиёи Миёна ва як қатор давлатҳои дигар таъсири ҷадиди мусбӣ расонидааст [251, с. 108- 118].

Ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамчун шакли мураттабшудаи меъёрҳои динӣ, одатӣ ва анъанаҳои мардумӣ на танҳо низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ (шариат), балки маҷмуи қоидаҳои динӣ, ахлоқию маънавӣ, сиёсӣ ва одатҳои ҳуқуқиро фаро гирифта [214, с. 46-58; 91, с. 28-29], ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ба низоми мурофиаи судӣ дигаргуниҳои нав ва пешқадами замонро ворид кард.

Яке аз олимони шинохтаи ватанӣ И.Б.Буриев қайд кардааст, ки шарту шароити баргузории мурофиа куллан тағйир наёфта бошад ҳам, лекин акнун татбиқи меъёрҳои башардӯстонаи дини мубини Ислом (аз меъёрҳои Қуръон (Китоби Оллоҳ) [170, с. 17], ҳадис, ривоят аз ҳаёти Муҳаммад Пайғамбар (С), иҷтиҳод, иҷмаъ, қиёс, раъй, одатҳо) дар баргузории мурофиа ва ҳалли тамоми арзу даъво ва ҳуқуқвайронкунӣ бартарият доштанд [403, с. 71-73].

Ф.М. Абдулхонов ва муҳаққиқони дигар қайд мекунанд, ки танҳо қозӣ (судя, довар) шахси ваколатдори ин мансаби давлатӣ салоҳияти расман баррасӣ кардани парвандаҳо (баҳсҳо)-и ҷиноятӣ, маданӣ ва оилавиро дошт [266, с. 69]. Расмиёти хаттии мурофиа ҷорӣ гардида, дар сохтори қозиёт қозӣ, ноиб (муовини қозӣ), котиб, мирзо, муфтӣ, ҳоҷиб,

хабаррасон ва институтҳои ёрирасон «мушовирон» (маслиҳатчӣ), «андазгарон» (ҳимоятгар), «ёрмандон» (назоратчӣ) амал кардаанд [371; 398; 96, с. 197]. Чунин низому тақриба минбаъд ба одилона ва тибқи қоидаҳои ҷорӣ қарор қабул карда тавонистан, оқибатҳои маҷбурсозӣ барои қабули қарор ё ҳукми ноодилона, қоидаи созиши тарафҳо, истеъфо додани додрасҳо дар замони амали дини Ислом ҷорӣ ва такмил дода шуданд [267, с. 69-75].

Дар миёнаи асри XIX, баъди муттаҳид карда шудани ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна ба империяи Россия, бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии Россия аввалин маротиба бо Оинномаи мурофиаи судии ҷиноятӣ (с.1864) [54] ва замимаҳои он дар ин ҳудудҳои маъмурӣ қоидаҳои нави низоми ҳуқуқии романи-олмонӣ ҷорӣ шуданд [58; 248, с. 35-40], ки тибқи онҳо қоидаҳои умумии мурофиавӣ, ба монанди «салоҳияти суд», иштирокчиёни мурофиаи судӣ [255, с. 248-255], прокурор дар мурофиаи судӣ, муфаттиши судӣ [142, с.12], таъқиби судӣ, тобеияти судии парвандаҳо, ҳайъати суд, судҳои созишӣ, интихоби будани судяҳо, намоянда дар мурофиаи судӣ, тартиби умумии оғоз ва раванди мурофиаи судӣ ҷорӣ шуданд [365, с. 645-651].

Чӣ хеле, ки олими маъруфи соҳаи ҳуқуқ А.Ф.Кони қайд карда буд, қоидаҳои ошкоро ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ, мубоҳиса, иштироки аҳли ҷомеа дар мурофиаи судӣ, мавқеи мурофиавии тарафҳо ва бартарияти ақидаи ботинӣ тибқи чунин ислоҳоти судӣ дучори дигаргуниҳои ҷиддие гаштанд, ки барои такмил дода шудани қоидаҳои мурофиавӣ шароити муфид муҳайё намуданд [141, с. 417]. Лекин, ҳарчанд дар доираи амали санадҳои меъёрии империяи Россия қарор гирифта бошанд ҳам, низоми қоидаҳои мурофиаи судии империяи Россия дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна бе истисно амалӣ нашудааст. Масалан, қозӣ (судя) ба низоми ҳокимияти маъмурӣ шомил бошад ҳам, аз рӯйи одатҳои мавҷуда аз аҳли рӯҳониён чун шахси дониши динидошта таъин мегардид, салоҳияти анъанавии татбиқи меъёрҳои шариатро дошт.

Ғайр аз он, мувофиқи таҳқиқоти Ф.М. Абдулхонов мансабдорони дигари маъмурӣ эшон-раис, кушбегӣ, музалим, бек, амлокдорон ва дар маҳалҳои алоҳидаи русзабон тибқи Низомномаи идораи кишвари Туркистон (1895, м.121) агентони Агентии сиёсии империи Россия ҳуқуқи баррасии баҳсҳо ва салоҳияти мурофиавии судиро доштанд, ки дар аксари ҳолатҳо дар фаъолияти онҳо нишонаҳои ғайриошкоро, бе иштироки тарафҳо, хусусиятҳои таъқибнамоӣ ва ҷазодиҳӣ дида мешуданд [370, с. 99-102]. Функсияи мақомоти маъмурӣ ва судӣ омехта ва пур аз ихтилофҳои ҷиддӣ буд, муайян кардани тобеяти судии ҳуқуқвайронкуниҳо (салоҳиятнокӣ) бо тартиби гуногуни мурофиаи судӣ ба роҳ монда шуда буданд. Санадҳои империяи Россия дар кишвари Туркистон ва Бухорои Шарқӣ (Ҳисор, Балҷувон, Кулоб, Қабодиён, Қурғонтеппа, Қаротегин, Дарвоз) [291, с. 11; 229, с. 29], ба тариқи расмӣ эълон шуда, лекин дар амал қисман татбиқ шудаанд.

Муаллифони ватанӣ Х.З. Аслонов, А.Р. Абдуллозода, А.Э. Раҳматулоев қайд мекунанд, ки дар айни замон, ба сохторҳои маъмуриву судӣ ҳуқуқ дода шуда буд, ки ҳангоми баррасии баҳсу муноқиша онҳо қоидаҳои динӣ, урфу одатҳои маҳаллӣ, ахлоқиву маънавии миллиро татбиқ намоянд [377, с. 48; 248, с. 37]. У.А. Азиззода ва И.Б. Буриев қайд мекунанд, ки баъди созишномаи Аморати Бухоро ва Россия (23 июни соли 1868) татбиқи қоидаҳои мурофиавии Россия шакли расмӣ гирифта, бартарият пайдо кард [91, с. 86; 80, с. 92].

Баъди Инқилоби Октябр (1917) таъсис дода шудани Комиссиарати ҳалқии Туркистони Шуравӣ (5 декабри с. 1917) [78, с. 77-79] ва қабул шудани Конститутсияи РСФСР (1918) сохти давлатдорӣ дар Тоҷикистон низ пурра тағйир ёфт [357, с. 86], бо қабули аввалин санадҳо дар бораи фаъолияти судҳо (Декретҳои №№1-2 «Дар бораи судҳо») низоми шуравии баамалбарории адолати судӣ оғоз гардид [439, с. 347].

Соли 1924 аввалин «Асосҳои қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятии ҷумҳуриҳои Шуравии сотсиалистӣ» қабул гардид, ки ба мавқеи суд ва қоидаҳои муҳокимаи судӣ диққати махсус дода шуд [41, с.

268]. 14 феврали соли 1925 Комитети инқилобии ҶАШС Тоҷикистон бо қарори худ «Дар бораи ташкил шудани Комиссариати адлия ва прокуратураи давлатии ҶАШС Тоҷикистон» ба фаъолияти мақомоти судӣ ва прокуратура замина гузоштааст [446, с. 6; 447].

Ҳарчанд дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, сиёсати давлатдорӣ бар пояи принсипҳои сотсиалистии шӯравӣ амалӣ мегардид, низоми судии анъанавӣ пурра аз байн бурда нашуд. Аз ҷумла, суди қозиёт, ки бар асоси расмиёт ва қоидаҳои шариат фаъолият мекард, дар баробари судҳои округӣ, судҳои рафиқона, суди ҳакамӣ ва судҳои ҷамъиятӣ [448] то соли 1928 дар Тоҷикистон идома ёфт [91, с. 112].

Дар ин давра тартиби интихоби қозиён (судяҳо) тавассути Шӯроҳои маҳаллӣ ҷорӣ гардида, онҳо асосан баҳсҳои маҳдуди гражданиро баррасӣ менамуданд [443; 57; 387, с. 88]. Ҳамзамон, фаъолияти суди қозиёт ва дигар сохторҳои марбут таҳти назорат қарор дошт. Аз ҷумла, мақомоти фавқулодаи он замон, аз қабили ОГПУ ва Военно-Диктаторская Тройка (ВДТ) [97, с. 86], дар равандҳои марбут ба таъмини тартибот ва баррасии баъзе масъалаҳо нақши таъсиргузор мебозиданд. Комиссияи фавқуллодаи диктаторӣ [441; 449], ки бештар чораҳои репресивии тақибнамоии беасос ва маҳвкуниро татбиқ кардаанд, назорати доимӣ вуҷуд надошт, ки боиси беадолатии зиёд нисбати мардум гаштааст [442], [305, с. 150]. Танҳо дар соли 1925 судҳои сайёр дар ҶАШС Тоҷикистон 509 парвандаи ҷиноятиро баррасӣ карда, нисбати 117 нафар ҳукмро бо таъини ҷазои қатл баровардааст [445].

30 июли соли 1928 бо қарори КИМ ҶАШС Тоҷикистон, №36 «Дар бораи барҳам додани институти суди қозиёт дар ҶАШС Тоҷикистон» фаъолияти суди қозиёт қатъ гардидааст [45, с. 791].

Новобаста аз баҳсҳои назариявӣ оид ба заминаҳои таърихии таъсисёбӣ ва хусусиятҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи адлия, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳарчанд дар санадҳои расмӣ, таҷрибаи таърихии шаклгирифта, аксари асосҳои ташкилию мурофиавӣ инкор

карда шуда бошад ҳам [339, с. 26], қоидаҳои интихобӣ будани судяҳо, иштироки тарафҳо, иштироки ҳимоятгар ва айбдоркунандаи ҷамъиятӣ, ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ, имконияти шикояти тарафҳо аз болои қарори судӣ пешбинӣ шуданд. Лекин, мурофиа вобаста ба сохти сиёсии тоталитарӣ, баҳри мустаҳкам кардани мавқеи як ҳизб ва ҳокимияти шуравӣ пурра хусусияти таъқибнамоӣ, ҷазодиҳӣ ва айбдоркунӣ гирифтааст.

Албатта, бо мурури замон дар фаъолияти мақомоти адлия, бинобар коллективикунонӣ, индустриякунонии хоҷагии халқ, хусусан солҳои 30 (бо қабули аввалин Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1931, 1937) тағйирот дида мешавад, ки дар таҳқиқоти олимони ватанӣ инъикос ёфтаанд [409; 355, с. 145; 213; 92; 120; 370; 430]. Лекин, тибқи маълумоти таърихӣ ва оморӣ, мурофиаи судӣ бо маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, камбудиву хатогиҳо ва бештар бо майли айбдоркунӣ ва таъқибнамоӣ бо низоми маъмурӣ-ҳизбӣ амалӣ гаштааст [444].

Дар солҳои 70-уми асри гузашта қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1978) ба марҳилаи нав дар рушди қонунгузорӣ ва такмили низоми судӣ замина гузошт. Ин раванд бо қабул ва татбиқи як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (1961) ва Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судии ҶШС Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1981, тавсеа ёфт [72, с. 613–614; 73, с. 83; 74, с. 96]. Дар натиҷаи ин тағйирот як қатор паҳлуҳои мусбат низ ба вуҷуд омаданд [121, с. 55–56], ки минбаъд ҳамчун таҷрибаи сиёсиву ҳуқуқӣ дар такмили қоидаҳои пешқадам, рушди қонунгузорӣ, низоми идоракунӣ ва ташаккули мақомоти давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муайян бозиданд.

Ҳамзамон, бо вуҷуди мавҷудияти маҳдудиятҳо, аз ҷумла таъсири идеологияи ягона, вобастагии суд ба як ҳизб, зуҳуроти зоҳирпарастӣ ва

хусусияти маъмурӣ-тоталитарии давлатдорӣ, арзёбии давраи шӯравӣ танҳо аз мавқеи манфӣ ва инкори пурраи таҷрибаи таърихии он дуруст нест. Хулосаҳои яктарафа ва бармаҳал нисбат ба ин марҳила наметавонанд таҳлили воқеъбинонаи рушди давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқиро таъмин намоянд [232].

Дар заминаи санадҳои расмии замони шуравӣ қоида ва шартҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон тибқи қонунгузории солҳои 60 асри XX хеле инкишоф ёфтаанд. Тибқи «Асосҳои қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятии ҷумҳуриҳои Шӯравии сотсиалистӣ» (с.1958) [41] ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШСТ (соли 1961) [46] қоидаҳои марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ такмил дода шуда, аввалин маротиба шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дақиқ гаштанд, ба монанди:

- бевосита, бефосила ва шифоҳӣ баргузор шудани маҷлиси суд;

- нақши роҳбарикунандаи раисикунандаи маҷлиси суд;

- баробарҳуқуқии иштирокчиёни муҳокимаи судӣ;

-иштироки прокурор, судшаванда, айбдоркунанда ва ҳимоятгари ҷамъиятӣ дар маҷлиси суд;

-оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории нав ва нисбати шахсони дигар;

-имконияти мавқуф гузоштан, боздоштан ва қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ;

-қоидаҳои риояи тартибот ва ҷараёни баргузории маҷлиси судӣ ва ғайраҳо [46].

Академик С.А. Раҷабов рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистонро дар ин марҳила дақиқ таҳлил намуда, арзиши бештари иҷтимоӣ пайдо кардан ва кӯшишҳои таъмини мустақилияти мақомоти судиро қайд карда, чунин шакл гирифтани мурофиаи судиро ба манфиати аҳли ҷомеа донистааст, ки ҳадафҳои принсипҳои коммунистии шуравиро дар амал ҷорӣ мекунад [172, с. 12].

Дар замони муосир ва Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон (оғоз аз соли 1991) заминаҳои ҳуқуқии кишварамон комилан такмил дода шуда, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва баргузории мурофиаи судӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд, ки мавзуи таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудаанд [432]. Ин дигаргуниҳо боиси беҳтар шудани сатҳу сифати амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ дар мурофиаи судӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа гаштанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқи сарчашма ва ёдгориҳои таърихиву ҳуқуқӣ бармеояд, ки баробари арзу вуҷуди ҷомеаи авлодӣ (ибтидоӣ) ва қабилаҳо бо мақсади дастаҷамъӣ қонеъ кардани талабот, ҳимоя аз хавфи ҳодисаҳои табиӣ, аз ҳуҷуми рақибон, бартараф кардани бесарусомонӣ ва худсарӣ урфу одат, расму оин, ё қоидаҳои оддитарини танзимкунандаи муносибати байни одамон пайдо шудаанд. Онҳо ба шакли муайян гирифтан (ҳадду ҳудуд, сарҳад), ба пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои оддитарин рафтор, ба ҷорӣ ва амалӣ шудани қоидаҳои ҳатмӣ мусоидат кардаанд. Бо урфу одат, расму оин ва суннату анъанаҳои ҷомеаи ибтидоӣ унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя» дар низоми муносибатҳо паҳн ва ҷорӣ шудаанд, ки тариқи таҷрибаи зисту зиндагӣ, тавсия, рӯзгордорӣ, панду насиҳат, маслиҳат ва машварати куҳансолони авлоду қабила аз як авлод ба авлоди дигар, аз насл ба наслҳои дигар гузашта, то ба шакли қоидаҳои меъёрии ҳатмӣ ва танзимгари муносибатҳо ташаккул ёфтаанд.

Дар баробари пайдоиши аввалин нишонаҳои давлат ва ҳуқуқ қоидаҳои аввалини шаклгирифтаи мурофиавӣ ҷорӣ шуданд. Бинобар мунтазам баланд шудани сатҳи дониш ва қобилияти ақлонии дарки муҳит ва васеъ гаштани доираи талабот, манфиатҳои аҳли ҷомеа, фаъол шудани сатҳи масъулиятшиносии фардӣ ва умумӣ ин қоидаҳо моҳият ва

аҳаммияти устувори иҷтимоӣ пайдо карда, ифодаи ногузир ҷорӣ ва муайян карда шудани ҳадду ҳудуди рафтор гаштаанд.

Вобаста ба марҳилаҳои таърихии рушди ҳаёти ҷомеа пайдоиш ва ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиа дар ҳаёти мардуми кишварамон чунин давраҳоро аз сар гузаронидааст:

1) давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ);

2) давраи ташаккули мурофиаи замони зардуштӣ;

3) давраи амали мурофиаи шариатӣ;

4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ;

5) қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ;

6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятии замони муосир.

Даврабандии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ба таҳқиқоти илмӣ оид ба асосҳои таърихӣ, ҳуқуқии рушди қоидаҳои баргузории мурофиаи судӣ аҳаммиятдошта, мусоидат карда, сохтори таркибии мавзуи таҳқиқот ва самти онро муфассал ва муттаҳид менамояд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳарчанд нишонаҳои шакли даъвогӣ ва ё хусусии (фардӣ) мурофиа, тибқи урфу одатҳои мазҳабӣ, динӣ ва авлодӣ ба таври шифоҳӣ дар ҳаёти аксарияти мардуми Осиёи Миёна ҷорӣ ва татбиқ шуда бошад ҳам, баъзе аз ин қоидаҳои мурофиа марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва санҷишҳои иҷтимоиву сиёсиро паси сар намуда, аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ғанӣ гаштаанд, меъёр ва ҳудуди амалишавии онҳо тағйир ёфтааст, лекин онҳо аҳаммият ва муҳиммияти худро дар роҳи таъмини адолати иҷтимоӣ тасдиқ кардаанд. Ин қоидаҳои мурофиавӣ арзиши иҷтимоии худро нигоҳ дошта, то ҳанӯз бо мазмуну моҳияти аслии худ арзи вуҷуд мекунанд ва ҳамчун осори ниёгони мо на танҳо аҳаммияти таърихиву ҳуқуқӣ доранд, балки ҷузъи таркибии фарҳангиву маънавии миллии моро дар соҳаи адолати судӣ тачассум мекунанд. Қоидаҳои аз урфу одатҳои авлодӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ шакли

устувор гирифтаи мурофиаи даъвогӣ ва хусусӣ барои минбаъд ҷорӣ ва амал кардани қоидаҳои зерини мурофиавӣ таҳкурсӣ гузоштаанд, ки бо мурури замон, бинобар тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва пайваста васеъ гаштани фаҳмиши адолати судӣ ва ногузир дигаргун гаштани шартҳои муҳокимаи судӣ такмил дода шудаанд:

1) мавҷудияти шарту шароити баргузории мурофиа бо ташаббуси даъвогар, ҷабрдида ё хешовандони ӯ;

2) ҳуқуқ ба шикоят ва арзу даъво доштани шахс;

3) таҳти ҳимояи аҳли ҷомеа ва ё ҳоким, довар қарор доштани ҷабрдида ва ё даъвогар, нафарони муҳтоҷ, аъзои ҷомеа;

4) ҳуқуқи даъвогар ба рӯёнидани товони зарар;

5) қоидаҳои дастаҷамъона ва шифоҳӣ баррасӣ шудани арзу даъво;

6) иштироки тарафҳо ва аҳли ҷомеа дар муҳокима, яъне ошкоро баргузор шудани мурофиа;

7) барои тарафҳо пешбинӣ шудани имкониятҳои мурофиавӣ то созиши тарафҳо;

8) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба исботи гунаҳгорӣ;

9) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба даъвати шоҳидон ва пешниҳоди далел;

10) одилона таъин кардани ҷазо;

11) кӯшиши оқилона, воқеъбинона муайян кардани товони зарар;

12) ҷорӣ шудани хароҷоти мурофиавӣ, қоидаҳои риояи қатъии мурофиаи судӣ;

13) таъмини мустақилият ва беғаразии довар (суд) дар баррасии низоъ, баҳс ва арзу даъво.

Ҳадафи ҷорӣ шудани ин қоидаҳои мурофиавӣ сараввал як шакли таъсиррасонӣ ва ё танзими рафтор, ҳифзи анъана ва манфиатҳои аъзои авлод ё қабила бошад, сипас баробари авҷи муносибатҳои ҷамъиятӣ ё ғасби ҳудуд ва минтақаҳои муайян, рақобат ва муттаҳидшавии қабила ва

авлодҳо ба яке аз воситаҳои муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷузъи низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, инъикоси шаффофи руйдодҳои таърихии ҳаёти ҷомеа, таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи он, зинаҳои ташаккулёбии қоидаҳои рафтор, шаклҳои танзими ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқ, адолат ва роҳҳои таъмини он, имрӯз ба мо имконият медиҳанд, ки сабақҳои гузашта ва ҳозираро муқоиса ва таҳлил намуда, самтҳои ояндаи рушди қонунгузорӣ, фаъолияти судӣ ва мурофиаи судиро дар таъмини адолати иҷтимоӣ муайян намоем.

2.2. Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ

Дар танзими муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин баҳри таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунанд, ки бо меъёрҳои қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд.

Мусаллам аст, ки ҳадаф аз тартиби муқарраркардаи қонун бо асосҳои кофӣ, сари вақт, пайдарҳам, дуруст ва бонизом иҷро шудани тамоми амалҳо ва ҳалли тамоми масъалаҳои ҳуқуқии мурофиавӣ, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ин баамалбарории адолати судӣ аст, ки он дар навбати худ танзими боэътимоди муносибатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро талаб мекунад. Танҳо бо ҳамин тартиб ва ҷорӣ карда шудани чунин қоидаҳои мурофиавӣ барои амалӣ шудани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ шароити муносиб муҳайё мешавад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки бо вуҷуди беҳтар гардидани кори судҳо, дар фаъолияти онҳо ҳанӯз камбудиву норасоиҳо, аз ҷумла риоя нагардидани муҳлати баррасии парвандаҳо, татбиқи нодурусти қонунҳо,

қабули санадҳои ғайриқонунӣ ва дар ниҳоят, бекор шудани қарорҳои қабулкардаи онҳо, бекоршавии санадҳои судӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба шаҳрвандон ба назар мерасанд. Бо ҳамин сабабҳо дар зарфи солҳои 2020 – 2023 ва нӯҳ моҳи соли 2024 аз ҷониби судҳои болоӣ беш аз 1700 қарори судҳои поёнӣ бекор гардидааст.Инчунин, тибқи маълумот қариб 1400 ҳолати риоя нагардидани муҳлати баррасии парвандаҳо ба қайд гирифта шудааст [68].

Азбаски самаранокии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ аз ҳисси масъулият, омодагии касбӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти амалишавии адолати судӣ вобастагӣ дорад, бинобар ин, ба андешаи мо, баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии судяҳо бояд такмили ихтисоси онҳо пайваста роҳандозӣ шавад, ки ба дарки дурусти мазмуни қоида ва мафҳумҳои ҳуқуқии мурофиавӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти қоида ва амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҷараёни анҷом дода шудани онҳо ва умуман, зуҳуроти ҳуқуқӣ, ки дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён меоянд, мусоидат намояд. Дар раванди такмили ихтисос бояд мазмун ва сохтори таркибии меъёрҳои ҳуқуқ, унсурҳои он, ба ҳам алоқамандӣ ва пайдарҳам ҷойгир шудани унсурҳои таркибии онҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шаванд, ки бо татбиқи оқилона ва дақиқи онҳо адолати судӣ амалӣ гардад [233, с. 4].

Аз ин рӯ, бо роҳи таҳлили ҳуқуқӣ, ки яке аз тарзҳои маъмули таҳқиқот аст, ки дар ҷараёни он мавзуи таҳқиқоти мо – шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба ҷузъ ва ё сохторҳои таркибии алоҳида (аз рӯйи пайдарҳамӣ, павастагӣ, нишона, сифат, хусусият, аҳаммият, таркиб, мазмун ва ғ.), лекин ба ҳам пайваста, аввал ҷудо аз ҳамдигар, баъд якҷоя омӯхта шуда, ба аҳаммият ва алоқамандии онҳо дар ягонагӣ баҳо додан муҳим аст.

Аз ин ҷост, ки андешаҳои муаллифон атрофи моҳият ва аҳаммияти «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» гуногун аст. Муаллифон шартҳои алоҳидаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятиро мавриди таҳлил қарор дода, хулосаҳои худро ҷиҳати амалишавии шартҳои алоҳидаи муҳокимаи судӣ ҷамъбаст мекунанд, ки ин кофӣ нест.

Олими ватанӣ Р.Р. Раҳмадҷонзода оид ба амалишавии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо ибрози ақида кардааст, ки новобаста аз дар сатҳи меъёрӣ ба сифати принсипи мурофиаи ҷиноятӣ (м.20 КМҶ ҶТ) ва яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудани мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (м.277 КМҶ ҶТ), воқеан, ҳоло мурофиаи судии ҷиноятӣ (вобаста ба функсияҳои мурофиаи ҷиноятӣ -айбдоркунӣ, ҳимоя ва адолати судӣ) ҳам дар марҳилаҳои тосудӣ ва ҳам судӣ дар шакли омехта амалӣ мешавад [238, с. 27].

Дар робита ба ин масъала, З.Ҳ. Искандаров ва А.И. Иноятова иштироки судшавандаро дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, хусусан дар доираи шарти умумии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (м.277 КМҶ ҶТ) бевосита ва ошкоро баргузор шудани мурофиаи судӣ (м.м.272, 273 КМҶ ҶТ) мавриди таҳлил қарор дода, васеъ карда шудани имкониятҳои иштирокчиёни мурофиаи судиро муҳим медонанд [278, с. 37-45].

Муҳаққиқи дигар О.Т. Тоҳирзода дар натиҷаи таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, баррасии судии ҷиноятҳои начандон вазнинро чун кирдорҳои камаҳаммият ва бехавф қобили пешбурди суръатнок дониста, барои баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо модели «пок» мубоҳисавӣ татбиқи қоидаҳои марҳилаи омодагӣ ва таъини муҳокимаи судиро пешбарӣ кардааст [423].

Ақидаи дигари ҷолибро оид ба ҳамин масъала А.Э. Раҳматулоев ва К.Т. Мухторов қайд мекунанд, ки «муҳокимаи судии парвандаи

ҷиноятӣ бо риоя ва иҷрои шартҳои умумии муқарраркардаи қонун баргузор мешавад, яъне принсипи қонуният «ҷамъи қоидаҳои мурофиавии судиро» ҳамчун «шартҳои умумӣ» муттаҳид кардааст [183, с. 142-143]. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муҳаққиқи дигар Е.Б. Гришина ҳам андеша дорад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ талаботи аз принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои он ёрӣ мерасонанд» [271, с. 47-50].

Дар бораи асос ва шартҳои баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои махсусан вазнин дар ғоибии судшаванда муаллифи дигар Л.М. Фатыхова андеша дорад, ки: «дар ғоибии судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро шарти умумӣ донистан иштибоҳ аст, чунки ин қоидаи «умумӣ» нест, балки «истисно» аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ буда, танҳо дар баъзе мавридҳои пешбиникардаи қонун раво дониста мешавад» [424].

Тавре мушоҳида мешавад, фикру андешаҳои муаллифон оид ба моҳият (манбаъ)-и ҳуқуқӣ доштани «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» ягона аст, лекин нисбати мафҳум ва аҳаммияти «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» хулосаҳои муҳаққиқон дар пайвастагӣ ва омехта бо ҳадаф, принсипҳо ва салоҳияти мақомоти пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад.

Ба назари мо, ба таҳлили мафҳуми «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бояд аз сохтори таркибии он шуруъ кунем, пас маълум мешавад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мафҳуми бисёрҷабҳа буда, фарогири якчанд талаботи меъёрӣ аст:

- шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷамъи қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ иборатанд;

- ин қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро қонун муқаррар карда, риоя ва иҷрои онро барои тамоми иштирокчиёни мурофиа талаботи ҳатмӣ медонад;

- қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо мақсади танзими муносибатҳои мурофиавии суд ва иштирокчиёни маҷлиси судӣ ҷорӣ шудаанд;

- мазмуни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро доираи салоҳияти суд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни маҷлиси судӣ ташкил додааст;

- муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар сурати ҷой доштан ё ошкор шудани ҳолатҳои воқеӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбад ё қатъ мешаванд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, мазмун ва моҳияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ки тартиби иҷрои амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавиро дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар кардааст. Бинобар ин, таъмини иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ яке аз ҳадафҳои муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мебошад.

Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз доираи фаҳмиши «маҷмуи қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ» фаротар меравад. Онҳо уҳдадории мустақими давлат ва кафолати расмии таъмини адолати судиро дар бар мегиранд. Дар ин замина, татбиқи принсипҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар ягонагӣ амалӣ гардида, ҷараёни маҷлиси судӣ бояд бо риояи беғаразӣ ва ҳаққоният таъмин карда шавад. Ин шароит имкон медиҳад, ки тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда имкониятҳои баробар барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи ҳолатҳои парвандаро истифода баранд.

Лекин, ин қоидаҳо бо мурури замон батадриҷ ва пайваста такмил меёбанд. Дар қиёс, вобаста ба муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва талаботи замони муосир дар КМҶ Ҷумҳурии Белорус муҳокимаи махсуси пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ (аз ҷумла муҳокимаи судӣ) нисбати айбдоршавандае (судшаванда), ки бо мақомоти таъқиби ҷиноятӣ

созишномаи ҳамкорӣ барои мусоидат дар кушодани ҷиноят дорад, пешбинӣ шудааст (м.468-11) [48]. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия муҳокимаи дастаҷамъонаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо иштироки машваратчиёни савгандёдкарда ҷорӣ карда шудааст (КМҶ ФР,боби 42) [47].

«Хусусият ва раванди рушди қоидаҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ ва заминаҳои ташаккулёбии онҳо дар як қатор таҳқиқоти олимони ватанӣ ҳам мавриди таҳлил қарор гирифта, хулосаҳои ҷолиби назариявӣ пешниҳод гардидаанд» [308, с. 464-469; 241; 186; 184], лекин муҳокимаи ин падидаҳои ҳуқуқӣ, вобаста аз тағйирот дар ҳаёти ҷомеа ва қонунгузорӣ хотима намеёбанд. Бинобар ин, мазмун ва моҳияти меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро муқаррар мекунанд, яке аз масъалаҳои ҳалталаби назария ва амалияи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ гаштааст.

Дар ин раванд қабул ва ҷорӣ шудани қонун, инчунин муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, муайян шудани меъёрҳои муайяни рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ маънои онро надорад, ки тамоми масъалаҳои пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ ва муносибатҳои иштирокчиёни он дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ пурра танзими ҳуқуқии худро ёфта бошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар танзими ҳуқуқӣ ҳолатҳои духӯра, нофаҳмо ё бо ихтилофи мазмун ифода шудани меъёрҳо [264, с. 16-30] дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба ҳолатҳое оварда мерасонад, ки аз вайронкунии меъёри ҳуқуқӣ, риоя ва иҷро нашудани шарту қоидаҳои мурофиаи судӣ гувоҳӣ медиҳанд ва онҳо боиси маҳдуд шудани ҳуқуқи иштирокчиёни муносибати ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба вайрон шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мегарданд [131, с. 245; 243, с. 16-17].

Аз ҷониби дигар, омӯзиш ва таҳлили раванди риоя ва иҷрои шартҳои умумии мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз он шаҳодат

медиҳад, ки баъзе масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, бинобар ҷой доштани ихтилоф ва зиддияти мазмуни баъзе аз меъёрҳо ба амалӣ шудани адолати судӣ халал мерасонад [243, с. 15] ё ин ки масъалаҳои мурофиавӣ нодуруст ҳал карда мешаванд [22], ки аҳаммияти шартҳои умумии мурофиаи судиро бемазмун ё зоҳирӣ мегардонанд.

Дар ин хусус Р.Р. Раҳмадҷонзода «назария ва амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро таҳлил намуда, барои бартараф шудани муаммоҳои ҷойдошта ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар [243, с. 16], таҳия ва татбиқи Стратегияи мукаммалнамоии фаъолияти мақомоти тафтишотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2028, инчунин чораҳои мушаххаси азнавсозӣ, банизомдарорӣ, мураттабсозӣ, мукаммалсозӣ, таснифсозии меъёрҳои мурофиавии ҷориро пешниҳод ва асоснок кардааст» [412, с. 22-23].

Бешубҳа, фикру андешаҳои муаллифонро таҳлил ва ҷонибдорӣ карда, дар айни замон оид ба аҳаммият ва масъалаи риоя ва иҷрои шартҳои умумии мурофиаи судии ҷиноятӣ, илова кардан зарур аст, ки такмил дода шудани онҳо, пеш аз ҳама, талаботи амалияи татбиқи ҳуқуқ ва зарурати ногузири таъмини адолати судӣ вобаста ба талаботи замони муосир аст.

Аз ин хотир, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ба мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ ва амалишавии онҳо, ба тартиб ва ҷараёни иҷрои амалҳои тафтишию судӣ, ба масъалаҳои татбиқи меъёрҳо аз нуқтаи назари олимон-ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, бо назардошти амалияи судию тафтишотӣ баҳо дода шавад.

Муҳаққиқон, олимони маъруфи соҳа, аз ҷумла И.Л. Петрухин, В.П. Нажимов, С.Ю. Якушин «шартҳои умумии муҳокимаи судиро» ҳамчун

принсипҳои хосаи марҳилаи судии мурофиаи ҷиноятӣ инкор карда, қайд кардаанд, ки онҳо талабот, хусусият ва моҳияти танҳо ҳамин марҳиларо инъикос карда, аз мазмун ва талаботи принсипҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ бармеоянд [322, с. 80; 317, с. 160; 246, с. 30]. Лекин, муҳаққиқони дигар ақидаи қаблан мавҷударо, ки «шартҳои умумӣ» принсипҳои хосаи марҳилаҳои ҷудогонаи мурофиаи ҷиноятӣ аст, ҷонибдорӣ карда буданд [381, с. 29].

Дар робита ба ин мавзуъ, олимон қайд мекунанд, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ «принсипҳои хосаи марҳилаи судии мурофиаи ҷиноятӣ» эътироф намешаванд, чунки онҳо тамоми муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро дар бар нагирифта, дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳатман амал намекунанд, бинобар ин, онҳо хусусияти фарогири тамоми марҳилаҳои мурофиавиро надоранд [97, с. 216-226]. Аз ин ҷост, ки «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъи қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ мефаҳмонанд, бинобар ин муаллифон ба шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва мазмуну моҳияти он дар доираи мазмун ва талаботи принсипҳои умумиҳатмии адолати судӣ ё алоқамандӣ бо онҳо баҳо медиҳанд» [241].

Олимони ватанӣ З.Ҳ. Искандаров, Н.А. Қудратов, А.Э. Раҳматулоев ақидаи асоснокро пешбарӣ мекунанд, ки «шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ талаботи хосаи мурофиаанд, ки барои воқеан риоя ва иҷро шудани меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар марҳилаи судӣ *шароит* муҳайё намуда, тибқи хусусиятҳои меъёрии худ амалӣ шудани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро таъмин менамоянд» [283, с. 42-57; 125, с. 68-69; 179, 386; 144, с. 348] .Мавриди зикр аст, ки воқеан, «шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бояд *талабот ва хусусияти хосаи марҳилаи судии ҷиноятӣ* дониста шаванд, ки барои амалӣ шудани принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ дар ҳамин марҳила шароит муҳайё мекунанд.

Илова ба ин хулосаҳо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ чун ҷузъи таркибии принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ баромад мекунанд. Бинобар ин, чунин талабот бояд на танҳо ҳангоми моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал (дар як марҳила) амалӣ шавад, балки доираи амали ин шартҳо бояд дар муҳокимаи судии масъалаҳои дигари марбут ба парвандаи ҷиноятӣ, дар марҳилаҳои тосудӣ ва ҳам дар марҳилаҳои истисноии мурофиаи ҷиноятӣ (кассатсионӣ ва назоратӣ) паҳн гардад.

Дар муқоиса бо ин андешаҳо, меъёрҳои КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон (боби 40) шартҳои умумиро ба баррасии моҳиятии парвандаи ҷиноятӣ ва «маҷлиси асосии судӣ» вобаста менамоянд [49]. Аммо таҳлили амалияи мурофиавӣ нишон медиҳад, ки риоя ва татбиқи чунин шартҳо на танҳо дар марҳилаи баррасии моҳиятии парванда, балки дар дигар ҷаласаҳои судӣ низ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, ҳангоми баррасии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оид ба интихоб ё дароз намудани муҳлати чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан, инчунин дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ (м.м. 150, 151, 446–447, 467 КМҶ ҶҚ) талаботи умумии муҳокимаи судӣ амалӣ мегарданд.

Аз ин лиҳоз, ба назари мо, маҳдуд намудани шартҳои умумӣ танҳо ба баррасии моҳиятии парвандаи ҷиноятӣ ё «маҷлиси асосии судӣ» аз нигоҳи назариявӣ дуруст нест. Қонунгузорӣ талаботи марбут ба муҳокимаи судиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамояд ва маҳз ҳамин фарогирӣ ба онҳо хусусияти «умумӣ» мебахшад.

Бинобар ин, бо мавқеи он муаллифоне, ки шартҳои умумии муҳокимаи судиро танҳо ҳамчун «хусусиятҳои фарқкунандаи» як марҳилаи муайяни мурофиаи ҷиноятӣ арзёбӣ мекунанд [220, с. 241], мувофиқат кардан имконпазир нест, зеро чунин шарҳ моҳияти умумифарогири ин институтро маҳдуд менамояд.

Дар муқоиса, меъёрҳои КМҶ Федератсияи Россия (боби 35) шартҳои умумии муҳокимаи судиро ба ҳамаи намудҳои мурофиаи судӣ ва ба тамоми марҳилаҳои он татбиқ менамоянд. Ин талабот ҳатто ба марҳилаи шунидани пешакии парвандаи ҷиноятӣ (м. 234 КМҶ ФР), ки пеш аз баррасии моҳиятии парванда бо иштироки тарафҳо баргузор мегардад, паҳн мешавад. Илова бар ин, дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ салоҳияти «ёрдамчии судя» (м. 244(1) КМҶ ФР) пешбинӣ шудааст, ки ба раисикунандаи маҷлиси суд дар масъалаҳои ташкилии баргузорӣ, ҷиҳатҳои техникӣ ва расмиёти ҳуҷҷатгузории мурофиавӣ кумак мерасонад, вале ҳуқуқи ҳал намудани масъалаҳои мурофиавиро надорад [47]. Меъёри шабеҳ дар КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон (м. 270) низ вобаста ба нақши пристави судӣ муқаррар шудааст [50].

Аз ин бармеояд, ки агар меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ рафтори иштирокчиёни мурофиаро дар тамоми марҳилаҳо танзим намоянд, пас шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳамчун кафолати муҳими ҳифзи судӣ хизмат мекунанд. Онҳо замина фароҳам меоранд, ки қоидаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ пайдарҳам, мақсаднок ва боэътимод татбиқ гардида, муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба таври низомманд ва самаранок анҷом дода шавад. Олимон В.М.Савитский, В.А.Туманов, П.М. Филиппов, В.А. Лазарева ибрози ақида доранд, ки ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ (чун принсипи мурофиаи ҷиноятӣ), кафолати таъмини он дар шакли муносибати ҳуқуқӣ бо риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ мешаванд. Агар мазмуни муносибати ҳуқуқиро ҳуқуқу уҳдадории тарафҳо ташкил диҳад, пас дар ин муносибат ҳуқуқи шахсро давлат дар симои мақомоти судӣ бояд тибқи тартибу шартҳои муқарраркардаи қонун таҳти ҳимоя қарор диҳад [194, с. 316-18].

Ба андешаи мо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ пайдарҳамии риоя, иҷро ва татбиқи бамаврид меъёрҳои мурофиавиро пешбинӣ

карда, ба амалишавии принсипҳои конститутсионии адолати судӣ, иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ноил гаштан ба ҳадафҳои он дар мурофиаи судӣ хизмат мекунад.

Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки *риоя ва иҷрои ҳатмии* тамоми шартҳои муҳокимаи судиро қонун дар ҳама ҳолатҳои баргузории маҷлиси суд зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар накардааст. Баъзе аз шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Масалан, м.м. 277, 278 КМҶ ҶТ имконияти бозпурсӣ ва қатъ карда шудани пешбурди судии парвандаи ҷиноятиро танҳо дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои муайянкардаи қонун пешбинӣ кардааст, ки онҳо *асоси воқеии* татбиқи ин қоидаҳо дониста мешаванд.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ унсури муҳими танзими мурофиаи ҷиноятӣ буда, татбиқи онҳо дар шароити мушаххаси мурофиавӣ ва тибқи расмиёти қонунӣ имконпазир мегардад. Вазифаи онҳо фароҳам овардани замина барои ҳаллу фасли одилона, асоснок ва қонунии масъалаҳои мавриди баррасии суд мебошад.

Аз ҷиҳати моҳият, ин шартҳо дорои хусусияти расмӣ-ҳуқуқӣ буда, дар низоми қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафолати давлатии амалисозии адолати судӣ муқаррар гардидаанд. Риояи онҳо барои тамоми иштирокчиёни мурофиа ҳатмӣ аст.

Мазмуни шартҳои умумӣ маҷмӯи қоидаҳои рафтор, доираи ҳуқуқу уҳдадориҳо ва механизми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад. Муносибатҳои мурофиавӣ дар аксари ҳолатҳо аз санадҳои мурофиавии суд, аз ҷумла қарор ва таъиноти суд, вобаста мебошанд [183, с. 24].

Бо вуҷуди ин, татбиқи чунин санадҳо набояд боиси маҳдудсозии худсаронаи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиён гардад, зеро риояи ин талабот шарти муҳими таъмини адолати судӣ мебошад. З.Ҳ. Искандаров ба ин масъала диққат дода, қайд мекунад, ки баҳри рушди ҳуқуқи ҳар як

шахс ба ҳифзи судӣ ва принсипи ба ҳар шахс дастрас будани адолати судӣ, хусусан ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ба онҳо бояд имкониятҳои зерин дода шаванд:

а) дарҳол ҳозир карда шудани шахси гумонбаршуда (дастгиршуда) ба мақомоти судӣ ва баргузории мурофиаи судӣ;

б) ҳуқуқ ба баррасии одилонаи судӣ дар муҳлати оқилона ва имконияти озод кардан аз ҳабс;

в) ҳуқуқ ба хомушӣ (маълумот ё нишондод надодан);

г) ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва шароите, ки зӯроварӣ, шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсониро истисно мекунад [131, с. 322]. Албатта андешаҳои муаллиф ҷоизи дастгирӣ мебошанд, аз ҷониби дигар илова кардан мумкин аст, ки чунин имкониятҳо аз қоидаҳои умумиэътирофшудаи мурофиаи судии ҷиноятӣ бармеоянд ва мувофиқи мақсад аст, ки онҳо дар м.м. 46-47 КМҶ ҶТ дақиқ пешбинӣ карда шаванд.

Олимони ватанӣ А.М.Диноршоев, У.А. Азиззода, М.Н. Обидова қайд мекунанд, ки «қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ заминаҳои таърихӣ дошта, дар замони муосир кафолатҳои давлатиро, ки иштироки шаҳрвандонро дар баамалбарории адолати судӣ таъмин менамоянд, фаро гирифтааст ва бояд такмил дода шавад» [253, с. 15-21]. Аз ҳамин мавқеъ қайд мешавад, ки «ҳуқуқи шаҳрвандон ба иштирок дар амалӣ гардидани адолати судӣ бояд ба сифати *соҳаи мустақили ҳуқуқ* ҷудо карда шавад ва ба моддаи 27 Конститутсияи ҷумҳурӣ муқаррарот бо мазмуни: «Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар баамалбарории адолати судӣ иштирок намоянд» ворид карда шавад» [274, с. 76-83].

Ба назари мо, нуқтаи назари муаллифонро оид ба такмил дода шудани меъёрҳои конститутсионии адолати судӣ дастгирӣ кардан мумкин аст, лекин дар меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дақиқи таъмин

шудани кафолатҳои конститутсионӣ (мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро баргузор шудани маҷлиси судӣ, иштироки машваратчиёни халқӣ ва ғайраҳо) муайян ва дар амал татбиқ гашта истодааст. Аз ин рӯ, асос ва зарурати ба соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо кардани иштироки шаҳрвандон дар баамалбарории адолати судӣ мавҷуд нест.

Дар ин маҷро қайд кардан зарур аст, ки аз ҷониби муаллифон иштироки шаҳрвандон дар баамалбарории адолати судӣ ба таври умумимурофиавӣ баён шудааст [182, с. 12]. Агар ба қоидаҳои ҷорӣ эътибор диҳем, шакли дақиқи иштироки шаҳрвандонро дар баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян кардан мумкин аст, ки дар муносибатҳои мурофиавӣ ифодаи мушаххастари худро доранд:

а) иштироки намояндагони аҳли ҷомеа ба сифати машваратчиёни халқӣ (м.м. 34, 275 КМҶ ҶТ) кафилон, васӣ, парастор, гаравсупоранда, шахсони сазовори эътимод, инчунин намояндагони муассисаҳои махсуси кӯдакон, намояндаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилоти истифодаи манзил, молики молу мулк ё ба дигар шахсоне, ки барои таъмини нигоҳдошти молу мулк мутассаддӣ мешаванд;

б) иштироки шаҳрвандон ба сифати тарафҳо (тарафи ҳимоя ва айбдоркунанда) (м.6 КМҶ ҶТ) ва хешовандони наздики онҳо;

в) иштироки шаҳрвандон ба сифати намояндагони қонунӣ м.м.6,45,48 КМҶ ҶТ);

г) иштироки шаҳрвандон ба сифати ҳимоятгар (м.49 КМҶ ҶТ);

д) иштироки шаҳрвандон ба сифати шоҳид, шахсони холис, тарҷумон, мутахассис, эксперт ва ғайраҳо;

е) иштироки васеи аҳли ҷомеа дар муҳокимаи судӣ оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ (м.м.291-292 КМҶ ҶТ).

Масъалае, ки диққатро доир ба моҳияти ҳуқуқии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ талаб мекунад: суд, судя, тарафҳо ва иштирокчиёни дигари мурофиаи судӣ дар кадом мавридҳо ба муносибати ҳуқуқӣ ҷалб

гашта (?), дар кадом мавридҳо ба амалӣ гаштани ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавӣ имконият ва ё масъулият, салоҳият пайдо мекунанд (?) ва дар кадом мавридҳо муносибати онҳо дар доираи амали шартҳои умумии муҳокимаи судӣ қарор мегиранд?

Аз нигоҳи мо, суд дар ҳама марҳилаҳои мурофиа иштирокчии фаъоли мурофиаи ҷиноятӣ аст, хусусан дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки боиси маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон мешаванд. Лекин, тарафҳо ва иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ дар муносибатҳои мурофиавии судӣ бо тартиби муайянкардаи қонун, ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои муайян ва маълум шудани ҳолати ҳуқуқии онҳо иштирок мекунанд. Иштироки онҳо аз қарори мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вобаста аст.

Айни замон, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ эътироф гаштааст, ки асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятиро «фактҳои юридикӣ» (ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта) ташкил медиҳанд [288, с. 76-86]**.** Ин гуна ҳолатҳо аз лаҳзаи гирифтани маълумот дар бораи содир шудани ҷиноят, ошкор шудани аломати ҷиноят, оғози пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ боиси муносибатҳои мурофиавӣ мешаванд. Онҳо, мумкин аст, ҳангоми муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ муайян шаванд ва метавонанд ба раванди маҷлиси суд, ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъсир расонанд. Чунки ҳамаи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ якбора ва якҷоя дарҳол иҷро намешаванд. Риоя ва иҷрои онҳо низ аз мавҷудияти ҳолатҳои муайянкардаи қонун ё «фактҳои ҳуқуқӣ» вобаста мебошанд.

Вобаста ба талаботи меъёри ҳуқуқӣ хуб мешуд, ки ба шарҳи ин истилоҳот эътибор дода, «фактҳои юридикӣ» ё «фактҳои ҳуқуқӣ»-ро чун ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта эътироф намоем. Чунки ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта, ҷузъи зуҳуроти иҷтимоию табиӣ, ҳодиса,

ҳолати муайян, маврид, вазъиятеро дар бар мегиранд, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гаштани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ мегарданд. Яъне, сухан дар бораи «ягон зуҳуроти иҷтимоию табиӣ, ҳодиса, ҳолати муайян, маврид, вазъияте» меравад, ки мавҷудияти он ва ё мавҷуд набудани онҳо ба амалӣ шудани меъёри ҳуқуқӣ на танҳо таъсир, балки асоси воқеӣ дониста мешаванд. Масалан, мавҷудияти аломати ҷиноят дар амал ё ҳодисаи рухдода, синну соли муқарраркардаи қонун, беморӣ, рафтори муайян, ҳодисаи табиӣ ва ғайраҳо, ки дар вақти муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ муайян мешаванд. Дар аксари меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷудияти чунин маврид, ҳолат ё вазъият ҳамчун «асоси воқеии» пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳо нишон дода мешаванд [182, с. 15]. Масалан, дар м.м.27-30,288 КМҶ ҶТ ҳолатҳое номбар шудаанд, ки боиси қатъ гаштани муносибатҳои мурофиавӣ мегарданд; асосҳои интихоб ва татбиқ гаштани чораҳои маҷбурии мурофиавиро м.м. 102, 280, 289 КМҶ ҶТ пешбинӣ кардааст.

Ҳамин тавр, ба ҳам вобастагӣ ва пайвастагии татбиқшавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятиро бо асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеии амалишавии онҳо муайян кардан мумкин аст:

1. Асосҳои *ҳуқуқии* амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

- дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани тартиби умумиҳатмии риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ;

- дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани салоҳияти суд, судя оид ба риоя, иҷро ва татбиқи қоидаҳои мурофиавӣ, ки аз талаботи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ бармеоянд;

- дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани ҳадди салоҳияти суд, судя оид ба таъмини кафолатҳои мурофиавӣ, иҷрои амал, ҳалли масъала ва қабули санадҳои мурофиавӣ, ки дар доираи талаботи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ қарор доранд;

- дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани номгӯи ҳолатҳое, ки мавҷудияти онҳо зарурати риоя, иҷро ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судиро ба миён меоранд.

2. Асосҳои *воқеии* амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

- муайян шудани мавҷудияти ҳолатҳое, ки мавзуи исботро ташкил медиҳанд;

-муайян шудани мавҷудияти ҳолатҳое, ки дар ҳалли масъалаҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд;

- мавҷуд набудани ҳолатҳое, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеъ мешаванд (м.м. 262, 263 КМҶ ҶТ).

Лекин, дар меъёрҳои мурофиавӣ, аксари ин гуна ҳолатҳо ба таври умумӣ, бе номбар шудани ягон ҳолати мушаххас пешбинӣ шудаанд ва факти ҳуқуқӣ дониста шудани онҳо ба салоҳияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вогузор шудааст. Масалан, дар м.287 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки «агар дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ҳолатҳои нави қаблан номуайян ва барои парванда муҳим ошкор шуда бошанд, ки тафтиши онҳо дар маҷлиси суд бе тафтиши иловагӣ имконнопазир аст, суд, судя метавонад бо ташаббуси худ ё дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонад» [4].

Саволи муҳиме ба миён меояд: оё ҳолатҳое, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври мустақим ва мушаххас зикр нашудаанд, вале ҳамчун «ҳолатҳои нави қаблан номуайян ва барои парванда муҳим» муайян мегарданд, метавонанд ҳамчун факти ҳуқуқӣ эътироф шаванд?

Дар доираи моддаи 287 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан дар бораи мавзӯи исбот меравад, ки асосҳои он дар моддаҳои 85 ва 90 ҳамин Кодекс муқаррар гардидааст. Аз ин лиҳоз, ҳолатҳое, ки бевосита дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ нашудаанд, одатан ҳамчун ҳолатҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ (факти ҳуқуқӣ) эътироф намегарданд.

Бо вуҷуди ин, аз ин қоидаи умумӣ истисноҳо низ вуҷуд доранд. Масалан, ҳангоми таъини ҷазо суд метавонад ҳолатҳои дар қисми якуми моддаи 61 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининашударо ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо баҳо диҳад. Баръакс, ҳангоми таъини ҷазо суд ё судя ҳуқуқ надорад ҳолатҳое, ки дар моддаи 62 ҳамин Кодекс зикр нашудаанд, ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо эътироф намояд.Муаллифон А.Э. Раҳматулоев, Ф. Рачабов, М.К. Абдуллоева низ қайд кардаанд, ки «дар м.92 КМҶ ҶТ ғайр аз ҳолатҳои дар қисми якум пешбинӣ шуда, ки «асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят мавҷуд бошанд» нишон дода шудааст, ки мавҷудияти ҳолатҳои дигари (номуайяни) дар қонун пешбинӣ нашударо ифода мекунад» [332, с 52-57; 336, с. 155-160]. Дар қисми дуюми м. 224 КМҶ ҶТ низ пешбинӣ шудааст, ки «ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани айбдоршаванда ё судшавандаро номумкин месозад» сабаби узрноки бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя ҳозир нашудани айбдоршаванда ё судшаванда эътироф мешаванд» [4].

Агар таҳлили масъала идома дода шавад ва ба исбот гардидани «сабабу шароити содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок» (м. 85 КМҶ ҶТ) таваҷҷуҳ зоҳир гардад, равшан мегардад, ки омилҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат намудаанд, на танҳо қисми мавзуи исботро ташкил медиҳанд. Бартарафсозии саривақтии чунин сабабу шароит метавонад ҳамчун воситаи муҳими пешгирии ҷиноятҳои минбаъда хизмат намояд. Аз ин рӯ, дар ҳолате ки ин гуна омилҳо ҳамчун «сабабу шароити содир шудани кирдори хавфнок» эътироф ва исбот гардидаанд, чораҷӯии фаврӣ нисбат ба онҳо аҳамияти калидӣ дорад. Бинобар ин, ҳангоми исботи онҳо ҳолатҳое ошкор мешаванд, ки дар меъёри ҳуқуқӣ бевосита номбар нашудаанд, лекин дар шакли ҷамъ «сабабу шароити содир шудани ҷиноят» эътироф мешаванд, масалан:

«а) ҳолатҳое, ки сабаби пайдоиш ва ташаккули ақида ва назари зиддиҷамъиятии (фардӣ) айбдоршаванда, судшаванда гаштаанд;

б) ҳолатҳое, ки дар ҷараёни он ақида, мавқеъ, нуқтаи назари фардӣ пайваста ба пайдоиши ангезаи ҷиноятӣ мубаддал гаштааст, шахсро барои аз рӯйи ҳамин ақида ба амал кардан водор кардааст;

в) ҳолатҳое, ки боиси ба вуҷуд омадани шароити мусоид ба содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок гаштаанд»[4].

Бо ҳамин мазмун дар м.425 КМҶ ҶТ «таъсири шахсони калонсол ва ноболиғони дигар» ҳамчун ҳолате, ки оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон бояд исбот шавад, пешбинӣ шудааст.

«Таъсиррасонӣ» дар шакл зоҳир намешавад, зеро ки ҷамъи ҳолатҳо мавҷуданд, ки ба рафтори ноболиғ таъсир расонида, ба бедор кардани ҳисси бадбинӣ, нафрат ва хашму ғазаб ва дар ниҳоят содир кардани кирдори хавфнок шароити мувофиқ ба вуҷуд меорад. Дар амалияи мурофиавӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба ноболиғон зарур аст, ки ҳамаи шаклҳои таъсиррасонӣ ва роҳҳои ҷалби онҳо ба содир намудани кирдори хавфнок пурра муайян ва исбот карда шаванд. Зеро, сарфи назар аз он ки на ҳамаи чунин шаклҳо дар қонун ба таври мушаххас пешбинӣ шудаанд, нодида гирифтани онҳо метавонад ба якҷониба будани тафтишот ва муҳокимаи судӣ оварда расонад.

Агар ноболиғ дар натиҷаи рафтори зиддиҳуқуқӣ ё иғвогаронаи калонсол ба ҷиноят даст зада бошад, суд ҳуқуқ дорад ин ҳолатро ҳамчун омиле, ки ҷавобгариро сабуктар месозад, ба инобат гирад (м. 61 КҶ ҶТ). Ҳамчунин, дар ҳолати мавҷуд будани маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, ё вобастагии гуногун аз шахси калонсол, суд бояд хусусияти чунин таъсир ва дараҷаи ҷалби ноболиғро мушаххас намояд.

Чӣ хеле ки дида мешавад, ҳолатҳои номбаршуда дар шакли ҷамъ «ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта»-ро ташкил дода (м.72 КМҶ ҶТ) исботи онҳо дар ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ хеле муҳимманд.

З.Ҳ. Искандаров оид ба ин масъала диққат дода менависад, ки «масъалаҳое, ки то ҳол дар доираи танзими ҳуқуқӣ қарор надоранд, минбаъд ҳам тибқи мутобиқати онҳо ба волоияти ҳуқуқ ва адолат то муайян шудани меъёри ҳуқуқии онҳо ҳал карда мешаванд» [131, с. 18].

Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки дар асоси ошкор ё муайян шудани чунин ҳолатҳо пешбурди судӣ низ тағйир меёбад ва аз рӯйи талаботи яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ қарор ва ё таъиноти дахлдор қабул мешавад. Яъне, ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта на танҳо асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гаштани муносибатҳои мурофиавӣ, балки асоси татбиқ гаштани меъёрҳои мурофиавӣ ва моддӣ дониста мешаванд, ки дар доираи амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ қарор мегиранд.

Ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта ё факти ҳуқуқӣ эътироф шудани ҳолатҳои номбаршуда аз хулоса ва ё қарори мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вобаста аст. Лекин, ба андешаи мо, ҳолатҳои дар қонун пешбинӣ ё дақиқ номбарнашуда, он гоҳ бояд аҳаммияти ҳуқуқӣ пайдо кунанд, агар суд, судя ба хулоса ояд, ки:

- дар асоси ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ нашуда, лекин, воқеан, мавҷуда, зарурати танзими муносибати ҳуқуқӣ пайдо мешаванд ё ва зарурати баҳодиҳӣ ба онҳо аз ҷониби суд, судя ба миён меояд;

- ҳалли масъалаи мурофиавӣ дар асоси чунин ҳолатҳо барои расидан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ муосидат менамоянд ва ба ин ҳадаф мувофиқ мебошанд;

- ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мухолиф нестанд ва иҷро шудани вазифаҳои мурофиавии ҷиноятиро таъмин мекунанд;

- ҳалли масъалаи мурофиавӣ дар асоси чунин ҳолатҳо яке аз талаботе мебошад, ки аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ бармеояд;

- ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ нашуда, лекин, воқеан, мавҷуданд, на танҳо боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани

муносибатҳои мурофиавӣ мегарданд, балки амалӣ шудани (риоя, иҷро ва ё татбиқи) шартҳои умумии муҳокимаи судиро ногузир мегардонанд.

Ғайр аз ин, дар меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ номбар карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро ғайриимкон медонем. Барои ҳалли масъала дар фаъолияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва беҳтар кардани сатҳу сифати муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, тафсири асосноки мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, инчунин баҳри бартараф карда шудани мухолифати меъёрӣ, коркард ва мавриди амал қарор додани тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳрири нави қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст.

Саволе боқӣ мемонад, ки оё суд, судя уҳдадор аст, ки ин гуна ҳолатҳоро ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ муқаррар намояд ё бо далелҳо исбот шудани онҳоро мавриди тафтиши судӣ қарор диҳад? Албатта, тибқи м. 21 КМҶ ҶТ тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ба зиммаи прокурор, таҳқиқбаранда ва муфаттиш вогузор шудааст. Суд, судя холисӣ ва беғаразиро риоя намуда, дар таҳқиқи пурраи ҳолатҳои парванда барои амалӣ намудани ҳуқуқи тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, П.А.Лупинская низ дар навбати худ қайд менамояд, ки дар марҳилаи маҷлиси судӣ як қатор амалҳои мурофиавии судӣ, ки дорои мақсади ягона мебошанд, бо ташаббуси суд, судя иҷро мешаванд. Мақсад аз онҳо, менависад П.А.Лупинская ин муқаррар намудани риоя шудани шартҳои қонунии баррасии ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, тадқиқ ва баҳодиҳӣ ба далелҳо ва ниҳоят таъмин кардани қабули ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона аз рӯйи парванда мебошад [150, с. 233].

Вокеан, суд дар ҷараёни пешбурди судӣ, тибқи м.м. 311-327 КМҶ ҶТ амалҳои тафтиширо бо мақсади ҷамъ овардан, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба

далелҳо мегузаронад, ки аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ бармеояд. Яъне, далелҳое, ки мақомоти таъқиби ҷиноятӣ барои асоснок кардани айбдории судшаванда ҷамъ овардааст, аз ҷониби суд, судя бо иштироки тарафҳо маротибаи дигар мавриди санҷиш (қобили қабул, дахлдор, аниқ ё боэътимод, кофӣ будани онҳо) қарор дода мешаванд. Амалҳои тафтишотие, ки суд анҷом медиҳад, тибқи қоидаҳои умумии муайянкардаи қонун иҷро мешаванд ва дар адабиёти ҳуқуқӣ онҳо ба таври умумӣ «амалҳои судӣ» низ номида шудаанд [299, с. 164]. Лекин, ин ҷо фарқият ҷой дорад. Фарқият аз амалҳои тафтишии марҳилаҳои тосудӣ дар он аст, ки:

а) ин амалҳо аз ҷониби суд дар рафти маҷлиси судӣ гузаронида мешаванд;

б) ин амалҳо аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо ва дар ҳузури иштирокчиёни дигар анҷом дода мешаванд;

в) ин амалҳо дар пайдарҳамие, ки тарафҳо ва суд муайян кардаанд, гузаронида мешаванд;

г) дар натиҷаи ин амалҳо на танҳо далелҳои ҷамъовардашуда санҷида баҳо дода мешаванд, балки қонунӣ ва асоснокии пешбурди парванда аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда ё прокурор низ мавриди таҳқиқи судӣ қарор мегирад;

д) натиҷаи амалҳои тафтиши судӣ на дар протоколи алоҳида, балки дар протоколи ягонаи маҷлиси судӣ қайду мустаҳкам мешавад.

Муҳокимаи судӣ марҳилаест, ки дар он суд бо иштироки тарафҳо ҳолатҳои воқеии парванда ва далелҳои пешниҳодшударо аз нав баррасӣ намуда, ба онҳо мустақилона баҳо медиҳад. Хулосаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ барои суд ҳатмӣ нест. Суд сифати маълумоти воқеӣ, риояи расмиёти мурофиавӣ ва татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқиро таҳлил карда, дар асоси арзёбии мустақил қарор мебарорад. Вобаста ба натиҷаҳои баррасӣ, мумкин аст пешбурди парванда бозгашта ё қатъ

гардад, айб тағйир дода шавад ё парванда барои тафтиши иловагӣ ирсол шавад.

Суд ҳангоми муайян намудани гунаҳгорӣ ё бегуноҳии судшаванда далелҳоро аз нуқтаи назари кофӣ будан ва эътимоднокӣ мустақилона арзёбӣ мекунад. Ҳеҷ як далел пешакӣ бартарият надорад. Агар хулосаи суд, ки дар ҳукм инъикос ёфтааст, ба ҳолатҳои воқеии парванда мутобиқат накунад, чунин ҳолат асоси бекор кардани ҳукм мегардад (м. 374 КМҶ ҶТ).

Бинобар ин, хулосаи суд доир ба татбиқи меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки дар ҳукм ифода меёбад, «бояд бо далелҳое, ки дар маҷлиси судӣ мавриди санҷиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд, тасдиқ ёбанд; суд бояд ҳамаи ҳолатҳоеро, ки ба хулоса таъсири ҷиддӣ расонида метавонанд, ба ҳисоб гирад; агар дар парванда далелҳои ба ҳам муқобил, ки барои хулосаи суд аҳаммияти ҷиддӣ доранд, мавҷуд бошанд, суд бояд дар ҳукм нишон диҳад, ки бо кадом асосҳо баъзеи ин далелҳоро қабул кардааст ва бо кадом асосҳо далелҳои дигарро рад намудааст; агар хулосаи суд, ки дар ҳукм ифода ёфтааст, ихтилофҳо дошта бошаду барои ҳал намудани масъалаи гунаҳгор будан ё бегуноҳии шахси маҳкумшуда, ё худ сафед кардашуда, барои дурустии татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ ё барои муайян кардани чораи ҷазо таъсир расонанд ё худ таъсир расонда метавониста бошанд» [4]., суд бояд тамоми ихтилофҳои ҷойдоштаро бо асоснок кардани ҳар як банди хулоса бартараф намояд.

Қобили зикр аст, суд барои асоснок кардани татбиқи меъёри ҳуқуқӣ бояд далелҳои боэътимодро ба асос гирад, ки ба қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ (аниқ) ва барои хулосабарорӣ кифоя будани онҳо, дар маҷлиси судӣ баҳои холисонаи ҳуқуқӣ дода шудаанд. Мувофиқи моддаи 88 (1) КМҶ ҶТ: «далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор дониста, барои

айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд. Ин гуна маълумот барои исботи ҳолатҳои дар моддаи 85 КМҶ ҶТ зикрёфта низ набояд истифода шаванд»[4].

Ҳарчанд, чунин маълумот аз ҷониби суд ғайри қобили қабул эътироф шуда бошад ҳам, он аҳаммияти ҳуқуқии худро пурра гум намекунад. Чунки маълумоти воқеие, ки бо қонунвайронкунӣ ҷамъ оварда шудаанд, барои исботи ҳолати ҷой доштани қонунвайронкуниҳои дахлдор ва айбдоркунии шахсоне, ки ба онҳо дар рафти таъқиби ҷиноятӣ роҳ додаанд, истифода шуда метавонанд.

«Суд, судя, агар эътироф намоянд, ки баъзе аз далелҳо бо вайрон кардани қонун ба даст оварда шудаанд, бояд қарори худро дар бораи аз маҷмуи далелҳо хориҷ намудани онҳо асоснок карда, дар чӣ ифода ёфтани вайронкунии қонунро нишон диҳанд» [21].

Хулосаҳои суд бояд ба ҳолатҳои воқеии парванда, ки дар рафти мурофаи судӣ муқаррар карда шудаанд, мувофиқат намояд. Асоснокии ҳукм ҳам бо далелҳо, бе шубҳа, дақиқ муқаррар шудани тамоми ҳолатҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ мебошад [90, с. 13].

Агар ҳукм воқеияти аслиро инъикос накарда, дар он хатогии тафтишӣ ё судӣ оид ба ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ роҳ дода шуда бошанд, он беасос аст. Ҳолати аз ҳама ногувор, ин бинобар бе асос будани ҳукм беасос маҳкум шудани шахси бегуноҳ ва аз ҷавобгарӣ озод шудани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба ҳисоб меравад. Чунин ҳукм инчунин ҳукми ғайриқонунӣ низ ҳисобида мешавад.

Маҳкум намудани шахси бегуноҳ, сафед кардани шахси гунаҳгор, баҳодиҳӣ ба кирдор бе назардошти ҳамаи ҳолатҳо ё бар муқобили ҳолатҳои муайяншуда, таъин намудани ҷазо бе муқаррар намудан ва ба ҳисоб гирифтани ҳолатҳое, ки барои дуруст ва одилона ҳал кардани парванда лозиманд, боиси вайрон шудани ҳам қонуни ҷиноятӣ ва ҳам қонуни мурофиавии ҷиноятӣ мегарданд.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ маҳз барои муқаррар, пешгирӣ ва бартараф намудани чунин оқибатҳо хизмат мекунанд.

Ҳамин тавр, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳамчун уҳдадории давлат, кафолати расмӣ ба танзими муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит муҳайё намуда, чун воситаи таъсиррасонӣ ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, дар як вақт иҷро шудани вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунӣ, асоснок ва одилона татбиқ шудани меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин мекунад.

Вобаста ба таҳлили масъалаи муҳокимашуда ба хулоса омадан мумкин аст:

1. Азбаски қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи мукаммал ва ягонаи шартҳои умумии муҳокимаи судиро дар бар намегирад, пешниҳоди шарҳи назариявии онҳо муҳим ба назар мерасад.

Ба назари мо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ маҷмӯи меъёрҳои мурофиавӣ мебошанд, ки татбиқи онҳо дар ҳамаи ҳолатҳое, ки баррасии судии парвандаи ҷиноятиро талаб менамоянд, ҳатмӣ аст. Онҳо мазмун ва хусусияти расмӣ-ҳуқуқии муҳокимаи судиро муайян намуда, амалӣ гардидани меъёрҳои ҷорӣ ва принсипҳои конститутсионии адолати судиро кафолат медиҳанд.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун муқаррароти мурофиавӣ, пеш аз ҳама, шароиту муҳити муносиб ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрванд беасос, ноодилона айбдор ва маҳкум нашаванд, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъмин гардад, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно карда шавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ, ӯ бетаъхир сафед карда шавад.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷамъи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ иборат аст, ки аз принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ сарчашма гирифта, уҳдадории давлат ва кафолати расмиро ифода мекунад, ки онҳо дар ягонагӣ мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирифтани маҷлиси судиро таъмин менамоянд, то ки барои беғаразона, одилона, ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда ба тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда дар муҳокимаи судӣ *шароит* фароҳам оварда шавад.

2. Ба ҳам вобастагӣ ва пайвастагии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеии амалишавии онҳо муайян шуданд:

Асосҳои *ҳуқуқии* амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

- дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудани тартиби умумиҳатмии риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ;

- дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудани салоҳияти суд, судя оид ба риоя, иҷро ва татбиқи қоидаҳои мурофиавӣ, ки аз талаботи шартҳои умумӣ бармеоянд;

- дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудани ҳадди салоҳияти суд, судя оид ба таъмини кафолатҳои мурофиавӣ, иҷрои амал, ҳалли масъала ва қабули санадҳои мурофиавӣ, ки дар доираи талаботи шартҳои умумӣ;

- дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудани номгуи ҳолатҳое, ки мавҷудияти онҳо зарурати риоя, иҷро ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судиро ба миён меоранд.

Асосҳои *воқеии* амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

- муайян шудани мавҷудияти ҳолатҳое, ки мавзуи исботро ташкил медиҳанд;

- муайян шудани мавҷудияти ҳолатҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд;

- мавҷуд набудани ҳолатҳое, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеъ мешаванд (м.м. 262, 263 КМҶ ҶТ).

3. Таҳқиқот нишон дод, ки қоидаҳои ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ зимни пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаи судӣ *танҳо* шакли фаъолияти мақомоти судиро дар бар намегирад, чунки пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ бо иштироки тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда, шаҳрвандон, мақомоти ваколатдор амалӣ мешавад, ки байни онҳо муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ё қатъ мешаванд.

Бинобар ин, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҷамъи талаботи ҷорие мебошанд, ки на танҳо нисбати суд, судя, амалҳои судӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, балки нисбати тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, тамоми амалҳои мурофиавӣ ва ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ паҳн гашта, раванди мурофиаи ҷиноятиро вобаста ба вазифа ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ муайян ва ба танзим медароранд.

4. Дар танзими муносибатҳои мурофиавӣ ҳолатҳои дар қонун бевосита пешбинӣ нашуда ё ба таври умумӣ «ҳолатҳои дигар» номбаршуда, он гоҳ аҳаммияти ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ пайдо мекунанд, ба танзим, тағйир ёфтан ё қатъ шудани муносибати мурофиавӣ ё амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъсир расонанд, агар суд, судя бо хулоса ояд, ки:

а) дар асоси ҳолатҳое, ки дар қонун бевосита пешбинӣ нашудаанд, лекин, воқеан, мавҷуд буда, зарурати танзими муносибати ҳуқуқӣ пайдо мешавад ё зарурати баҳодиҳӣ ба онҳо аз ҷониби суд, судя ба миён меояд;

б) ҳалли масъалаи мурофиавӣ дар асоси чунин ҳолатҳо барои расидан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ муосидат менамоянд ва ба ин ҳадаф (адолати судӣ) мувофиқ мебошанд;

в) чунин ҳолатҳо ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мухолиф нестанд ва иҷро шудани вазифаҳои мурофиавии ҷиноятиро таъмин мекунанд;

г) ҳалли масъалаи мурофиавӣ дар асоси чунин ҳолатҳо яке аз талаботе мебошад, ки аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ бармеояд;

д) ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ нашуда, лекин, воқеан, мавҷуданд на танҳо боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани муносибатҳои мурофиавӣ мегарданд, балки амалӣ шудан (риоя, иҷро ва ё татбиқ)-и шартҳои умумии муҳокимаи судиро ногузир мегардонанд.

Дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ номбар карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ғайриимкон аст, бинобар ин, барои такмил додани амалияи тафтишотию судӣ дар фаъолияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ (аз рӯйи мазмун ва моҳияти онҳо) ва баланд бардоштани сатҳу сифати баамалбарории адолати судӣ шарҳу маънидоди асосноки мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, бартараф карда шудани ихтилофи меъёрҳо, коркард ва мавриди амал қарор додани тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷдиди назар ба қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони соҳа мубрам ва муҳим боқӣ мемонад.

2.3. Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ноил шудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ

Тоҷикистони муосир давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як шахс шароити зиндагии орому осудаи арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад [1].

Аз ҳамин нуқта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо қайд намудаанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон арзишҳои олии иҷтимоианд.

«Таъиноти адолати судӣ – ҳамчун механизми амалигардонии функсияи дохилии давлатӣ аз он иборат аст, ки амалӣ ва ҳимоя гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқи расмӣ таъмин намояд» [62].

Шакли судии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз беадолатӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ яке аз дастовардҳои сиёсати ҳуқуқии давлат дар замони муосир ба шумор меравад, ки бо воситаи низоми мақомоти судӣ ва ҳокимияти судӣ амалӣ мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ оид ба ифодаи ҳимояи ҳуқуқи инсон, аз *ҷумла кафолати ҳифзи судии он* масъалаҳои назариявии амалишавии дахлнопазирӣ, эътироми шаъну шарафи шахс, қадру қимати инсон, таҳқиқоти гуногунҷабҳаи назариявӣ идома доранд [385, с. 3; 162, с. 214, 215-216; 227, с. 104; 416, с. 50-51; 417, с. 94].

Аз ин рӯ, аз назари олимони ватанӣ Р.Р. Раҳмадҷонзода, Х.М. Мирзамонзода адолати судӣ хусусияти давлатӣ (расмӣ), ҳуқуқӣ дошта, нақш ва таъиноти иҷтимоии он бо ҳимояи ҳуқуқи инсон равона мешавад [313, с. 169-179], [240].

Олими маъруфи ватанӣ З.Ҳ. Искандаров дар радифи таҳқиқоти муосир ҳадафи мурофиаи ҷиноятиро фаъолияти бо тартиби махсуси мурофиавӣ муқарраргардидаи мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон аз таҷовузҳои ҷиноятқорона, ҳимояи низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори конститутсионии он, ҷомеа, инсону шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии он, моликият, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити атроф аз таҷовузҳои ҷиноятқорона ва аз таъқиботи беасосу ғайриқонунӣ, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳо, фош сохтани гунаҳгорон ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ меноманд, ки дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, танзим ва амалӣ карда мешавад [287, с. 13-21].

Пас ҳадафи ниҳоии мурофиаи ҷиноятиро баамалбарории адолати судӣ ташкил медиҳад, ки танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ тариқи муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ низ ҳамин ҳадафро дорост. Барои ноил шудан ба ҳадафи номбурда бояд вазифаҳои муайянкардаи қонун иҷро карда шаванд, яъне барои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, зарурати иҷрои ***вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ***, ки дар м.2 КМҶ ҶТ номбар шудаанд, ногузир аст ва он ба марҳилаҳои судӣ низ дахл дошта амалишавии онҳо танзими боэътимоди ҳуқуқиро талаб мекунанд.

Аз ин лиҳоз, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ба иҷрои вазифаҳои зерини мурофиаи судии ҷиноятӣ шароит фароҳам меоранд, ки адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, воқеан, амалӣ гардад:

1) Таъмини риоя ва иҷрои тартиби муқарраркардашудаи (ягона, умумӣ ва ҳатмӣ) пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ. Аз мазмуни ин вазифа бармеояд, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, меъёрҳои мурофиавӣ низ бояд бо низом ва тартиби ягона, умумиҳатмӣ, мураттаб ва пайдарҳам амалӣ шаванд. Тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои мақомоти судӣ, прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошад.

Дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ риояи қатъии тартиби муқаррарнамудаи қонун, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, принсипи асосӣ маҳсуб мешавад. Ин уҳдадорӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ, иштирокчиёни манфиатдор ва субъектҳои назоратӣ, ки назорати идоравӣ, прокурорӣ ва судиро амалӣ менамоянд, баробар дахл дорад.

Аз ҷониби дигар, мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавӣ на танҳо талаботи қонуни мурофиаи ҷиноятӣ, балки талаботи қонуни ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои ҷориро низ бояд риоя намоянд. Ҳаминро бояд илова

кард, ки муқаррароти меъёрии мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар қонунҳои дигар ё санадҳои меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, бояд ба муқаррароти КМҶ ҶТ мутобиқ бошанд, на баръакс. Ихтилофи мафҳум ва қоидаҳо дар матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [12] ба мушоҳида мерасанд.

Тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон бояд ягона ва умумӣ бошад, ба ҳамаи иштирокчиён, ба ҳамаи амалҳо ва қарорҳои мурофиавӣ дахл дошта, ҳамаи тарафҳои фаъолият ва муносибатҳои мурофиавиро тавсиф намуда, мазмуни муносибатҳои мурофиавиро бояд тақвият бахшад ва барои ҳатман амалӣ гаштани онҳо мусоидат намояд.

Суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ҶТ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела риоя, иҷро ва татбиқ намоянд.

Тибқи м.10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд» [1], бинобар ин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (масалан, Эъломияи умумии ҳуқуқӣ башар (1948) [40], Паймони СММ оид ба ҳуқуқӣ граждани ва сиёсӣ оид ба ҳуқуқӣ иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ (1966) [43], Конвенсияи давлатҳои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ (1993) [33] ва ғ.) низ асосҳои танзими муносибатҳои мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд.

Ба андешаи мо, ба санади байналмилалӣ мутобиқ кардани қонунгузории миллӣ тавре бояд амалӣ гардад [55], ки он ба манфиатҳои

миллӣ мухолиф набошад. Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ, ҳарчанд санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи бартариятнок дошта бошанд ҳам (м.1 КМҶ ҶТ), дар амалия бевосита татбиқ карда шудани меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби суд ё мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нокифоя ва маҳдуд ба мушоҳида мерасад [130].

Бинобар мутташаниҷ гаштани муносибатҳои байналхалқӣ, татбиқи сиёсати духӯра дар риоя ва иҷрои санадҳои умумиэътирофгаштаи байналхалқӣ бо манфиатдории давлатҳои абарқудрат, сатҳи нокифояи ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар муқовимат бо ҷиноят ва ҷиноятқорӣ, дар сатҳи деклоративӣ боқӣ мондани санадҳои ҳамкорӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки бо назардошти таҷрибаи давлатҳои ИДМ, дар марҳилаи муайян, то ба эътидол омадани вазъияти ҷаҳони муосир ва муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарият доштани қонунгузории миллӣ назар ба меъёрҳои байналхалқӣ мавриди муҳокима ва татбиқ қарор дода шавад.

Тарафи дигари ҳамин масъала ин такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ мебошад. Вобаста ба ин масъала дар қисми 2 м.3 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани қонуни мурофиавии ҷиноятии давлати хориҷӣ аз тарафи мақомоти тафтишот ва судҳои давлати хориҷӣ ва ё бо супориши онҳо аз тарафи мақомоти дахлдор дар ҳолате татбиқ мегардад, ки ин ҳолат дар санади ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, пешбинӣ шуда бошад. Ба андешаи мо, дар матни ин меъёр истилоҳи «...супориши...» бояд бо истилоҳи «...дархости ё хоҳиши...» иваз карда шавад. Чунки супориши мақомоти тафтишот ва судҳои давлати хориҷӣ соҳибихтиёрии давлатро коҳиш дода, зери тобеият ё итоат қарор доштанро ифода карда истодааст.

Аз ин рӯ, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ мешаванд, аз принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, дар амал татбиқ гаштани на танҳо қонуни ҷиноятӣ, балки татбиқ гаштани санадҳои дигари меъёрӣ ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқии санадҳои байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст,таъмин менамоянд.

2) «Вазифаи дигари қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст, ки яке аз вазифаҳои муҳимми на танҳо мурофиаи ҷиноятӣ, балки мазмуни қонунҳо, ҳадаф, таъинот ва фаъолияти тамоми мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятиро ташкил медиҳад»[4].

Тартиби муқаррарнамудаи қонун оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ инсон ва шаҳрвандро аз таҷовузи ҷиноятӣ, аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯро бетаъхир сафед менамояд.

Ба андешаи мо ва ақидаҳои олимони ватанӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз қатори вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар қ.1 м.2 КМҶ ҶТ гирифта шуда, бояд ҳадафи ниҳоии мурофиаи ҷиноятӣ эътироф шавад ва дар қ.2 м.2 КМҶ ҶТ дақиқ пешбинӣ карда шавад, ки ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятиро таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, профессор З.Ҳ. Искандаров менависад, ки «агар мо мурофиаи ҷиноятиро ҳамчун шакли фаъолияти мақомоти махсуси давлатӣ муаррифӣ намоем, бо ҳамин мақоми иштирокчиёни дигари мурофиаро беихтиёр паст намуда, онҳоро комилан аз мақомоти таҳқиқу тафтишот вобаста менамоем. Ба ақидаи ӯ, мурофиаи ҷиноятӣ тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз

ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасос оид ба парвандаи ҷиноятӣ буда, тибқи КМҶ муайян карда шуда, баҳри таъмин намудани адолат ва осоиши ҳуқуқӣ равона карда шудааст, ки иҷрои он барои ҳама ҳатмист» [289, с. 159-164; 286, с. 22-23].

Аз ин лиҳоз, мазмуни меъёр, муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро, ки тавассути шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ мешаванд, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад.

3) Ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, яке аз вазифаҳои навбатӣ ва хеле муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Чунки ҷиноят метавонад на танҳо ба манфиати шаҳрвандони алоҳида, балки ба манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо низ зарар расонад. Ин гуна оқибат бо ёрии меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ барқарор мешавад. Ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия оид ба рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонида шудааст, даъвои граждани пешниҳод мекунанд, ки ҳатман мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба андешаи Р.Р. Раҳмадҷонзода дар қатори вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд вазифаи татбиқи аниқи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аз таҷовузи ҷиноятқорона ба ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва эҳтироми шаъну шарафи шахсӣ ва моликияти шаҳрвандон таҷассум ёбад [242, с. 19].

4) Сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят яке аз вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳад. Сари вақт ошкор ва кушодани ҷиноят иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавиро, хусусан мақомоти таъқиби ҷиноятиро вазифадор мекунад, ки дар муҳлати муайянкардаи қонун, таъҷилӣ ва фавран ба тафтиши кирдори содиршуда шуруъ намоянд ва тамоми ҳолатҳои содир шудани онро муайян намоянд, яъне иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавӣ баҳри иҷрои саривақтии вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ уҳдадор карда мешаванд, ки мувофиқан, дар давоми муҳлати муайянкардаи қонун амал намоянд. Дар акси ҳол,

ҷиноят сари вақт ошкор намешавад, шахсони ҷиноятсодиркарда ҷиноятҳои дигар содир мекунанд, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс аз ҳадди муайянкардаи қонун мегузарад.

Ба андешаи мо, «сари вақт» ошкор шудани ҷиноят риояи муҳлати муқарракардаи қонун, фавран ва бетаъхир амал кардан, истиснои маъқуфгузорӣ ва пешгирии кашолкории беасосро ифода карда, мақомоти ваколатдори давлатиро уҳдадор мекунад, ки ҳар чӣ зудтар ба тафтиши ҷиноят ва пешгирии оқибатҳои дигар чораҷуӣ намоянд. Пурра кушодани ҷиноят, ба андешаи мо бо ҳадду ҳудуди исбот алоқаманд буда, исботи тамоми ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро ифода мекунад:

а) ҳодисаи ҷиноят, аломатҳои таркиби ҷинояти содиршуда;

б) айби шахс дар содир кардани ҷиноят, аз ҷумла ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ва ҷазо;

в) ҳолатҳое, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд.

Дар доираи амали шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъмини иҷрои ин вазифа суд, судяро вазифадор мекунад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ исбот шудани тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳмиятдоштаро мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор диҳанд ва муҳлати муқарраркардаи қонунро риоя намоянд. Дар мавридҳои иснисноӣ дароз карда шудани муҳлати мурофиавии қабули қарорҳои судӣ ва иҷрои онҳо таҳқиқотро талаб мекунанд.

5) Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда яке аз вазифаҳои муҳимми меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Баҳри иҷрои ин вазифа маҷмуи муносибатҳои мурофиавӣ амалӣ мешаванд, ки дар натиҷа айби шахс дар содир кардани ҷиноят муайян карда мешавад. Мафҳуми «айб» дар шакли мурофиаи ҷиноятӣ (тибқи КМҶ ҶТ), набояд бо мафҳуми «гуноҳ» дар шакли ҳуқуқи ҷиноятӣ (тибқи КҶ ҶТ) [5] мухолиф ё ба ҳам омехта маънидод ва шарҳ дода шаванд. Таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон

медиҳад, ки истилоҳи «айб» дар матни як қатор моддаҳо истифода шуда, дар танзими муносибатҳои мурофиавӣ нақши марказӣ дорад. Бо ин вуҷуд, дар КМҶ ҶТ [4] он барои ифодаи мафҳумҳои гуногун: «айбдоршаванда», «айбдоркунанда», «айбдоркунӣ» ва «айбдорӣ» ба кор рафтааст. Ба андешаи мо, ҳар яке аз ин мафҳумҳо дорои мазмуни мустақили мурофиавӣ мебошад ва истифодаи як истилоҳи умумӣ барои ифодаи онҳо метавонад ба ихтилофи тафсирӣ оварда расонад.

Агар ба шакли ифодаёбии мафҳумҳои номбаршуда диққат диҳем ба хулоса омадан мумкин аст, ки бо истилоҳи «айб» дар як вақт мазмуни якчанд мафҳум ва қоидаҳои мурофиавӣ пешбинӣ шудаанд, ки он:

а) кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршударо дар шакли ҳаракат ва ё беҳаракатӣ, ки боиси фаро расидани оқибат гаштааст, ифода кардааст;

б) ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро (айбдоркунанда (м.36 КМҶ ҶТ), айбдоршаванда (м.47 КМҶ ҶТ)) муайян кардааст;

в) анҷом дода шудани амали мурофиавиро нишон медиҳад (эълон кардани айб (м.м.36, 225 КМҶ ҶТ), тартиб додани фикри айбдоркунӣ (м.244 КМҶ ҶТ), тақвият ва дастгирии айбдоркунӣ (м.м.36, 279 КМҶ ҶТ);

г) яке аз таъинот (функсия)–и мурофиаи ҷиноятӣ таъқиби ҷиноятиро (айбдоркунии умумӣ, умумӣ-хусусӣ, умумӣ (м.24 КМҶ ҶТ)) ифода кардааст.

Ифодаи «гуноҳ» дар шакли ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун нишонаи ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят (яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят) муносибати руҳии шахсро нисбати кирдори содирнамудаш дар шакли қасд ва ё аз беэҳтиётӣ ифода мекунад ва дар алоқамандӣ бо ангеза, мақсад, ҷунун (аффект) зоҳир мешавад [230, с. 36].

Аз нуқтаи назари меъёри мурофиаи ҷиноятӣ бошад, истилоҳи «гуноҳ» дар шакли исботи худро ёфтани содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок аз ҷониби шахси муайянро ифода мекунад, ки таркиби

онро ҳаракат ё беҳаракатии шахс, қасд, беэҳтиётӣ, ангеза, мақсад, оқибат ва алоқаи сабабии байни кирдор ва оқибат ташкил медиҳанд ва воқеан ҷой доштани онҳо дар асоси таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳое, ки ба суд пешниҳод ва дар маҷлиси суд муҳокима гардидааст, муқаррар шудаанд. Чӣ хеле ки дида мешавад, истилоҳи «гуноҳ» дар шакли мурофиаи ҷиноятӣ аз унсурҳои таркибии нисбатан васеъ иборат буда, танҳо бо шакли меъёрии ҳуқуқи ҷиноятӣ аломати таркиби ҷиноят маҳдуд намешавад. Ғайр аз ин, ба андешаи мо, унсурҳои таркибии номбаршудаи «гуноҳ» дар шакли мурофиаи ҷиноятӣ то тасдиқи худро ёфтани онҳо, ки минбаъд дар ҳукми суд ифода меёбад, таркиби дохилии истилоҳи «айб»-ро дар марҳилаҳои тосудии мурофиаи судӣ ташкил медиҳад. Ин нуқтаи назар, аз як тараф тамоми дигар ихтилофҳои мавҷударо аз байн мебарад ва татбиқи мантиқан дурусти меъёрҳои мурофиавии ҷиноятиро таъмин мекунад, аз ҷониби дигар мазмуни дигар меъёрҳои мурофиаи ҷиноятиро тақвият мебахшад. Чунки гунаҳгор ва ё бегуноҳ будани шахсро дар содир кардани ҷиноят танҳо суд муайян мекунад, агар айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳои ба муҳокимаи судӣ пешниҳодгардида, тасдиқи худро ёбад.

Бинобар ин, дар м.15 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки «ҳама гуна шубҳаҳои айбдории айбдоршаванда ё гунаҳгории судшаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда ва судшаванда маънидод карда мешавад» [4].

Хусусияти дигар дар он зоҳир мегардад, ки меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ нисбати айбдоршаванда ва кафолати ҳуқуқу уҳдадории ӯ як андоза бартарияти ҳуқуқиро пешбинӣ кардааст. Айбдоршаванда дар қиёси шоҳид ё ҷабрдида уҳдадор нест, ки беайбии худро исбот намояд. Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда - муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор гузошта мешавад.

Мувофиқи м.м. 221-225 КМҶ ҶТ мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар сурати кофӣ будани далелҳо ба шахс дар содир кардани

ҷиноят айб эълон мекунанд. Дар м.285 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки айбе, ки ба шахс бо тартиби дар қонун пешбинишуда эълон шудааст, мавзуъ ва ҳадди муҳокимаи судиро ташкил медиҳад. Ҳатто дар ҷараёни тафтиши судӣ тибқи м.308 КМҶ ҶТ «раисикунанда аз судшаванда мепурсад, ки оё моҳияти айби эълоншуда ба ӯ фаҳмост, бо айби эълоншуда худро гунаҳгор мешуморад ё не, оё хоҳиш дорад, ки ба айби эълоншуда муносибати худро баён намояд. Ҳангоми нофаҳмо будани айб ба судшаванда моҳияти он фаҳмонда мешавад».

Аз таҳлили ин қоидаҳо бармеояд, ки ҳарчанд мафҳумҳои «айб ва гуноҳ» мазмуни ягона ва умумӣ дошта бошанд ҳам, аз нуқтаи назари мурофиаи ҷиноятӣ аз рӯйи пайдарҳамии татбиқшавӣ фарқият доранд. Татбиқи истилоҳи «айб» дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ то эътибори қонунӣ гирифтани ҳукм раво дониста шуда, татбиқи истилоҳи «гуноҳ» ё «гунаҳгорӣ» баъди эътибори қонунӣ гирифтани ҳукми суд қобили қабул аст. Зеро ки моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам муқаррар кардааст, ки «ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад».

Бинобар ин, дар меъёрҳои м. 142 КМҶ ҶТ истилоҳи «гуноҳ» бармаҳал дар қоидаҳои мурофиавии марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ истифода шудааст.

Бо мақсади таъмини мувофиқати меъёрҳои мурофиавӣ, инчунин мувофиқат ба меъёрҳои конститутсионӣ, дар матни м.142 КМҶ ҶТ мафҳуми «гуноҳ» бо истилоҳи «айб» иваз ва татбиқ шавад: «Ҳозир шудан бо иқрори айби худ иттилооти ихтиёрии шахс дар бораи ҷинояти содирнамудааш, ки ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маълум нест, ҳисобида мешавад, ба шарте ки ин шахс ҳанӯз гумонбар нашуда ё ба ӯ айбдоркунӣ дар содир намудани ҷиноят пешниҳод нагардида бошад» [4].

6) Ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи асосии мурофиаи ҷиноятӣ - гунаҳгор ё бегуноҳ будани шахсро дар содир кардани ҷиноят танҳо суд

мустақилона, новобаста аз мавқеи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз номи давлат расман ҳал мекунад. Муаллифон низ қайд кардаанд, ки «масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани шахс дар содир кардани ҷиноят ва таъини ҷазои ҷиноятӣ» масъалаи ягона нест, ки одилона ва ҳадафнок ҳал гардад [276, с. 31-34; 292, с. 117-120]. Қонун доираи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятиро пешбинӣ мекунад, ки баррасии судиро талаб мекунад ва танҳо суд салоҳияти ҳалли онҳоро дорад. Одилона ҳал карда шудани онҳо низ вазифаи судро ташкил медиҳанд, ки дар қисмҳои минбаъдаи рисолаи мазкур таҳлил мешаванд.

Суд ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти давлатӣ дар муҳокимаи судӣ мавқеи бетараф ва беғаразро ишғол менамояд. Вазифаи он фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ шудани ҳуқуқҳои тарафҳо ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳолатҳои парванда мебошад. Ин раванд ҳадафи асосии шартҳои умумии муҳокимаи судиро ташкил медиҳад.

Бо ин вуҷуд, суд вазифадори исботи айби шахс нест, зеро исбот ба уҳдадории мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дохил мешавад. Қарори суд вобаста ба натиҷаи арзёбии мустақили далелҳо қабул мегардад: дар ҳолати тасдиқ гардидани айб – ҳукми айбдоркунанда, дар ҳолати набудани исбот ҳукми сафедкунанда бароварда мешавад.

Таҳлил ва омӯзиши мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ нишон медиҳанд, ки ин вазифа бояд «ҳалли одилонаи на танҳо масъалаҳои баррасишавандаро дар суд», балки тамоми масъалаҳои мурофиаи ҷиноятиро дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ фарогир бошад. Чунки муайян кардани ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, эълони айб, интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ ва масъалаҳои дигари мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ низ ба миён меоянд, ки мавзуи муҳокимаи маҷлиси судиро ташкил дода, ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи онҳо ногузир ва ҳатмӣ аст.

7) Риоя шудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ ба иштирокчиёни муносибати мурофиавӣ, хусусан ба мақомоти

таъқиби ҷиноятӣ ва суд ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ, интихоби чораи пешгирӣ, бандубасти ҷиноят, эълон кардани айб ва таъини ҷазо дахл дорад. Татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бо риояи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ имконпазир аст:

а) бо тартиби мурофиавӣ муайян карда шудани воқеан ҷой доштани аломатҳои таркибӣ ва нишонаҳои ҷинояти содиршуда;

б) бо тартиби мурофиавӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок;

в) бо тартиби мурофиавӣ татбиқ шудани ҷазои ҷиноятӣ тибқи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҷазои ҷиноятӣ);

г) бо тартиби мурофиавӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ;

д) бо тартиби мурофиавӣ татбиқ гаштани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявидошта нисбати ноболиғони ҷиноятсодиркарда;

е) бо тартиби мурофиавӣ татбиқ гаштани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ нисбати шахсоне, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир кардаанд [335, с. 53-56; 336, с. 41-45].

Ҳалли масъалаҳои гунаҳгорӣ ва бегуноҳӣ дар содир кардани ҷиноят, таъини ҷазои ҷиноятӣ, мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ё татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти тарбиявӣ ва тиббидошта ба салоҳияти судя, суд дохил мешаванд. Ин масъалаҳоро ҳам суд, судя бо тартиби муайянкардаи мурофиавии ҷиноятӣ ҳал мекунад. Суд, судя ҳамчун иштирокчии асосии муносибати мурофиавӣ набояд ягон тарафро ҷонибдорӣ намоянд, балки мустақилона ва беғаразона адолати судиро амалӣ намоянд.

Риоя шудани меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба татбиқи на танҳо қонунӣ ҷиноятӣ, балки тамоми санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, ки низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ногузир ва ҳатмӣ мебошад.

8) Кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар дар он зоҳир мегардад, ки «суд, судя,

прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунад, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд» [4].

Ба андешаи А.И. Иноятзода ва М.К. Абдуллоева «кафолати мурофиавӣ, пеш аз ҳама, уҳдадории расмии давлат доир ба вуҷуд овардани шарту шароити боэътимод, умумиҳатмӣ ва тағйирнопазир барои амалишавии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва воситаи муҳимми таъмини адолат аст» [386, с 81], [249, с. 92-100]. Аз ин ҷиҳат, «яке аз кафолатҳои муҳим дар он ифода меёбад, ки ҳангоми мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи он ки ба ҷабрдида, шоҳид ё дигар иштирокчиёни муносибати мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо бо куштор, зӯроварӣ, несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулк ё дигар амали ғайриқонунии хавфнок таҳдид мекунанд, суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда уҳдадоранд дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки ин шахсон чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд» [188, с. 52].

Ҳамин тавр**,** таҳлили шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ барои амалишавии принсипи конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ва ба амал баровардани адолати судӣ шароит муҳайё мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлили аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ ва ноил гаштан ба ҳадафҳои он ба чунин хулоса омадем, ки:

1. Дар м.2 КМҶ ҶТ муқаррароти «Ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд» мушаххас ифода шудааст. Ин вазифаи

мурофиаи ҷиноятӣ бояд дар шакли васеъ: - «ҳалли одилонаи ҳамаи масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ» дар сархати 6, қ.1 м. 2 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, зеро таҳлили вазифа нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои тосудӣ мақомоти таъқиби ҷиноятӣ-таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вобаста бо ҳолатҳои муқарраршуда, бо тартиби муайянкардаи қонун салоҳият доранд, ки оғози парвандаи ҷиноятӣ ва таъқиби ҷиноятиро рад кунанд, ё пешбурди парвандаи ҷиноятиро қатъ кунанд, баҳри рӯёнидани товони зарари аз ҷиноят бавуҷудомада чораҳо андешанд, зарурати татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавиро муайян кунанд ва ғайраҳо. Ҳалли ин масъалаҳо низ, ғайр аз талаботи қонунӣ, асоснокӣ, ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ ва ё одилона бояд бошад.

Аз нигоҳи муаллиф, талабот оид ба таъмини «адолат» (одилона) бояд дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ риоя ва иҷро гардад, мазмуну талаботи он, на танҳо ба мақомоти судӣ ва на танҳо дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дахл дорад, балки нисбати ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва нисбати ҳар як амал ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ паҳн гардад.

2. Барои бартараф кардани ихтилофи мазмун ва таъмини мутобиқат бо меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод мешавад, ки мафҳум, меъёр ва муқарароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ» [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда» [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [12] ба муқарароти КМҶ ҶТ мутобиқ карда шаванд.

Чунки тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон бояд ягона ва умумӣ бошад, ба ҳамаи иштирокчиён, ба ҳамаи амалҳо ва қарорҳои мурофиавӣ дахл дошта, ҳамаи тарафҳои фаъолият ва муносибатҳои

мурофиавиро тавсиф намуда, мазмуни муносибатҳои мурофиавиро бояд тақвият бахшад ва барои воқеан амалӣ гаштани онҳо мусоидат намояд.

3. Мутобиқи м.8 КМҶ ҶТ ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Бинобар ин, дар м.34 КМҶ ҶТ бояд нишон дода шавад, ки тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро, новобаста аз дараҷаи хавфнокии ҷиноят, ба тариқи ошкоро ва дастаҷамъона дошта бошанд.

4. Бинобар муташанниҷ гаштани муносибатҳои байналхалқӣ, татбиқи сиёсати духӯра дар риоя ва иҷрои санадҳои умумиэътирофгаштаи байналхалқӣ бо манфиатдории давлатҳои абарқудрат, сатҳи пасти ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар муқовимат бо ҷиноят ва ҷинояткорӣ, дар сатҳи декларативӣ боқӣ мондани санадҳои ҳамкорӣ ба мақсад мувофиқ аст, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои ИДМ, дар марҳилаи муайян, то ба эътидол омадани вазъияти ҷаҳони муосир ва муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарият доштани қонунгузории миллӣ назар ба меъёрҳои байналхалқӣ мавриди муҳокима ва татбиқ қарор дода шавад.

5. Аз нуқтаи назари муаллифӣ дар матни қ.2 м.3 КМҶ ҶТ истилоҳи «...бо супориши онҳо...» бояд бо истилоҳи «...дархости ё хоҳиши онҳо» иваз карда шавад. Айнан ба чунин тағйирот м.м. 470, 474 КМҶ ҶТ ниёз доранд. Чунки ***супориши*** мақомоти тафтишот ва судҳои давлати хориҷӣ соҳибихтиёрии давлат ва мустақилияти мақомоти онро коҳиш дода, зери тобеият ё итоат қарор доштанро ифода мекунад.

6. Дар шакли меъёрӣ муайян шудани ҳадду ҳудуд ва эътибори ҳатмӣ доштани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дорои хусусиятҳои мурофиавӣ мебошад:

а) ҷорӣ шудани қоидаҳо, тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд,

хусусияти ҳатмӣ ва моҳияти расмӣ доштани танзимёбии муносибати ҳуқуқиро ифода мекунад;

б) воқеан таъмин шудани кафолати риоя ва иҷрои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

в) танзими муносибатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ вобаста аз таъинот, ҳадаф ва ҳолати ҳуқуқии онҳо;

г) ҳадду ҳудуди аниқи иштироки шахс дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафтори муайян, андешидани чораҳои маҷбурӣ, пешгирии вайронкунии қоидаҳои рафтор ва барқароршавии муносибати ҳуқуқӣ;

д) таъмини дастрасии адолати судӣ ба шаҳрвандон ва имконияти иштироки онҳо дар пешбурди мурофиаи судӣ, хусусан дар ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят.

7. Пешниҳод мекунем, ки дар м.15 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки ҳама гуна шубҳаҳои айбдории айбдоршаванда ё гунаҳгории судшаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба манфиати айбдоршаванда ва судшаванда маънидод карда шавад.

8. Бо мақсади таъмини мувофиқати меъёрҳои мурофиавӣ, инчунин мувофиқат ба меъёрҳои конститутсионӣ, дар матни м.142 КМҶ ҶТ мафҳуми «гуноҳ» бо истилоҳи «айб» иваз ва бо мазмуни зерин татбиқ шавад: «Ҳозир шудан бо иқрори айби худ иттилооти ихтиёрии шахс дар бораи ҷинояти содирнамудааш, ки ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маълум нест, ҳисобида мешавад, ба шарте ки ин шахс ҳанӯз гумонбар нашуда ё ба ӯ айбдоркунӣ дар содир намудани ҷиноят пешниҳод нагардида бошад».

БОБИ III. НИЗОМИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАСНИФОТИ ОНҲО

3.1. Низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ

Олимони соҳаи ҳуқуқ дар он ақидаанд, ки барои таъмини амалишавии принсипҳои конститутсионии адолати судӣ ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ки ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ шароит фароҳам меорад [275, с. 39-50; 296, с 73-79].

Қобили қайд аст, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки бо ҳадаф ва принсипҳои конститутсионии адолати судӣ *ҳамбастагӣ доранд*, на танҳо ба марҳилаҳои судии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, балки ба тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ба марҳилаҳои тосудӣ дахл дошта, бояд ба роҳбарӣ гирифта шуда, риоя ва иҷрои онҳо маҳдуд ё истисно нагардад. Дар акси ҳол, дар натиҷаи шитобкорӣ хавфи яктарафа, нопурра ва зоҳиран ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ зиёд гашта, мустақилияти мурофиавӣ ва мавқеи холисонаи суд коҳиш меёбад. Чунки дар марҳилаҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ низ маҷлиси суд оид ба ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ баргузор мешаванд, ки қарорҳои судӣ мутобиқан бояд ба иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ, аз ҷумла ба таъмини кафолатҳои мурофиавӣ равона шаванд.

Таҳлили назариявии ҳуқуқии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ нишон медиҳад, ки мазмуни онҳоро *барпо карда шудани* шароити таъмини риоя ва иҷрои қоидаҳои мурофиавӣ ташкил додаанд, ки аз меъёрҳои конститутсионӣ, талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, амалишавии онҳоро тақвият мебахшанд.

Бо вуҷуди тағйироти куллии дар ин самт бавуқуъпайваста, таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки хусусан дар риоя ва иҷрои шартҳои

умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ норасоӣ ва камбудиҳои зиёд ошкор шудаанд [67; 68]. Лекин, чӣ хеле ки муҳаққиқон қайд кардаанд, дар татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ «судя набояд интизори ҷорӣ гаштани санади хосаи тафсиркунанда, тавзеҳот ё шарҳу маъдидодкунии расмӣ бошад» [119, с. 97], барои ин (риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ) фаҳмиш ва дониши ҳуқуқӣ, пайваста баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбӣ ва маърифати ҳуқуқӣ лозим аст.

Барои равшанӣ андохтан ба ин масъалаҳо, муайян ва бартараф кардани камбудӣ ва норасоии дар амалия ҷойдошта зарурати таҳлили ҳуқуқӣ тавассути таснифоти шартҳои умумии муокимаи судӣ ба миён меояд, ки ба ҷустуҷӯ ва коркарди роҳҳои самараноки ҳалли масъала мусоидат хоҳад кард. Олимони соҳа ба масъалаҳои дарки зуҳурот ва падидаҳои иҷтимоӣ диққат дода, дар асари худ менависанд «… ба қисмҳо ё ҷузъи муайян ҷудо карда шудани объекти омӯзиш имконият медиҳад, ки ҷойгиршавию пайдарҳамии онҳо, ба ҳам вобастигию алоқамандии мазмуни онҳо дар ноил шудан ба ҳадафи умумӣ, ифодаи равшани шакли таркибӣ, шарҳи дурусти мазмун ва ниҳоят таъиноти онҳо муайян карда шаванд» [320, с. 116].

Бинобар ин, бо роҳи таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ имконият пайдо мешавад, ки сохтори такибии он ба ҷузъ ва ё унсурҳои таркибии алоҳида (аз рӯйи хусусият, аҳаммият, мазмун, пайдарҳамӣ, пайвастагӣ, нишона, сифатҳои таъсиррасонӣ ба муносибати ҳуқуқӣ ва ғ.), лекин ба ҳам пайваста ё дар алоҳидагӣ омӯхта шуда, пас ба алоқамандии онҳо дар ягонагӣ баҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ дода шавад. Тавассути таснифоти ҳуқуқии низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар доираи ҳудуд ва меъёрҳои муқарраркардаи қонун, аз ибтидо то интиҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аҳаммият, мазмун ва «*умумияти*» (чунки ҳама шартҳо «умумӣ» номида шудаанд) ҳар як шарт муайян карда мешавад, ҳалли асосноки масъалаҳои назариявӣ

ва бартараф карда шудани мушкилоти дар амалияи судӣ ҷойдошта муяссар мегардад.

Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ шартҳои умумии муҳокимаи судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ:

- вобаста ба амалишавии онҳо дар марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ;

- вобаста ба мавзуи муҳокимаи судӣ;

- вобаста ба амалишавии функсияи айбдоркунӣ;

- вобаста дар амалишавии таъиноти (назначение) фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ кардан мувофиқи мақсад аст.

Аз назари сохтори таркибии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ (марҳилаҳои он) шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста *ба доираи* амалишавии онҳо ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни баргузории маҷлиси судӣ оид ба баррасии масъалаҳои алоҳидаи мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ. Масалан, маҷлиси суд оид ба гирифтани иҷозат ба пешбурди амали тафтишотӣ (м.35-2 КМҶ ҶТ). Ба ин гурӯҳ шартҳои зерин: муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ; муҳокимаи ошкоро ва пӯшида; риояи тартиби баровардани таъинот ва қарорҳои судӣ, расмиёти мурофиавии ҷиноятӣ дохил мешаванд.

б) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки дар марҳилаи асосӣ-муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ зимни моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал. Дар марҳилаи марказӣ ва асосии мурофиа тамоми шартҳои дар боби 32 КМҶ ҶТ номбаршуда амал мекунанд.

в) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳангоми баргузории маҷлиси суд дар марҳилаҳои истисноии мурофиаи ҷиноятӣ. Дар маҷлиси суди марҳилаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва аз нав оғоз шудани мурофиа бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав тамоми шартҳои дар боби 32

КМҶ ҶТ номбаршуда амал намекунанд (масалан, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, мавзуъ ва ҳадди муҳокимаи судӣ).

Таснифоти шартҳои умумиро вобаста *ба мавзуи муҳокимаи судӣ* идома додан мумкин аст, ки онҳо низ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни баргузории маҷлиси судӣ оид ба баррасии масъалаҳои мурофиавӣ, ки мавзуи муҳокима ё баррасии судро ногузирии маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, пешбурди чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (м.35-1 КМҶ ҶТ) ё амали тафтишотӣ (м.35-2 КМҶ ҶТ) ташкил медиҳанд.

2) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳангоми дар суди марҳилаи аввал баррасӣ шудани масъалаҳои асосии мурофиавӣ, ки *мавзуи* марказии муҳокима ё баррасии судиро гунаҳгор ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ташкил медиҳад ва натиҷаи он дар ҳукм ифода меёбад.

3) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаҳои истисноӣ, ки *мавзуи* муҳокима ё баррасии судиро қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм ва санадҳои дигари судӣ ташкил медиҳад.

Агар ба ҳалли ин масъала аз нуқтаи назари функсияи айбдоркунӣ, вобаста ба категорияҳои ҷиноят (дараҷаи ба ҷамъият хавнокӣ) назар афканем, маълум аст, ки тибқи қонун (м.24 КМҶ ҶТ), вобаста ба хусусият ва дараҷаи вазнинии (хавфнокии) ҷинояти содиршуда, айбдоркунӣ дар суд бо тартиби хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ анҷом дода мешавад, ки ин танҳо ба марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дахл дорад. Новобаста аз он, ки қонунгузории мурофиавӣ се намуди айбдоркуниро пешбини кардааст, дар суд доираи амали шартҳои умумии муҳокимаи судӣ вобаста ба намудҳои *айбдоркунӣ* дар муҳокимаи суд ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар баррасии судии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ. Дар пешбурди судии чунин

парвандаҳои ҷиноятӣ на ҳама шартҳои муҳокимаи судӣ амал мекунанд. Масалан, иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар баррасии судии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ҳатмӣ нест (м.279 КМҶ ҶТ) ё истиснои дигаре, ки м.356 КМҶ ҶТ пешбинӣ кардааст.

2) Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар баррасии судии парвандаҳои айбдоркунии умумӣ.

Ба андешаи мо, таснифоти номбаршуда барои саҳеҳ дарк намудани мазмун, моҳияти ҳар як шарти умумии муҳокимаи судӣ дар амалишавии фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла дар марҳилаҳои ҷудогонаи мурофиа, инчунин нақш ва мавқеи онҳо дар иҷрои вазифаҳо ва ноил ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ нисбатан маҳдуд аст. Аз нуқтаи назари баёншуда, оид ба аҳаммият ва танзими ҳуқуқии яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, хусусан мубоҳиса ва баробарии тарафҳо олими ватанӣ Р.Р. Раҳмадҷонзода қайд мекунад, ки дар амалия дуруст татбиқ гаштани он ба дурнамои рушди қонунгузории мурофиавии миллӣ такони назаррас мебахшад [238, с. 27; 376; 293, с. 304-307].

Муҳаққиқони дигар З.Ҳ. Искандаров, М.К. Абдуллоева ва А.И. Иноятзода амалишавиии баъзе аз шартҳои умумии муҳокимаи судиро, ки бо кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодии шахс алоқамандӣ доранд, на танҳо зимни моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, балки дар маҷлисҳои судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ҷонибдорӣ карда, фикру андешаҳои ҷолибро асоснок мекунанд, ки ба таъмини кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар нигаронида шудаанд [279, с. 149-153; 368].

Баъзе аз масъалаҳои амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, хусусан тарзи мубоҳисавии мурофиа ва фаъолгардонии мавқеи айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) дар асарҳои Р.Р.Раҳмадҷонзода, П.Х. Алиева, Г.Қ. Кабирзода мавриди таҳлил қарор гирифтаанд [411]. Олимон А.Л. Арипов, О.Т.Тоҳирзода хусусиятҳои

марбут ба пешбурди айбдоркунии хусусиро мутобиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон, ФР ва давлатҳои собиқ шуравӣ муқоиса намуда, пешниҳодҳои худро ҷиҳати риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, соддагардонии мурофиаи судӣ ва татбиқи ҳуқуқ бо назардошти таҷрибаи судӣ асоснок мекунанд [259, с. 291-293; 423].

Қайд кардан лозим аст, ки таҳқиқоти дигари назариявӣ ба шартҳои алоҳидаи муҳокимаи судӣ ё мушкилоти амалишавии ҷузъҳои ҷудогонаи онҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ бахшида шудаанд [254, с. 224-231; 290, с. 35-41; 390], лекин пайвастагии онҳо бо ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва принсипҳои конститутсионии адолати судӣ то ҳол мавриди таҳқиқоти фарогир ва таснифи дақиқ қарор нагирифтааст.

Дар боби 32 КМҶ ҶТ (м.м.272-295) низоми шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Бо назардошти ҳолатҳои номбаршуда, низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста амалишавии *таъиноти* фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ:

а) ҷиҳати иҷрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ;

б) амалишавии принсипҳои конститутсионии адолати судӣ;

в) таъмини кафолатҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор додан муҳим аст.

Вобаста ба мазмун ва нақши онҳо дар танзими муносибатҳо дар ин марҳила ва моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ тамоми шартҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ иҷро шудани вазифаҳои мурофиавиро таъмин мекунанд.

1) Шартҳои зерин бевосита ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷиҳати таъмини тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар муҳокимаи судӣ нигаронида мешаванд:

- ҳадди муҳокимаи судӣ;

- имконияти мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ;

- имконияти баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ;

- имконияти қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ;

- ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ;

- тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд;

- тартиби маҷлиси суд;

- чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд;

- протоколи маҷлиси суд;

- эродҳо ба протоколи маҷлиси суд;

- баррасии эродҳо доир ба протоколи маҷлиси суд;

- раисикунанда дар маҷлиси суд;

- тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ.

Аз рӯйии таснифот ***ҳадди муҳокимаи судӣ*** яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судии ин гурӯҳ муайян мешавад, чунки ҳадди муҳокимаи судӣ доираи масъалаҳои баррасишавандаи муҳокимаи судӣ ва доираи амал ва ваколатҳои судро дар бар мегирад. Парванда дар суд танҳо нисбат ба айбдоршавандагон ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба ӯ бо тартиби дар қонун пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима карда мешавад. Лекин ин қоида набояд ба талаботи принсипи пурра, ҳамаҷониба ва холисона муайян кардани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят мухолифат кунад ва баробари «*ҳадди* муҳокимаи судӣ» *мавзуи* баррасии судиро танҳо бо айбдоркунӣ маҳдуд созад.

Таҳлили амалияи судӣ ва таҳқиқоти назария нишон медиҳад, ки назар ба ҳадди муҳокимаи судӣ, мавзуи муҳокимаи судиро баррасӣ ёфтани маҷмӯи ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта доир ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ ташкил медиҳад, ки дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (м.85, 90 КМҶ ҶТ) ва қонуни ҷиноятӣ (КҶ ҶТ) пешбинӣ гашта, муқаррар карда шудани онҳо барои ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ ногузир аст.

Айбдоркуниро дар суд тағйир додан мумкин аст, ба шарте ки вазъи судшаванда бадтар нашавад ва ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя риоя гардад. Ин масъала баҳснок аст. Чунки суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест, ки айби дигар эълон кунад ё айбдоркуниро тағйир диҳад, яъне агар дар ҷараёни маҷлиси судӣ бандҳои ҷудогонаи айбдории судшаванда бо далелҳо тасдиқи худро наёбанд, суд метавонад бо бандҳои алоҳида айбдоркуниро хориҷ намояд ё мустақилона ба далелҳо баҳои ҳуқуқӣ дода, кирдори айбдоршавандаро бо татбиқи меъёри қонуни ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ ва ҷазои нисбатан сабук бандубаст намоянд, дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун парвандаи ҷиноятиро пурра ё нисбат ба айбдоршавандагони алоҳида қатъ намояд. Дар сурати зарурати тағйир додани бандубасти айби шахс дар содир кардани ҷинояти нисбатан вазнин (хавфнок), ки КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, ба миён ояд, парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида мешавад.

Ба андешаи мо, ҳадди муҳокимаи судиро баррасӣ ёфтани маҷмуи ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта оид ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ муайян мекунад, ки дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (м.85, 90 КМҶ ҶТ) ва қонуни ҷиноятӣ (КҶ ҶТ) пешбинӣ гашта, муқаррар карда шудани онҳо барои ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ ногузир аст.

Мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ бештар баҳсҳои назариявиро ба миён овардааст. Дар сурати «ба маҷлиси суд ҳозир нашудани яке аз шахсони даъватшуда муҳокимаи парванда имконнопазир гардад ё бо дархости тарафҳо зарурати талаб карда гирифтани далелҳои нав ба миён ояд, суд, судя дар бораи мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда таъинот (қарор) мебарорад. Ҳамзамон барои даъват ё маҷбуран овардани шахсони ҳозирнашуда, қонеъ намудани дархостҳо чораҳо андешида мешаванд. Муҳокимаи парванда баъди мавқуф гузоштан ва боздоштани он аз лаҳзаи мавқуфгузорӣ ва

бездошт идома дода, тарафҳо бояд бо далелҳои нави бадастоварда шинос карда шаванд» [4].

«Агар судшаванда (1) пинҳон шуда бошад, инчунин (2) ба бемории руҳӣ ё бемории дигари вазнин гирифтор гашта, ҳозир шудани ӯро ба маҷлиси суд имконнопазир гардонад, суд пешбурди парвандаро нисбат ба ин судшаванда то кофтуков намудан, ё шифо ёфтани ӯ, ё гирифтани хулосаи экспертиза бозмедорад ва нисбати судшавандагони дигар пешбурди парвандаро идома медиҳад. Агар муҳокимаи алоҳида ҳалли дурусти парвандаро мушкил гардонад, пешбурди парванда пурра бездошта мешавад» [4]. Ҷустуҷӯи судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти (қарори) суд эълон карда мешавад.

Баргардонида шудани парванда барои тафтиши иловагӣ дар ин низом яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст. Ҳолатҳое, ки дар маҷлиси судӣ доир ба парвандаи ҷиноятӣ мавзуи исботро ташкил медиҳанд дар м.м.85, 90 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. «Суд вазифадор аст, ки воқеан ҷой доштан ё бо далелҳо исбот шудани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро ҳамаҷониба, пурра ва холисона мавриди таҳқиқи судӣ қарор диҳад, агар то баргузории муҳокимаи судӣ:

а) вайронкунии ҷиддии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ошкор гардад;

б) дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ҳолатҳои дигари қаблан номуайян ва ба ҳалли масъалаҳои барои парванда муҳим ошкор шуда бошанд;

в) тафтиши онҳо дар маҷлиси суд бе тафтиши иловагӣ имконнопазир бошад, суд, судя метавонад бо ташаббуси худ ё бо дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонад. Дар сурати барои бартараф кардани нопуррагии пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ гузаронидани экспертиза (иловагӣ, такрорӣ, комплексӣ), зарур бошад, он гоҳ суд, судя бо ташаббуси худ ё бо дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ дар он ҳолат бармегардонад, ки

агар гузаронидани экспертиза бо зарурати ёфтан ва талаб карда гирифтани ҳуҷҷати иловагӣ, намунаҳову далелҳои шайъӣ алоқаманд буда, инчунин зарурати гузаронидани таҳқиқоти экспертизаи калонҳаҷм, ки наметавонанд дар рафти мурофиаи судӣ бе мавқуф гузоштани (ё боздоштани) баррасии парванда ба муҳлати дарозмуддат иҷро гардад ва бар хилофи манфиати адолати судӣ бошад, ба миён омада бошад. Агар муайян карда шавад, ки аз рӯйи парвандаи қаблан (дар марҳилаи таъини маҷлиси судӣ ва омодагӣ ба он) барои тафтиши иловагӣ баргардонида шуда, мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ тавзеҳоти судро бобати пурра кардани норасогиҳо дар таҳлили ҳолатҳои муҳимми парванда иҷро накардаанд, ин ҳолат наметавонад барои такроран баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ асос гардад» [22].

«Суд, судя парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонида, дар айни замон вазифадор аст, масъалаи чораҳои пешгириро нисбат ба судшаванда ҳал кунад» [333, с. 268-272]. Вазифаи судя бо қабули чунин қарор хотима намеёбад, пешниҳод мешавад, ки баҳри минбаъд такмил дода шудани ин шарти муҳокимаи судӣ, баҳри бартараф шудани вайронкунии қонун ва исботи тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, пешбурди парвандаи ҷиноятии ба тафтиши иловагӣ баргардонида шуда, таҳти назорати суд қарор дода шавад.

Ҳалли масъалаи чораҳои пешгирӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, тағйир додан ё дароз кардани муҳлат ва ё бекор кардани чораи пешгирӣ мебошад. Суд, судя ҳуқуқ дорад ҳангоми муҳокимаи судӣ нисбати судшаванда чораи пешгириро интихоб намояд, тағйир диҳад ё бекор кунад, муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани судшавандаро дароз намояд.

Муқоисаи муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ва дароз кардани муҳлати он дар марҳилаи тафтиши пешакӣ ва дар вақти муҳокимаи судӣ нишон медиҳад, ки иштироки тарафҳо дар ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои тосудӣ то ҳол баҳснок аст.

Тартиби маҷлиси судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст (м.291 КМҶ ҶТ). «Муҳокимаи судӣ дар шароите, ки барои кори муътадили суд ва амнияти иштирокчиёни мурофиа мусоид аст, гузаронида мешавад.

Ҳангоми риоя накардани тартибот дар толори маҷлиси суд, итоат накардан ба амри раисикунанда, иштирокчии мурофиа огоҳ карда мешавад, ки дар сурати такроран риоя накардан ба тартибот, бо қарори судя (таъиноти суд) ӯ аз толори маҷлиси суд берун ё ба андозаи то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима бандӣ карда мешавад. Ин қоида ба шахсоне, ки дар толори маҷлиси суд ҳузур доранд, вале иштирокчии мурофиа намебошанд, низ дахл дорад. Ҳар як иштирокчии мурофиа, ғайр аз айбдоркунанда ва ҳимоятгар, метавонад аз толор берун карда шавад. Нисбат ба судшаванда, ҳимоятгар ва айбдоркунандаи давлатӣ ҷаримабандӣ татбиқ карда намешавад» [4].

Дар мавридҳои пешбиникардаи м.292 КМҶ ҶТ «суд метавонад нисбати иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ё шахси дар толори маҷлиси суд ҳузурдошта, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардаанд, ё нисбати суд ва нисбати қоидаҳои муайяннамудаи суд беэҳтиромӣ зоҳир карда бошанд, ҳуқуқвайронкунандаро пурсиш ва далелҳои ӯро тафтиш намуда, суд ҳуқуқ дорад дар ҳамон муҳокимаи судӣ дар бораи ба ӯ татбиқ кардани яке аз ҷазоҳои маъмурии пешбининамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинот (қарор) барорад»[4].

Агар дар амали вайронкунандаи тартиботи маҷлиси суд аломатҳои ҷиноят вуҷуд дошта бошад, суд маводи дахлдорро барои ҳалли масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор равон мекунад.

Расмиёти муҳокимаи судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мебошад. Оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ аз тарафи суд ҳал мегардад, суд таъинот, судя қарор мебароранд, ки он

бояд дар протоколи маҷлиси судӣ қайд гардида, дар маҷлиси суд эълон карда шавад. Масаъалаи асосии маҷлиси судӣ - гунаҳгорӣ ё бегуноҳии судшаванда дар ҳукм (санади алоҳидаи судӣ) ифода меёбад.

«Таъинот (қарор) 1) дар бораи ба тафтиши иловагӣ фиристодани парванда; 2) қатъ намудани парванда; 3) тағйир додан, татбиқ ё бекор кардани чораи пешгирӣ; 4) оид ба раддияҳо; 5) таъини экспертиза; 6) ҳамчунин таъиноти хусусӣ дар хонаи машваратӣ бароварда, дар шакли ҳуҷҷатҳои алоҳида тартиб дода мешаванд» [4].

Яке аз қоидаҳои асосии ин марҳила тартиб дода шудани протоколи маҷлиси судӣ мебошад, ки аз ҷониби котиб иҷро мешавад. Дар протоколи маҷлиси судӣ тамоми амалҳои судӣ бо пайдарҳамӣ пурра инъикос мешаванд. Протоколи маҷлиси судӣ дар шакли мурофиавии ҷиноятӣ тартиб дода мешавад ва бояд ба талаботи пешбиникардаи м.293 КМҶ ҶТ ҷавобгӯ бошад. Протокол бояд аз ҷониби раисикунанда ва котиб таҳия гардида, дар муҳлати на дертар аз панҷ шабонарӯз аз лаҳзаи хотимаи маҷлиси суд имзо карда шавад.

«Раисикунанда вазифадор аст ба тарафҳо барои пурра шинос шудан бо протоколи маҷлиси суд вобаста ба таҳия гардидани протокол имконият фароҳам орад. Эродҳои аз ҷониби иштирокчиён баёнгашта, нисбати шакл ва мазмуни протоколи маҷлиси судӣ ва қарори судя доир ба натиҷаи баррасии эродҳо ба протоколи маҷлиси суд замима карда мешаванд» [4].

Дар ин гурӯҳи шартҳо ***ба нақши раисикунанда дар маҷлиси судӣ***, ки яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст, бояд эътибор дода шавад.Чунки риоя ва иҷрои шартҳои муҳокимаи судӣ ба зиммаи ӯ вогузор мешавад.

Нақши раиси маҷлиси судӣ хусусияти роҳбарикунанда ва ташкилӣ дорад, афзалият ё бартарияти имкониятҳои мурофиавии ӯро ифода намекунад. Тамоми масъалаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии

дастаҷамъонаи парвандаи ҷиноятӣ бо аксарияти овозҳо ҳал карда мешаванд. Зимни ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ раисикунанда пас аз ҳама овоз медиҳад.

Раисикунанда ба маҷлиси суд роҳбарӣ намуда, тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро барои таъмини мубоҳиса ва баробарии тарафҳо меандешад, ки суд ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирад ва барои ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда барои тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам оварад. Раисикунанда инчунин риояи тартиботи маҷлиси судро таъмин намуда, ба ҳамаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшон ва тартиби татбиқи онҳоро мефаҳмонад. Дар сурати аз ҷониби яке аз иштирокчиёни муҳокимаи судӣ арз кардани норозигӣ ба амали раисикунанда ин норозигӣ дар протоколи маҷлиси суд инъикос мегардад.

Раисикунанда бештар масъулият ва уҳдадориҳои мурофиавӣ дорад, яъне маҷлиси судиро мекушояд, ҳайъати судиро эълон мекунад, барои муносибат накардани шоҳидони пурсидашуда бо шоҳидони пурсиданашуда чора меандешад, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ва дигар иштирокчиёнро мефаҳмонад, шахсияти судшаванда ва шоҳидонро муайян мекунад, ба судшаванда моҳияти айбдориашро маълум месозад, ба тафтиши далелҳо роҳбарӣ менамояд, тартиби дуруст қайд шудани протоколи судиро таъмин мекунад. Раисикунанда дар рафти мурофиа ба судяҳо барои мулоҳизаронӣ саволҳо мегузорад, қарорҳои судро тартиб дода, ҳукмро эълон мекунад ва инчунин тартиби эътироз ё шикоят оварданро мефаҳмонад.

Таҳлили нақши раисикунандаи маҷлиси суд дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, пайдарҳамии иҷрои амалҳои судӣ, аз ҷониби ӯ андешида шудани чораҳо барои ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда, барои тарафҳо фароҳам овардани шароити зарурӣ дар таҳқиқоти мазкур бо назардошти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ идома меёбад.

Тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар боби 30 КМҶ ҶТ муқаррар шудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ муаллифон тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятиро ҳам аз ҷиҳати меъёрӣ ва танзими ҳуқуқӣ, инчунин аз рӯйи мазмун ва моҳият ба сифати яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ номбар кардаанд [179, с. 402], ки мо инро ҷонибдорӣ мекунем. Лекин дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дохил нашудааст ва ин масъала тачдиди назарро талаб мекунад.

Аслан, роҷеъ ба мафҳуми тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ гуфтан муҳим аст, ки вожаи «тобеият» мазмуни ташкилӣ, сохторӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, ба мансубият, вобастагии зина ва ё сохторҳои таркибии соҳаи (низоми) муайян ишора мекунад [122, с. 215].

Дар назарияи ҳуқуқ «тобеияти судӣ» парвандаҳои қобили (мансуб)-и муҳокимаи (баррасӣ)-и судиро ифода кардааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки тобеияти судӣ барои ҷудо кардани ваколати судҳо оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ хизмат мекунад [122, с. 274]. Ба андешаи мо, дар таҳлили ин масъала на «ваколатдорӣ» (аз номи давлат амал кардани мақомоти суд), балки истилоҳи «салоҳият» (ҳадду ҳудуди дақиқи ваколат, вазифа) қобили қабул аст. Чунки аз номи давлат *ваколатдор* шудани мақомоти ҳокимияти судӣ муқаррароти ҷудонопазир аст, бинобар ин муайян шудани «салоҳияти суд» мазмуни тобияти судиро возеҳ нишон медиҳад. Дар баробари ин, бо андешаҳои муаллифон, ки тобеияти судӣ *маҷмуи аломатҳои парвандаи ҷиноятӣ аст* [242, с. 404] розӣ шуда наметавонем, чунки аз рӯйи нишонаҳои парвандаи ҷиноятӣ салоҳиятнокии суд оид ба муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Аз нуқтаи назари мурофиавӣ мафҳуми «тобеият» доираи салоҳият, сарҳад, меъёр ё ҳадди муайян, имконияти ҳалли масъалаҳои мурофиавиро аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (суд) муқаррар

кардааст. Дар муқоиса, дар марҳилаҳои тосудӣ, «тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятӣ» яке аз шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ эътироф мешавад. Тобеияти тафтишотӣ қоидаҳои мурофиавиро ифода кардааст, ки аз рӯйи нишонаҳо (дараҷаи хавфнокӣ, маҳалли содир шудани ҷиноят, нишонаи фардӣ ва омехта)-и парвандаи ҷиноятӣ мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, ки *салоҳияти* пешбурди ҳамин парвандаи ҷиноятиро дорад, муайян кардааст (м.161 КМҶ ҶТ).

Бинобар ин, тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятиро ҳам бояд бо *доираи салоҳиятдории мақомоти судӣ* вобаста донист. Чунки дар низоми судии кишвар на ҳама судҳо салоҳияти муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятиро доранд. Ба назари мо, тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад, ки аз принсипи ҳифзи судӣ (м.8 КМҶ ҶТ) сарчашма гирифта, барои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби суди мустақил, босалоҳият ва беғараз меъёр (ҳадду ҳудуд) ва шароит пешбинӣ мекунад.

Таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ нишон медиҳанд, ки «тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ» аз ҷамъи қоида ва меъёрҳое иборат аст, ки вобаста ба нишонаҳои парвандаи ҷиноятӣ (дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ, маҳалли содир шудани ҷиноят, нишонаҳои фардӣ ва омехта) *мақомоти судӣ, ки салоҳияти* пешбурди судии ҳамин парвандаи ҷиноятиро дорад, муайян карда шудааст.

Мувофиқан, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ дар меъёрҳои боби 30 КМҶ ҶТ мафҳуми «тобеият» бояд бо мафҳуми «салоҳиятнокӣ» иваз карда шуда, яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ эътироф гардад. Дар матни меъёрҳои мурофиавӣ ба ҷойи муқаррароти «тобеияти судӣ» бояд муқаррароти «салоҳиятнокии суд» истифода шавад, ки охирон мазмуни мурофиавӣ дошта, барои амалишавии бевоситаи принсипи конститутсионии адолати судӣ шароит ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тариқ, гурӯҳи тафсиршудаи шартҳои номбаршуда дар як вақт аз талаботи принсипи қонуният бармеоянд, ки ба риоя дақиқ ва иҷрои

якхелаи тартиби муқарраркардаи қонун ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ хизмат мекунад.

2) Дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ шартҳои зерин бевосита аз *мазмун ва талаботи принсипҳои адолати судӣ бармеоянд ва амалишавии онҳоро* дар ҳамин марҳила таъмин мекунанд:

- муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ;

- муҳокимаи ошкорои судӣ;

- тағйирнопазирии ҳайати суд ҳангоми муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ;

- машваратчии халқии эҳтиётӣ;

- баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ.

Муҳокимаи бевоситаи судӣ аз принсипҳои мустақилияти суд ва пурра, ҳамаҷониба ва холисона муайян карда шудани тамоми ҳолатҳои парванда сарчашма мегирад. Ин шарти муҳокимаи судӣ, пеш аз ҳама, аз ҷониби суд бевосита ва мустақилона, новобаста аз мавқеи тарафҳо мавриди санҷиш ва тафтиш қарор дода шудани далелҳои пешниҳодшударо ифода мекунад. Ба далелҳои ҷамъовардашуда суд бевосита баҳо медиҳад, қобили қабул, дахлдор, боэътимод ва кофӣ будани онҳоро бевосита мавриди тафтиш қарор медиҳад ва хулосаи бевоситаи худро дар асоси онҳо (далелҳо) асоснок мекунад.

«Суд, судя амалҳои судиро бевосита мегузаронад, нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро бевосита мешунавад, далелҳои шайъиро бевосита аз назар мегузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро бевосита эълон мекунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо бевосита анҷом медиҳад, масъалаҳои дар ҷараёни муҳокимаи судӣ бамиёномадаро мустақилона ва *бевосита* ҳал мекунад»[4]. Хулосаи *бевоситаи* (новобаста аз мавқеи тарафҳо, холисона) суд дар таъинот, қарор ва ҳукм ифода меёбад. Санадҳои судӣ, аз ҷумла ҳукми суд, судя танҳо бо он далелҳое, ки дар маҷлиси суд тафтиш

шудаанд, асоснок карда мешаванд. Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муайян шудааст, лекин он назар ба шартҳои муҳокимаи судӣ, ки қаблан тибқи м.241 КМҶ ҶШСТ (с.1961) амал мекард, талаботи «бефосила» будани маҷлиси судиро дар канор мондааст.

Маҷлиси судӣ ***дар шакли шифоҳӣ*** ҷараён мегирад, лекин ҷараён ва натиҷаи амалҳои судӣ дар протоколи маҷлиси судӣ аз ҷониби котиби маҷлиси судӣ қайд карда мешаванд, санадҳои судӣ шифоҳӣ эълон карда шаванд ҳам, ҳамчун ҳуҷҷати мурофиавӣ дар шакли расмии хаттӣ қайду мустаҳкам мешаванд.

Эълон кардани ҳайати суд, моҳияти парвандаи баррасишаванда, муайян кардани шахсият, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиён, огоҳ кардани онҳо дар бораи риоя кардани қоидаҳои мурофиаи судӣ ва масъулияти ҳуқуқии онҳо, шунидани нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносон, эълон кардани нишондодҳо, ки дар пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ гирифта шудаанд, баррасии дархост ва раддия, эълон кардани ҳукм ва ғайраҳо ба тариқи шифоҳӣ ҷараён мегирад. Шакли шифоҳии муҳокимаи судӣ дастрасии муҳокима, шаффофият ва имконияти тарафҳоро дар муҳокимаи масъалаҳои баррасишаванда таъмин мекунад.

Ин шарти муҳокимаи судӣ, бо шарҳи васеи «бевосита ва шифоҳи баргузор шудани муҳокимаи судӣ», бо масъалагузорӣ ва алоқамандии он бо принсипҳои дастрасӣ ба адолати судӣ, ҳимояи судӣ, инчунин танзими он бо меъёрҳои мурофиавӣ, бо ҳадди ваколатҳои судя, суд, инчунин бо шартҳои дигари муҳокимаи судӣ дар қисмҳои минбаъда мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Муҳокимаи ошкорои судӣ шарти дигари муҳокимаи судӣ эътироф шудааст, ки аз принсипи конститутсионии адолати судӣ сарчашма гирифтааст (м.88). Парвандаи ҷиноятӣ дар суд ба таври ошкоро муҳокима карда мешавад. Дар мавридҳои истисноӣ мумкин аст, ки

маҷлиси суд пӯшида баргузор шавад, лекин ин қоида маънои ғоибона, махфӣ ё пинҳонӣ баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятиро надорад.

Муҳокимаи ошкорои судӣ дар пайвастагӣ бо қоидаҳои дигари мурофиавӣ амалӣ мешавад. Бинобар ин, таҳқиқоти назариявӣ атрофи муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ, баргузории маҷлиси кушод, маҷлиси пӯшидаи судӣ, баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии яке аз иштирокчиёни мурофиа дар алоқамандӣ бо шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки хулоса ва андешаҳои дигарро ба миён меорад, ки муайян кардани тафовут, таносуби онҳо бе таҳқиқоти алоҳида ғайриимкон аст.

Тағйирнопазирии ҳайати суд яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст, ки аз м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифтааст. «Парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи якум дастаҷамъона ва ё танҳо баррасӣ мешавад. Баррасии дастаҷамъонаи парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд дар ҳайати судя ва ду нафар машваратчии халқӣ анҷом дода мешавад. Машваратчиёни халқӣ аз тамоми ҳуқуқҳои судя истифода мебаранд» [56]. Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки барои муҳокимаи судӣ муддати дарозро талаб мекунад, машваратчии халқии эҳтиётӣ ҷалб карда мешавад, ки ҳамчун шарти дигари муҳокимаи судӣ пешбинӣ шудааст. Машваратчии халқии эҳтиётие, ки аз оғози муҳокимаи парванда дар толори маҷлиси суд иштирок дорад, дар сурати хориҷ шудани яке аз машваратчиёни халқӣ ӯро иваз мекунад ва муҳокимаи парвандаро идома меёбад.

Судя парвандаҳои ҷиноятиро, ба истиснои парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои махсусан вазнин, танҳо баррасӣ менамояд.

Ҳадди салоҳияти суд, судя, таъмини имконияти баррасии дастаҷамъонаи парвандаи ҷиноятӣ бо дархости тарафҳо, ҳолатҳое, ки иштироки судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд, нақши машваратчиёни халқӣ дар баамалбарории адолати судӣ ва масъалаҳои дигари баррасии судӣ, ки дар назария муҳокимаи онҳо

идома дорад [264, с. 36; 270, с. 11-19], дар қисматҳои ояндаи рисола мавзуи таҳқиқоти моро ташкил медиҳанд.

Имконияти иштирок ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст, ки аз принсипи конститутсионии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (м.88) сарчашма мегирад (м.20 КМҶ ҶТ).

Мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Дар ин марҳила масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар ҳузури тарафҳо ҳалли худро меёбанд. Муқаррароти суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад, он дар қонунгузории мурофиавии миллӣ яке аз навгониҳо мебошад, ки мавқеи холисонаи судро тақвият бахшидааст. Лекин суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо ва муҳайё кардани шароити муносиб масъул аст.

Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробари мурофиавӣ доранд.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ки меъёрҳои он барои ҳамаи иштирокчиёни он баробар амал мекунад. Тамоми иштирочиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар назди қонун ва суд баробаранд. Ҳуқуқу уҳдадориҳои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро меъёрҳои ҳуқуқии қонун пешбинӣ кардааст, ки сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил, молу мулк ва новобаста аз хоҳишу иродаи онҳо амал мекунад, ба роҳбарӣ гирифта мешаванд ва татбиқ мегарданд.

3) Ба гурӯҳи сеюми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ шартҳое дохил мешаванд, ки *амалишавии кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодии* инсон ва ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва

манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигарро таъмин мекунанд:

« - котиби маҷлиси суд;

- иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар муҳокимаи судӣ;

-иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ;

- иштироки ҳимоятгар дар муҳокимаи судӣ;

- иштироки ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ;

- иштироки даъвогари граждани ё ҷавобгари граждани дар муҳокимаи судӣ;

- иштироки мутахассис дар муҳокимаи судӣ» [4].

Ҳуқуқу уҳдадориҳои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ вобаста аз мавқеи онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (прокурор, судя) ваколатҳои расмӣ-давлатӣ доранд ва вазифаҳои расмиро аз номи давлат иҷро мекунанд; гурӯҳи дигар (судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани), ки ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд, ҳуқуқу манфиатҳои худро амалӣ мегардонад ва аз оқибати мурофиаи ҷиноятӣ манфиатдоранд; гурӯҳи сеюм, (шоҳидон, шахсони холис, тарҷумон, мутахассис, эксперт) ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ёрӣ мерасонанд.

Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ, хусусӣ, судшаванда, ҳимоятгар, инчунин ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ва намояндагони онҳо дар маҷлиси судӣ ҳатмист, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст (м.м. 279-284 КМҶ ҶТ). Иштирокчиён барои «изҳори раддия ва дархост, пешниҳоди далелҳо, (ба сифати тарафҳо) иштирок дар тафтиши судӣ, баромад дар музокираҳои судӣ, ба суд пешниҳод кардани тавсия оид ба ҳамаи масъалаҳои баррасишаванда, ки дар парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, инчунин барои иштирок дар баррасии дигар масъалаҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судии парвандаи

ҷиноятӣ ба миён меоянд, *аз ҳуқуқи баробари мурофиавӣ* истифода мебаранд» [4] (м. 277 КМҶ ҶТ).

Шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста ба аҳаммияти таъсиррасонии онҳо ба муносибатҳои мурофиавӣ ва раванди баргузории маҷлиси суд ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки хусусияти диспозитивӣ доранд (имконияти суд, судя оид ба мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ; баррасии арзу дархост; баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ; қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ; ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; қабули қарори мурофиавӣ). Хусусияти диспозитивӣ (аз калимаи лотинӣ «dispositivus» соҳибихтиёриро мефаҳмонад) -и шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки амалишавии онҳо аз салоҳдиди суд, судя (дар доираи салоҳияти истисноии суд) вобаста мешавад.

2. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки хусусияти императивӣ доранд (муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; муҳокимаи ошкорои судӣ; тағйирнопазирии ҳайати суд ҳангоми муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ; баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; тартибот дар маҷлиси суд; тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; ҳадди муҳокимаи судӣ; расмиёти муҳокимаи судӣ). Хусусияти императивӣ (аз калимаи лотинӣ «imperativus» амрдиҳӣ, ҳатмиро мефаҳмонад)-и шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки амалишавии онҳо аз ҷониби тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҳатмӣ аст.

Бо назардошти ин таснифоти шартҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳқиқоти нав ҷиҳати таҳлили муаммоҳои назария ва амалияи судӣ самаранок мегардад.

Ҳамин тариқ, низом, таснифот ва таҳлили шартҳои умумии муҳокимаи судӣ нишон медиҳанд, ки таъмини иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ риояи дақиқ, иҷро ва татбиқи ягонаи меъёрҳои

ҳуқуқӣ яке аз ҳадафҳои муқаррар ва ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мебошад.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар раванди амалишавии (риоя, иҷро, татбиқ) меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мурофиавӣ, иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мекунанд. Ба андешаи мо, бо ин хусусияти худ шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъинот (функсия)-и худро ифода мекунад: ҳимояи ҳуқуқи инсон ва танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, барпо кардани шароити омодагӣ ва баррасии ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ; таъмини рафтори муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; таъмини иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди судии ҷиноятӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ.

- Низоми муқарраршудаи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ моҳияти расмию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни талабот ва кафолати мурофиавӣ дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъсир расонида, ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ *шароит* муҳайё месозад.

Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои мурофиавии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил додааст.

- **Т**анзими муносибати иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ бо ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ чунин шакли таъсиррасонии расмии давлатиро ба рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмидан мумкин аст, ки зарурати таъсиррасонии он дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар шакли ваколатдиҳӣ, уҳдадорнамоӣ, имкониятдиҳӣ, маҷбуркунӣ, барқарорсозӣ, маҳдуднамоӣ, пешгирӣ ва манъ кардан пайдо мешавад, тағйир меёбанд, қатъ мешаванд ва ё хотима меёбанд.

Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ғайр аз ҳадафҳои умумӣ (расмӣ)-и мурофиаи ҷиноятӣ, *таъиноти* махсуси мурофиавӣ доранд:

- онҳо ҳамчун шакли мурофиавии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудаанд;

- шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ шудани принсипҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунанд;

- онҳо мазмун ва таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни муҳокимаи судиро муайян карда, дар ҷараёни амалишавии ин фаъолият ба риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит барпо мекунанд;

- онҳо ҳадди имконият ва рафтори иштирокчиён, мақсад ва хусусияти иштироки тарафҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегиранд.

-Таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки:

а) онҳо риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятиро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, таъмин менамояд;

б) ифодаи кафолати (уҳдадории давлат) оид ба риоя ва иҷрои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ (вобаста аз мавқеъ, таъинот, ҳадаф ва ҳолати ҳуқуқии онҳо) аст;

в) онҳо ба шакл гирифтани низоми ягона ва ба танзими боэътимоди муносибатҳои ҳуқуқии иштирокчиёни он шароит муҳайё мекунанд;

г) таъминкунандаи кафолати иштироки аҳли ҷомеа дар пешбурди мурофиаи судӣ, хусусан дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ мебошад;

д) онҳо ҳадду ҳудуди дақиқи иштирок дар муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафтори муайян, андешидани чораҳои

маҷбурӣ ва барқароршавии муносибатҳои ҳуқуқиро низ фаро гирифтааст.

3.2. Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ

Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ яке аз шартҳои муҳимми муҳокимаи судӣ оид ба ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва моҳиятан баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад. Ин қоида, пеш аз ҳама, суд, судяро водор мекунад, ки дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ барои иштироки тарафҳо шароит муҳайё намуда, лекин мустақилона, холисона, беғаразона ва аз рӯйи қонун амал намоянд.

Ба андешаи М.Н. Обидова муҳокимаи масъалаҳои мурофиавӣ бо иштироки тарафҳо яке аз шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар баамалбарории адолати судӣ аст [405]. Набояд фаромӯш кард, ки иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар амалисозии адолати судӣ – яке аз шаклҳои амалисозии ҳуқуқҳои халқ дар идоракунии давлат ва тасдиқи тағйироти сифатӣ мебошад, ки ба давлати демокративу ҳуқуқбунёд хос аст. Яъне, шарти «бевосита» на танҳо аҳаммияти мурофиавии ҷиноятӣ, балки аҳаммияти расмӣ дошта, бо ҷузъи таркибии амалишавии мустақилияти ҳокимияти давлатӣ (судӣ) алоқаманд аст.

Бо назардошти фикру андешаҳои назариявӣ, ки бештар ба шакли ифодаёбӣ ва зоҳирии қоидаҳои мурофиавӣ бахшида шудаанд, бояд ба мазмун ва моҳияти шарту қоидаҳое, ки қонун пешбинӣ мекунад, эътибор дод. Ин қоидаҳо хусусияти умумиҳатмӣ дошта, андешаҳои баёншударо дақиқ ва муттаҳид мекунанд.

Суд, судя бо иштироки бевоситаи тарафҳо нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро мешунавад, бевосита далелҳои шайъиро аз назар мегузаронад, бевосита протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро

эълон мекунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо бевосита анҷом медиҳад.

Ин шарти муҳокимаи судӣ риоя ва иҷрои муқаррароти меъёрҳои конститутсионӣ (м.87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва мурофиавии ҷиноятии адолати судиро (м.8,12,21,87 КМҶ ҶТ) таъмин мекунад, то ки далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда ҳамаҷониба, пурра ва холисона аз ҷониби суд бевосита тафтиш карда шаванд. Тибқи талаботи қонун «тафтиш» аз таҳлили далелҳои ба даст овардашуда, муқоисаи онҳо бо дигар далелҳо, далелҳои нави ҷамъовардашуда, манбаъҳои ба даст овардашудаи далелҳо иборат аст (м.87 КМҶ ҶТ). Тафтиши бевоситаи далелҳо аз ҷониби суд қобили қабул, дахлдорӣ, эътимоднокӣ, саҳеҳ ва кофӣ дониста шудани далелҳоро таъмин мекунад, ки ҳукми суд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад.

Ба андешаи мо, барои дақиқ ифода кардани мазмун ва ҳадафи муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ мувофиқан унсурҳои таркибии «муҳокимаи бевосита ва шифоҳиро» мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор диҳем, ки мутобиқи он риоя ва иҷрои тартиби муқарраркардаи меъёрҳои қонун дар амалия муайян карда шавад.

Олимони соҳа қайд мекунанд, ки барои муайян кардани моҳияти мурофиаи ҷиноятӣ ва нақши он дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ бояд дурнамои рушди онро аз таҳқиқи принсипҳои ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз бахшем, ки натиҷаи асосноки онҳо (таҳқиқот) ба мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ, назария ва амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бевосита таъсир мерасонад ва онро тақвият мебахшад [113, с. 5]. Профессор И.Б.Михайловская қайд карда буд, ки «принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамчун асоси роҳбарикунанда дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда, хусусияти декларативӣ дошта бошанд ҳам, онҳо ҳама вақт ҳадаф, мазмун ва самти фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятиро муайян мекунанд» [156, с. 117-118].

Олимон З.Ҳ. Искандаров, Р.Р. Юлдошев, Н.С. Манова, Ю.Ф. Францифоров қаблан низ қайд карда буданд, ки принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ низоми таркибии сохториро ташкил дода, танҳо дар умумият моҳият ва аҳаммияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ пайдо мекунанд [127], [220, с. 38].

Муаллифони ватанӣ А.Э. Раҳматулоев, М.Д. Қаландарова ба хулоса омадаанд, ки принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар қонунгузории муосири Тоҷикистон «аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон сарчашма гирифта, ягонагии ҳадафи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ва пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар амал таъмин менамоянд» [335, с. 41-45; 180, с. 7].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки «муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ» мазмуни нисбатан васеъ дошта, мазмуни он аз принсипҳои адолати судӣ сарчашма гирифтааст, лекин танҳо бо «тафтиши далелҳо» маҳдуд намешавад, балки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад [297, с. 164-165] ва ин мавқеъ бояд дастгирӣ ёбад, чунки:

- амалҳои судӣ аз ҷониби суд, судя бевосита иҷро мешаванд, монанди эълони ҳайъати суд, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд ва ғайраҳо (м.м.296-307, 349 КМҶ ҶТ);

- суд, судя далелҳои пешниҳодшударо бевосита санҷида баҳои ҳуқуқӣ медиҳад, амалҳои судӣ, аз ҷумла пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтиширо бевосита иҷро мекунад (м.м.21,311-326 КМҶ ҶТ);

- суд, судя иштироки бевоситаи тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад (м.м.12, 22,276-277 КМҶ ҶТ);

- суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад (м.м.21, 85, 90 КМҶҶТ);

- дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро ҳал мекунад, монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

- суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита (новобаста аз мавқеи тарафҳо) қабул мекунад (м.м. 290,332-350 КМҶ ҶТ).

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «муҳокимаи бевосита» вобастагӣ надоштани суд аз мавқеи тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиа, мустақилияти суд, бе дахолат, озодона баҳо додан ба далелҳо, озодона ва новобаста амал кардан ва хулоса баровардани судро низ таъмин менамояд [116, с. 3-17].

Мусаллам аст, ки агар суд танҳо «нақши барасмиятдарории манфиати мақомоти давлатиро» иҷро кунад, дар қабули қарорҳои худ озод набошад, қарорҳои худро аз мавқеи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ё таъсиррасонӣ ё дахолати мақомоти дигари давлатӣ қабул намояд, пас суд довари холису беғараз дар ҳалли низои иҷтимоиву ҳуқуқӣ нест», қайд мекунад И.Б. Михайловская [157, с. 2-6].

Дар қонунгузории ФР ин қоида ҳатто дар сатҳи меъёрӣ дар м.17 «Баҳодиҳии озодонаи далелҳо» номгузорӣ мешавад [47]. Дар КМҶ Қазоқистон (м.128) пешбинӣ мешавад, ки судҳо ба ҷамъи далелҳо аз рӯйи ақидаи ботинӣ ва виҷдон бевосита баҳо дода, танҳо қонунро ба роҳбарӣ мегиранд [49].

Таҳлилҳои мо нишон доданд, ки муҳокимаи бевоситаи судӣ дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ риоя ва иҷрои муқаррароти м.8 (принсипи ҳифзи судӣ), м.12 (принсипи ҳифзи ҳуқуқу манфатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ), м.9 (принсипи қонуният), м.21 (принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян кардани ҳолатҳои

содир шудани ҷиноят), м. 87 КМҶ ҶТ (санҷиши далелҳо) -ро низ таъмин мекунад, то ки тамоми далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона аз ҷониби суд озодона ва бевосита тафтиш карда шаванд. Лекин, дар м.6 КМҶ ҶТ шарҳи дақиқи талаботи «ҳамаҷониба, пурра ва холисона» мавҷуд нест, ҳол он ки ин талабот на танҳо ба шарти бевосита муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ, балки ба мавзуъ ва ҳадди муҳокимаи судӣ ҳам дахл дорад. Ғайр аз ин, риоя нашудани ин талаботи қонун боиси яктарафа, нопурра эътироф шудани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё тафтиши судӣ ва баръало ноодилона дониста шудани ҷазои таъинкардаи суд ва ниҳоят боиси бекор кардани ҳукм мегардад (м.м.375, 377 КМҶ ҶТ).

Албатта, амалишавии салоҳияти суд, судя ҳам аз натиҷаи таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳо вобаста аст. Суд, судя танҳо баъди таҳқиқи (санҷиши) ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳои аз ҷониби тарафҳо пешниҳодшуда ҳуқуқ дорад:

« - шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста, ба ӯ ҷазо таъин кунад;

- нисбат ба ноболиғ чораҳои дорои хусусияти тарбиявиро таъин кунад;

- нисбат ба шахс чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъин кунад;

- барои шахсро ҳабс кардан ва ба ҳабси хонагӣ гирифтан иҷозат диҳад ва ё муҳлати онро дароз кунад;

- санадҳои қабулкардаи судҳои марҳилаҳои поёниро бекор кунад ва ё тағйир диҳад» [4] ва ғайраҳо.

Дар ин ҷода салоҳияти судя, суд мутлақо бе маҳдуд нест, чунки судя, суд салоҳияти бевосита исбот кардани айби судшаванда ё беайбии ӯро надоранд. Чӣ хеле ки қайд шуда буд, ба зиммаи судя, суд уҳдадории исботи айби шахс ё беайбии вай вогузор нашудааст. Агар айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳо дар муҳокимаи бевоситаи судӣ тасдиқи

худро ёбад, пас суд шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мекунад. Агар айби шахс дар содир кардани ҷиноят дар муҳокимаи бевоситаи судӣ бо далелҳо тасдиқи худро наёбад, пас суд шахсро дар содир кардани ҷиноят бегуноҳ эътироф мекунад.

Ҳукми суд бевосита аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешавад. Суд бевосита аз номи давлат парвандаи ҷиноятиро мавриди баррасӣ қарор дода, адолати судиро ба амал мебарорад, гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахсро дар содир кардани ҷиноят муқаррар намуда, одилона ҷазои ҷиноятӣ таъин менамояд. Хулосаи суд, ки дар ҳукм ифода меёбад аз хулосаи айбдоркунандаи давлатӣ ва мавқеи тарафи ҳимоя вобаста нест.

Ҳукми суд қувваи умумиҳатмӣ ва қатъӣ дорад, яъне беистисно аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ бояд риоя ва иҷро гардад. Баъди қувваи қонунӣ гирифтани ҳукм бо ҳамон асосҳо, оид ба ҳамин айбдорӣ, дар хусуси ҳамон шахс таъқиби ҷиноятӣ манъ карда мешавад.

Ваколати суд оид ба таҳқиқи бевоситаи далелҳо бо ваколати муфаттиш, прокурор ва ё таҳқиқбаранда оид ба ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳо монанд ва вобаста нест. Суд на танҳо ба далелҳои ҷамъовардашуда ва ҳолатҳои муайяншуда, инчунин ба риоя ва иҷро шудани қонун ҳангоми ҷамъоварии далелҳо ва исботи ҳолатҳои содиршудани ҷиноят мустақилона, новобаста аз хулосаи таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ё ҳимоятгар баҳои ҳуқуқӣ медиҳад.

Хулосаи суд оид ба масъалаи асосии парвандаи ҷиноятӣ бевосита дар ҳукм ифодаи худро меёбад. Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад. Ягон мақомоти дигар ҳуқуқ надорад шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор ё бегуноҳ эътироф ва ё ҷазо таъин намояд. Ҳукми айбдоркунанда танҳо ба шарте бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳкор будани судшаванда дар содир

намудани ҷиноят бо маҷмуи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ гардидааст (м. 339 КМҶ ҶТ).

Мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ нишон медиҳад, ки асоси ҳукми айбдоркунанда исботи қатъӣ ва бебаҳси айби шахс мебошад. Дар айни замон, механизми баровардани ҳукми сафедкунанда бо тартиби дигар танзим мегардад: барои он кофӣ аст, ки иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо далелҳо исбот нашуда бошад. Ба ибораи дигар, беайбии шахс талабгори исботи мустақилона нест. Ҳар гуна эҳтимолият ё шубҳа ба нафъи судшаванда маънидод шуда, наметавонад асоси гунаҳгор донистан гардад.

Мутобиқи меъёрҳои КМҶ ҶТ дар марҳилаи судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, нисбат ба даврaҳои дигари мурофиа ба судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндагони онҳо имкониятҳои мурофиавӣ ва шароити бештар фароҳам оварда шудааст, ки *барои муқаррар кардани ҳолатҳои воқеӣ* ва дар интиҳо баровардани ҳукми одилона мусоидат намоянд.

Тарафҳо дар тафтиши далелҳо бевосита иштирок намуда, ҳуқуқ доранд ба суд дар бораи моҳияти айбдоркунӣ ва исбот карда шудани он, дар бораи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ва дигар масъалаҳо, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ ба миён омадаанд, ақидаи худро изҳор кунанд, далелҳои нав пешниҳод намоянд, дархост ва раддия изҳор намоянд. Суд ҳуқуқ надорад қонеъ кардани дархости тарафҳоро дар бораи муқаррар карда шудани ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта рад намояд.

Барои муайян кардани ҳолатҳои ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта суд ҳуқуқ дорад, дар ҷараёни баррасии парвандаи ҷиноятӣ амалҳои тафтиширо ***бевосита*** анҷом диҳад. Хусусияти хоси анҷом дода шудани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби суд дар он зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи ин амалҳо на танҳо ҳолатҳои нави ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта муқаррар карда мешаванд, балки

ҳолатҳои қаблан дар ҷараёни тафтиши пешакӣ бо далелҳо исботшуда бо иштироки тарафҳои манфиатдор, *мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ* қарор дода мешаванд. Ин муқаррароти қонун *қобили қабул, дахлдор, аниқу саҳеҳ ва кофӣ будани маълумоти воқеиро* барои қабул кардани қарори қатъӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, *муҳокимаи бевоситаи парвандаи ҷиноятӣ* на танҳо нисбати салоҳияти суд, судя ҳангоми таҳқиқи далелҳо бояд татбиқ гардад, балки:

1) таъмин карда шудани иштироки бевоситаи тарафҳо ва амалишавии кафолатҳои мурофиавии онҳоро дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бояд дар бар гирад;

2) аз ҷониби суд, судя бо тартиби муайянкардаи қонун бевосита иҷро шудани амалҳои мурофиавии судӣ ва расмиёти санадҳои мурофиавиро (протоколи маҷлиси суд, қарор, таъинот ва ҳукм) нишон диҳад;

3) аз ҷониби суд, судя бевосита ҳал шудани масъалаҳои мурофиавиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ифода намояд;

4) муҳокимаи бевоситаи судӣ мустақилияти судро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ, новобаста аз мавқеи тарафҳо бояд тақвият бахшад.

Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки қисми 4 м.272 КМҶ ҶТ бо муқаррароти зерин илова карда шавад:

«Суд, судя бояд муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятиро бо иштироки бевоситаи тарафҳо ва таъмини бевоситаи кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар амалӣ намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо бевосита шароит фароҳам орад, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ бевосита ва сари вақт чораҳо андешад».

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, барои таъмини мутобиқати мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки дар матни қисми 1,3, м.272 КМҶ ҶТ ба мазмуни истилоҳи «тафтиши бевосита»,

«тафтиши далелҳо», диққат дода шавад. Ифодаи амалҳои суд, судя оид ба «тафтиши бевосита», «тафтиши далелҳо» ба мазмуни «тафтиши пешакӣ», «тафтиши иловагӣ» ва «тафтиши судӣ», «тафтиши нав», ки дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (боби 20, 34 КМҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд, ба ҳамдигар монанд ифода карда шуда бошанд ҳам, лекин онҳо ҳаммаъно нестанд.

Аз матни м.м.85, 87 КМҶ ҶТ бармеояд, ки «тафтиши далелҳо» як зинаи исбот мебошад, ки баъди ҷамъоварии далелҳо бо мақсади муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят амалӣ мешавад.

Агар ба қонунгузории қаблан амалкардаи мурофиавии ҷиноятӣ [46] ва қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ (Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон) [47; 49; 50] эътибор диҳем, ин зинаи исбот на «тафтиши далелҳо», балки «санҷиши далелҳо» муқаррар шудааст.

Аксарияти муаллифон, монанди Т.А. Сергеева, Р.Р. Раҳмадҷонзода, А.Л. Арипов, Н.М. Самиев, А.М. Маҳмадализода, М.А. Қосимова [420, с. 40; 185, с. 19-20] ҳам, дар таҳқиқоти илмии худ ин зинаи исботро ҳамчун санҷиши далелҳо муаррифӣ ва асоснок кардаанд, ки аз ҷиҳати ифодаи мазмун ва пайдарҳамии зинаҳои исбот дақиқ ва қобили қабул аст. А.Э. Раҳматулоев, қайд мекунад, ки агар «санҷиши далелҳо» дар марҳилаҳои тосудӣ, ҷузъи фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакиро ташкил диҳад, пас, дар марҳилаҳои судӣ «санҷиши далелҳо» ҳадафи амалҳои мурофиавии суд, судяро дар ҷараёни тафтиши судӣ дар бар гирифтааст, ки ба зинаи минбаъдаи исбот, яъне барои баҳои бевоситаи ҳуқуқӣ додан ба далелҳо шароит фароҳам меорад [177, с. 185].

Моддаи 6 КМҶ ҶТ дар қатори мафҳумҳои асосӣ «тафтиши далелҳоро» пешбинӣ накардааст, лекин моддаҳои 159 то 233 КМҶ ҶТ тафтиши пешакиро ҳамчун марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ ва шакли асосии тафтиши ҷиноят пешбинӣ мекунад. Боби 34 КМҶ ҶТ тартиби тафтиши судиро муқаррар кардааст. Қисми 3 моддаи 21 КМҶ ҶТ *санҷиши далелҳоро* ҳамчун ҷузъи фаъолияти исботнамоӣ пешбинӣ

кардааст, ки тибқи он ҳамаи ҳолатҳои исботшаванда оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона санҷида шаванд, яъне таҳлилҳо нишон доданд, ки дар матни қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мафҳуми «тафтиш» мазмуни нисбатан васеъ дошта, аз доираи фаҳмиши мазмун ва алоқамандии ҷузъҳои (зинаҳои) фаъолияти исботнамоӣ берун мебарояд.

Тафтиши пешакӣ ва тафтиши судӣ танҳо бо ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ ба делелҳо маҳдуд намешавад, онҳо дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ бо шарту шароити хоса амалӣ шуда, на танҳо исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, балки ҳалли маҷмуи масъалаҳо ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро таъмин мекунанд. Дар муқоиса бо ин қоидаҳои мурофиавӣ, истилоҳи «санҷидани далелҳо» як ҷузъи исботнамоиро ташкил дода, уҳдадории танҳо мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судро ифода менамояд, ки ҳамаи далелҳои оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашударо бодиққат, ҳаматарафа ва холисона мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Ягон далел то ба кадом дараҷае, ки боэътимод ва бенуқсон набошад, насанҷида, барои хулоса баровардан асос шуда наметавонад [177, с. 186]. Ҳам мазмуни далел ва ҳам боэътимод будани манбаи он дар ягонагӣ мавриди *санҷиш* қарор дода мешаванд.

Бо мақсади таҳия ва ифодаи саҳеҳ, таъмини мутобиқати мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ ва татбиқи ягона ва дақиқи онҳо дар амалия, дар матни қ. 1,3 м.272 КМҶ ҶТ, қисми 1 м.85, м.87 КМҶ ҶТ ҷузъи таркибии исбот ва зинаи марказии он бояд «санҷиши далелҳо» ифода ёбад, ки ташбеҳи он бо истилоҳоти «тафтиши пешакӣ ва тафтиши судӣ», «тафтиши иловагӣ» бартараф ва татбиқи дурусти он дар амалия таъмин карда мешавад.

Аз ҷониби дигар, *муҳокимаи бевоситаи* парвандаи ҷиноятӣ талаботи тағйирнопазири ҳайъати судро тақвият мебахшад ва дақиқ мегардонад, то ки ҳайъати суд, ки ба моҳиятан баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ

шуруъ кардааст, набояд ҳангоми эълон карда шудани танаффус ё мавқуф гузоштани муҳокимаи судӣ тағйир ёбад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар м.м.274, 286 КМҶ ҶТ меъёре пешбинӣ гардад, ки:

а) асос ва тартиби эълон шудани танаффуси маҷлиси судӣ ва давомнокии онро пешбинӣ кунад;

б) дар ин муддат (танаффус ва мавқуфгузории маҷлиси суд) ҳайъати суд зимни баррасии як парвандаи ҷиноятӣ, набояд ба баррасии парвандаҳои дигари ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, оилавӣ шуруъ кунад. Чунки, ҷорӣ шудани муҳлат ва баррасии масъалаҳои баҳснок, ки ба ин парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд нестанд, диққати судяро аз мавзуи баррасишаванда муддате дур месозанд ва ниҳоят ин омилҳо ба хулосабарории бевоситаи судя дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ таъсир мерасонанд ё таъсир расонида метавонанд.

Ҳангоми боздоштан ва баъд аз он аз нав оғоз кардани маҷлиси суд шарти бевосита муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби ҳамин ҳайъати суд ба роҳбарӣ гирифта шавад. Лекин, дар сурати ғайриимкон будани аз нав оғоз кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятии қаблан боздошташуда аз ҷониби ҳамин ҳайат, маҷлиси суд бояд бо тартиби умумӣ аз нав бо ҳайъати нав баргузор гардад. Дар қиёс м.287 КМҶ ҶТ муқаррар кардааст, ки «пас аз тафтиши иловагӣ ба суд ворид гардидани парванда масъалаи таъини маҷлиси суд бо тартиби умумӣ ҳал карда мешавад».

Оид ба «муҳокимаи шифоҳии парвандаи ҷиноятӣ» муаллифон Н.А. Қудратов, Р.Р. Юлдошев қайд намудаанд, ки тамоми далелҳои ҷамъовардашуда (ба суд пешниҳодшуда) бояд ба тариқи шифоҳӣ эълон ва муҳокима шаванд. Муҳокимаи шифоҳӣ имконият медиҳад, ки эълони амалҳои судӣ, масъалаҳои баррасишаванда ва ҳалли онҳо ба тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ дастрас ва фаҳмо бошанд, то ки тарафҳо аз ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавӣ сари вақт ва баробар истифода бурда тавонанд [144, с. 373; 159, с. 418] .

Ба ақидаи олимон муҳокимаи шифоҳӣ бо шартҳои дигари муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар ягонагӣ амалӣ мешавад. Муҳокимаи шифоҳӣ, пеш аз ҳама, ба муҳокимаи бевосита ва ошкорои парвандаи ҷиноятӣ шароит ба вуҷуд меорад [198, с.311; 179, с.324].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мешавад, ки дар шароити муосир ва рушди шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияи иттилоотӣ муҳокимаи ошкорои судӣ бо хусусиятҳои нав, монанди «муҳокимаи кушод», «муҳокимаи фосилавӣ», «шаффофияти муҳокимаи судӣ» муҳокимаронӣ мешавад, ки ба дастрасии иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [358, с. 124-129] ва санадҳои судӣ ба тамоми шаҳрвандон [319, с. 89-93; 247, с. 58-65] ва барои имконияти иштирок дар муҳокимаи ба тариқи фосилавӣ шароит ба вуҷуд меорад [257, с. 25-30]. Муаллифон қайд мекунанд, ки «марҳила ба марҳила гузаштан ба рақамикунонии фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар шароити ба аҳолӣ расонидани хизматрасонии баланд ва босифати давлатӣ» ногузир ва талаботи замон аст [433, с. 64].

Иштироки бевоситаи тарафҳои манфиатдор ва тарзи шифоҳии маҷлиси суд ба судшаванда ва ҳимоятгари ӯ имкон медиҳад, ки итминон пайдо кунанд, дарк намоянд, ки дар рафти маҷлиси суд масъалаи гунаҳгорӣ дар содир намудани ҷиноят бо маҷмуи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ мегардад, тамоми масъалаҳои мурофиавӣ дар асоси далелҳои боэътимод, вақте ки ҳама гуна масъалаҳои бамиёномада мавриди таҳлил қарор гирифта, мухолифатҳои ҷойдошта бартараф гардида, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шудааст, ҳал карда мешаванд. Лекин, судя, суд ҳуқуқ надоранд, ки дар бораи моҳияти парвандаҳое, ки баррасӣ шудаанд ё дар ҳолати баррасӣ қарор доранд, маълумот, ахбор ё ҳатто *шифоҳӣ* баёнот диҳанд (ғайр аз ҳолатҳое, ки қарорҳои дар рафти мурофиа қабулшаванда *ба таври шифоҳӣ* асоснок ва эълон карда мешаванд), инчунин ҳалли масъалаҳои марбут ба парвандаи баррасишавандаро ба зиммаи тарафҳо

ё иштирокчиёни дигар вогузор намояд ё мавқеи ягон тарафро ҷонибдорӣ кунад.

Ба андешаи Т.Ф. Трубникова, «аз тарафи судшаванда эътироф намудани гуноҳи худ, агар он бо маҷмуи далелҳои дигари аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда ва дар мурофиаи судӣ таҳқиқгардида (тафтишшуда), тасдиқ нагардида бошад, набояд барои гунаҳгор донистан ё барои қабул шудани ҳукми айбдоркунанда асос гардад» [353, с. 127].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ҳарчанд *шифоҳӣ* ҷараён гирад ҳам, қоидаи мутлақо тағйирнопазир нест, чунки ҷараён ва натиҷаи тамоми амалҳои судӣ аз ҷониби котиби маҷлиси судӣ дар протоколи маҷлиси судӣ қайд мешавад.

Муҳокимаи судӣ хусусияти шифоҳӣ дошта, дар доираи он эълони ҳайати суд, шарҳи мазмуни парванда, муайян намудани шахсияти иштирокчиён ва фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо анҷом дода мешавад. Ҳамзамон, суд иштирокчиёнро дар бораи талаботи риояи қоидаҳои мурофиавӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ огоҳ месозад. Тафтиши судӣ, шунидани нишондодҳои судшаванда, ҷабрдида ва шоҳидон, эълони маводи қаблан ҷамъоваришуда, баррасии дархостҳо, музокираи тарафҳо, сухани охирини судшаванда ва эълони ҳукм низ ба тариқи шифоҳӣ сурат мегиранд.

Лекин, пайдарҳамии иҷрои амалҳои судӣ, қарорҳои суд, судя, ҷараён ва натиҷаи муҳокимаи судӣ дар санадҳои мурофиавӣ ба таври хаттӣ дарҷ мегардад.

Дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва нуқтаи назари олимон ҳуқуқшиносон ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳокимаи бевосита ва шифоҳии парвандаи ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки:

а) риояи тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, таъмин гардад;

б) таъмини кафолати риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни маҷлиси судӣ воқеан амалӣ гардад;

в) ба мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ шароит муҳайё гардад;

г) кафолати иштироки тарафҳо дар ҳалли масъалаҳои мурофиаи судӣ, пешбурди амалҳои мурофиавӣ ва баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ воқеан таъмин гардад;

д) ҳудуди аниқи иштироки тарафҳо дар муносибатҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафтори муайян, андешидани чораҳои маҷбурӣ ва барқароршавии ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо имконпазир бошад.

Ҳадафи ниҳоии ҷорӣ шудани шарти муҳокимаи бевосита ва шифоҳии парвандаи ҷиноятӣ ҳалли одилонаи масъалаҳои пешбурди судии ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст.

Аз таҳлили ин шарти муҳокимаи судӣ бармеояд:

1. «Муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мазмуни васеъ дошта, амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад, то ки далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона аз ҷониби суд бевосита тафтиш карда шаванд. Лекин дар м.6 КМҶ ҶТ шарҳи талаботи «ҳамаҷониба, пурра ва холисона» шарҳ дода нашудааст, ки ин ба ҳадди муҳокимаи судӣ таъсир мерасонад. Ғайр аз ин, риоя нашудани ин талаботи қонун боиси яктарафа, нопурра эътироф шудани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё тафтиши судӣ ва баръало ноодилона дониста шудани ҷазои таъинкардаи суд ва ниҳоят боиси бекор кардани ҳукм мегардад (м.м.375, 377КМҶ ҶТ).

2. Муҳокимаи бевоситаи парвандаи ҷиноятӣ ба риоя ва иҷрои принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин ба ҷараёни исбот шароит муҳайё мекунад, то ки далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда аз

ҷониби суд бевосита ва бо иштироки бевоситаи тарафҳо тафтиш карда шаванд.

Судя, суд уҳдадор мебошанд, ки амалишавии принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро тавассути риояи дақиқ ва иҷрои қатъии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ баррасии судиро талаб мекунанд, таъмин намоянд. Риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа ва тарафҳо ҳангоми ҳалли судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, моҳиятан баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин дар суди марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ, бидуни ягон истисно, таҳти назорати доимии суд бояд қарор дода шаванд.

3. «Муҳокимаи бевосита» мазмуни нисбатан васеъ дошта, тибқи таҳлилҳои мо танҳо бо тафтиши далелҳо маҳдуд намешавад, чунки он амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро дар назар дорад:

- амалҳои судӣ аз ҷониби суд, судя бевосита иҷро мешаванд, монанди эълони ҳайъати суд, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд ва ғайраҳо (м.м.296-307, 349 КМҶ ҶТ);

- суд, судя далелҳои пешниҳодшударо бевосита санҷида, баҳои ҳуқуқӣ медиҳад, бо роҳи пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ (м.м.21,311-326 КМҶ ҶТ);

- суд, судя иштироки бевоситаи тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда, барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад (м.м.12, 22,276-277 КМҶ ҶТ);

- суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад (м.м.21, 85,90 КМҶҶТ);

- дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро ҳал мекунад, монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

- суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита қабул мекунад (м.м. 290,332-350 КМҶ ҶТ).

4. Ба қисми 1 м.277 КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«...Суд, судя бояд муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятиро бо иштироки бевоситаи тарафҳо ва кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар амалӣ намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо бевосита шароит фароҳам орад, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ бевосита ва сари вақт чораҳо андешад».

5. Дар м. 286 КМҶ ҶТ меъёре пешбинӣ гардад, ки:

а) асос ва тартиби эълон шудани танаффуси маҷлиси судӣ ва давомнокии онро пешбинӣ кунад;

б) дар ин муддат (танаффус ва мавқуфгузории маҷлиси суд) ҳайъати суд дар вақти баррасии ин парвандаи ҷиноятӣ, набояд ба баррасии парвандаҳои дигари ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, оилавӣ шуруъ кунад.

6. Ҳангоми боздоштан ва баъд аз он аз нав оғоз кардани маҷлиси суд, шарти бевосита муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби ҳамин ҳайъати суд ба роҳбарӣ гирифта шавад. Лекин, дар сурати ғайриимкон будани аз нав оғоз кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятии қаблан боздошташуда аз ҷониби ҳамин ҳайъати суд, маҷлиси суд бо тартиби умумӣ аз нав бо ҳайъати нав баргузор гардад.

7. Тарзи шифоҳии баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси судӣ бо шартҳои дигари муҳокимаи судӣ умумияти хоса дошта, ба ҳам пайвастагӣ ва иҷрои пайдарҳамии қоидаҳои мурофиавиро таҷассум мекунанд, ки онҳо шароиту низоми баргузории муҳокимаи судиро

инъикос намуда, механизми таъсиррасонии мурофиаи ҷиноятиро нисбати иштирокчиёни он ифода менамоянд. Ҳамин гуна алоқамандӣ, ки дар мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, таъминкунандаи баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо, ифодаи иштироки онҳо дар маҷлиси судӣ, амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ ва риояи тартиби ягонаю умумии мурофиавӣ дар баррасии ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини қонуният дар ин марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Чунин хусусияти муҳокимаи бевосита ва шифоҳии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ҳимояи амалии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми баамалбарории адолати судӣ шароит муҳайё мекунад.

8. Салоҳияти суд оид ба таҳқиқи бевоситаи далелҳо бо салоҳияти муфаттиш, прокурор ва ё таҳқиқбаранда оид ба ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳо монанд ва вобаста нест. Лекин, дар м.335 КМҶ ҶТ салоҳияти суд бо баррасии масъалаҳои мурофиавӣ маҳдуд шудааст, яъне танҳо бо айбдории шахс дар содир кардани ҷиноят алоқамандӣ доранд. Чунин муқаррарот ба вазифаи ҳалли одилонаи тамоми масъалаҳои дар маҷлиси судӣ баррасишаванда (м.2 КМҶ ҶТ) ва талаботи принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона муқаррар шудани тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ (м.21 КМҶ ҶТ) мухолиф аст.

9. Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии парвандаи ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки:

а) риояи тартиби ягона ва умумиҳатмии пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, таъмин гардад;

б) таъмини кафолати риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни маҷлиси судӣ воқеан амалӣ гардад;

в) барои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ шароит муҳайё гардад;

г) кафолати иштироки тарафҳо дар ҳалли масъалаҳои мурофиаи судӣ, пешбурди амалҳои мурофиавӣ ва баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ воқеан таъмин гардад;

д) ҳудуди аниқи иштироки тарафҳо дар муносибатҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ, манъ карда шудани рафтори муайян, андешидани чораҳои маҷбурӣ ва барқароршавии ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо имконпазир бошад.

10. Тавассути шартҳои муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ қонунгузор ба мақомоти судӣ имконияти амалӣ кардани салоҳияти расмии таъмини адолати иҷтимоиро додааст, ки онҳо аз номи давлат, бо тартиби муайян тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро бевосита, ҳамаҷониба, пурра ва холисона, дар шароити ошкоро, шифоҳӣ, бо тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо баррасӣ намуда, қарори қонунӣ, асоснок ва одилона қабул намоянд.

Шарҳу хулосаҳои муаллифии пешниҳодшуда, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ асоснок шудаанд, ки аз нуқтаи назария ғанӣ ва саҳеҳ ифода гаштани мазмун, сохтори таркибӣ, таъинот ва инкишофи мафҳум, қоида ва меъёрҳои мурофиавиро дар тобиши сохтори таркибӣ нишон медиҳад, ки дар амалияи адолати судӣ ба татбиқи дурусти меъёрҳо, ба такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ мусоидат хоҳад кард.

3.3. Муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ

Сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ бояд ба амалисозии принсипҳои конститутсионии адолати судӣ такя намояд. Самтгирии он бояд ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҳар гуна таҷовузи ҷиноятқорона, таъмини кафолатҳои воқеии ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиа ва пешгирии маҳдудсозии худсаронаи ҳуқуқҳо ё таъқиби беасос дар доираи парвандаи ҷиноятӣ равона карда шавад [34]. Ҳамзамон, риоя, иҷро ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳаллу фасли асоснок, қонунӣ ва одилонаи парвандаҳо аз ҷониби мақомоти

тафтишотӣ ва судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо ва таври мубоҳисавӣ ниёз ба таҷдиди назар доранд.

Ошкоро баргузор гаштани муҳокимаи судӣ аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд (м.88), ки тибқи он мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар моддаи 14 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи граждани ва сиёсӣ муқаррар шудааст, ки «ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда мешавад ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи граждани, ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳақ дорад» [43]. Чунин муқаррарот дар моддаи 6 Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ низ пешбинӣ шудааст [32; 117].

Аз ин бармеояд, ки ошкоро будани муҳокимаи судӣ вобаста ба хусусият ва моҳияти худ ҷанбаи расмӣ-конститутсионӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ дорад:

а) ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судиро давлат кафолат медиҳад, яъне давлат ба зиммаи худ уҳдадорӣ мегирад, ки муҳокимаи кушоди муҳокимаи судӣ, адолати судии шаффоф ва дастраси мардумро таъмин менамояд.

б) ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ҷузъи принсипи конститутсионии адолати судӣ буда, амалишавии онро ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ тавассути кафолатҳои мурофиавӣ, барпо кардани шароити мусоид барои муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ, бо иштироки тарафҳои манфиатдор ва иштирокчиёни дигар, таъмин мекунад.

Таҳти мафҳуми «ошкоро» баргузор шудани мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ на танҳо гузаронидани мурофиаи кушоди судӣ, балки таъмини иштироки тарафҳо дар он, имконияти ширкат намудани

шахсони дигар, ки иштирокчии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нестанд, фаҳмида мешавад.

Суд, судя дар толори судӣ, дар ҳузури тарафҳо (айбдоркунанда, ҳимоя), ошкоро нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро бояд шунавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро ошкоро эълон кунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо анҷом диҳад, то ки нисбати воқеан иҷро шудани амалҳои мурофиаи судӣ, таъмини имкониятҳои тарафҳо ва асоснокии санадҳои қабулкардаи суд ягон шубҳа пайдо нашавад» [331, с. 52-57].

Таҳлили ошкоро баргузор шудани мурофиаи судӣ, пеш аз ҳама ин имконияти озодонаи шинос шудани иштирокчиёни мурофиаро бо ҳамаи маводи парванда, аз он ҷумла бо маводе, ки ҳангоми чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дастрас шудаанд, бо дастурҳои прокурор, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ дода шудаанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд), дар назар дорад.

Олимон қайд кардаанд, ки ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ «тарзи асосии таъмини ошкорои мурофиаи судӣ буда, парванда дар ҳузури аҳли ҷомеа баррасӣ мегардад ва шаҳрвандон имконият доранд озодона ба маҷлисгоҳи суд ворид шуда, дар рафти мурофиа иштирок намоянд» [312, с. 192-194; 306 с. 102-104]. Ин қоида ба намояндагони ахбори умум низ дахл дорад.

Сабти видео-аудиоӣ дар толори суд воситаи муосири таъмини шаффофият ва дақиқии мурофиаи судӣ мебошад. Он имкон фароҳам меорад, ки ҳамаи ҳолатҳои баррасишаванда бо тартиби муназзам сабт гардида, аз эҳтимоли таҳрифи далелҳо пешгирӣ карда шавад. Сабтҳои бадастомада тибқи қоидаҳои муқарраршуда мӯҳргузорӣ гардида, бо маводи парванда якҷоя нигоҳ дошта мешаванд.

Аксбардорӣ ва истифодаи таҷҳизоти сабт дар ҷараёни мурофиа танҳо бо розигии иштирокчиён ва бо иҷозати раисикунандаи суд иҷозат

дода мешавад. Ин амалҳо набояд ба ҷараёни муътадили муҳокима халал расонанд.

Муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи принсипи ошкоро ва бевоситагӣ сурат гирифта, дар он тарафҳо ва дигар иштирокчиёни мурофиа, аз ҷумла шоҳидон, мутахассисон, экспертҳо, намояндагони ВАО ва дигар шахсони дахлдор иштирок менамоянд.

Гарчанде ки дар назарияи ҳуқуқ аксаран ба ҷанбаҳои шаклӣ ва зоҳирии қоидаҳои мурофиавӣ диққат дода мешавад [316; 391; 421], дар амал аҳаммияти асосӣ ба мазмун ва ҳадафи воқеии меъёрҳои қонун дода мешавад. Қоидаҳои мурофиавӣ хусусияти ҳатмӣ дошта, тартиби ягонаи амалро барои ҳамаи иштирокчиён муқаррар мекунанд.

Принсипҳои бевоситагӣ, шифоҳият ва ошкоро будани муҳокимаи судӣ талаб менамоянд, ки суд тамоми далелҳои пешниҳодшударо мустақиман ва дар ҳузури тарафҳо мавриди санҷиш қарор диҳад. Суд бояд нишондодҳои иштирокчиёнро шунавад, хулосаҳои коршиносиро баррасӣ намояд, далелҳои шайъӣ ва ҳуҷҷатҳоро ошкоро эълон кунад ва ҳамаи амалҳои зарурии тафтиши далелҳоро анҷом диҳад. Маҳз чунин тартиб асоснокии қарорҳои судиро таъмин менамояд ва шубҳаро нисбат ба адолатнокии онҳо бартараф месозад [331, с. 52–57].

Ҳамаи масъалаҳое, ки дар муҳокима ҳал мегарданд, бо таъинот ё қарор расман мустаҳкам шуда, дар маҷлиси суд ба иштирокчиён эълон карда мешаванд.

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми «ошкоро баргузор шудани мурофиаи судӣ» на танҳо гузаронидани мурофиаи кушоди судӣ, балки таъмини иштироки тарафҳоро дар он, имконияти ширкат намудани дигар шахсонеро, ки дар парванда ба сифати тарафҳо иштирок надоранд, пешбинӣ кардааст [19].

К.Ф. Гуценко қайд мекунад, ки мурофиаи ошкоро ба доираи васеи шаҳрвандон, (ки ягон тарафи баҳс ё иштирокчии дигари мурофиавӣ

нестанд) имконият медиҳад, ки дар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бевосита иштирок намуда, як наъви назорати халқиро аз болои адолати судӣ амалӣ намоянд [103, с. 98].

Ошкоро баргузор шудани мурофиаи судӣ дар таркиби худ маҷлиси кушоди судӣ, имконияти озодонаи шинос шудани иштирокчиёни мурофиаро бо ҳамаи маводи парванда, аз он ҷумла бо маводе, ки ҳангоми чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯи дастрас шудаанд, бо супоришҳои (дастурҳои) прокурор, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ дода шудаанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд), дар бар мегирад.

Принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ на танҳо эълони оммавии қарорҳои судро дар бар мегирад, балки инчунин шинос кардани тарафҳо бо шикоятҳои воридшуда, таъмини иттилоъ дар бораи вақт ва ҷойи баррасӣ, таъсиси низоми ягонаи дастрасии электронӣ ба санадҳои судии ба қувваи қонунӣ даромада ва шаффофияти раванди иҷрои онҳо низ ҷузъи он мебошад [19].

Бо ин вуҷуд, ошкоро будан ҳудуди муайян дорад. Қонун ҳолатҳои истисноиро пешбинӣ намудааст, ки дар онҳо маҷлиси пӯшидаи судӣ раво дониста мешавад. Тавре В.П. Кашепов таъкид мекунад, муҳокимаи ошкоро меъёри умумӣ буда, пӯшида гузаронидани мурофиа танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад [295, с. 138–151].

Таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки татбиқи дурусти меъёрҳои мурофиавӣ бояд бо риояи принсипҳои ошкоро будан, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо таъмин гардад [134, с. 13–14].

Муҳокимаи пӯшидаи судӣ танҳо дар доираи ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, аз ҷумла барои ҳифзи сирри давлатӣ, сирри бо қонун ҳифзшаванда, маълумоти хусусии иштирокчиён ё таъмини амнияти онҳо ва шоҳидон, роҳ дода мешавад.

Суд метавонад бо қабули таъиноти дахлдор баррасии парвандаро пурра ё қисман дар маҷлиси пӯшида анҷом диҳад. Дар чунин мурофиа

танҳо тарафҳо ва дигар иштирокчиёни дар қонун муайяншуда иштирок карда метавонанд. Бо вуҷуди ин, ҳамаи қоидаҳои мурофиавӣ ва талаботи қонун бояд пурра риоя карда шаванд.

Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки агар нисбати судшавандагони алоҳида барои гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ, ҳолатҳое, ки дар м.273 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд мавҷуд бошад, лекин нисбати судшавандагони дигар ин ҳолатҳо дахл надошта бошанд, он гоҳ суд, судя бояд аз парвандаи ҷиноятӣ дигар парвандаи ҷиноятиеро, ки бояд дар мурофиаи пӯшидаи судӣ баррасӣ гардад, ба пешбурди алоҳида ҷудо намояд. Дар акси ҳол, агар ҷудо намудани парвандаи ҷиноятӣ баррасии ҳамаҷониба ва пурраи парванда таъсир расонад, он гоҳ суд, судя бояд масъалаи пӯшида гузаронидани маҷлиси судиро аз рӯйи парванда нисбати судшавандагон ҳаллу фасл намояд.Чунин муқаррарот бояд дар м.273 КМҶ ҶТ, ки қаблан дар қисми 2 моддаи 13 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (1961с.) пешбинӣ шуда амал мекард, барқарор карда шавад.

Аз мазмуни меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ бармеояд, ки мафҳуми дақиқи «мурофиаи пӯшидаи судиро» қонун дақиқ пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, муаллифон дар баъзе ҳолатҳо муҳокимаи пӯшидаи парвандаи ҷиноятиро танҳо бо «дар ғоибии судшаванда баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ» [144, с. 373] алоқаманд дониста, қайд мекунанд, ки ин шакли фаъолияти судӣ танҳо дар мавридҳои пешбиникардаи қонун ё ҷой доштани ҳолатҳои истисноӣ амалӣ мешавад [354, с. 49-52; 262, с. 143; 379].

Аз нуқтаи назари А.А. Маганкова «ғоибона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ (бе иштироки судшаванда) дар суди марҳилаи аввал, ба талаботи одилона будани ҳукм мувофиқ аст, агар тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят аз ҷониби суд бо тартиби мурофиавӣ муқаррар, ҳуқуқи ҳимоя риоя шуда, имконияти шикояти маҳкумшуда аз болои ҳукми ғоибонаи суд, бекор карда шудани он ва имконияти аз нав

моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ кафолат дода шуда бошад» [392, с. 11].

Дар қиёс, таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ (м.м. 19, 273, 280, 316 КМҶ ҶТ) нишон медиҳад, ки мурофиаи судӣ оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми иштирок надоштани на танҳо судшаванда, балки дар ғоибии иштирокчиёни дигари муҳокимаи судӣ низ муқаррар шудааст (м.м. 111, 112, 282, 316, 433, 434, 451 КМҶ ҶТ), лекин чунин ҳолатҳо зарурати баргузории маҷлиси пӯшидаи судиро талаб намекунанд ва «мурофиаи ғоибона»-ро истисно мекунанд. Умуман, андешаҳо атрофи «мурофиаи ғоибонаи судӣ», «ҳукми ғоибона», «баррасии ғоибонаи парвандаи ҷиноятӣ» [140, с. 188] хулосаҳои назариявии муаллифони алоҳида аст [352, с. 266-270; 393, с. 13], лекин ба андешаҳои олимони ватанӣ З.Ҳ. Искандаров, А.И. Иноятова, А.Э. Раҳматулоев, набояд дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ чун қоида ё шарти умумӣ ҷорӣ гардад, ки ин ба асосҳои мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ нест [280, с. 163-168; 278, с. 37-45].

Лекин муҳим аст, ки ба қоидаҳои танҳо дар мавридҳои истисноӣ, бе иштироки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан бе иштироки айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида ва намояндаи ӯ баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавӣ, инчунин ба тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки тарафҳо назар намоем.

Воқеан, баъзе аз маҳдудиятҳо, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд (м.м. 35(2), 111,124 КМҶ ҶТ) ва бе иштироки шахсони манфиатдор баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавиро ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муқаррар мекунанд, дар қисмҳои дигари рисола таҳлил мешаванд.

Албатта, бе иштироки шахсони манфиатдор баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавӣ амалишавии принсипи конститутсионии адолати судиро таъмин намекунад, лекин татбиқи меъёрҳо оид ба бе иштироки шахсони манфиатдор баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавӣ танҳо дар

ҳолатҳои истисноии пешбиникардаи қонун ва зарурати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд раво дониста мешавад.

Масалан, тибқи қисми 4 м.311 КМҶ ҶТ «пурсиши судшаванда дар ғоибии судшавандаи дигар танҳо бо ташаббуси суд, судя ё дархости тарафҳо иҷозат дода мешавад»; тибқи қисми 3 м.316 КМҶ ҶТ пурсиши «ҷабрдидаи ноболиғ ё шоҳид бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси суд, судя дар ғоибии судшаванда анҷом дода шуда, дар ин бора суд, судя таъинот (қарор) мебарорад» [4]; тибқи қисми 2 м 401 КМҶ ҶТ дар бораи вақти баррасии масъалаи марбут ба иҷрои ҳукм ба прокурор ва маҳкумшуда хабар дода мешавад. Лекин масъалаи даъвати маҳкумшударо, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад, суд, судя ҳал мекунад; тибқи қисми 1 м. 434 КМҶ ҶТ «бо дархости ҳимоятгар ё намояндаи қонунӣ ё пешниҳоди прокурор, инчунин бо ташаббуси худ суд ҳуқуқ дорад дар асоси ақидаҳои тарафҳо бо таъиноти худ дар муддати таҳқиқи ҳолатҳое, ки ба судшавандаи ноболиг таъсири манфӣ расониданашон мумкин аст, ӯро аз толори маҷлиси суд берун кунад»[4]. Лекин ҳолатҳои номбаршуда барои баргузории маҷлиси пӯшидаи суд асос шуда наметавонанд ва мурофиаи ғоибонаро ифода намекунанд.

Ҳолатҳое, ки боиси эълон кардани муҳокимаи пӯшидаи судӣ (қисми 2 м. 273 КМҶ ҶТ) мешаванд, ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ мувофиқат мекунанд. Дар баробари ин, дар баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ номгӯи ҳолатҳое, ки ба гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ иҷозат медиҳанд, ҳатто васетар мебошанд. Чунончи, моддаи 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи граждани ва сиёсӣ ва моддаи 6 Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ дарҷ гардидааст, ки «кормандони матбуот ва мардум метавонанд на ба ҳамаи мурофиаи судӣ ё як қисми он бо сабабҳои ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти давлатӣ дар ҷомеаи демократӣ ё вақте ки инро манфиатҳои ҳаёти шахсии тарафҳо тақозо намояд ё ба андозае, ки мувофиқи ақидаи суд ба таври қатъӣ зарур аст, дар ҳолатҳои махсус, ки

оммавӣ будани мурофиа метавонад манфиатҳои адолатро халалдор созад, роҳ дода шаванд» [43].

Ҳангоми дар мурофиаи судӣ пешниҳод шудани дархост оид ба баррасии парванда дар мурофиаи пӯшидаи судӣ, суд вазифадор аст аз шахси дархост пешниҳоднамуда муайян намояд, ки бо кадом асосҳои дар қонун пешбинигардида масъалаи маҳдуд кардани ошкоро будани мурофиаи судӣ ба миён гузошта шудааст ва дар ин хусус фикри дигар иштирокчиёни мурофиаро маълум менамояд. Лекин, суд на аз рӯйи хоҳиши иштирокчиён, балки бояд танҳо талаботи қонунро ба эътибор гирифта, одилона қарор қабул намояд.

Чунки «маҳдудияти ғайриқонунии ошкоро будани мурофиаи судӣ (беасос махфикунонии маводи парванда, гузаронидани мурофиаҳои пӯшида бо асосҳои бо қонун пешбининашуда ва ғайра), ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, аз ҷумла шаҳрвандонро халалдор сохта, ба талаботи принсипи адолати судӣ ҷавобгӯ нест. Адолат на танҳо мафҳуми ҳуқуқӣ, балки маънавӣ, воситаи таъминкунандаи эътимоди мардум ба низоми амалкунандаи адолати судӣ аст, ки ошкоро амалӣ мешавад» [131, с. 113-114].

Олимон қайд мекунанд, дар асоси принсипи муҳокимаи ошкорои судӣ, бинобар рушди технологияи иттилоотӣ ва татбиқи он дар ҳама соҳаҳои фаъолият, минбаъд сатҳи шаффофият ва дастрасии маълумотро оид ба фаъолияти судӣ баланд мегардонад [326, с. 103-107].

Аз ин рӯ, аҳаммияти муҳимми тарғиботию тарбиявӣ доштани баррасии ошкорои парвандаҳои ҷиноятиро қайд кардан зарур аст, ки он ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуда, эҳтироми шаҳрвандонро нисбати қонунҳо, риоя ва иҷрои онҳо, муносибати онҳоро ба ҳокимияти судӣ ва қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ афзун менамояд. Воқиф гаштани шаҳрвандон аз оқибатҳои кирдорҳои хавфнок ба андешидани чораҳои пешгирии ҷиноят, саривақт ошкору бартараф кардани сабабу шароити содир шудани онҳо, ба тарбияи

насли наврас, ба таъмини амният ва ҳифзи ҳаёти ҷомеа аз падидаҳои хавфнок мусоидат мекунад.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ қоидаи ниҳоят муҳим пешбинӣ шудааст, ки, тибқи он таъиноти суд (қарори судя)-ро дар хусуси дар маҷлиси пӯшида баррасӣ намудани парванда оид ба тамоми муҳокима ё қисмҳои алоҳидаи он баровардан мумкин аст, яъне ҳолатҳои истисноӣ, ки дар м.273 КМҶ ҶТ номбар шудаанд:

«- ҳолатҳое, ки он ба фош кардани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда оварда мерасонад;

- оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд [311, с. 35-39];

- оид ба парвандаҳои ҷиноятии ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ;

- оид ба парвандаҳои ҷиноятии ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад;

- дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, мумкин аст як қисми парвандаи баррасишавандаро ташкил диҳанд» [4].

Ҳамин қисмати парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст дар муҳокимаи пӯшида баррасӣ гардад, ҳолатҳои дигар ва ё лаҳзаҳои дигари содир шудани ҷиноят ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ба тариқи муҳокимаи ошкоро имконпазир аст.

Бо мақсади таъмини махфияти мукотиба ва иртиботи телеграфӣ, қонун муқаррар менамояд, ки эълон ва тафтиши мукотибаи хусусӣ ё маълумоти шахсӣ дар муҳокимаи ошкоро танҳо бо розигии шахсоне иҷозат дода мешавад, ки чунин мукотиба байни онҳо сурат гирифтааст.

Дар ҳолати набудани чунин розигӣ, тафтиш бояд дар маҷлиси пӯшидаи суд гузаронида шавад.

Ин тартиб нисбат ба сабтҳои аудиоӣ ва видеоии дорои хусусияти шахсӣ низ амал мекунад. Лекин, барои саҳеҳ ифода ва татбиқ шудани ин қоида, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар матни қ. 4 м.273 КМҶ ҶТ муқаррароти «...танҳо бо иҷозати шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, иҷозат дода мешавад», бояд дар шакли зерин «...танҳо бо розигии шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, иҷозат дода мешавад» тағйир дода шавад. Чунки иштирокчиён ё нафароне, ки байни онҳо мукотиба ё иттилооти телеграфӣ қаблан сурат гирифта ва ба парвандаи муҳокимашаванда ягон аҳаммият доранд, ба суд, судя (ки мустақил аст) ҳуқуқ ё салоҳияти «иҷозат» доданро надоранд. Бо ҳамин, мутобиқати мазмун ва талаботи м. 273 КМҶ ҶТ ба принсипи мустақилияти судя (м.17 КМҶ ҶТ) таъмин мешавад.

«Ин танзими меъёрӣ таҷрибаи пешқадами мурофиаи ҷиноятии ватанӣ яке аз кафолатҳои муҳимми бартарияти ҳуқуқу озодии инсон дар амалишавии адолати судӣ мебошад, ки аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ низ дастгирӣ ёфтааст» [301, с. 76-84].

Таъмини шаффофияти фаъолияти судӣ пеш аз ҳама аз риояи интизоми мурофиавӣ дар толори суд вобаста аст. Иштирокчиёни парванда, ҳозирини толор ва намояндагони ВАО бояд ба суд эҳтиром гузошта, ба амрҳои раисикунанда ва пристави суд итоат намоянд.

Принсипи ошкоро будан, дар ҳамоҳангӣ бо дигар принсипҳои адолати судӣ, татбиқи талаботи қонунгузории мурофиавиро таъмин намуда, ба баррасии одилонаи парванда мусоидат мекунад.

Иштирокчиён метавонанд раванди муҳокимаро сабт намоянд, аммо аксбардорӣ ва наворгирӣ танҳо бо иҷозати раисикунанда ва ризоияти тарафҳо иҷозат дода мешавад. Дар ҳолати вайрон кардани тартибот, шахсони дахлдор метавонанд аз толор хориҷ ва ҷарима шаванд.

Қарорҳо ва таъинотҳои марбут ба масъалаҳои калидии мурофиавӣ дар хонаи машваратӣ қабул гардида, баъдан дар толори суд ба таври ошкоро эълон карда мешаванд, ки ин амр мустақилияти судро ҳифз менамояд.

Ҳамаи санадҳои мурофиавӣ, ки дар ҷараёни муҳокима қабул мегарданд, бояд ба таври ошкоро эълон шаванд. Танҳо дар ҳолатҳои баррасии пӯшидаи парванда, бо таъиноти асосноки суд, эълони оммавӣ ба қисми муқаддимавӣ ва хулосавии ҳукм маҳдуд мегардад.

Ошкоро будан, ба андешаи мо, хусусияти фарогир дорад ва бояд ба тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ паҳн гардад. Тафтишоти пешакӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ ба таври куллӣ махфӣ нестанд. Қонун танҳо маҳдудияти муайянро нисбат ба паҳн кардани маълумоти тафтишоти пешакӣ пешбинӣ менамояд.

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъкид кардааст, ки дар марҳилаҳои тосудӣ ҳудуди ошкоро буданро мақомоти тафтишот ва дар марҳилаҳои судӣ – худи суд муайян мекунад [19].

Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дорои доираи васеи ҳуқуқҳо мебошанд: шиносоӣ бо маводи парванда, иштирок дар амалҳои тафтишотӣ, пешниҳоди дархост ва шикоят, баёни раддия ва ғайра.

Маҳдудияти фош кардани маълумоти тафтишоти пешакӣ танҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва таъмини амнияти иштирокчиён пешбинӣ шудааст. Огоҳ намудани иштирокчиён ва гирифтани забонхат дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ (м. 361 КҶ ҶТ) механизми кафолатӣ буда, ба пинҳонкорӣ не, балки ба таъмини адолат ва амнияти мурофиа равона шудааст.

Барои таъмини муҳокимаи ошкорои масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо зарурати тағйироти муқаррароти меъёрҳои мурофиавӣ ба миён меояд. Меъёрҳои боби 31 КМҶ ҶТ ҳалли масъалаҳои мурофиавиро дар марҳилаи таъини

муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он танзим мекунанд. Дар қатори масъалаҳое, ки дар ин марҳила аз ҷониби судя (танҳоӣ) ҳал карда мешаванд, масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли онҳо ба маҳдуд шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ оварда мерасонад.

Лекин, меъёрҳои боби номбаршуда дар ҳалли судии ин масъалаҳо иштироки тарафҳоро пешбинӣ накардааст. Танҳо дар м.262 КМҶ ҶТ пешбинӣ мешавад, ки «ҳангоми баррасии ариза ва дархостҳо судя ҳуқуқ дорад барои додани тавзеҳот шахс ё намояндаи ташкилотеро, ки дархостро пешниҳод кардааст, даъват кунад. Аз натиҷаи баррасии дархост шахс ё муассисаи дархостро пешниҳоднамуда хабардор карда мешавад» [4].

Бинобар амали ин меъёр, кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ва шарти ошкоро муҳокима шудани масъалаҳои мурофиавӣ дар ин марҳила риоя ва иҷро намешавад.

Баҳри бартараф кардани монеаҳои ҷойдошта, ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ мегардад, агар:

а) дар марҳилаи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он ҳангоми ҳалли масъалаҳои зерин, *муҳокимаи пешакии судӣ* бо иштироки тарафҳо баргузор шавад:

- муҳокимаи асосҳои қатъ ё боздоштани пешбурди ҳамин парванда;

- муҳокимаи ҳолатҳои вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ;

- зарурати интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ;

- зарурати андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст;

- муҳокимаи масъалаи дар маҷлиси пӯшида баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ;

- баррасии ариза ва дархостҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ. Ин ҷо бояд қайд карда шавад, ки мавзуи аризаву дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ набояд «бо даъвати шоҳидони нав ё ғайриқобули қабул эътироф кардани далелҳо ва ғайраҳо» маҳдуд карда шавад. Чунин камбудиҳо

дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии як қатор давлатҳои ИДМ дида мешаванд [196, с. 482], ки ба қоидаҳои баргузории маҷлиси амрдиҳӣ дар марҳилаи басуддиҳии айбдоршаванда (м.м.230-236 КМҶ ҶШСТ, с.1961) монандӣ доранд.

б) иштироки тарафҳо дар ҳалли масъалаҳои мурофиавии дар м.м. 261-262 КМҶ ҶТ пешбинишуда кафолат дода шавад.

в) амалишавии принсипҳои конститутсионии адолати судӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ тақвият дода шаванд.

Бинобар ин, м.19 КМҶ ҶТ бояд «Принсипи ошкоро дар мурофиаи ҷиноятӣ» номида шуда;

- қисми 1 ҳамин модда ба тариқи зайл: «Пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон дар ҳама марҳилаҳои он ошкоро амалӣ мешавад»:

- қисми 2 «Парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси кушоди суд ба таври ошкоро муҳокима карда мешавад» муқаррар карда шавад.

Олимони ин соҳа низ ҷонибдори ақидаҳое мебошанд, ки тибқи онҳо «масъалаи дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам намудани принсипи иштироки шаҳрвандон дар баамалбарории адолати судӣ ва дастрасии адолати судӣ мубрам боқӣ мондааст, ки ҳалли он як навъ ифодакунандаи возеҳи ташаккули давлати демократӣ, ташкили механизми самараноки ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мегардад» [254, с. 224-231; 318, с. 35-41].

Тибқи м.12 КМҶ ҶТ «суд, судя бояд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок мекунанд, риоя ва ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиа сари вақт чораҳо андешанд» [4], яъне суд, судя дар сурати пешниҳод гаштани дархости судшаванда ё ҷабрдида дар бораи дар маҷлиси пӯшида муҳокима кардани парвандаи ҷиноятӣ (новобаста аз намуди ҷинояти содиршуда),

онро бояд қонеъ намоянд. Чунки шаъну шарафи шахс унсурҳои маънавию ахлоқӣ мебошанд, ки дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати асоси роҳбарикунанда қарор гирифта, ҳадди ба амалбарории амалҳои мурофиавии ҷиноятиро муайян мекунанд.

Бо дарназардошти эҳтироми шаъну эътибори шахс ва принсипи эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ, пешниҳод мегардад, ки дар моддаи 273 КМҶ ҶТ дархости судшаванда ва ҷабрдида низ ҳамчун ҳолати асоснок барои баргузории муҳокимаи пӯшида ворид карда шавад.

Муҳокимаи ошкоро дар баъзе ҳолатҳо метавонад боиси осеби маънавӣ ва равонии шахс гардад. Ҳузури оммавии парвандаҳои дорои хусусияти ҳассос барои иштирокчиён эҳсосоти нохуш, изтироб ва коҳиши эътиборро ба миён меорад. Аз ин рӯ, имкони мурофиаи пӯшида бо дархости шахсони манфиатдор метавонад кафолати иловагии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо бошад.

Бинобар ин, бо дархости судшаванда ва ҳимоятгари ӯ ё ҷабрдида, намояндаи ҷабрдида бо мақсади таъмини амният, эҳтироми шаъну шарафи онҳо ва хешовандони онҳо баргузор шудани маҷлиси пӯшидаи суд ва имконияти дастаҷамъона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, новобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда (м.34 КМҶ ҶТ) бояд дар шакли меъёри ҳуқуқӣ иҷозат дода шавад (м.273 КМҶ ҶТ), ки ифодакунандаи яке аз кафолатҳои муҳимми бартарияти ҳуқуқу озодии инсон дар амалишавии адолати судӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот ва таҳлили масъалаҳои назария ва амалияи муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ натиҷаҳои зеринро ба миён меорад:

1. Муҳокимаи ошкорои муҳокимаи судӣ мазмуни васеъ дошта, танҳо бо моҳият ва аҳаммияти мурофиавӣ, яъне бо ифодаи иштироки бевоситаи тарафҳо ва шахсони манфиатдор дар муҳокимаи парвандаи

ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Чунки он шакли ҳуқуқии назорати аҳли ҷомеа (халқӣ) аз болои фаъолияти мақомоти судиро инъикос мекунад.

Бинобар ин, муҳокимаи ошкорои судӣ ҷузъи ҷудонопазири давлати демократӣ ва ҷомеаи адолатпарвар аст.

2. Баррасии ошкорои парвандаи ҷиноятӣ на танҳо дар марҳилаи тосудӣ, балки дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ амал мекунад ва наметавонад аз низоми қоидаҳои танзимоти меъёрӣ ихтисор ё инкор карда шавад. Дар қонунгузории миллӣ ягон меъёре вуҷуд надорад, ки пешбурди тосудиро бо қоидаҳо ё талаботи махфӣ, пинҳонӣ ё ғайриошкоро муқаррар намояд.

Бинобар ин, м.19 КМҶ ҶТ бояд «Принсипи ошкоро дар мурофиаи ҷиноятӣ» номида шуда:

- қисми 1 ҳамин модда ба тариқи зайл «Пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон дар ҳамаи марҳилаҳои он ошкоро амалӣ мешавад»:

- қисми 2 «Маҷлиси кушоди суд оид ба дида баромадан ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ ба таври ошкоро баргузор мешавад» муқаррар карда шавад.

3. Баргузории мурофиа ба тариқи ғоибона дар сатҳи меъёрӣ, инчунин дар таҷрибаи судӣ раво дониста нашудааст. Муҳокимаи ғоибонаи парванда ба асосҳо ва мақсади адолати судӣ мутобиқ нест. Зеро ки:

а) баргузории муҳокимаи судӣ бе иштироки яке аз иштирокчиёни даъватшуда аз салоҳияти суд вобаста аст, вале чунин тарзи баррасии судии парванда муҳокима шудани тамоми масъалаҳои мурофиавиро набояд ихтисор намояд;

б) ҳузур надоштани яке аз иштирокчиёни мурофиаи судӣ, ҷараён гирифтани муҳокимаи судӣ имконияти тарафҳо ва шахсони дигарро дар муҳокимаи ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намекунад;

в) дар қонун ба маҷлиси суд ҳозир нашудани на танҳо судшаванда, балки дар ғоибии иштирокчиёни дигари муҳокимаи судӣ низ муқаррар

шудааст (м.м. 111, 112, 282, 316, 433, 434, 451 КМҶ ҶТ), лекин чунин ҳолатҳо зарурати баргузории маҷлиси пӯшидаи судиро талаб намекунанд ва «мурофиаи ғоибона»-ро истисно мекунанд.

г) ҳозир нашудани яке аз иштирокчиёни мурофиаи судӣ, барои баргузории маҷлиси пӯшидаи судӣ ё ягон қисми он асос дониста нашудааст.

4. Агар нисбати судшавандагони алоҳида барои гузаронидани мурофиаи пӯшидаи судӣ, ҳолатҳое, ки дар м.273 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд мавҷуд бошад, лекин нисбати судшавандагони дигар ин ҳолатҳо дахл надошта бошанд, он гоҳ суд, судя бояд аз парвандаи ҷиноятӣ дигар парвандаи ҷиноятиеро, ки бояд дар мурофиаи пӯшидаи судӣ баррасӣ гардад, ба пешбурди алоҳида ҷудо намоянд. Дар акси ҳол, агар ҷудо намудани парвандаи ҷиноятӣ баррасии ҳамаҷониба ва пурраи парванда таъсир расонад, он гоҳ суд, судя бояд масъалаи пӯшида гузаронидани маҷлиси судиро аз рӯйи парванда нисбати ҳамаи судшавандагон ҳаллу фасл намоянд.Чунин муқаррарот бояд дар м. 273 КМҶ ҶТ барқарор карда шавад.

5. Бо мақсади бартараф карда шудани андешаронии беасос дар бораи «муҳокимаи ғоибонаи судӣ»:

а) тибқи шарти муҳокимаи ошкорои судӣ иштироки тарафҳо бояд дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ва баробарҳуқуқии онҳо таъмин карда шавад. Бинобар ин, иштироки шахсони манфиатдор дар маҷлиси суд, ки бо тартиби пешбиникардаи м.35 (2), м.262 КМҶ ҶТ баргузор мешавад, бо салоҳдиди суд муқаррар гардад;

б) Дар матни меъёри мурофиавӣ «...дар ғоибии судшаванда.... » бо тағйироти «...бе иштироки судшаванда...» (сархати 6, қ. 1 м.24 КМҶ ҶТ); мувофиқан «...дар ғоибии ӯ...» бо тағйироти «...бе иштироки ӯ...» (қ.3 м.280 КМҶ ҶТ) пешбинӣ гардад;

в) дар қисми 4 м.282 КМҶ ҶТ ифодаи «....дар ғоибии ҷабрдида...», ба «....бе иштироки ҷабрдида...» тағйир дода шавад;

6.Тавсия мешавад, ки суд салоҳиятдор бошад, ки дар дархости тарафҳоро ҷиҳати дастаҷамъона баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ (новобаста аз дараҷаи хавфнокии кирдори содиршуда); дархости иштирокчиён (айбдоршаванда, судшаванда ва ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ ва хешовандони наздики онҳо) оид ба баргузор шудани маҷлиси суд ба тариқи пӯшида (ба хотири эҳтироми шаъну шараф ва бартараф шудани таҳдиду хатар) қонеъ намояд. Чунин муқаррарот бояд дар м. 34 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад.

7. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» (м.2) ҳимояи давлатӣ на танҳо ба судшаванда, ҷабрдида, балки нисбати тамоми нафарони мақоми иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятиро дошта, аз ҷумла ба аъзои оила ва хешу табори онҳо кафолат дода мешавад. Бинобар ин, дар матни қисми 2 м.273 КМҶ ҶТ муқаррар гардад, ки суд барои ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, нуфузу номус ва қадру кимат, инчунин таъмини ҳифзи молу мулки иштирокчиёни мурофиа ва хешовандони онҳо *бо дархости онҳо ё ташабусси худ салоҳияти таъини* маҷлиси пӯшидаи судиро дошта бошад.Чунки дар меъёри номбаршуда, таъин шудани маҷлиси пӯшидаи суд, бинобар зарурати таъмини амнияти шахсии ***танҳо*** иштирокчиёни мурофиаи судӣ ифода шудааст.

8. Баҳри бартараф кардани монеаҳои ҷойдошта, ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ аст, агар:

а) дар марҳилаи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он ҳангоми ҳалли масъалаҳои зерин *муҳокимаи пешакии судӣ* бо иштироки тарафҳо баргузор шавад:

- муҳокимаи асосҳои қатъ ё боздоштани пешбурди ҳамин парванда;

- муҳокимаи ҳолатҳои вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ;

- зарурати интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ;

- зарурати андешидани чораҳо вобаста ба ҷуброни зарари аз ҷиноят расида;

- муҳокимаи масъалаи дар маҷлиси пӯшида баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ;

- баррасии ариза ва дархостҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ.

Ин ҷо бояд қайд карда шавад, ки мавзуи аризаву дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ набояд «бо даъвати шоҳидони нав ё ғайри қобули қабул эътироф кардани далелҳо ва ғайраҳо» маҳдуд карда шаванд.

Итминон дорем, ки хулосаҳои номбаршуда ба такмил дода шудани меъёрҳои мурофиавӣ, барои ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ, татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқӣ ва амалишавии принсипи конститутсионии муҳокимаи ошкоро, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо шароит фароҳам меоранд.

3.4. Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд

Тағйирнопазирии ҳайъати суд яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ эътироф шудааст. Қонунгузор тартиби дастаҷамъона (аз ҷониби суд), танҳо (аз ҷониби як нафар судя) дида баромадан ва ҳалли парвандаи ҷиноятиро муқаррар мекунад (м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, м.34 КМҶ ҶТ). Санадҳои судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ (қарор таъинот, ҳукм) ҳамон вақт эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд, ки агар тартиби мурофиавии қабули онҳо тибқи талаботи қонуни мурофиавӣ риоя шуда бошад.

Тартиб ва муҳлати интихоби машваратчиёни халқӣ, ҷалб намудани онҳо барои иҷрои вазифаҳои судягӣ, музди меҳнат, кафолат ва имтиёзҳои онҳоро ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ Низомнома дар бораи машваратчиёни халқӣ муайян месозад, ки он бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2002 тасдиқ гардидааст [56].

Тибқи қонун, машваратчиёни халқӣ дар баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои махсусан вазнин иштирок мекунанд. Лекин иштироки онҳо набояд хусусияти зоҳирӣ дошта бошад. Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки бинобар дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будани кирдорҳои ҷиноятӣ, зарурати муайян карда шудани хусусиятҳои содиршавӣ ва зарурати бандубасти дақиқи ҳуқуқии онҳо муҳим аст, ки ба сифати машваратчиёни халқӣ танҳо нафароне, ки дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълумот ва собиқаи корӣ доранд, пешбарӣ карда шаванд. Ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ба аксарияти машваратчиёни халқӣ, ки ба ҳайъати суд шомиланд, қарору тавзеҳоти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмонида намешаванд, ба онҳо ҳатто масъалаҳои мурофиавӣ ба таври умумӣ дастрасанд, на дар сатҳи мутахассиси ҳуқуқ. Муаллифон низ қайд мекунанд, ки машваратчиёни халқӣ ба далелҳои ҷамъовардашуда мустақилона баҳои дахлдори ҳуқуқӣ дода наметавонанд, дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ иштирок намекунанд ва ҳамеша аз нуқтаи назари раисикунанда амал мекунанд, дар хонаи машваратӣ ба моҳияти масъалаҳо диққат намедиҳанд, ки ин ҳолат ба қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шудани парвандаи ҷиноятӣ таъсири манфӣ мерасонад [264, с. 36; 265, с. 246-249].

Тибқи таҳлилҳо қариб 95% машваратчиёни халқие, ки дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок доштанд, ба моҳияти парвандаи ҷиноятӣ ва бо далелҳо тасдиқ шудани айби судшаванда дар муҳокимаи судӣ, на мустақилона аз рӯйи эътимоди қатъӣ ё ақидаи ботинӣ, балки зоҳирӣ, тахминӣ ва аз рӯйи эҳтимолият, вобаста аз хулосаҳои раисикунанда, баҳо додаанд [436].

Тағйирнопазирии ҳайъати суд ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ яке аз шартҳои муҳимми мурофиаи судӣ аст.

Лекин ин қоидаҳо ҳадду ҳудуди муаяни амалишавӣ доранд.Чунки бо мақсади ҳамаҷониба, пурра ва холисона ҳал карда шудани масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, қонун ҳолатҳоеро

пешбинӣ мекунад, ки дар мавриди ҷой доштан ё ошкор шудани онҳо иштироки шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ (судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ ва сардори воҳиди тафтиш), инчунин иштирокчиёни дигаре, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҷалб мешаванд (тарҷумон, мутахассис, коршинос, ҳимоятгар, шахсони холис, котиби маҷлиси суд, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ё ҷавобгари гражданӣ), дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ истисно (манъ) карда мешавад. Ин қоида барои холисона ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ, бартараф ва пешгирӣ кардани ҳама гуна дахолат, манфиатдорӣ, ҷонибдорӣ ё ҳолатҳои дигари таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҷорӣ шудааст.

Қонун пешбинӣ кардааст, ки дар сурати ошкор шудани ҳолатҳое, ки имконияти иштироки судяро дар мурофиаи ҷиноятӣ истисно (манъ, рад) мекунад, масъала бо тартиби зерин ҳал мешавад:

а) судя вазифадор аст аз иштирок дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ даст кашад (худрадкунӣ);

б) аз ҷониби иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ арз шудани раддия нисбати судя имконияти иштирокро дар мурофиаи ҷиноятӣ истисно (манъ, рад) мекунад.

Он судя, ки шикоят аз қарори прокурорро баррасӣ кардааст, моҳиятан ҳуқуқи дар баррасии парванда иштирок карданро надорад (м.124 КМҶ ҶТ).

Қоидаҳои номбаршударо таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои, воқеан, таъмин шудани принсипҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ бояд такмил дода шаванд. Аз ҷумла:

1. Дар м.м. 61-62 КМҶ ҶТ ҳолатҳое, номбар шудаанд, ки иштироки судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ манъ мекунанд. Лекин ҳолате,

ки дар қисми 5, м.124 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст дар м.61 КМҶ ҶТ номбар намешавад.

Қисми 5, м.124 КМҶ ҶТ мухолифи принсипи ҳуқуқи шикоят ва амал ва қарорҳои мурофиавӣ мебошад (м.23 КМҶ ҶТ). Тибқи ин принсип ба ҳама нафароне, ки мақоми иштирокчии мурофиаро доранд, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз мақоми мурофиавӣ доштан, имконияти васеи шикоят кардан аз амали (беамалии) ё қарорҳои мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дода шудааст. Дар қисми 5 м.124 КМҶ ҶТ ҳолати истисноӣ нисбати танҳо судяе пешбинӣ шудааст, ки *шикоят аз қарори прокурорро* баррасӣ кардааст, лекин қонунгузор дар м.23 КМҶ ҶТ ҳуқуқи шикоят оварданро нисбати танҳо «қарорҳои прокурор» маҳдуд накардааст.

Бинобар ин, бо мақсади таъмини беғаразии судя ва салоҳиятнокии ӯ қисми 5, м.124 КМҶ ҶТ бояд ихтисор карда шуда, баҳри татбиқи ягона ва дақиқи қоидаҳои тағйирнопазирии ҳайъати суд ба матни қисми 1, м. 62 КМ ҶТ илова карда шавад, ки судяи дархости мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятиро дар марҳалаи тосудӣ баррасикарда, ҳуқуқи дар ҳайъати суд иштирок кардан дар маҷлиси суди марҳалаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ оид ба ҳамин парвандаи ҷиноятиро надорад.

2. Дар боби 31 КМҶ ҶТ (м.м. 261-271 КМҶ ҶТ) салоҳияти судя дар марҳилаи таъини маҷлиси суд ва омодагӣ ба он муқаррар шудааст. Мутахассисони соҳа ақида доранд, ки дар ин марҳила масъалаҳои ташкилӣ ва омодагӣ барои моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал ҳалли худро меёбанд [220, с. 232-233]. Қонунгузор низ ин хусусиятҳоро ба назар гирифта, ин ҳолатро дар м.62 КМҶ ҶТ пешбинӣ накардааст.

Таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд судя дар ин марҳила масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии айбдоршаванда ё судшавандаро ҳал накунад ҳам, лекин доираи масъалаҳои баррасишаванда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳалли онҳо ба ҳуқуқу

манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ва хулосаи ниҳоии суд таъсири ҷиддӣ мерасонад. Натиҷаи баррасии судии арзу дархости иштирокчиёни мурофиа мумкин аст боиси маҳдуд шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа гардад.

Тарафи дигари масъала дар он аст, ки қисми 1 м. 62 КМҶ ҶТ иштироки такрории судяро дар баррасии ҳамин парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчун асоси раддия арз кардан пешбинӣ кардааст. Оё ҳалли масъалаҳо оид ба додани иҷозат барои амалӣ шудани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (м.35 (1) КМҶ ҶТ), додани иҷозат ба гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м.35 (2) КМҶ ҶТ), татбиқи чораҳои дигари маҷбурии мурофиавӣ, монанди ҳабси хонагӣ, дароз кардани муҳлати он, таъин кардани маҳдудиятҳо ба шахсоне, ки нисбати онҳо чораҳои маҷбурии ҳабси молу мулк, суратҳисоб, коғазҳои қиматнок, пасандоз ва амонатҳо (м.116), ситонидани ҷарима ва ба фоидаи давлат гузаронидани маблағи гарав (м.117 КМҶ ҶТ), ки ҳуқуққои конститутсионии иштирокчиёни мурофиаро ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва ё таҳқиқ маҳдуд мекунад, масъалаҳои муҳимми адолати судӣ нестанд? Ба андешаи мо, чунин ҳолат ба меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне ба адолати судӣ мухолиф аст ва бояд бартараф карда шавад. Бо ҳамин мақсад қисми 1 м.62 КМҶ ҶТ ба таҳрири зерин ниёз дорад:

«Судяе, ки ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ иҷозат додаст ё маълумоти хаттии мақомоти таъқиби ҷиноятиро дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани амали тафтишӣ баррасӣ кардааст, қарори татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ё дароз кардани муҳлати онҳоро қабул намудааст, масъалаҳои мурофиавиро дар марҳилаи таъин кардан ва омодагӣ ба маҷлиси мавриди баррасӣ қарор додааст, такроран дар баррасии судии ҳамин парвандаи ҷиноятӣ иштирок намекунад».

3. Масъалаи рад намудани судя (м.64 КМҶ ҶТ) ҳангоми дастаҷамъона баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ, нисбати

машваратчиёни халқӣ, мантиқан дуруст аст. Лекин, дар сурати арз шудани раддия нисбати судяи раисикунанда (на машваратчиёни халқӣ ё эҳтиётӣ) ё судяе, ки парвандаро танҳо баррасӣ менамояд, раддия бояд аз ҷониби раиси суди дахлдор (ноҳия, шаҳр ё вилоят) баррасӣ гардад, то ки нисбати салоҳиятнокӣ, мустақил ва беғаразии суд шубҳа намонад. Дар қиёс ҳамин қоида ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ қисми 1 м.122 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, ки дида баромадани арзу шикояти ищтирокчиёни мурофиа ба шахси мансабдоре, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро бар ӯҳда дорад, супорида намешавад. Нисбати раддияи баёншуда ва ҳалли одилонаи он низ ин қоида бояд амал намояд ва судя, ки нисбати ӯ раддия оварда шудааст, набояд баррасии раддияро боз ба зиммаи худ гирад. Аз ин лиҳоз, дар м. 64 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад, ки баррасии раддия нисбати судяро ба зиммаи судяе, ки нисбати ӯ раддия оварда шудааст ва инчунин ба зиммаи судяе, ки қаблан дар ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҳамин парванда иштирок намудааст, вогузоштан манъ аст.

4. Нақши раисикунандаи маҷлиси судӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ хусусияти на танҳо мурофиавӣ, балки аҳаммияти муҳимми ташкилӣ ҳам дорад. Лекин салоҳияти раиси маҷлиси судӣ афзалият ё бартарияти имкониятҳои мурофиавии ӯро дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ифода намекунад. Ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии дастаҷамъонаи парвандаи ҷиноятӣ тариқи овоздиҳӣ сурат мегирад.

Раисикунанда бештар масъулият ва уҳдадориҳои мурофиавӣ дорад, яъне маҷлиси судиро мекушояд, ҳайъати судиро эълон мекунад, барои муносибат накардани шоҳидони пурсидашуда бо шоҳидони пурсиданашуда чора меандешад, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ва дигар иштирокчиёнро мефаҳмонад, шахсияти судшаванда ва шоҳидонро муайян мекунад, ба судшаванда моҳияти айбдориашро маълум месозад, ба тафтиши далелҳо роҳбарӣ менамояд, тартиби дуруст қайд шудани

протоколи судиро таъмин мекунад. Раисикунанда дар рафти мурофиа ба судяҳо барои мулоҳизаронӣ саволҳо мегузорад, қарорҳои судро тартиб дода, ҳукмро эълон мекунад ва инчунин тартиби эътироз ё шикоят оварданро ба иштирокчиёни мурофиа мефаҳмонад.

Раисикунандаи маҷлиси суд раддияро нисбат ба судя, котиби маҷлиси суд, тарҷумон, коршинос, мутахассис бояд дар хонаи машваратӣ ҳал намояд.

5.Тибқи м.63 КМҶ ҶТ раддия иштирокчиёни мурофиаи судӣ танҳо нисбати судя ва машваратчиёни халқӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи қоидаҳои ҳамин боби КМҶ ҶТ ин қоидаҳо бояд нисбати котиби маҷлиси суд, тарҷумон, коршинос, мутахассис, ҳимоятгар, прокурор низ амал намоянд. Чунки иштирокчиёни мурофиаи судӣ низ, ки нисбати онҳо раддия оварда мешавад, оид ба ҳолатҳои ғалат ё эҳтимолӣ, ки ҳамчун асоси рад кардан оварда шудаанд, баёнот дода тавонанд ё ин ки имконият дошта бошанд ин ҳолатҳоро инкор намоянд. Дар матни меъёри номбаршуда «арзи дертари раддия» ҳам дар шакли номуайян ифода ёфтааст. Азбаски муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал пайдарҳам ҷараён мегирад «арзи дертари раддия» баъди тафтиши судиро дар назар дорад. Бинобар ин, ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ бояд ҳуқуқ дода шавад, ки то хотима ёфтани музокираи судӣ раддия изҳор карда тавонанд.

6. Дар м.м. 35 (2), м.111, 112 КМҶ ҶТ то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ мавод ва дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ё таҳқиқ баррасӣ мешавад. Дар қисми 3, м.124 КМҶ ҶТ шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз қарорҳо, амал, беамалии ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси суд нишон дода шудааст. Дар моддаҳои таҳлилшаванда иштироки ҳатмии ҳар ду тарафи мурофиа (айбдоркунанда ва ҳимоя)

пешбинӣ намешавад, ки ин ба принсипҳои конститутсионии ҳифзи судӣ ва мубоҳисаи тарафҳо баръало мухолиф аст. Ин гуна қоидаҳои меъёрӣ иштирокчиёни манфиатдори мурофиаи ҷиноятиро аз имкониятҳои мурофиавии ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ беасос маҳрум кардааст.

Дар баъзе мавридҳо муқаррароти меъёрӣ (масалан, м. 111 КМҶ ҶТ) тарафҳоро аз имконияти рад кардани судя ё иштирокчии дигаре, ки нисбати онҳо асосҳои радкунӣ мавҷуданд, пурра маҳрум мекунад.

Бо мақсади таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳифзи судӣ ва адолати судӣ пешниҳод мекунем, ки меъёрҳои мурофиавӣ оид ба баррасии судии мавод ва дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуққои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ё таҳқиқ ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

Дар акси ҳол, татбиқи пурраи қисмҳои 6-8 м.35 (2) КМҶ ҶТ ғайриимкон аст ва иштирокчиёни мурофиа наметавонанд дар бораи амал ё қарорҳои ғайриқонунии қабулшуда саривақт шикоят намоянд ва саривақт ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро барқарор кунанд.

Дар м.112 КМҶ ҶТ ҳангоми ҳалли масъалаи дароз кардани муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ (м.110 КМҶ ҶТ) нигоҳ доштан, муҳлати нигоҳ доштани шахс дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ (қисми 3 м. 92 КМҶ ҶТ, қисми 5 м.111 КМҶ ҶТ), муҳлати ба таври маҷбурӣ дар беморхона ё табобатгоҳи равонпизишкӣ нигоҳ доштан (м.м. 401, 437, қисми 3 м. 451 КМҶ ҶТ) бояд амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ таъмин карда шавад.

г) дар қисми 3, м.124 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки дар сурати ҷой доштани сабабҳои узрнок ё зарурати талаб карда гирифтани маводи нав баррасии шикоят мавқуф гузошта шавад, ки ба шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (м.286 КМҶ ҶТ) мутобиқ мешавад. Ҳамин тариқ дар раванди таҳқиқот ба хулоса омадем, ки:

1. Дар «Низомнома дар бораи машваратчиёни халқӣ» пешбинӣ карда шавад, ки ба ҳайси довталабони машваратчиёни халқӣ танҳо нафароне, ки дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълумот ва собиқаи корӣ доранд, пешбарӣ карда шаванд.

Баҳри такмил додани сифати иштироки машваратчиёни халқӣ ва фаъолгардонии иштироки онҳо дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, бо онҳо оид ба қонунгузории мурофиавии миллӣ, қарору тавзеҳоти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулиятҳои ҳатмии такмили ихтисос ва санҷишҳои мутобиқи салоҳиятнокии касбӣ гузаронида шавад.

2. Қисми 1 м.62 КМҶ ҶТ бояд бо иловаи зерин таҳрир шавад:

«Судяе, ки ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ иҷозат додааст ё маълумоти хаттии мақомоти таъқиби ҷиноятиро дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани амали тафтишӣ баррасӣ кардааст, қарори татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ё дароз кардани муҳлати онҳоро қабул намудааст, масъалаҳои мурофиавиро дар марҳилаи таъин кардан ва омодагӣ ба маҷлиси суд мавриди баррасӣ қарор додааст, салоҳияти минбаъд дар баррасии ҳамин парвандаи ҷиноятӣ иштирок карданро надорад».

3. Дар м. 64 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад, ки баррасии раддия нисбати судяро ба зиммаи судяе, ки нисбати ӯ раддия оварда шудааст ва инчунин ба зиммаи судяе, ки қаблан дар ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҳамин парванда иштирок намудааст, вогузоштан манъ аст.

4. Қисми 4, м 64 КМҶ ҶТ бо мазмуни он, ки ҳалли раддияи изҳоршуда нисбати судяе, ки бо чунин тартиб, ки танҳо парвандаро дида мебарояд ё ин ки арзу шикояти иштирокчиёнро ба баррасӣ қабул кардааст, бояд ба салоҳияти раиси суди дахлдор вогузор карда шавад.

5. Истилоҳи «...арзи дертари раддия...» дар м.63 КМҶ ҶТ бо мазмуни носаҳеҳ (номуайян) ифода ёфтааст. Азбаски муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал пайдарҳам ҷараён мегирад,

«арзи дертари раддия» баъди тафтиши судиро дар назар дорад. Бинобар ин, дар ин меъёр муҳлати ниҳоии пешниҳоди раддия, бояд то хотима ёфтани музокираи судӣ муқаррар карда шавад.

6. Дар қисми 5 м.35(2) КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки қарори судя оид ба баррасии дархост ва маълумотномаи пешбурди амали таъхирнопазири тафтишӣ *бо дархости иштирокчиёни манфиатдор ба онҳо* дастрас мешавад.

7. Дар қисми 3 м.111 КМҶ ҶТ сабаҳои узрноки ҳозир нашудани тарафҳо пешбинӣ карда шавад.

8. Дар қисми 3 м.124 КМҶ ҶТ асосҳои мавқуф гузошта шудани баррасии шикоят пешбинӣ гарданд.

9. Дар қисми 4 м.124 КМҶ ҶТ муқаррар шавад, ки нусхаи қарори судя ба шахси шикоятоварда супорида мешавад.

Таклифу пешниҳодҳо, ки бо таҳлили ҳуқуқӣ асоснок карда мешаванд, мазмуну моҳияти принсипи конститутсионии ҳифзи судиро пурра карда, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судиро бо мақсади таъмини адолати судӣ ва воқеан, таҳти ҳимояи давлат қарор доштан, инчунин бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таҷассум мекунад.

БОБИ IV. МАСОИЛИ МУБРАМИ АМАЛӢ ШУДАНИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДӢ

4.1. Мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии кишвар арзиши олӣ доштани кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахсро муқаррар кардааст [1].

Бо назардошти бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бори аввал дар Конститутсияи соҳибистиқоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.87) тарзи мубоҳисавии мурофиаи судӣ ва баробарии мақоми мурофиавии тарафҳо пешбинӣ гардид.

Бо ин асосҳо меъёрҳои қонугузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ (м.20 КМҶ ҶТ) баробарии тарафҳоро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ кафолат дод.

Бо вуҷуди ин, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ қайд мешавад, ки мафҳуми «тарафҳо» тамоми шахсони мақоми мурофиавӣ доштаро дар бар нагирифтааст.

Азбаски, ҳадаф ва мақсади иштирок, вазифа ва ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ гуногун мебошад, бинобар ин онҳоро муаллифон шартан ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд [104, с. 34-35; 144, с. 91]:

1) Шахсони ваколатдори мақомоти давлатӣ: прокурор, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот, сардори воҳиди таҳқиқ, таҳқиқбаранда, суд, судя.

2) Иштирокчиёне, ки аз оқибати мурофиаи ҷиноятӣ манфиатдоранд: ҷабрдида, гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндаи онҳо, айбдоркунандаи хусусӣ, маҳкумшуда, ҳимоятгар.

3) Шахсоне, ки ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд ё ёрӣ мерасонанд: шоҳид, шахсони холис, мутахассис, эксперт (ташхисгар), тарҷумон, котиби маҷлиси суд.

Аз ин бармеояд, ки мафҳуми «иштирокчиёни» мурофиаи ҷиноятӣ ва «тарафҳо» ягона ва ҳаммаъно нестанд. Дар муқоиса мафҳуми «иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» мазмуни васеъ дошта, дар таркиби худ тарафҳоро низ дар бар мегирад. Мафҳуми «тарафҳо» аз мазмуни принсипи мубоҳиса бармеояд, лекин дар адабиёти муосир ҳолати ҳуқуқӣ ва ҳадди имкониятҳои мурофиавии онҳо то имрӯз мавриди муҳокима қарор доранд [364, с. 99-103; 378, с. 30; 374]. Чунки дар баробари дигаргуниҳои куллӣ дар қонунгузори миллӣ, дар амалияи судӣ норасоӣ ва вайроншавии қонунгузорӣ ба мушоҳида мерасанд [30].

Баррасии тӯлонии баҳсҳои ҳуқуқӣ, пайваста бекор ва тағйир ёфтани санадҳои судӣ, ба иҷро нарасидани санади судӣ на танҳо ба сари вақт барқарор шудани адолат, балки боиси коҳиш ёфтани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мегардад [67]. Танҳо ба тариқи расмӣ вонамуд кардан, ки воқеан, адолати судӣ дастраси мардум аст ё тамоми баҳсҳои ҳуқуқӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо асоснок, қонунӣ ва одилона ҳалли худро ёфта истодаанд, хулосаи бармаҳал аст. Саволе ба миён меояд, ки баҳри амалишавии асосҳои адолати судӣ дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ андешидани кадом чораҳо муҳим аст? То кадом андоза адолати судӣ ба тарафҳо дастрас аст?

Муҳаққиқон хулосаҳо пешбарӣ мекунанд, ки ҷорӣ гаштани қоидаҳои мубоҳисавият ҳам дар марҳилаҳои тосудӣ ва ҳам дар даврaҳои судии мурофиа ба натиҷаҳои мусбӣ овардааст [390; 134; 151, с. 31].

Дар марҳилаҳои тосудӣ васеъ гаштани имкониятҳои мурофиавии тарафҳо ва баробари дар мурофиаи судӣ муқаррар шудани принсипи мубоҳисавият пешбурди яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ бо мақсади танҳо айбдорнамоии шахс дар содир кардани ҷиноят хотима ёфт [179, с. 107]. Қонунгузор ба шахсоне, ки оқибати мурофиа ба ҳуқуқу манфиати онҳо дахолат мекунад, ҳуқуқҳои васеъ додааст, ки дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ фаъолона ширкат намоянд.

Муаллифон қайд мекунанд, ки мавқеъ ва имкониятҳои мурофиавии тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар марҳилаҳои тосудӣ (то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ) баробар нестанд [300, с. 2-4; 360, с. 182-186]. Албатта, баробарии мутлақо муайяни мурофиавии тарафҳоро кафолат додан ғайриимкон аст. Ба андешаи мо, фаҳмиши ҳадди имконпазири баробарии мурофиавии тарафҳо ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, бояд бо принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд ва мутобиқ дониста шавад. Лекин баъзе аз маҳдудиятҳои мавҷударо мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода, мутобиқати онҳоро бо меъёрҳои конститутсионии адолати судӣ муайян кардан зарур аст.

Муқаррароти қонун (м.20 КМҶ ҶТ) ба ҳар ду тараф имконияти мурофиавиро дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ кафолат медиҳад. Бинобар ин, амалӣ (риоя, иҷро) гаштани ин кафолати конститутсионӣ набояд дар марҳилаҳои тосудӣ беасос бо бартарияти тарафи айбдоркунанда маҳдуд гардад.

Лекин, кафолати баробарии тарафҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавии номбаршуда пурра таъмин намешаванд. Чунки дар меъёрҳои номбаршуда:

а) дар маҷлиси суд ҳуқуқи иштирок танҳо ба таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор дода шудааст (м.35 (2) КМҶ ҶТ). Тарафи ҳимоя ва шахсони манфиатдор аз ҳуқуқи иштирок дар маҷлиси суд беасос маҳдуд карда шудаанд. Агар сухан дар бораи самаранокии амалҳои тафтишӣ равад ҳам, судя бояд аз нуқтаи назари принсипи конститутсионии адолати судӣ тарафҳоро дар бораи баргузории маҷлиси суд хабардор намуда, риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро таъмин намояд (м.276, 277 КМҶ ҶТ);

б) Дар муҳокимаи судии баъзе аз масъалаҳои мурофиавӣ иштироки тарафҳо ҳатмӣ дониста нашудааст. Дар матни қисми 3 м.111 КМҶ ҶТ «тарафҳо, шахси дархост пешниҳоднамуда» имконияти иштироки сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиш, муфаттиш ва

таҳқиқбаранда,ҷабрдида ва намояндаи ӯро низ пешбинӣ мекунад. Лекин дар м. 6 КМҶ ҶТ сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиш, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ба сифати тарафи айбдоркунанда пешбинӣ нашудаанд. Ҳол он ки онҳо низ функсияи (таъиноти мурофиавии - Қ.Н.) таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркуниро дар марҳилаҳои тосудӣ ба зимма доранд (м.6 КМҶ ҶТ) ва дар маҷлисҳои суд ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

Бинобар ин:

а) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла мубоҳиса ва баробарии тарафҳо бояд на танҳо дар марҳилаи аввал оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, балки дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав оғоз шудани мурофиа, бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав), риоя ва иҷро гардад.

б) дар м.6 КМҶ ҶТ сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиш, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳамчун иштирокчиёни тарафи айбдоркунанда пешбинӣ гарданд.

в) сабабҳои узрноки сари вақт ҳозир нашудани тарафҳо ба маҷлиси суд эътироф гардад:

- сафари хизматӣ, иштирок дар чорабиниҳои таъмини бехатарии аҳолӣ, раъфи оқибати офатҳои табиӣ;

- хизмати ҳарбӣ, иштирок дар машқҳои таълимии ҳарбӣ;

- бе нигоҳбон мондан ё бемории вазнини аъзои оила;

- ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани тарафро новобаста аз хоҳиш ва иродаи ӯ, номумкин месозад. Узрнок будани ҳолатҳои дигарро суд, судя бояд муайян созанд.

Тарафҳо бояд судя, судро аз сабаби дар муҳлати таъингардида ҳозир нашуданаш огоҳ кунанд.

г) тибқи қонун, доираи масъалаҳое, ки дар баррасии судии онҳо тарафҳо ҳуқуқи иштирок карданро доранд, танҳо бо масъалаҳои дар хонаи машваратӣ баррасишаванда маҳдуд нашавад.

Ҳамин тариқ, қонун кафолат додааст, ки дар ҳалли масъалаҳое, ки ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ боиси маҳдуд гардидани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиавӣ мегардад, аз ҷумла иҷрои амалҳои тафтишӣ, чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, иштирокчиёни мурофиа метавонанд дар ҳимояи манфиатҳои худ фаъол бошанд.

Бинобар ин, имконияти мурофиавии иштироки тарафҳо дар марҳилаҳои тосудӣ ба ҳалли ин масъала бо салоҳдиди суд мусоидат карда мешавад.

Дар ин ҷараён, аз ҷониби тарафи ҳимоя ва айбдоркунанда барои ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ маҷмуи маълумот ҷамъ оварда мешаванд, ки онҳо мазмун ва моҳияти гуногун доранд. Агар м.86 КМҶ ҶТ ба мақомоти пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ салоҳияти васеи ҷамъоварии далелҳоро (бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) дода бошад, ба иштирокчиёни манфиатдори мурофиа имконияти дархост кардан, талаб кардани маълумот, пешниҳоди маълумот ва иштирок дар амалҳои тафтиширо пешбинӣ мекунад. Лекин на ҳама маълумоти ҷамъовардашуда далел эътироф мешаванд. Дар таносуб фарқияти истилоҳи «маълумот» ва «далел» ҳам дар ҳамин зоҳир мешавад. «Далел» эътироф шудани маълумоти воқеӣ, аҳаммият ва моҳияти ҳуқуқию мурофиавӣ пайдо кардани онро ифода мекунад, - менависад А.Э. Раҳматулоев [177, с. 59].

Барои саҳеҳ нишон додани ин фарқият, воқеан, қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро таҳлил намуда, муайян кардан мумкин аст, ки маълумоти ҷамъовардашуда он гоҳ далел эътироф мешаванд:

1) Агар маълумот баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, бо тартиби муайянкардаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҷамъ оварда шуда бошад. Ҷамъоварии маълумот ҷараёни мураккабест, ки тибқи қоидаҳои мурофиавӣ, тартиб ва шакли

муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз сарчашмаҳои муайянкардаи қонун ҷустуҷӯ ва ошкор кардан, гирифтан, санҷидан ва қайду мустаҳкам кардани маълумоти воқеиро ифода мекунад. Вайрон шудани қоидаҳои мурофиавӣ оид ба ҷустуҷӯ ва ошкор кардан, гирифтан, санҷидан ва қайду мустаҳкам кардани маълумот, далел эътироф шудани онро истисно мекунад ё боиси ғайри қобили қабул донистани он мегардад:

2) маълумот сарчашмаи аниқ ва раднашаванда дошта бошад;

3) имконияти ба тариқи мурофиавӣ санҷидани маълумот мавҷуд бошад;

4) маълумот бо мазмун, сифат ё нишонаҳои хоси худ, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо маълумот дигари ҷамъовардашуда ин ё он ҳолати содир шудани ҷиноятро тасдиқ ё инкор карда тавонад;

5) маълумот ба тариқи расмӣ, бо риояи тартиби муқарраргардида дар шакли ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ қайду мустаҳкам шуда бошад.

Аз ин таҳлил бармеояд, ки на ҳама маълумоти ҷамъовардашуда оид ба парвандаи ҷиноятӣ далел эътироф мешаванд, чунки баъзе аз онҳо минбаъд, баъди санҷиш тибқи қонун ғайри қобили қабул дониста мешаванд ё сарчашмаи маълумот муайян намешаванд, ки ин ҳолат далел дониста шудани маълумотро истисно мекунад. Вобаста ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои ҷолибро дучор шудан мункин аст [87, с. 85-90], ки бештар аҳаммияти амалӣ доранд.

Дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва гирифтани маълумот, баъзе аз ҳолатҳои воқеан ҷойдошта, ё мавҷудияти ихтилофҳо нопурра, қисман, носаҳеҳу дақиқ *баён* ё *ифода* мешаванд ва эътимоднокии маълумотро коҳиш медиҳанд.

Ба андешаи мо, он маълумоте, ки тибқи талаботи қонун далел эътироф намешаванд ё бевосита ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ё ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро дақиқ тасдиқ ё инкор намекунанд, аҳаммияти амалии худро гум намекунанд, агар аз ҷониби таҳқиқбаранда ва муфаттиш ба онҳо диққати хоса дода шавад. Дар байни онҳо

маълумоте вуҷуд дошта метавонанд, ки муаллифон онҳоро шартан «маълумоти ғайримурофиавӣ» меноманд [256, с. 142-147; 87, с. 86]. Онҳо далел эътироф намешаванд, барои исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ё эълон кардани айб истифода намешаванд, лекин маълумоти ғайримурофиавиро шитобкорона инкор кардан ё бе аҳаммият мондан нодуруст аст.

Новобаста аз ақидаи муллифони алоҳида [86, с. 17], ин гуна маълумот дар амалияи тафтишотӣ барои ташкил ва интихоби самти тафтишот метавонанд, истифода шаванд. Масалан, нусхаи ҳуҷҷате, ки ба тариқи оперативӣ ошкор шудааст; маълумоте, ки дар натиҷаи пурсуҷӯи оперативӣ (на бо роҳи пурсиш) гирифта шудааст; маълумоте, ки дар мактуби беимзо дарҷ шудааст; маълумоти дигари оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки муфаттиш шинос шудааст ва ғ. Муҳим он аст, ки ба тамоми маълумоти ҷамъовардашуда диққати махсус дода шуда, ба робитаи онҳо бо ҳамдигар, ба ҳолатҳои исботшаванда (мавзуи исбот) сари вақт баҳои дуруст дода шавад. Дар акси ҳол, онҳо *(маълумоти ғайри мурофиавӣ)* метавонанд аҳаммияти амалии худро гум кунанд.

Маълумоти ғайримурофиавиро аз далелҳои ғайри қобили қабул фарқ бояд кард. Онҳо тибқи 88-1 КМҶ ҶТ барои исботи ҳолатҳое, ки ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, истифода намешаванд.

Ғайри қобили қабул эътироф кардани маълумоти воқеӣ (м. 88.1 КМҶ ҶТ), яке аз навовариҳои ҷиддие мебошад, ки амалӣ гаштани принсипҳои адолати судиро ғанӣ гардонд. Лекин, қайд кардан зарур аст, ки дар меъёрҳои КМҶ ҶТ то ҳол тартиби мурофиавии беэътибор эътироф шудани маълумоти ҷамъовардашударо дақиқ нашудааст, ки дар амалия на танҳо *ба саҳеҳияти маълумоти дигари ҷамъовардашуда таъсир мерасонад ё имкони таъсиррасонӣ дорад, балки хулосаи бармаҳали ғалат ва* боиси қабул шудани санадҳои ғайриқонунии мурофиавӣ мегардад.

Аз ин рӯ, барои дар амал самаранок татбиқ шудани қоидаҳои ғайри қобили қабул эътироф шудани маълумоти ҷамъовардашуда якчанд пешниҳод дорем:

1. Тибқи қисми 3 м. 88.1 КМҶ ҶТ ҳалли масъалаи ғайри қобили қабул эътироф шудани далелҳои ҷамъовардашуда ба зиммаи *таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя вогузор шудааст. Барои сари вақт ошкор ва беэътибор донистани маълумоти* ғайри қобили қабул ва риоя шудани муҳлати тафтиши пешакӣ ё таҳқиқ, ба мақсад мувофиқ аст, ки сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ва роҳбари гурӯҳи тафтишӣ низ дорои чунин салоҳият бошанд. Бинобар ин, ба м.м. 38, 41, 170 КМҶ бояд, мувофиқан, тағйирот ворид карда шаванд.

2. Паҳлӯи дигари ин масъала, дар сурати аз тарафи *таҳқиқбаранда, муфаттиш* қабул шудани қарори ғайриқонунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар асоси маълумоти ғайри қобили қабул ба сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ва роҳбари гурӯҳи тафтишӣ бояд имконият дода шавад, ки қарори ғайриқонуниро бекор кунад ё тағйир диҳанд. Танҳо дар сурати шикоят овардан нисбати қарор, норозигии муфаттиш ё таҳқиқбаранда прокурор тибқи м.168 КМҶ ҶТ масъаларо таҳти назорат қарор диҳад ва қарори ниҳоӣ қабул кунад. Чунин шакли корбарӣ аз як тараф масъулияти сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ва роҳбари гурӯҳи тафтишӣ, муфаттиш ё таҳқиқбарандаро дар кори ҳамоҳангсозӣ ва дастаҷамъонаи тафтиши ҷиноят баланд бардорад, аз ҷониби дигар ба сарфаи муҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, сари вақт ва пурра кушодани ҷиноят, инчунин ба ҷалби диққати прокурор ба масъалаҳои дигари нисбатан муҳим ва ҷиддӣ мусоидат мекунад.

3. Ба қисми 1 м. 168 КМҶ ҶТ, ки ваколатҳои прокурорро ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, бояд иловаи зерин ворид карда шавад: «-дархости иштирокчиёни мурофиа, пешниҳоди сардори воҳиди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ оид ба беэътибор

донистани маълумоти ҷамъовардашударо баррасӣ мекунад ва қарори дахлдор мебарорад, ё бо ташаббуси худ дар доираи салоҳияташ қарори дахлдор дар бораи беэътибор донистани маълумоти ҷамъоваришударо қабул мекунад».

4. Маълумоти воқеӣ, ки қобили қабул нест, далел эътироф намешавад. Пешакӣ, бе омӯзиш ва санҷиш (бо ёрии амалҳои мурофиавӣ), далел эътироф карда шудани маълумот хулосаи бармаҳал ва ғалат аст. Ба маълумоти ҷамъовардашуда, ё аз тарафи иштирокчиён пешниҳодшуда, талаб карда гирифташуда (м.86 КМҶ ҶТ) бе санҷиши ҳаматарафаи он, шитобкорона, аз нигоҳи ҷабрдида, шоҳид ё айбдоршаванда, ҳимоятгар ҳамчун далел баҳо додан низ нодуруст аст. Чунки далел эътироф шудани маълумотро онҳо муайян намекунанд, онҳо ҳуқуқи пешниҳод кардани маълумотро доранд. Ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳо додан ба маълумот вазифаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя мебошад (м.м.22, 85-88 КМҶ ҶТ). Бинобар ин, қобилияти баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ва истифодаи маълумот барои асоснок кардани қабули қарору хулосаи дахлдор яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи маърифати ҳуқуқӣ аст.

Бо назардошти ҳолатҳои номбаршуда пешниҳод мекунем, ки муқаррароти ҷорӣ дар бораи он ки ҷабрдида, намояндаи ӯ, гумонбаршаванда, айбдоршаванда ё судшаванда, ҳимоятгар ҳуқуқи пешниҳоди далелҳоро доранд, мантиқан нодуруст ва бар хилофи м.72 КМҶ ҶТ, ки мафҳуми далелҳоро дақиқ ифода кардааст, мебошад. Аз ин рӯ, ба иштирокчиёни номбаршудаи мурофиаи ҷиноятӣ қобили қабул аст, ки имконияти пешниҳод кардани маълумоти гуногун дода шавад. Далел эътироф шудани маълумоти пешниҳодкардаи иштирокчиёнро мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ тибқи талаботи қонун (бинобар имконпазирӣ, саҳеҳият, алоқамандии воқеият ва маълумот) муайян намояд. Дар ин бора муҳаққиқони ватанӣ А.Э. Раҳматулоев, А.Р. Абдуллозода, К.М. Мадвализода андешаҳои ҷолибро пешбарӣ кардаанд, ки далел эътироф шудани маълумот тасдиқи шакли мурофиавӣ ва

аҳаммияти ҳуқуқӣ пайдо кардани онро ифода мекунад [338, с. 103-110; 394].

5. Натиҷаи тамоми чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сарчашмаи далел дониста шаванд, ки татбиқи м.84 КМҶ ҶТ-ро маҳдуд намекунад. Ин навоварӣ, на танҳо ба татбиқи воқеии моддаи 84 КМҶ ҶТ мутобиқ гашта, имкон медиҳад, ки натиҷаи тамоми (на танҳо қисми) фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далел баромад кунанд, балки мутобиқати меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустучӯӣ»-ро ба меъёрҳои КМҶ ҶТ таъмин менамояд (м.9 КМҶ ҶТ).

Ҳамин тавр, танҳо дар асоси маълумоти қобили қабул, дахлдор, боэътимод ва кофӣ, судя бо иштироки тарафҳо дар ҷараёни баррасии масъалаҳои марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ, масъалаҳои зерини мурофиавии ҷиноятиро ҳал мекунад:

а) асос ва зарурати анҷом дода шудани амалҳои таъхирнопазири тафтишотӣ;

б) пешбурди амали таъхирнопазири тафтишӣ бе иҷозати суд баргузоршуда;

в) зарурати интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ ва дигари маҷбурӣ ва дароз карда шудани муҳлати татбиқи онҳо;

г) исботи худро ёфтани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта;

д) муайян карда шудани ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

е) масъалаи зарурати татбиқи чораҳои дорои хусусияти тарбиявӣ, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ;

ё) муайян карда шудани самти тафтишот ва пайдарҳамии анҷом додани амалҳои тафтишотӣ;

ж) масъалаи боздоштан ё қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

з) масъалаи ҷудо ва ё якҷоя кардани пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

и) масъалаи рӯёнидани товони зарар;

к) зарурати татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни муросиаи ҷиноятӣ;

л) масъалаи анҷом ёфтани тафтиши пешакӣ ва таъин кардани муҳокимаи судӣ;

м) масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани шахс дар содир кардани ҷиноят ва ғайраҳо.

Дар м. 6 КМҶ ҶТ ба сифати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ нишон дода шудани доираи васеи иштирокчиёне, ки дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ барои сари вақт ва пурра кушодани ҷиноят мусоидат мекунанд, минбаъд имконият медиҳад, ки ҳуқуқу манфиат ва амнияти онҳо тибқи м. 12 КМҶ ҶТ таҳти ҳимояи давлат қарор дода шаванд.

Ҳамин тавр:

1. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла мубоҳиса ва баробарии тарафҳо на танҳо дар маҷлиси суди марҳилаи аввал оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, балки дар баргузории маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав оғоз шудани мурофиа бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои дигар), риоя ва иҷро гардад. ки татбиқи амалии м.м. 20-22, 277 КМҶ ҶТ-ро таъмин мекунад.

2. Доираи масъалаҳое, ки дар баррасии судии онҳо тарафҳо ҳуқуқи иштирок карданро доранд, набояд танҳо бо масъалаҳои дар хонаи машваратӣ баррасишаванда маҳдуд шавад. Бинобар ин, баробарии тарафҳо дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи эътироз ё шикоят (м.410 КМҶ ҶТ) бояд таъмин карда шаванд.

3. Дар м.6 КМҶ ҶТ сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиш, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳамчун иштирокчиёни тарафи айбдоркунанда пешбинӣ гардад.

4. Сабабҳои узрноки сари вақт ҳозир нашудани тарафҳо ба маҷлиси суд эътироф гардад:

- сафари хизматӣ, иштирок дар чорабиниҳои таъмини бехатарии аҳолӣ, раъфи оқибати офатҳои таббӣ;

- хизмати ҳарбӣ, иштирок дар машқҳои таълимии ҳарбӣ;

- бе нигоҳбон мондан ё бемории вазнини аъзои оила;

- ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани тарафро, новобаста аз хоҳиш ва иродаи ӯ, номумкин месозад. Узрнок будани ҳолатҳои дигарро суд, судя бояд муайян созанд.

Тарафҳо бояд судя, судро аз сабаби дар муҳлати таъингардида ҳозир нашуданашон огоҳ кунанд.

5. Дар сурати шикоят овардани иштирокчиёни мурофиа нисбати қарор ё аз амал (беамалии) таҳқиқбаранда, муфаттиш ё сардори воҳиди таҳқиқ ё сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ё ирсол шудани пешниҳоди сардори воҳиди таҳқиқ ё сардори воҳиди тафтиши пешакӣ оид ба бекор карда шудани қарори ғайриқонунии муфаттиш ё таҳқиқбаранда, ё бинобар изҳор шудани норозигии муфаттиш ё таҳқиқбаранда ба қарори прокурор, тибқи м.м.123, 168 КМҶ ҶТ прокурор таҳқиқбаранда, муфаттиш ё сардори воҳиди таҳқиқ ё сардори воҳиди тафтиши пешакиро аз тафтишот дур карда, баробари баррасии шикоят санҷиши хизматӣ гузаронад.

Чунин шакли корбарӣ, аз як тараф, масъулияти сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ва роҳбари гурӯҳи тафтишӣ, муфаттиш ё таҳқиқбарандаро дар ташкили тафтиши ҷиноят баланд мебардорад, аз ҷониби дигар, ба сарфаи муҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, саривақт ва пурра кушодани ҷиноят, инчунин ба фаъолнокии прокурор дар баррасии масъалаҳои таъмини кафолатҳои мурофиавӣ мусоидат мекунад.

6. Ба қисми 1 м. 168 КМҶ ҶТ, ки ваколатҳои прокурорро ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, бояд иловаи

зерин ворид карда шавад: «-дархости иштирокчиёни мурофиа, пешниҳоди сардори воҳиди таҳқиқ ва тафтиши пешакиро оид ба беэътибор донистани маълумоти ҷамъовардашударо баррасӣ мекунад ва қарори дахлдор мебарорад, ё бо ташаббуси худ, дар доираи салоҳияташ қарори дахлдор дар бораи беэътибор донистани маълумоти ғайриқонунӣ ҷамъоваришударо қабул мекунад».

7. Барои дақиқ муқаррар шудани манбаи далелҳо сархатҳои 10,11,12 дар қисми 2 м.72 КМҶ ҶТ муттаҳид карда шуда, бо тағйироти зерин «-маводҳои бо роҳи оперативию ҷустуҷӯӣ ҷамъовардашуда» пешбинӣ шаванд.

Дар амал татбиқ гаштани қоидаҳои пешниҳодшуда, минбаъд ба таъмини баробарии тарафҳо ва воқеан амалӣ гаштани шакли мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам меорад.

4.2. Хусусияти иштироки судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахсро ҳамачун ҳадафи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муқаррар мекунад.

Дар санадҳои байналхалқӣ, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (м.8), Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳар шахси дар содир кардани ҷиноят айбдоршуда кафолати ҳимояи судӣ муқаррар шудааст [42, с. 40].

Яке аз роҳҳои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ва яке аз шаклҳои амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмини кафолатҳои ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, имконияти меъёрии ҳимоя карда шудани ҳуқуқу манфиати тарафҳо ва ба таври мубоҳисавӣ пайваста бояд такмил дода шавад, қайд мекунанд муҳаққиқон [243].

Олимони ватанӣ зарурати мутобиқгардонии меъёрҳои адолати судиро ба меъёрҳои байналмилалӣ, яке аз роҳҳои таҳким бахшидани ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият номидаанд [109, с. 43].Олими ватанӣ Р.Р. Раҳмадҷонзода, бартарияти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахсро ҳамчун асоси конститутсионии таъминкунандаи дастрасии адолати судӣ барои ҳар шахс муаррифӣ кардааст [159, с. 63]. Муҳаққиқони дигар ҳам қайд кардаанд, ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрванд хусусияти умумӣ дошта, нисбати тамоми иштироккунандагони муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бе истисно қувваи амалкунӣ дорад. [281, с. 100-105; 351, с. 73].

Дар ин раванд иштироки судшаванда ва ҷабрдида, ки мавқеи хоси мурофиавӣ доранд, амалӣ шудани мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро дар назар дорад. Иштироки онҳо дар маҷлиси суд ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ, татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятиро имконпазир ва самаранок мегардонад.

Ҳамин тавр, «бо иштироки худ дар маҷлиси суд, судшаванда ва ҷабрдида имконият доранд дар ҳалли масъала дар бораи ба тафтиши иловагӣ фиристодани парванда, қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, тағйир додан, татбиқ ё бекор кардани чораи пешгирӣ, оид ба қонеъ ё рад кардани раддияҳо иштироки фаъол дошта бошанд» [280, с. 149-153]. «Дар натиҷа, аз эҳтимол дур нест, ки пешбурди судии парванда бездошта шавад, қатъ гардад, бандубасти кирдор тағйир дода шавад ё парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида шавад» [22].

Марҳилаи нави ташаккулёбии асосҳои адолати судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баробари қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда буд, идома дорад, ки дар натиҷа мақоми ҳуқуқии

иштирокчиёни мурофаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла судшаванда ва ҷабрдида, назар ба қоидаҳои қаблӣ ба таври назаррас васеъ гаштааст.

Аз ҳамин нуқтаи назар, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаблан масъалаи ба меъёрҳои (м.17, 19, 20) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат накардани татбиқи қисми 2, м. 339 КМҶ ҶТ (1961с.) мавриди баррасӣ қарор дода, қайд карда буд, ки муқаррароти бе иштироки шахсони манфиатдор баргузор шудани маҷлиси суди марҳилаи назоратӣ, ки маҳкумшуда, ҷабрдида, намояндаи ҷабрдида ва шахсони дигари манфиатдор дар бораи вақт ва ҷойи баргузории мурофиа хабардор карда нашудаанд, бо эътироз шинос карда нашудаанд, имконияти ҳимояи мавқеъ ва манфиатҳои худро надоранд, ба меъёрҳои конститутсионӣ мухолиф аст [438, с. 195]. Айни замон, ба андешаи муаллифон дар амалияи татбиқшавии ҳуқуқ норасоӣ ва мушкилиҳое ба мушоҳида мерасанд, ки аз байн бурдани таъсири онҳо ба муносибатҳои танзимшудаи мурофиавӣ таҷдиди назарро талаб мекунад [243, с. 16].

Аз таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ бармеояд, ки барои он, ки ҳолати ҳуқуқии судшаванда муайян карда шавад, ӯ аввал бояд бо асос ва тартиби мурофиавӣ айбдоршаванда эътироф шуда бошад. Агар дар қиёс ба ҳолати ҳуқуқии айбдоршаванда эътибор диҳем, маълум мешавад, ки риояи шартҳои зерин барои айбдоршаванда эътироф шудани шахс муҳиманд:

- парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҷой доштани аломати ҷиноят оғоз гардидааст;

- амалҳои тафтишӣ гузаронида шуда, далелҳои кофӣ ҷамъоварӣ шудаанд;

- далелҳои кофӣ айби шахсро дар содир кардани ҷиноят тасдиқ мекунанд;

- аз ҷониби мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарори дахлдор қабул ва эълон шудааст.

Саволе, ба миён меояд, ки барои судшаванда эътироф шудани шахс (айбдоршаванда) қонун чунин шартҳоро пешбинӣ мекунад? Албатта, дар қонун саҳеҳ ва аниқ пешбинӣ нашудани тартиби судшаванда эътироф шудани шахс ихтилофи назар ё нофаҳмиро ба миён меорад [343, с. 403-408; 300, с. 2-4; 357].

Ҳарчанд қонун санади мурофиавии алоҳидаро оид ба судшаванда эътироф шудани шахс пешбинӣ накарда бошад ҳам, аз таҳлили меъёрҳои ҷорӣ бармеояд, ки якчанд шартҳои судшаванда эътироф шудани шахсро номбар кардан мумкин аст:

1) тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ хотима ёфта, парвандаи ҷиноятӣ бо суд аз рӯйи қоидаҳои тобеияти судӣ ирсол шуда бошад;

2) судя парвандаи ҷиноятиро бо фикри айбдоркунӣ ба пешбурди худ қабул ва ба ҳалли масъалаҳои дар м.262 КМҶ ҶТ пешбинишуда шуруъ карда бошад;

3) судя дар бораи таъин кардани маҷлиси суд қарор қабул карда бошад.

Лекин, дар м.м.263, 269-270 КМҶ ҶТ, ки ин тартибро пешбинӣ кардааст, ягон қоидаи судшаванда эътироф шудани айбдоршаванда, эълон ё фаҳмонидани тағйир ёфтани ҳолати ҳуқуқии ӯ муқаррар нашудааст. Муқаррароти дар давоми 5 шабонарӯз аз вақти баргузории маҷлиси судӣ хабардор шудани иштирокчиёни мурофиа маънои онро дорад, ки тарафи ҳимоя (айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ) баъди гирифтани огоҳинома ё даъватнома дар бораи судшаванда эътироф гаштани шахс хабардор мешавад.

Ба андешаи мо, барои дақиқ муайян карда шудани ҳолати ҳуқуқии судшаванда, ифодаи муқараррот дар м.263 КМҶ ҶТ бояд ба тариқи зайл тағйир дода шавад:

1. Судя дар бораи судшаванда дониста шудани айбдоршаванда бояд қарор, суд таъинот қабул намояд.

2. Судшаванда аз лаҳзаи қабул шудани ҳамин қарор метавонад аз ҳуқуқҳое, ки дар КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, истифода барад. (Дар ҳамин қисми модда ҳуқуқҳои судшаванда, ки дар қисми 6 м.47 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, оварда шуда, қисми 6 м.47 КМҶ ҶТ ихтисор карда шавад).

Ҳозир шудани судшаванда ба муҳокимаи судии парвандаи айбдоркунӣ нисбати ӯ дар содир кардани ҷиноят (хусусан пешбурди тафтиши судӣ, музокираи судӣ), уҳдадории мурофиавӣ муқаррар карда шавад, чунки дар меъёрҳои ҷорӣ иштироки ӯ ҳамчун ҳуқуқи иштирок дар маҷлиси суд пешбинӣ шудааст.

6. Нусхаи қарори мазкур ба судшаванда, ҳимоятгари ӯ бояд дар давоми 12 соат супорида шавад.

Қисмҳои 2-4 м.263 КМҶ ҶТ, мувофиқан, бе тағйир дода шудани матн қисмҳои 3,4,5 рақамгузорӣ шаванд.

Судшаванда яке аз иштирокчиёни марказии мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад, нисбати ӯ қаблан аз ҷониби мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ айб эълон шудааст ва мумкин аст, ки дар маҷлиси суд ӯ гунаҳгор дониста шуда, нисбати ӯ ҷазои ҷиноятӣ татбиқ гардад.

Амалӣ шудани ин пешниҳод имконият медиҳад, ки дар ин муҳлат судшаванда ва ҳимоятгари ӯ ба маҷлиси суд омода шаванд, то ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқҳои ҳимояро амалӣ намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии худро таъмин намоянд.

Масъалаи дигаре, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ муҳокима мешавад, ин имконияти аз ҷониби суд моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда мебошад [280, с. 163-168; 379, с. 106-109; 379], ки аз талаботи м.280 КМҶ ҶТ бармеояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳузури тарафҳо моҳиятан баррасӣ ёфтани айбдории шахс дар содир кардани ҷиноят ва таҳқиқи далелҳои ҷамъовардашуда, ки мавҷуд будани айбро тасдиқ мекунанд, аҳаммиятнокии ҳар як шарти муҳокимаи судиро нишон медиҳад,

амалишавии маҳдуди онҳо фақат дар мавридҳои истисноӣ аз салоҳияти суд вобаста аст [280, с. 163-168].

Имконияти бе иштироки судшаванда моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои зерин дастгирӣ кардан мумкин аст, лекин ин мавқеъ ҷонибдории мурофиаи ғоибонаро ифода намекунад:

1) ба таври хаттӣ, ихтиёран, бе дахолати беруна ё дар ҳузури ҳимоятгар ё шахсони холис рад шудани ҳозиршавӣ;

2) «дар вақти аз ҷониби суд қонеъ шудани муроҷиат ва ё дархости судшаванда (ҳимоятгари ӯ);

3) аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ рад шудани дархосту муроҷиат дар бораи ба Тоҷикистон супорида шудани шахс (экстрадитсия)» [314, с. 106-112];

Профессор З.Ҳ. Искандаров амалишавии ҳуқуқи ҳимояи иштирокчиёни мурофиаро аз таъқибот ё айбдоркунии беасос бо ҳадафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ алоқаманд донистааст [131, с. 33-34].

Бинобар ин, андешаҳои муаллифон тасодуфӣ нестанд, чунки бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ тарзи маҳдуд Дар муҳокимаи судии парвандаи айбдоркунӣ нисбати ӯ ширкат надоштани худи судшаванда қоидаи умумӣ ва ё вайрон карда шудани ҳуқуқҳои судшаванда ба шумор намеравад [278, с. 37-45], балки ин шакли истисноии мурофиаи судӣ аст, ки танҳо дар натиҷаи рафтори ғайриқонунии судшаванда ва истифода накардан ё инкор кардани ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ имконпазир аст.

Бо мақсади таъмини иштироки тарафҳо дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар м. 280 КМҶ пешбинӣ гардад, ки агар сабабҳои узрноки ҳозир шудани судшаванда дар давоми 5 шабонарӯз мавҷуд бошад, баррасии парванда мавқуф гузошта шавад. Дар акси ҳол зарурати боздоштани баррасии судӣ ба миён меояд.

Маҳдудияти ҳуқуқу манфиатҳои судшавандаро аз таҳлили меъёрҳои дигари мурофиавӣ ҳам муайян кардан мумкин аст, ки мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Мавқеи судшаванда дар мурофиаи соддакардашуда ё тафтиши соддашудаи судӣ ҳам яке аз масъалаҳое мебошад, ки байни муҳаққиқон бештар муҳокима мешавад [261, с. 699-702; 211, с. 68-79]. Чунин қоида бори аввал дар қонунгузории миллӣ ҳам пешбинӣ шудааст.

Муаллифон Б.С. Негматов, Д.В. Маткина қайд мекунанд, ки ин шакли мурофиаи судӣ ба манфиати судшаванда буда, самаранокӣ ва сифати адолати судӣ ва аҳаммияти иҷтимоии онро дучанд мекунад [401, с. 25; 395, с. 15]. Таҳлили м.310 КМҶ ҶТ нишон медиҳад, ки тафтиши соддакардашудаи судӣ тамоми қисмҳои маҷлиси судиро дар бар намегирад, балки ба як қисми маҷлиси судӣ дахл дошта, дар яке аз қисмҳои маҷлиси судӣ дар тафтиши судии далелҳо маҳдуд мешавад. Суд ва тарафҳо дарҳол ба қисми музокираи судӣ мегузаранд.

Чунин тартиб, воқеан, бо дархости судшаванда розигии прокурор ва ҷабрдида имконпазир аст. Воқеан, тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ба манфиати судшаванда аст, чунки:

- имконияти тағйир додани бандубасти ҷиноят ба манфиати судшаванда боқӣ мемонад;

- имконияти қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ вуҷуд дорад;

- имконияти қабул шудани ҳукм бо сабук кардани ҷазои ҷиноятӣ ба манфиати судшаванда мавҷуд аст;

- дар сурати қабул шудани ҳукми айбдоркунӣ таъин шудани ҷазои ҷиноятӣ, аз ҳадди ниҳоии ҷазое, ки дар меъёрҳои КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, зиёд буда наметавонад.

Бинобар ин, тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро «мурофиаи соддашудаи судӣ» ё «мурофиаи махсус» номидан нодуруст аст, ки он нисбати баррасии тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ амал намекунад ва тамоми амалҳои судиро дар маҷлиси суд дар бар нагирифтааст.

Лекин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки, воқеан, маҳдудияти мавқеи судшаванда ҳангоми тафтиши соддакардашудаи судӣ ҷой дорад:

а) судшаванда ва ҷабрдида нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи тафтиши соддакардашудаи судӣ (м.310 КМҶ ҶТ) қабул мешавад, аз ҳуқуқи шикоят овардан маҳрум шудаанд;

б) ғайр аз ифодаи иродаи худи судшаванда, қонунгузор розигии айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ, аз ҷумла ҷабрдидаро шарти ҳатмӣ муқаррар кардааст .

Ин маҳдудиятҳо нисбати судшаванда ва ҷабрдида бартарафшавандаанд, зеро онҳо беасосанд ва ба принсипҳои адолати судӣ (м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, м.м. 20, 23 КМҶ ҶТ) ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (м.277 КМҶ ҶТ) мутобиқ нестанд. Бинобар ин, ҳуқуқи судшаванда ва ҷабрдида оид ба шикоят овардан аз амали (беамалии) шахсони масъул ё нисбати тамоми санадҳои ғайриқонунӣ, беасос ва ноодилонаи судӣ бояд барқарор шуда, қисми 9 м.310 КМҶ ҶТ аз матни ин модда ихтисор карда шавад.

Барои дақиқ кардани мавқеи судшаванда дар қисми 3 м. 310 КМҶҶТ пешбинӣ гардад, ки судшаванда, новобаста аз мавқеи тарафҳо, розигӣ ё хоҳиши онҳо ва ё иштирокчиёни дигари маҷлиси суд, ҳуқуқи ҳар лаҳза ба суд мурочиат карданро ҷиҳати масъалаи муҳокимашаванда дошта бошад (м.м. 277, 306 КМҶ ҶТ).

Нисбати ҳолати ҳуқуқии ҷабрдида низ ҳамчун иштирокчии фаъоли тарафи айбдоркунанда ва нақши ӯ дар таъқиби ҷиноятӣ фикру андешаҳои гуногун пешбарӣ мешаванд [363, с. 223-227; 362, с. 365-371]. Лекин, ҳуқуқ ва имкониятҳои мурофиавии ҷабрдида барои амалӣ намудан ё идомаи таъқиби ҷиноятӣ муқаррар нашудаанд. Ҷабрдида ҳуқуқ дорад дар амалишавии функсияи таъқиби ҷиноятӣ иштирок намояд, лекин уҳдадор нест. Мурофиаи судии ҷиноятӣ барои он баргузор мешавад, ки зарари ба ҷабрдида аз ҷиноят расида рӯёнида шавад ё ҳуқуқу манфиатҳои ӯ барқарор гарданд, ки аз мазмуну талаботи

адолат бармеояд. Ин яке аз кафолатҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аст.

Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар амалия татбиқ мегардад. Аз ин рӯ, ба фикру андешаҳои дар адабиёти ҳуқуқӣ баёншуда аз нуқтаи назари меъёрҳои конститутсионӣ баҳо медиҳем.

Қонун муқаррар кардааст, ки мавзуи пешбурди судии парвандаи ҷиноятиро на танҳо масъалаи гунаҳгории судшаванда ва таъини ҷазои ҷиноятӣ, балки масъалаи рӯёнидани товони зарари аз ҷиноят бавуҷудомада ва барқарор кардани оқибати ҷиноят низ ташкил медиҳанд.

Меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ маҷмуи шарту қоидаҳоеро дар бар гирифтааст, ки тибқи онҳо тартиби рӯёнидани зарар, муайян карда шудани ҳаҷм ва андозаи зарари аз ҷиноят расида, дар алоқамандӣ бо тартиби муайян ва дар доираи ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ мешаванд.

Пешниҳод шудани даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз воситаҳои ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдида ба шумор меравад. Олимон қайд мекунанд, ки даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ арзи шахси манфиатдор оид ба барқарор кардани зарар ва ё рӯёнидани тавони зарар мебошад, ки бо тартиби муқарраркардаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ мавриди тафтиш ва баррасӣ қарор дода мешавад [159, с. 232]. Н.А. Қудратов, даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ воситаи барқарор намудани танҳо зарари молумулкии аз ҷиноят расонидашуда номидааст [144, с. 215].

А.Э. Раҳматулоев, даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқ ва талаби мурофиавии шахси зарардида номидааст [179, с. 253-254].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ назари дигар дида мешавад, ки зарари ҷисмонии то маъюбӣ расонидан, пурра ё қисман аз даст додани

саломатиро на зарари ҷисмонӣ, балки зарари моддӣ ифода кардаанд [159, с. 233].

А.Э. Раҳматулоев, қайд мекунад, ки ҳамаи масъалаҳо доир ба таъмини даъвои граждани дар алоқамандӣ ва пайвастагӣ бо масъалаҳои дигари мурофиавии парвандаи ҷиноятӣ ҳал мешаванд, зеро муайян карда шудани намуди зарар, оқибати аз ҷиноят бавуҷудомада, ҳаҷм ва андозаи зарар бевосита ба бандубасти ҷиноят, ба муайян кардани дараҷаи айбдорӣ, шакли гуноҳ, интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ, пайдарҳамии амалҳои тафтишӣ, минбаъд ба муайян кардани андозаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо таъсир мерасонад. Бинобар ин, даъвои граждани бояд якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ мавриди тафтиш ва баррасии судӣ қарор гирад [179, с. 273].

Дар матни меъёрҳои мурофиавӣ қоидае пешбинӣ шудааст, ки тибқи он даъвои гражданиро аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод кардан мумкин аст (м.127 КМҶ ҶТ). Таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки:

- лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, қабул шудани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятиро ифода кардааст;

- мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба иҷрои амалҳои тафтишӣ аз ҳамин лаҳза оғоз мебахшанд;

- ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷабрдида, муайян нашудааст;

- оқибати ҷиноят ҳам дар ин лаҳза бо далелҳо муқаррар нашудааст.

Бинобар ин, пешниҳоди даъво на дар лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, балки дар ҷараёни тафтиши пешакӣ мантиқан ва воқеан дуруст аст.

Албатта, дар чунин ҳолатҳо уҳдадориҳои исбот на ба зиммаи ҷабрдида ва ё даъвогари граждани, балки ба зиммаи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вогузор карда мешавад, лекин танҳо дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ

иштирокчии ҷабрдида (ва ё даъвогари гражданӣ) эътирофшуда, метавонад оид ба рӯёнидани товони зарар, ҳаҷм ва андозаи зарар ё андешидани чораҳои таъмини даъвои гражданӣ бо арзу дархост муроҷиат намояд, ё аз рӯёнидани товони зарар пурра ё қисман даст кашад.

Ҷабрдида эътироф шудан ба шахс имконият медиҳад, ки ӯ минбаъд дар ҷарёни исбот бо тартиби пешбиникардаи қонун иштирок намояд ва аз ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавии худ истифода барад.

Ҳуқуқи рӯёнидани товони зарар ба «шахсони аз хатогиҳои судӣ зарардида» дар Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон соли 1950, Паймона оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсия бар зидди зӯроварӣ ва амалҳои дигари бераҳмона ва пасткунандаи шаъну эътибор 1984 пешбинӣ гардидааст [32; 43; 31].

Дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 масъалаи тартиби рӯёнидани товони зарар ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, шахсони мансабдор ба ҷавобгарии молумулкӣ ва ҷуброни зарар, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии онҳо ба шахс мерасад, танзим наёфта буд. Аз соли 1983 ба КМҶ РҶШС Тоҷикистон моддаи 59 иловаи 1 ворид карда шуд, ки уҳдадории мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокурор ва суд доир ба андешидани чораҳо барои талофӣ кардани зарар, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ ба шахс расидааст, пешбинӣ гардид.

Бартарии қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ аз КМҶ РСС Тоҷикистон (1961) дар он аст, ки акнун тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати мавҷуд будани асосҳо ва риояи шартҳои меъёрӣ, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд, ки рӯёнидани товони зарарро талаб намоянд.

Лекин, муқаррароти м. 461 КМҶ ҶТ аз ҳисоби давлат ҷуброн шудани зарарро, бо нишон додани амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ, ки боиси зарар шудаанд, муқаррар кардааст. Ба андешаи мо, тамоми

амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва санадҳои ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ки боиси зарар ба иштирокчиёни мурофиа гаштаанд, бояд дар сатҳи меъёрӣ сабаб ва асоси ҷуброни зарар эътироф шаванд.

Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳар шахсро (моддаҳои 19, 21, 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) давлат ба уҳдаи худ гирифтааст, ки дар амал татбиқ шудани онҳо бояд аз ҷониби тамоми мақомоти давлатӣ таъмин шавад. Ҳифзи судӣ яке аз вазифаҳои давлат ва уҳдадории расмии мақомоти он ҳадафҳои адлияи ҷиноятӣ аст [224, с. 5; 147, с. 164-169].

Ба андешаи мо, фаҳмиши истилоҳоти «зарар», «шаъну шараф» низ таҳлилии ҷиддиро талаб мекунад, ки дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таъминшавии кафолати ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ хеле муҳим аст. КМҶ ҶТ зарари моддӣ, маънавӣ ва ҷисмониро, ки ба шахсони воқеӣ ва зарари моддиро ба шахси ҳуқуқӣ, вобаста ба оқибати содир шудани ҷиноят пешбинӣ кардааст.

Зарари маънавӣ ҳам дар шакли пулӣ ҷуброн карда мешавад. Мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вазифадор аст, андозаи ҷуброни зарари маънавиро вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дараҷаи айби шахс ҳангоми ба вуҷуд омадани зарар ва дигар ҳолатҳоеро, ки агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, муайян намояд. Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳуррии Тоҷикистон хоса қайд мешавад, ки рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ, қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятии оғозшуда, ҳамчунин баровардани ҳукм ҳифзи судиро оид ба пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ дар бораи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ бо тартиби мурофиаи судии гражданӣ истисно намекунад [27].

Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ суд бояд, оқилона, одилона хулоса барорад, инчунин ҳадду имкониятҳои, воқеан, барқароршаванда будани зарари маънавӣ ба инобат гирифта

шавад.Талаботи оқилона ва одилона, ки ба инобат гирифта мешаванд, ба ҳолатҳои воқеӣ, имконпазирӣ ва ба дараҷаи барқароршавии ҳуқуқҳои ҷабрдида мувофиқат кардани андозаи товони зарарро ифода менамоянд. Мушаххасоти ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ минбаъд аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи он зарари маънавӣ расонида шудааст ва хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида баҳогузорӣ мешавад -қайд кардааст муҳаққиқи ватанӣ М.К. Пулодӣ [26 с. 231; 325, с. 110-118].

Лекин дар м. 462 КМҶ ҶТ кафолати рӯёнидани товони зарари ҷисмонӣ пешбинӣ нашудааст, ки ин бар хилофи м.12 КМҶ ҶТ мебошад. Муҳаққиқон низ ба ин масъалаҳо диққат дода, зарурати рӯёнидани товони зарари ҷисмониро асоснок мекунанд [389, с.101-102].

Ғайр аз ин, мутобиқи моддаи 1101-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми осеб расидан ба шаҳрванд ё дигар зарар ба саломатии ӯ бояд музди меҳнати ӯ ҳам ҷуброн шавад [7].

Ҳангоми муайян кардани музди меҳнат (даромади аздастдода) нафақаи маъюбӣ, ки ба ҷабрдида вобаста ба осеб ё зарари дигари ба саломатии расонидашуда таъин гардидааст, ҳамчунин дигар навъи нафақаҳо, кӯмакпулиҳо ва навъи дигари пардохт, ки то расидани осеб ба саломатӣ ва ҳам баъди он аз ҳисоби ҷуброн таъин гардидаанд, ба назар гирифта намешаванд. Ба ҳисоби ҷуброни зарар инчунин музди меҳнате, ки ҷабрдида баъди расонидани зарар ба саломатӣ мегирад, дохил намешавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 15 қисми 2-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиён-хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити

муқаррарии аҳдҳои граждани метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта). Агар шахси вайронкунандаи ҳуқуқ дар натиҷаи ин даромад ба даст оварда бошад, шахсе, ки ҳуқуққояш вайрон гардидаанд, ҳақ дорад, ки дар баробари зиёни дигар ҷуброни фоидаи аздастрафтаро ба андозаи на камтар аз чунин даромад талаб кунад [25].

Барои таъмини кафолати пардохти товони зарар дар қисми 2 м.464 КМҶ ҶТ пешбинӣ мешавад, ки муайян кардани андозаи зарар ба зиммаи судя, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ вогузор шудааст. Ин қоида бояд аз назари арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд такмил дода шуда, ба кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ мутобиқ карда шавад (м.м.19, 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дар меъёрҳои КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки:

а) аризаи рӯёнидани товони зарарро набояд шахсе, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро анҷом додааст, баррасӣ ва ҳал намояд;

б) прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва судя дар ҷараёни баррасии аризаи рӯёнидани товони зарар вазифадор карда шаванд, ки маводи иловагиро мустақилона ҷамъоварӣ намоянд ё экспертиза таъин намоянд ва қарори таъини он ба аризадиҳанда эълон карда шавад.

Албатта, ба маҷлиси судӣ ва муҳокимаи масъалаҳои мурофиавӣ ҷабрдида ё намояндаи ӯ даъват мешаванд [29]. Лекин, таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ нишон медиҳанд, ки иштироки ҷабрдида ё намояндаи ӯ дар ҳалли баъзе аз масъалаҳои мурофиавӣ ҳатмӣ дониста нашудааст. Масалан, тибқи м.м. 35 (2), 11, 112, 124, 262, 265 КМҶ ҶТ, ҳарчанд масъалаҳои ба ҳуқуқу манфиати ҷабрдида дахлдошта баррасӣ шаванд ҳам, қонунгузор иштироки ҷабрдидаро дар муҳокимаи ин масъалаҳо ҳатмӣ надонистааст, ки ин ҳолат мухолифи қоидаҳои муқаррагардида аст.

Ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда, дар амалияи судӣ, масалан, ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятии савдои одамон ва ноболиғон ба инобат гирифта мешавад, ки мутобиқи амалкунанда дар бораи ҳимояи

давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дар бораи мубориза ба муқобили савдои одамон» нисбат ба ҷабрдидагон ва шоҳидон бо парвандаҳои ҷиноятии марбут ба савдои одамон кафолатҳои иловагӣ ва чораҳо оид ба таъмини бехатарӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ пешбинӣ гардидааст. Чунин баробарҳуқуқии тарафҳо, инчунин кафолаҳои мурофиавӣ бояд нисбати судшавандае (аъзои оилаи ӯ, хешовандони наздик ӯ, молу мулки онҳо) низ татбиқ гардад, ки аз кирдори содиркардаи худ сидқан пушаймон шуда, ба тафтишот ва суд мусоидат карда, ба пешгирии оқибатҳои дигари ба амнияти ҷомеа хавфнок, ба муайян ва бартараф карда шудани сабабу шароити ба содиршавии ҷиноятҳо мусоидаткунанда ёрии амалӣ расонидааст. Аз ҷумла:

1. Манъ ва фош кардани маълумот дар бораи шахсияти на танҳо ҷабрдидагон ва шахсони дигар, ки ба муайян ва бартараф карда шудани сабабу шароити ба содиршавии ҷиноятҳо мусоидаткунанда ёрии амалӣ расонидаанд. Дар асоси қарори судя ё таъиноти суд бояд дастрасӣ ба маълумот дар бораи шахсияти судшаванда дар хадамоти маълумотӣ ва фондҳои иттилоотию маълумотӣ манъ карда шавад.

2. Манъ шудани паҳн кардани иттилоот дар бораи баъзе аз ҳолатҳои содир шудани ҷиноятҳои хавфнок, ки бо кумаку ёрии судшаванда муқаррар шудаанд, ки фош шудани он барои ҳаёт ё саломатии судшаванда, ё хешу табори наздики ӯ хавфу хатар ба вуҷуд оварда метавонад.

3. Бо мақсади пешгирии ин ҳолатҳо, судя ё суд бояд оид ба паҳн накардани маълумоти парвандаи ҷиноятӣ аз иштирокчиёни мурофиаи судӣ (тарҷумон, мутахассис, эксперт, шахсони холис, шоҳидон, ҳимоятгар, намояндагони қонунӣ) забонхат гирифта, онҳоро барои ба ҷавобгарӣ кашидан ҳангоми фош намудани маълумот оид ба парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 361 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, огоҳ намояд.

4. Дар сурати ба ҳаёт ва саломатии судшаванда ва хешовандони наздики ӯ таҳдид кардани хатари воқеӣ, дар асоси қарори судя ё таъиноти суд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҳиши

ин шахс ҳатман имконияти тағйир додани ном, насаб, номи падар, сана ва ҷойи таваллуд, ҷойи истиқомат, ҷойи кор, идома додани таҳсилот мувофиқи касби интихобкардааш дар дигар донишгоҳ ва дигар минтақа дода шавад.

5. Тибқи талаботи қисми 8 моддаи 172 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр накардани шахсияти айбдоршаванда, судшаванда дар протоколи амали тафтишӣ.

6. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъқиб карда шудан барои паҳн кардани маълумот дар бораи чораҳои амният ва махфияти иттилоот дар бораи судшаванда, ҳамчунон маълумоти тафтишоти пешакӣ ва маълумот дар бораи чораҳои ҳимояи давлатие, ки нисбат ба айбдоршаванда ё судшаванда татбиқ карда мешаванд. Судя барои содир кардани кирдорҳои зикргардида пешбинӣ шудани ҷавобгарии ҷиноятиро бо моддаҳои 144, 146, 175 ва 361 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ фаҳмонад.

7. Дар муҳокимаи судӣ ҳал кардани масъалаи ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида шудани шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин кормандони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки дар фаъолияти мубориза ба муқобили ҷиноят ва ҷиноятқорӣ иштирок карда, ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ ёрӣ нарасонида, боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ ва саломатии онҳо гаштаанд (моддаҳои 127, 322 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

8. Зарари аз ҷиноятҳои хавфнок ба шахс расида бояд аз ҳисоби воситаҳои фонди давлатии расонидани кӯмак ба онҳо, дар асоси санади судӣ пурра ҷуброн карда шавад.

9. Ҷабрдидае, ки дар давраи зери таъсири гунаҳгор ё шахсони дигар аз оҷизӣ, нотавонӣ ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро содир намудааст, бояд дар асоси санади судӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ озод карда шавад.

10. Бо мақсади таъмини амнияти судшаванда ва аъзои оилаи ӯ бо дархости судшаванда ва ё ҳимоятгари ӯ, мурофиаи судӣ пурра пӯшида гузаронида шавад.

11. Ба аъзои оила, хешовандони наздики айбдоршаванда ва судшаванда ки ба тафтишот ва суд дар давоми тамоми давраи тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парванда, ёрии амалӣ расонидаанд, дар сурати зарурат, инчунин баъд аз итмоми мурофиаи судӣ, дар ҳолати мавҷуд будани таҳдид ё хатар ё дар дигар вазъияти душвори ҳаётӣ қарор доштан, андешидани чораҳои ҳимояи давлатӣ идома ё ёрии иҷтимоӣ кафолат дода шавад.

Мубрамияти амалӣ ва назариявию илмии ин масъалаҳо, бинобар такмил дода шудани санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ [35; 26; 37; 38], ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва тағйирёбии сатҳу сифати татбиқи ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири мусбӣ расонида, амалишавии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ба ҳалли одилона ва асоснокии масъалаҳои мурофиавӣ, такмил дода шудани фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин барои бартараф карда шудани монеаҳои татбиқшавӣ ва ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат хоҳанд кард.

Ҳамин тавр:

1. Барои муайян кардани ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд чунин шартҳои «судшаванда» эътироф шудан риоя шаванд:

1) тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ хотима ёфта, парвандаи ҷиноятӣ ба суд аз рӯйи қоидаҳои тобеияти судӣ ирсол шуда бошад;

2) судя парвандаи ҷиноятиро бо фикри айбдоркунӣ қабул ва масъалаҳои дар м.262 КМҶ ҶТ пешбинишударо ҳал карда бошад;

3) сандаи мурофиавии муайянкунандаи мақоми шахс ҳамчун судшаванда бароварда шуда бошад.

Судшаванда аз лаҳзаи қабул шудани қарор бояд дорои ҳуқуқҳое, ки дар КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд,бошад.

Нусхаи чунин санади мурофиавӣ ба судшаванда, ҳимоятгари ӯ бояд дар давоми 12 соат супорида шавад.

2. Қонун ба судшаванда ҳуқуқи иштирок дар муҳокимаи судиро муқаррар кардааст, агар ӯ аз ҳуқуқи худ истифода набарад (м.280 КМҶ ҶТ), ба таври истисноӣ мурофиаи судӣ баргузор мешавад, ки он танҳо дар натиҷаи рафтори ғайриқонунии судшаванда ва истифода накардан ё инкор кардани ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ имконпазир аст. Имконияти бе иштироки судшаванда, моҳиятан, баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои зерин дастгирӣ кардан мумкин аст, лекин ин мавқеъ ҷонибдории мурофиаи ғоибонаро ифода намекунад:

1) ба таври хаттӣ, ихтиёран, бе дахолати беруна ё дар ҳузури ҳимоятгар ё шахсони холис рад шудани ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд;

2) агар хоҳишу дархости судшаванда оид ба иштирок накардан дар муҳокимаи судӣ қонеъ шуда бошад;

3) агар дархости мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи ба Тоҷикистон супоридани шахси дар давлати дигар қарордошта рад шуда бошад;

3. Бо мақсади таъмини иштироки тарафҳо дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, агар сабаби узрнок мавҷуд бошад, масъалаи мавқуф гузоштани маҷлиси судиро судя ҳал менамояд. Дар акси ҳол зарурати боздоштани баррасии судӣ ба миён меояд.

4. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро «мурофиаи соддашудаи судӣ» номидан нодуруст аст, зеро ки он нисбати баррасии тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ амал намекунад ва тамоми амалҳои судиро дар маҷлиси суд дар бар намегирад.

5. Ҳангоми ҳозир набудани судшаванда ё ҷабрдида, баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ бояд мавқуф гузошта шавад. Лекин ҳамин қоида дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судӣ риоя намешавад. Ҳол он ки

дар ин марҳила масъалаҳое ҳал мешаванд, ки иштироки судшаванда ва ҷабрдидаро талаб мекунанд.

Маҳдудияти мавқеи судшаванда ва ҷабрдида ҳангоми тафтиши соддакардашудаи судӣ низ ҷой дорад:

а) судшаванда ва ҷабрдида нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи тафтиши соддакардашудаи судӣ (м.310 КМҶ ҶТ) қабул карда мешавад аз ҳуқуқи шикоят овардан маҳрум шудаанд;

б) қонеъ карда шудани муроҷиати ихтиёрии судшаванда аз розигии иштирокчиёни дигар вобаста шудааст.

Ин маҳдудиятҳо ба м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, м.м. 20, 23 КМҶ ҶТ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (м.277 КМҶ ҶТ) мутобиқ нестанд. Бинобар ин, ҳуқуқи судшаванда ва ҷабрдида оид ба шикоят овардан аз амали (беамалии) шахсони масъул ё нисбати тамоми санадҳои ғайриқонунӣ, беасос ва ноодилонаи судӣ бояд барқарор шуда, қисми 9 м.310 КМҶ ҶТ аз матни ин модда ихтисор карда шавад.

6. Пешниҳод мекунем, ки дар қисми 1 м.461 КМҶ ҶТ илова карда шавад, ки тамоми амалҳои мурофиавии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ҳуҷҷатҳои ғайриқонунӣ қабулкардаи онҳо метавонанд боиси зарар шаванд. Ин қоида татбиқи м.м. 5, 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон м.м. 12, 23, 119 КМҶ ҶТ таъмин мекунад.

7. Дар м. 462 КМҶ ҶТ кафолати рӯёнидани товони зарари ҷисмонӣ пешбинӣ нашудааст, ки бар хилофи м.12 КМҶ ҶТ мебошад ва бояд бо тағйиру иловаҳо бартараф карда шавад.

8. Дар моддаи 464 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки аризаи рӯёнидани товони зарарро шахси пешбурди парвандаи ҷиноятиро анҷомдода наметавонад баррасӣ кунад

9. Баробарҳуқуқии тарафҳо, инчунин кафолаҳои мурофиавӣ бояд нисбати судшавандае (аъзои оилаи ӯ, хешовандони наздики ӯ, молу мулки онҳо) низ татбиқ гардад, ки аз кирдори содиркардаи худ сидқан пушаймон шуда, ба тафтишот ва суд мусоидат карда, ба пешгирии

оқибатҳои дигари ба амнияти ҷомеа хавфнок, ба муайян ва бартараф карда шудани сабабу шароити ба содиршавии ҷиноятҳо мусоидаткунанда ёрии амалӣ расонидаанд, таъмин карда шаванд. Ба аъзои оила, хешовандони наздики айбдоршаванда ва судшаванда дар давоми тамоми давраи тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парванда, ки ба тафтишот ва суд ёрии амалӣ расонидаанд, дар сурати зарурат, инчунин баъд аз итмоми мурофиаи судӣ, дар ҳолати мавҷуд будани таҳдид ё хатар ё дар дигар вазъияти душвори ҳаётӣ қарор доштан, андешидани чораҳои ҳимояи давлатӣ идома ё ёрии иҷтимоӣ кафолат дода шавад.

Ҷорӣ шудани хулосаву пешниҳодҳои муаллифӣ имконият медиҳанд, ки ҳангоми баргузории маҷлиси суд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ судшаванда (ҳимоятгари ӯ) ва ҷабрдида ҳамчун тарафҳои манфиатдори муҳокимаи судӣ ба маҷлиси суд омода шаванд, то ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худро амалӣ намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии худро дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин намоянд, ки ин амалишавии принсипи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳоро тақвият мебахшад.

Хулосаҳои пешниҳодшуда ва амалишавии онҳо, метавонанд минбаъд ба ҳалли қонунӣ, одилона ва асоснокии парвандаҳои ҷиноятӣ, ба такмил дода шудани меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин барои бартараф карда шудани нуқсони меъёрӣ ва монеаҳои татбиқшавӣ ва ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

4.3. Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ

Дар давлати ҳуқуқбунёд суд мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф мешавад. Чӣ тавре ки дар моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудааст, «ҳокимияти судӣ мустақил буда,

ҳуқуқ ва озодии шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд»[1].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмини адолати судиро дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёд яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат дониста, доир ба масъалаи пешбарии номзадҳо ба вазифаи судя роҳбарони масъулро вазифадор кардаанд, ки шахсияти номзадро бо тартиби муқарраргардида омӯзанд ва ба вазифаи масъулиятноки судя ҳуқуқшиносонеро пешниҳод намоянд, ки дониши хуби назариявӣ ва таҷрибаи кофии касбӣ дошта, аз ҷиҳати одобу ахлоқ ва рафтору кирдор ба ин мансаби масъули давлатӣ муносиб бошанд [59].

«Тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 дар иҷлосияи дуюми Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, пешбинӣ гардид» [155, с. 23].

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ эътироф гардид, ки бо роҳи баррасии парвандаҳои конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва парвандаҳо ба иҷро расонида мешавад [2].

Тибқи қонугузорӣ, танҳо ба судҳо дар симои судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун барои ба амал баровардани адолати судӣ ҷалб шудаанд, тааллуқ дорад, яъне баамалбаровардани адолати судӣ таъиноти (функсияи) асосии суд мебошад. Айнан чунин талабот дар қонунҳои ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ҷой доштанд [203, с. 189-200; 199, с. 173].

Мутобиқи қонун суд иҷро гаштани санадҳои қабулкардаи мақомоти судиро низ назорат мекунад [118, с. 14]. Судҳо ҳамчун мақомоти баамалбарорандаи ҳокимияти судӣ дар баамалбарории адолати судӣ

мустақиланд. Мустақилияти онҳоро Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ кафолат медиҳанд. Дахолат намудан ба фаъолияти суд манъ аст.

Кафолатҳои пешбиникардаи қонун дар таъмини мустақилияти судяҳо ба ҳамаи судяҳо тааллуқ дорад ва бо ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ бекор ё маҳдуд карда намешавад.

Яке аз кафолатҳои мустақилияти судя нораво будани дахолат кардан ба фаъолияти судя ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мебошад.

Қонун тартиби ба амал баровардани адолати судиро бо роҳи баррасӣ кардани парвандаҳо муқаррар кардааст. Мутобиқи он, ҳар як судя (машваратчии халқӣ ҳангоми бевосита дар баррасии парванда иштирок намудан) дар мавриди ба амал баровардани адолати судӣ мустақил аст. Қонун тартиби қабули ҳар як санади судиро (ҳукм, ҳалнома, қарор, таъинот) муқаррар намудааст. Ин санадҳо бояд дар хонаи машваратӣ танҳо бо иштироки судяҳои дар баррасӣ иштирокдошта қабул карда шаванд. Дар ин маврид ҳузур доштани шахсони дигар манъ аст, зеро дар ҳолати ҳузур доштани шахсони бегона, махфияти машваратии судяҳо вайрон карда мешавад.

Нисбат ба суд зоҳир намудани беэҳтиромӣ аз тарафи иштирокчиёни парванда ва шаҳрвандоне, ки дар ҷаласаи судӣ ширкат мекунанд, инчунин содир намудани ҳар гуна аъмол аз тарафи ҳар касе, ки аз беҳурматии рӯйирост нисбат ба суд шаҳодат медиҳад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ масъалаи мустақилияти судяҳо ва машваратчиёни халқӣ ва танҳо ба қонун итоат кардани онҳо аз тарафи мутахассисон муҳокима мешавад. С. Юсуфова оид ба ин масъала изҳори ақида карда навиштааст, ки кафолати ҳуқуқии мустақилияти судяҳоро ба ду намуд - сохтории судӣ ва мурофиавӣ тақсим кардан мумкин аст. Вай дар ин мавриди интихобӣ будани ҳайъати судҳо, тартиби махсуси пеш аз мухлат бозхондани судҳо ва машваратчиёни халқӣ, ба масъулияти инти-

зомӣ, инчунин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани судяҳо ва машваратчиёни халқиро номбар мекунад. Муаллиф озодона ва мустақилона фаъолият бурдани судҳоро, ки аз мавқеъ ва ақидаи тарафҳо ва иштирокчиёни дигари мурофиа вобаста нест, инчунин ҳудудҳои қатъиян муқарраршудаи ҳатмӣ будани санадҳои судии марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратиро ба кафолати мурофиавӣ дохил менамояд [244, с. 18-19].

Меъёрҳои муайянкардаи қонун ва андешаҳои дар адабиёти ҳуқуқӣ [157, с. 11-12] баёншуда имконият медиҳанд, ки самти таҳқиқотро аз чунин нуқтаи назар интихоб намоем:

а) мустақилияти суд ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ ё мустақилияти расмӣ (ҳокимияти давлатӣ), ки расман дахолати мақомоти қонунбарор ва иҷроияро ба фаъолияти судҳо истисно ва дахолати ҳама мақомотеро, ки ба низоми судӣ дохил намешавад, манъ мекунад;

б) муайян кардани мустақилияти суд, судя ҳангоми мурофиаи судӣ (мустақилияти мурофиавӣ), ки новобаста аз хулосаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ суд хулосаҳои худро асоснок мекунад;

в) муайян кардани ҳадду ҳудуди мустақилияти мурофиавии суд, судя, новобаста аз мавқеи тарафҳои айдоркунанда ва ҳимоя, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ;

г) муайян кардани ҳадди муҳокимаи судӣ ва мустақилияти мурофиавии суд дар ҳалли масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ва қабули санадҳои судӣ.

Муҳаққиқони ватанӣ А.Э. Раҳматулоев, М.Д. Қаландарова ибрози андеша доранд, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ҳадди мустақилияти суд, судя (мустақилияти мурофиавӣ) бо тартиби муқарраркардаи қонун, дар доираи амали принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ, бо таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳадди муҳокимаи судӣ муайян мешавад, ки ин маҳдудиятро ифода намекунад [180, с. 48].

Аз ҳамин мавқеъ, олимони дигар андеша доранд, ки «мустақилияти суд» ва «беғаразии суд» амалишавии адолати судиро таъмин мекунанд

[157, с. 11-12]. Мустақилият муайян кардани самти ба ҳадаф ноил шудан нест, балки воситаи таъмини қабули қарорҳои беғаразона аст [347, с. 32]. Муаллифони дигар қайд мекунанд, ки мустақилият воситаи таъмини беғаразии суд ва адолат аст [340, с. 18]. Дар сатҳи байналхалқӣ эътироф шудааст, ки мустақилият ҳуқуқи судя ва беғаразӣ уҳдадории ӯ мебошад, ки онҳо алоқамандии ногустании амалишавӣ доранд [44, с. 303].

Таҳлили ақидаҳо ва муқоиса бо меъёрҳои мурофиавии ватанӣ нишон медиҳад, ки мустақилияти мурофиавии суд, судя дар ин маврид мазмуни мутлақо мустақилро надорад, чунки он сарҳад ва доираи муайяни амалишавӣ дорад.

А. Шайо қайд кардааст, ки ҷорӣ шудани анъанаҳои низоми англосаксонии «мустақилияти бемаҳдуди суд» дар ҳалли ҳама гуна низоъ ба арзишҳои адолат ва манфиати ҷомеа умуман мутобиқ набуд ва намешавад [235, с. 219].

Беғаразӣ бошад, на танҳо принсипи мурофиаи ҷиноятӣ, балки ин истилоҳ аз рӯйи мазмун баҳогузорӣ ба фаъолияти суд низ мебошад, ки ҷараёни қабули қарори мурофиавӣ ва муносибати судяро нисбати мавқеи тарафҳо инъикос мекунад.

Беғаразӣ, аз нуқтаи назари С.В. Корнакова, пеш аз ҳама, муносибату баҳогузории судяро нисбати ҳолатҳое, ки ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта, мавзуи муҳокимаи судиро ташкил медиҳанд ифода мекунад [296, с. 75-76]. Лекин, дар амалия, суди марҳилаи болоӣ танҳо ба қонунӣ ва асоснок қабул шудани қарори судя баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Азбаски суд низои тарафҳои аз рӯйи манфиат ба ҳам муқобилро баррасӣ мекунад, ба беғаразона қабул шудани қарори ниҳоии суд тарафе (дар муҳокима мағлубшуда) шубҳа мекунад. Дар чунин мавридҳо, беғаразӣ чун чузъи таркибии қонуният (риоя ва иҷрои қонунҳо) бояд баҳогузорӣ гардад.

Ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба он, баҳодиҳӣ ва санҷиши далелҳо, қабули санади судӣ суд мустақил аст,

аз мавқеи тарафҳои мурофиа вобастагӣ надорад. Суд меъёрҳои қонун ва принсипҳои адолати судиро ба роҳбарӣ гирифта, ба далелҳо аз рӯйи ақидаи ботинии худ, ки ин ақидаи аз ҳамаҷониба, пурра ва холисона дида баромадани тамоми маҷмуи ҳолатҳои парванда асос ёфтааст, баҳои ҳуқуқӣ медиҳад [18, с. 276].

Танҳо дар асоси далелҳои ба суд пешниҳодшуда ва мавриди муҳокима, санҷиш қарордодашуда, қонунӣ ва асоснокии қарорҳои суд таъмин мегардад.

Қаблан, дар адабиёти ҳуқуқӣ [81, с.232] «ақидаи ботинӣ» ҳамчун ҳисси боварӣ, тарз, услуб, принсип ё ҳадди баҳодиҳӣ ва натиҷаи он ифода ёфта, мазмуни «ақидаи ботинӣ» бошад, аз нуқтаи назари гносеологӣ, мантиқӣ ва психологӣ маънидод шуда буд [146, с. 68-70].

Новобаста аз нуқтаи назари муҳаққиқон [213, с.474-478], тибқи талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятии миллӣ баҳодиҳӣ аз рӯйи ақидаи ботинӣ, ки на танҳо уҳдадории судя, балки мустақилияти судяро ташаккул медиҳад, ки дар ҷараёни амалӣ гаштани он пешакӣ қувваи эътимоднокии маълумоти ҷамъовардашуда нисбати якдигар истисно карда мешавад. Чунин қоидаи баҳодиҳӣ ба далелҳо ва ҳолатҳое, ки бояд исбот шаванд, ба хулосабарории (ё қабули қарори) қатъӣ ва бе шубҳа дуруст мусоидат мекунад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки «ақидаи ботинӣ» гуфта, ҳисси боварии судяро ба имконияти бешубҳаи даркнамоӣ, ба дониши ҳуқуқӣ, таҷриба, маҳорат ва малакаи касбӣ меноманд, ки ӯро ба мустақилона (бе дахолат) амал кардан ё хулоса баровардан водор мекунад. Баҳодиҳӣ аз рӯйи ақидаи ботинӣ на танҳо вазифаи суд, балки вазифаи тамоми мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки дар ҷараёни амалӣ гаштани он, пешакӣ қувваи эътимоднокии маълумоти ҷамъовардашуда нисбати якдигар истисно карда мешавад. Чунин қоидаи баҳодиҳӣ ба далелҳо дар натиҷа ба хулосабарории (ё қабули қарори) қатъӣ ва бешубҳа дуруст мусоидат мекунад. Хулосаи суд, судя дар ҳукм ифодаи

худро меёбад, ки аз ҳулосаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё тарафи ҳимоя вобаста нест.

Доир ба паҳлуҳои ҷудогона ва асосҳои мантиқии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба маълумоти ҷамъоварда ба суд пешниҳодшуда олимони соҳа нуқтаи назари худро пешбарӣ кардаанд, ки масъулияти асосиро ба суд вогузор мекунанд [201, с. 596; 165, с. 474; 202; 146; [213; 88].

Муаллифони дигар қайд мекунанд, ки «асоси дониши ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии судяро ақли солим, виҷдон ва арзишҳои маънавӣ ташкил медиҳанд, ки дар амал, санад ва хулосаи одилонаи судя зоҳир мешаванд [366, с. 80; 342, с. 121-127]».

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки *дарки ҳуқуқӣ* ҳамчун таҳкурсии «ақидаи ботинӣ» ҷузъи маърифати ҳуқуқӣ аст.

Мустақилона ва ё мантиқан хулосаи мустақилонаи суд, судя оид ба бо далелҳо исбот карда шудани ҳолатҳои содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва мутобиқан бо татбиқ кардани меъёри дахлдори ҳуқуқ ҷамъбаст мешавад.

Натиҷаи пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ бо хулосаи судя алоқаманд буда, мустақилияти судро дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ талаб мекунад.

Мустақилияти судро қоидаҳои дигари мурофиавӣ тавқият мебахшанд, ки тибқи онҳо барои суд ҳам ягон далели ҷамъовардашуда пешакӣ қувваи муайянкунандаро доро нест, яъне ягон далел нисбати дигар далелҳо пешакӣ мавқеи афзалиятноки тасдиққунанда ё бартариятдоштаро гирифта наметавонад. Ба далелҳо суд, судя дар маҷмӯъ, дар ягонагӣ ва аз рӯйи хусусиятҳои пайвастагӣ ба ҳамдигар баҳо медиҳад. Муаллифон қайд кардаанд, ки таклиф, пешниҳод, фарзия, эҳтимолият, гумон, шубҳа, овозаҳо, ҳиссиёт набояд ба ҷараёни баҳодиҳии мустақилона ва холисонаи суд монеъ шаванд [177].

Аз ҷониби дигар, суд на танҳо дар баҳодиҳии далелҳо, балки дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо низ бевосита, мустақилона ва

фаъолона иштирок мекунад [197, с. 67]. Яъне, мустақилияти суд на танҳо дар баҳодиҳӣ ва хулосабарорӣ, балки дар имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои мурофиавӣ, ҷамъ овардани маълумоти воқеӣ ва санҷидани қобили қабул, дахлдорӣ, аниқ ва кофӣ дониста шудани далелҳо, татбиқи меъёри ҳуқуқӣ низ баръало дида мешавад.

Суд мустақилона бо ёрии амалҳои мурофиавӣ, «бо тартиби муайянкардаи қонун, мустақилона қобили қабул, дахлдор, аниқ ва кофӣ будани маълумоти ба муҳокимаи судӣ пешниҳодшударо мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор медиҳад, ки ин амал қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавиро имконпазир мегардонад» [413, с. 75]. Дар сурати бо амалҳои судӣ тасдиқи худро наёфтани қобили қабул дониста шудан, дахлдорӣ, аниқ ва кофӣ будани маълумоти ба муҳокимаи судӣ пешниҳодшуда, суд вазифадор аст бо ташаббуси худ дар бораи беэътибор донистани далелҳои пешниҳодшуда ва аз айбдорӣ хориҷ карда шудани онҳо қарори дахлдор қабул намояд.

Арзу дархости иштирокчиёни пешбурди судӣ ҳам метавонанд ба қабул шудани қарори мурофиавӣ сабаб гарданд [25]. Лекин, дар м.306 КМҶ ҶТ мавзуи дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ танҳо бо масъалаҳои алоҳида муайян кардааст, ки мухолифи шарти муҳимми мурофиаи судӣ, ки дар м.277 КМҶ ҶТ (баробарҳуқуқии тарафҳо) ва қоидаҳои санҷиш ва баҳодиҳии далелҳо пешбинӣ мешавад, аст.

Бинобар ин, дар м.306 КМҶ КМҶ ҶТ бояд мавзуи дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ вобаста аз ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавии тарафҳо пурра карда шуда, имконияти пешниҳоди дархост оид ба ғайри қабул эътироф карда шудани далелҳои ба суд пешниҳодшуда нишон дода шавад. Ин қоида имконият медиҳад, ки иштирокчиёни муҳокимаи судӣ мафиатҳои худро ҳимоя кунанд ва мавқеи худро тақвият бахшанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳадди муҳокимаи судиро қонун ҳамчун шарти умумӣ чунин муқаррар кардааст. Лекин, тибқи андешаҳои

муҳаққиқон, ин қоида набояд бар хилофи талаботи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бошад [430].

Саволе ба миён меояд, ки оё, ғайр аз «айб ва айбдорӣ», баррасии судии *маҷмуи ҳолатҳои дигари аҳаммияти ҳуқуқидошта* оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ки дар меъёрҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ (КҶ ҶТ) пешбинӣ гашта, муқаррар карда шудани онҳо барои ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ муҳимманд, аз *мавзуи баррасӣ ва муҳокимаи судӣ* истисно мешаванд?

Албатта, «ҳадди» муҳокимаи судӣ ба нуқтаи марказӣ ва сарҳади муҳокимаи судиро муайян карда, мувофиқан ба «мавзуи» муҳокимаи судӣ, ки баррасии масъалаҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро дар бар гирифтааст (м.335 КМҶ ҶТ), инчунин доираи амал ва ваколатҳои судро дар ҳалли ин масъалаҳо маҳдуд намекунад, яъне агар дар ҷараёни маҷлиси судӣ бандҳои ҷудогонаи айбдории судшаванда бо далелҳо тасдиқи худро наёбанд, суд метавонад бо бандҳои алоҳида айбдоркуниро хориҷ намоянд ё мустақилона ба далелҳо баҳои ҳуқуқӣ дода, кирдори айбдоршавандаро бо татбиқи меъёри қонуни ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ ва ҷазои нисбатан сабук бандубаст намояд, дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун парвандаи ҷиноятиро пурра ё нисбат ба судшавандагони алоҳида қатъ намояд. Дар сурати зарурати тағйир додани бандубасти айби шахс дар содир кардани ҷинояти нисбатан вазнин (хавфнок), ки КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, ба миён ояд, парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида мешавад.

Аз нуқтаи назари принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ҳамин меъёр салоҳияти суд бояд тағйир дода шавад. Азбаски суд манфиати ягон тарафи баҳси ҳуқуқиро ҷонибдорӣ намекунад, ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ бояд танҳо *бо ташаббуси тарафҳо*, на бо ташаббуси суд, судя муқаррар карда шавад. Дар акси ҳол, бо ташаббуси суд ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ

дар ҷараёни маҷлиси судӣ, *майли ё ҷонибдории айбдоркунии шахсро* дар содир кардани ҷиноят ифода менамояд.

Аз ҷониби дигар, қонун маҷмуи имкониятҳоеро пешбинӣ кардааст, ки бо воситаи онҳо то оғози маҷлиси судӣ ва дар ҷараёни маҷлиси судӣ, тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ алоқамандидошта, муқаррар карда шаванд, ҳама гуна шубҳа, эҳтимолият ва фарзияи гунаҳгории (айбдории) айбдоршаванда, судшаванда бартараф карда шаванд. Аз ҷумла:

1. Ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ имкониятҳои васеи мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун дар марҳилаи тосудӣ айби шахсро (бо далелҳо) дар содир кардани ҷиноят исбот намоянд. Дар мавридҳои истисноӣ, барои ҷамъоварӣ ва муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта муҳлати тафтиши пешакӣ дароз карда мешавад. Ғайр аз ин, агар айбдорӣ тасдиқ нашавад, мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ парвандаи ҷиноятиро қатъ мекунад (м. 234 КМҶ ҶТ).

Ба шахсони манфиатдор имконият дода шудааст, ки аз болои қарор дар бораи қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ шикоят намоянд. Прокурор метавонад қарори ғайриқонунӣ ва беасоси муфаттиш, таҳқиқ ё прокурори поёниро бо қарори худ бекор намояд (м. 168 КМҶ ҶТ);

2. Прокурор аз болои иҷро ва риояи қонунҳо назоратро ба амал бароварда, дар хотимаи тафтишоти пешакӣ ҳамаҷониба, пурра ва холисона анҷом дода шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакиро мавриди омӯзиш ва санҷиш қарор медиҳад. Фикри айбдоркуниро тасдиқ намудани прокурор маънои бо далелҳо тасдиқи худро ёфтани тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ (ки мавзуи баррасии судро ташкил медиҳанд), дорад. Агар масъалаҳое, ки дар м. 247 КМҶ ҶТ бо далелҳои ҷамъовардашуда ҳалли худро наёфта бошанд, ё ҳолатҳое, ки мавзуи исботнамоиро ташкил медиҳанд (м. 85 КМҶ ҶТ), ё ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта муқаррар нашуда бошанд, прокурор

маводи парвандаи ҷиноятиро бо дастури бартараф карда шудани камбудиҳои ошкоршуда ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ирсол мекунад;

3. Қонун барои омӯзиш ва санҷиши маводи парвандаи ҷиноятӣ марҳилаи мустақил марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судиро пешбинӣ кардааст, ки аз лаҳзаи ба суд ворид гаштани парвандаи ҷиноятӣ ва хулосаи айбдоркунии аз ҷониби прокурор тасдиқгардида оғоз мешавад. Дар ҷараёни ин марҳила судя имконият дорад парвандаи ҷиноятиро дар сурати *нокифоя будани далелҳо ё муқаррар нашудани ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ,* ки минбаъд мавзуи баррасии судро ташкил медиҳанд, ба тафтиши иловагӣ баргардонд (м.264 КМҶ ҶТ). Ғайр аз ин, дар ҳамин марҳила, судя арзу дархостҳои пешниҳодшудаи тарафҳоро низ баррасӣ менамояд ва имконият дорад бо ташаббуси худ ва тарафҳо барои бартараф карда шудани ҳама гуна шубҳа, эҳтимолият ва фарзияи айбдорӣ, ё барои муайян кардани ҳолатҳое, ки бо далелҳо исбот нашудаанд, парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ баргардонад;

Ҳамин тавр, имкониятҳои ҳуқуқии номбаршуда, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун барои бартараф карда шудани камбудиҳо ва ё ягон шубҳа татбиқ мешаванд, зарурати маротибаи дигар бо ташаббуси суд дар марҳилаи марказии мурофиаи ҷиноятӣ ё маҷлиси судӣ ба тафтишӣ иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятиро бояд истисно намоянд.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, дар ҷараёни маҷлиси судӣ танҳо бо ташаббуси суд, судя ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ мувофиқи мақсад нест ва ба татбиқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ (м.15 КМҶ ҶТ) монеъ мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқон мавзуи муҳокимаи судӣ бо айбдории шахсони дигар набояд алоқаманд шавад [114, с. 41].

Ҳамин тавр, шарти умумии муҳокимаи судӣ «айбдоркуниро дар суд тағйир додан мумкин аст», бояд бо риояи дақиқи чунин шартҳо имконпазир гардад:

а) ба шарте, ки вазъи судшаванда бадтар нашавад ва ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя риоя гардад;

б) агар дар ҷараёни маҷлиси судӣ бандҳои ҷудогонаи айбдории судшаванда ё лаҳзаҳои алоҳидаи айбдорӣ бо далелҳо тасдиқи худро наёбанд, суд метавонад бандҳои алоҳидаи айбдоркуниро хориҷ намояд;

в) суд мустақилона ба далелҳо баҳои ҳуқуқӣ дода, кирдори судшавандаро бо татбиқи меъёри қонуни ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ ва ҷазои нисбатан сабук бандубаст менамоянд;

г) аз мавзуи исбот хориҷ карда шудани ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро вазнин мекунанд;

д) тағйир дода шудани (кам карда шудани) ҳаҷм ва андозаи зарари аз ҷиноят бавуҷудомада;

е) суд метавонад дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун парвандаи ҷиноятиро пурра ё нисбат ба бандҳои алоҳида қатъ намояд.

Лекин, дар амалияи судӣ, агар зарурати тағйир додани бандубасти айби шахс дар содир кардани ҷинояти нисбатан вазнин (хавфнок), ки КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, ба миён ояд, парвандаи ҷиноятӣ ба тафтишоти иловагӣ баргардонида мешавад. Ин мавқеъ дар адабиёти ҳуқуқӣ низ дастгирӣ наёфтааст [303, с. 218-227; 321, с. 386-389], чунки моддаҳои 264, 287 КМҶ ҶТ зарурати тағйир додани бандубасти айби шахсро дар содир кардани ҷинояти нисбатан вазнин ҳамчун асоси баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ пешбинӣ намекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қоидаи тағйир дода шудани айбдорӣ набояд танҳо бо ташаббуси суд, балки бо дархости тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя имконпазир гардад. Тибқи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки хусусияти роҳбарикунанда ва умумиҳатмӣ доранд ва набояд мавзуи муҳокимаи судӣ танҳо бо айбдорӣ маҳдуд шавад. Меъёр ё қоидаҳои ҷудогонае, ки ба принсипҳои муқарраркардаи қонун (аз ҷумла ба м.21 КМҶ ҶТ) мухолифанд, набояд мавриди амал қарор дода шаванд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, «ҳадди муҳокимаи судӣ» мухолифи мазмуни *мавзуи* муҳокимаи судӣ нест, ки мазмуни охиронро баррасӣ ёфтани *маҷмуи ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта* оид ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ муайян мекунанд, ки дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (м.85, 90 КМҶ ҶТ) ва қонуни ҷиноятӣ (КҶ ҶТ) пешбинӣ гашта, муқаррар карда шудани онҳо барои ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ ногузир аст.

Бинобар ин, барои мутобиқати талаботи м.м.21, 285 КМҶ ҶТ вобаста ба ҳадди муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бо таҳрири зерин муқаррар гардад:

«1. Мавзуи муҳокимаи судиро танҳо айби эълоншуда тащкил медиҳад.

2. Суд бо ваҷҳҳои дар фикри айбдоркунӣ овардашуда вобаста набуда, риоя гаштани қонунро ҳангоми пешбурди парванда дар ҳаҷми пурра, ҳамаҷониба ва холисона месанҷад.

3.Тағйир дода шудани айб, ки ба ҳуқуқу манфиати айбдоршаванда мухолиф нест, танҳо салоҳияти суд аст.

4. Дар сурати ошкор шудани ҳолатҳое, ки боиси тағйир додани моҳияти айбдорӣ бо татбиқи меъёри қонун оид ба ҷинояти вазнинтар мегардад, ки бо ҳамин асосҳо прокурор *уҳдадор аст* ва *ҷабрдида ҳуқуқ дорад* ба суд дар бораи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ дархост пешниҳод намоянд».

Илова ба ин, олимони ватанӣ З.Ҳ. Искандаров, Р.Р. Раҳмадҷонзода, П.Х. Ализода, Д.А.Тоҷали дар натиҷаи таҳлили назария ва амалияи судӣ дар асарҳои худ зарурати барқарор кардани салоҳияти суд оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё рад карда шудани онро дар доираи ҳадди муҳокимаи судӣ мавриди муҳокимаронӣ қарор медиҳанд [285, с. 87-105;[411, с. 22, 62; 184, с. 137], ки аҳаммияти амалии он баръало аён аст.

Р.Р. Раҳмадҷонзода қайд мекунад, ки баъди қабул ва ба амал шуруъ намудани КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 аз ҷониби судҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон 96 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, солҳои охир дар маҷмуъ аз ҷониби судҳо 28 парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи айбдоркунии хусусӣ оғоз шудааст, ки дар маҷмуъ қариб 0,12 % шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташударо ташкил медиҳад. Аз рӯйи маълумоти омор миқдори парвандаҳои ҷиноятие, ки аз ҷониби судҳо оғоз мегарданд, сол то сол тағйир меёбад.

Ба андешаи муаллиф, «судя бояд дар ҳама ҳолатҳо аз уҳдадории оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, махсусан нисбати ашхоси мушаххас озод карда шавад, зеро оғоз намудани чунин парванда судро ба мақоми баробари оғозкунандаи таъқиби ҷиноятӣ ва баъдан ҳаллу фасли ҳамин парванда аз рӯйи моҳият мегузорад» [411, с. 49].

Саволе ба миён меояд, ки оё ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавии парвандаи ҷиноятии дар пешбурди суд қарордошта ба салоҳияти суд, судя дохил мешаванд? Оё судя, суд риоя ва иҷро шудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро дар марҳилаҳои тосудӣ муҳокима намекунанд ва барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта чораҳо намеандешанд?

Аз таҳлили меъёрҳои амалкунанда бармеояд, ки дар марҳилаҳои тосудӣ суд, судя ба пешбурди амали мурофиавӣ бо дархости мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ *иҷозат* медиҳад. Чунки пешбурди амалҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, ки иҷозати судро талаб мекунанд, ногузирии ба ҳуқуқу озодии шахс дахолат карданро ба вуҷуд меорад.

Доираи ҳадди мустақилияти мурофиавии суд «*иҷозати суд*» яке аз шаклҳои назорати давлатӣ дар ҷараёни тафтиши то судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, *ифодакунандаи салоҳияти расмӣ ва истисноии ӯ* ба шумор мераванд. *Иҷозати суд* яке аз кафолатҳои ҳуқуқии мурофиавии риояи ҳадди маҳдуд гаштани дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд.

Барои дақиқ ифода кардани «*иҷозати суд*» оид ба ҳалли масъалаи мурофиавӣ ё қабули санади мурофиавӣ ё пешбурди амали мурофиавии ҷиноятӣ, ки боиси маҳдуд гаштани дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои

шаҳрвандон мегардад, пешниҳод мекунем, ки мазмуни таркибии «иҷозати судро» бояд:

а) тибқи қонун салоҳияти расмӣ доштани шахси пешбарандаи парвандаи ҷиноятӣ ва ба қонун мутобиқ дониста шудани амал ё санад;

б) бо далелҳои ҷамъоваришуда, санҷидашуда ва баҳои ҳуқуқӣ дода шуда асоснок шудани зарурати татбиқи меъёри ҳуқуқӣ, пешбурди амал ё қабули санади мурофиавӣ;

в) ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ба ҳадафҳои он (адолати судӣ) мувофиқ будани пешбурди амал ё қабули санади мурофиавӣ;

г) бинобар имконнопазирии татбиқи қоидаҳои дигари мурофиавӣ ногузир гаштани иҷрои амал ё қабули санади мурофиавӣ барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ташкил диҳад.

Лекин аз ҷониби суд ҳал шудани тамоми масъалаҳои мурофиавӣ дар маҷлиси судӣ, набояд мухолифи мустақилият ва салоҳияти суд, мақоми ҳокимияти давлатиро доштани суд бошад.

Дар сатҳи қонунгузорӣ низ ба ҳалли ин масъалаҳо диққат дода мешавад, аз ин рӯ, соли 2021 ба м.35 КМҶ ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки тибқи он судя салоҳияти оғози пешбурди судии парвандаи айбдоркунии хусусиро дорад [9].

Воқеан, тибқи КМҶ ҶТ (1961) [46] суд қаблан имконият дошт мустақилона, новобаста аз хулосаҳои мақомоти тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ ё новобаста аз мавҷудияти ариза ё шикоят парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд.

Дар қонунгузории миллӣ ва амалияи судӣ чунин қоидаҳо то имрӯз амал мекунанд. Масалан, салоҳияти судяро оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ дар сатҳи расмӣ [28] ва қонунгузории мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] пешбинӣ мекунад, ки дар чунин қоида ифода ёфтааст: «Дар вақти баррасии парванда (маданӣ), агар суд дар амали тарафҳо, дигар иштирокчиёни мурофиа, шахси мансабдор ё дигар шахси масъул ҳангоми ҳабс кардан ё ба рӯйхат гирифтани молу мулк аломати

ҷиноятро ошкор намояд, тибқи талаботи қисми 3-и моддаи 231-и КММ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз менамояд ё маводи дахлдорро барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба қонунвайронкунанда ба мақомоти прокуратура ирсол менамояд».

Айни ҳол, ҳангоми муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ суд, судя бевосита тамоми ҳолатҳои ба ҳалли парванда аҳаммияти ҳуқуқи доштаро муайян ва таҳқиқ мекунад. Ҳалли мустақилонаи ин масъала аз ҷониби суд, судя, на танҳо мустақилияти мурофиавии судя, суд, инчунин дорои салоҳияти ҳокимияти давлатӣ будани судро ё мустақилияти ҳокимияти судиро тақвият мебахшад.

Санади судӣ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ дар ин мавридҳо барои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ хусусияти қатъӣ ва ҳатмӣ пайдо карда, суд ҳалли масъалаи мурофиавиро ба зиммаи мақомоти дигар вогузор намекунад, балки иҷрои онро таҳти назорат қарор медиҳад.

Суд мақомоти амаликунандаи таъқиби ҷиноятӣ нест, суд функсияи айбдоркунӣ ё таъқиби ҷиноятиро иҷро намекунад.

Суд мустақилона ва новобаста аз мавқеи тарафҳо масъалаи қаблан аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ тибқи қонун ҳал нагардидаро, ки бо далелҳои ба суд пешниҳодшуда муайян шудаанд, дар доираи салоҳияти худ ҳал мекунад. Суд, судя бо қарори худ дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ба ягон шахс барои кирдори хавфноки содиршуда айб эълон намекунад.

Чунин салоҳият ба суд имконият медиҳад, ки вайронкунии қонунҳо ҳангоми тафтишоти пешакӣ ё таҳқиқ ҷойдошта, маҳдудкуниҳои беасос ва ғайриқонунии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ саривақт бо далелҳои пешниҳодшудабо роҳи ҳуқуқӣ бартараф карда шаванд.

Дар қиёс аз ҷониби суд қабул шудани ҳукми айбдоркунанда низ маънои аз ҷониби суд иҷрои шудани таъиноти (функсияи) таъқиби ҷиноятӣ ё ҷонибдорӣ шудани мавқеи тарафи айбдоркунандаро надорад.

Суд таъиноти (функсияи) таъқиби ҷиноятӣ, айбдоркунӣ ё ҷазодиҳиро надорад, яъне зарурати бо ташаббуси суд ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ бояд аз байн равад.

Бо ташаббуси тарафҳо бошад, ба шарте аз ҷониби суд иҷозат дода шавад, ки ҳуқуқу манфиатҳои шахс вайрон нашавад.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод мекунем, ки матни қ. 1 м. 287 КМҶ ҶТ тағйир дода шавад, ба тафтиши иловагӣ ирсол шудани парванда танҳо бо дархости тарафҳо имконпазир бошад. Ин муқаррарот:

а) ба амалӣ гаштани талаботи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва мубоҳиса пурра мувофиқат мекунад;

б) майл ё ҷонибдории айбдоркунии судро истисно мекунад;

в) масъулияти мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаи ҷиноятиро то оғози муҳокимаи судӣ баланд мебардорад;

г) ҳадди ваколатҳои суд ва муҳокимаи судиро мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ва кафолати ҳифзи судӣ дақиқ мекунад.

Доираи салоҳияти суд оид ба баамалбарории адолати судӣ бемаҳдуд нест. Ҳадду меъёри онро қонун муайян мекунад. Меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо салоҳияти судро оид ба таъмини адолати судӣ (оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ) ба таври дақиқ муайян кардааст, инчунин доираи масъалаҳоеро, ки ҳалли онҳо ба қабули ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона мусоидат мекунанд, пешбинӣ мекунад.

Танҳо бо риоя ва иҷрои қонуни ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ҳукм қонунӣ дониста мешавад. Лекин танҳо бо риоя шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шудани ҳукм дар амалияи татбиқи ҳуқуқ метавонад ба ҳадди мустақилияти суд таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин, дар асоси қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд, судя дар хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм бояд масъалаҳои қобили қонеъгардонӣ будан ё набудани даъвои граждани, ба манфиати кӣ арз шудани даъво, агар даъвои граж-

данӣ арз нашуда бошад, ситонидан ё наситонидани товони зарари молумулкӣ, инчунин минбаъд чӣ чора андешиданро бо молу мулке, ки барои таъмини даъвои гражданӣ ё эҳтимоли мусодира тахти ҳабс қарор дода шудааст, ҳал намояд.

Ҳамзамон, тибқи қисми 3 моддаи 64-и Кодекси мурофиавии мадании (граждании) Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] ҳукми эътибори қонунӣ гирифта, ба ҳама ҳатмӣ мебошад ва қувваи преюдитсионалӣ (м.89 КМҶ ҶТ) дорад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми ҳал кардани даъвои гражданӣ суд, судя дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм, далелҳое, ки хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо асос ёфтаанд, зарар бо кадом ҳаракат ва ё беҳаракатӣ расонида шуда, он бо кадом далелҳо исбот мегардад, дар бораи пурра ё қисман қонеъгардонии даъво ва ё рад кардани он, андозаи зарари бо ҷиноят расонидашуда, инчунин ҳисоби ҳаҷми зарари молумулкӣ ва қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст, бояд дарҷ намоянд.

Агар ҳангоми баррасии даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ доир ба даъво қарор қабул гардида, ё баррасии парванда бинобар даст кашидани даъвогар аз даъво ё тасдиқи созиши оштии тарафҳо қатъ шуда бошад, он гоҳ судя тибқи талаботи банди 3 қисми 1 моддаи 137-и КММ қабули аризаи даъвогиро вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, дар ҳамон мавзуъ, тибқи ҳамон асосҳо рад менамояд [25].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки талаботи қонунӣ эътироф шудани ҳукм танҳо «бо риоя шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси қонуни ҷиноятии ҶТ бароварда шудани ҳукм» мазмуни ин талаботро пурра ифода намекунад. Дар ҳамин ҷо бояд қайд, ки хулосаҳо дар бораи он ки «ҳукм санади на танҳо санади татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва санади татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» [159, с. 438] низ риоя ва татбиқи тамоми қонунҳои ҷорирo маҳдуд мекунад.

Дар муайян кардани ҳадди муҳокимаи судӣ оид ба павандаҳои ҷиноятӣ ба таҷрибаи татбиқи меъёрҳои қонунҳо қарорҳои Пленуми

Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд, ки пайваста аз натиҷаи ҷамъбасти амалияи судӣ бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судҳо тавзеҳоти дастурӣ медиҳад, ки хусусияти ҳатмӣ дорад. Тавзеҳоти дастурии қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ татбиқи якхела ва дақиқи қонунҳоро ҳангоми баррасии парвандаҳо таъмин мекунад. Лекин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ» қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ пешбинӣ нашудаанд.

Ба ҳар ҳол, дар қисми 2 м.333 КМҶ ҶТ талабот нисбати қонунӣ эътироф шудани ҳукм бояд дар шакли нисбатан васеъ, бо амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста карда шаванд, ки ин тафсири гуногун ва яктарафаро бартараф ва аз ҷониби дигар амалишавии принсипи конститутсионии қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ тақвият мебахшад.

Ҳукм ҳамон вақт асоснок эътироф мешавад, ки агар хулосаи суд, ки дар ҳукм ифода ёфтааст, бо далелҳое, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро инъикос кардаанд, тасдиқи худро ёфта бошанд; далелҳо барои пурра, ҳаматарафа ва холисона муқаррар гаштани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят кофӣ бошанд.

Тибқи қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» «ҳукми суд ба шарте одилона дониста мешавад, ки дар он ҷазои ба гуноҳгор таъингардида мутобиқи меъёри дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноят пешбинӣ мекунад, бо назардошти дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноят, оқибати он, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷазо таъин шуда бошад» [15]. Албатта, мутобиқи қисми 1 моддаи 8 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне ба хусусияту

дараҷаи хавфнокии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд.

Лекин, ба андешаи муаллифон, ки онро ҷонибдорӣ мекунем, талаботи одилона эътироф шудани ҳукм набояд чун ифодаи мувозинати байни манфиатҳои расмии давлат ва манфиати шахс (хусусӣ) ҷамъбаст гашта, танҳо бо роҳи муайян кардани «дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори ба ҷамъият хавфнок, шахсияти гунаҳгор ва бо таъини ҷазои ҷиноятӣ» хотима ёбад [392; 425, с. 125].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳи «адл, адолат» бо тавзеҳоти гуногун баён мешавад. Адолатро чун категория ё мафҳуми маънавӣ, аз ҷониби шахс баҳогузорӣ шудани зуҳурот ё амал аз нуқтаи назари арзишҳои маънавӣ баён мекунанд [346, с. 1255]. Фаҳмиши дигар, адолатро чун мафҳуми иҷтимоӣ- ҳуқуқӣ, маънавӣ-ҳуқуқӣ, идроки иҷтимоӣ-сиёсии бо ахлоқ ва ҳуқуқҳои инсон алоқаманд ифода мекунад [383, с. 24].

Дар санадҳои умумиэътирофгаштаи байналхалқӣ низ (м.10 Эъломияи ҳуқуқи башар (1948), банди 14 Паймонаи байналхалқии ҳуқуқҳои граждани ва сиёсии инсон (1966), моддаи 6 Конвесияи Аврупо оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон (1950) ҳуқуқи ҳар як шахс ба мурофиаи одилонаи судӣ кафолат дода шудааст, ки мафҳуми адолат на ҳамчун асоси роҳбарикунанда, балки чун ҳуқуқ «ба мурофиаи одилонаи судӣ» ва риояи «талаботи мурофиавӣ» ифода гаштааст [375, с. 12].

Ба андешаи мо, мафҳуми «адолат» дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ *ҳадафи* мурофиаи ҷиноятӣ ва *талаботи* мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳал шудани масъалаҳои *мурофиавӣ* ва *кафолати ҳифзи судиро (давлатиро)* ифода мекунад, яъне «адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» бо меъёрҳои мурофиавӣ шакли мурофиавӣ, ҳадду ҳудуди дақиқ пайдо карда, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳамчун уҳдадории расмии давлат амалӣ мешавад, ки он ҷузъи таркибии сиёсати ҳуқуқӣ ва адолати иҷтимоиро ташкил медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назари дигарро низ дидан мумкин аст, ки тибқи он асоси одилона эътироф шудани ҳукмро муаллифон натиҷаи муайян карда шудани «ҳақиқати объективӣ» ва «дарки ҳақиқат» номбар кардаанд, ки онҳо дар мазмуни маҳдуди худ исбот шудани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва парвандаи ҷиноятиро дар бар гирифтаанд [84; 392, с. 18; 393].

Дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ низ чунин муқаррарот пешбинӣ шудааст, ки тибқи он далелҳо бояд ҳақиқатан содир шудани кирдори хавфнокро тачассум намоянд[8]).

Ба андешаи мо, маҳз ҳалли одилонаи тамоми масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ҳадди ваколатҳои судро дар ба амалбарории адолати судӣ ҷамъбаст мекунад. Хулосаи суд оид ба муқаррар шудани тамоми ҳолатҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли ҳуқуқии тамоми масъалаҳои мурофиавӣ, ки дар ҳукм ифода меёбанд, аҳаммияти иҷтимоӣ-маънавии адолати судиро таҷассум мекунад.

Тамоми масъалаҳои дар қонун (КМҶ) номбаршуда дар асоси маълумоти боэътимод исобт карда шуда ба муҳокимаи судӣ аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва дигар иштирокчиён пешниҳод гардида, дар маҷлиси суд мавриди муҳокима ва баҳодиҳӣ қарор дода шудаанд, ҳалли одилонаи худро ёбанд.

Бинобар ин, талаботи одилона эътироф шудани ҳукм, бо мазмун ва моҳияти худ бояд аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодии инсон сарчашма гирифта, дар ягонагӣ пайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар амал таъмин намояд, ки мутобиқ ба арзишҳои олии иҷтимоӣ бошад.

Лекин, агар ба матни масъалаҳои дар м. 335 КМҶ ҶТ пешбинишуда диққат диҳем, маълум мешавад, ки дар байни масъалаҳое, ки суд дар хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм дида мебарояд, масъалаи исботи худро ёфтани аломати таркиби ҷиноят, кирдори ба ҷамъият хавфнок, айбдорӣ ё гунаҳгории судшаванда, таъини ҷазо ҷойи марказиро ишғол кардааст. Лекин, масалан *ҳолатҳое, ки ба ҳалли дурусти парвандаи*

ҷиноятӣ аҳаммият доранд ва тибқи м.м. 72,85 КМҶ ҶТ бояд исбот карда шаванд, ба доираи масъалаҳое, ки суд дар хонаи машваратӣ ҳал мекунад, пурра дохил нашудаанд, ки бар хилофи вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ҳалли одилонаи тамоми масъалаҳои баррасишаванда дар муҳокимаи судӣ (м.2 КМҶ ҶТ) ва принсипи пурра, ҳамаҷониба ва холисона муайян кардани ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ (м.21 КМҶ ҶТ) мебошад.

Р.Р. Раҳмадҷонзода дар таҳқиқоти компексии худ мавҷудияти майли айбдоркуниро дар мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, ки он аз хусусиятҳои майли айбдорӣ дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ иборат аст, ки бо тамоюл ва омилҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки шакли айбдориро муайян мекунанд, хос аст. Муаллиф дар доираи бартарафнамоии майли айбдоркунӣ ва дигар нуқсонҳои мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ба мақсад мувофиқ будани рақамикунонии мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷодаи татбиқи марҳила ба Марҳилаи лоиҳаи «Дафтари электронии бақайдгирии ҷиноятҳо». Татбиқи лоиҳаи мазкур манзараи объективии вазъи криминологӣ ва манзараи имкониятҳои воқеии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои муқовимат ба ҷиноятқориро фароҳам меорад [411, с. 40].

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба талаботи асоснокии ҳукм аз рӯйи далелҳои ҷамъовардашуда ва ҳолатҳои исботшуда ишора менамояд [21].

Доираи масъалаҳои дар хонаи машваратӣ ҳалшавандаро, ки дида баромада, дар бораи яктарафа ва нопурра дида баромадани масъалаҳои баррасишаванда дар хонаи машваратӣ ва маҳдуд шудани салоҳияти суд оид ба ҳалли одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ хулоса баровардан мумкин аст. Барои ҳамин, ин меъёр ба тағйироти ҷиддӣ ниёз дорад.

Ба андешаи мо, ҳадди муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дақиқ мегардад, агар дар қ. 1 м. 335 КМҶ ҶТ, ба доираи масъалаҳое, ки дар

хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм ҳал мешаванд, масъалаҳое илова карда шаванд, ки мавзуи бевоситаи муҳокимаи судиро ташкил медиҳанд ва бе истисно тамоми масъалаҳои мурофиавиро, аз ибтидои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноят, эълони айб ва то исботи тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро дар бар гирифта, ҳалли одилона ва беғаразонаи парвандаи ҷиноятиро муяссар гардонад.

Ҳалли масъалаҳои номбаршуда на танҳо ба қонунӣ, асоснокӣ ва одилона қабул гаштани ҳукм мусоидат мекунанд, балки нофаҳмӣ, шубҳа ё хатогиҳои ҷойдоштаро пешгирӣ ё бартараф ва, воқеан, ҳамаҷониба, пурра ва холисона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро таъмин мекунад, ҳадди мустақилияти судро дар ҳалли одилонаи масъалаҳои парвандаи ҷиноятӣ дақиқ мекунад, маҳдудияти мавзуи баррасии судиро бо қисми масъалаҳои мурофиавӣ аз байн мебарад.

Ба зиммаи мақомоти судӣ вазифаи таъмини адолати иҷтимоӣ вогузор шудааст, ки онҳо имконият доранд, тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятиро бевосита, ҳамаҷониба, пурра ва холисона, дар шароити ошкоро, шифоҳӣ, бо тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо баррасӣ намуда, ба манфиати ҷомеа ва арзишҳои иҷтимоӣ қарор қабул намоянд.

Ба андешаи мо, дар доираи ҳадди ваколатҳои худ судҳо бояд ҷазоро дар доираи пешбиникардаи моддаи қонуне, ки ҷавобгариро барои содир кардани ҷиноят пешбинӣ намудааст, мувофиқан аниқ аз рӯйи қоидаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуда, вазифадоранд онро ба асос гиранд, ки ҷазо ва танҳо чораи маҷбуркунии давлатист, балки он бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ҳамчунин ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав чӣ аз тарафи маҳкумшудаҳо ва чӣ аз тарафи ашхоси дигар, татбиқ карда мешавад.

Дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда бошад, бо ҳолатҳое, ки дар мавриди онҳо кирдори ҷиноятӣ мушаххас содир шудааст (масалан, дараҷаи амалӣ намудани нияти ҷиноятикорона, тарзи содир гардидани ҷиноят, андозаи зарар ё вазнини оқибатҳои фарорасида, нақши

судшаванда дар фарорасии оқибат ҳангоми дар шарикӣ содир намудани ҷиноят), муайян карда мешавад [20].

Бинобар ин, ба ҳадафи мурофиавӣ мувофиқ аст, ки ба қисми 4 м.333 КМҶ ҶТ тағйироти зерин илова карда шавад:

Одилона дониста шудани ҳукм бо ҳалли масъалаҳои дигари мурофиавӣ, бо назардошти исботи худро ёфтани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, мутобиқ ба арзишҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ вобаста мешавад.

Ҳамин тариқ:

1. Мустақилияти суд ва танҳо ба қонун итоат кардани онҳо мустақилияти расмии мақомоти ҳокимияти давлатиро (судиро) ифода карда, ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар таркиби худ:

- *ҳадди мустақилияти мурофиавии суд, судяро* бо тартиби муқарраркардаи қонун;

- риояи шартҳои муҳокимаи судӣ, бо салоҳияти дақиқи мурофиавӣ;

- иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ дар ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ;

- таъмини кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад, ки судҳо дар фаъолияти худ қатъиян тибқи қонун амал намоянд.

Мустақилияти суд бо маҷмуи кафолатҳои мурофиавӣ таъмин мешавад, ки онҳо ба суд имконият медиҳанд бедахолат ва новобаста аз тарафҳо ба қобили қабул, дахлдорӣ, аниқ ва кофӣ дониста шудани далелҳо баҳои холисонаи ҳуқуқӣ диҳад ва дар натиҷа масъалаҳои мурофиавии ҷиноятиро қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал намояд.

2. Дарки ҳуқуқӣ ҳамчун таҳкурсии «ақидаи ботинӣ» ҷузъи маърифати ҳуқуқӣ аст.

3. Барои дақиқ ифода кардани салоҳияти «*иҷозати суд*» оид ба ҳалли масъалаи мурофиавӣ ё қабули санади мурофиавӣ ё пешбурди амали мурофиавии ҷиноятӣ (м.35 КМҶ ҶТ), ки боиси маҳдуд гаштани

дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мегардад, асоснок мешавад, ки мазмуни таркибии «иҷозати судро» бояд:

а) ба қонун мутобиқ дониста шудани амал ё санад;

б) бо далелҳо асоснок дониста шудани зарурати пешбурди амал ё санади мурофиавӣ;

в) ба ҳадафи мурофиавӣ (мақсаднок) мувофиқ будани пешбурди амал ё қабули санади мурофиавӣ;

г) ногузир гаштани иҷрои амал ё қабули санади мурофиавӣ барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ташкил диҳад.

4. Баҳри таъмини кафолатҳои конститутсионии тарафҳо, баробарии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки иштироки шахсони манфиатдор, хусусан ҳангоми зарурати бо иҷозати суд маҳдуд карда шудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва андешидани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ таъмин карда шавад. Иштироки тарафҳо на танҳо дар маҷлиси суди марҳилаи аввал ҳангоми моҳиятан баррасӣ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ шарти ҳатмӣ дониста шавад, балки ҳангоми:

а) маҷлиси суд оид ба баррасии дархост дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавидошта (м.м.111,116 КМҶ ҶТ);

б) маҷлиси суд оид ба баррасии дархости гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м.352 КМҶ ҶТ);

в) маҷлиси суд оид ба баррасии шикоят аз болои санад, амал ва беамалии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (м.124 КМҶ ҶТ);

г) маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ (м.368 КМҶ ҶТ);

д) маҷлиси суд оид ба масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм (м.401 КМҶ ҶТ);

е) маҷлиси суди марҳилаи назоратӣ (м.410 КМҶ ҶТ);

ё) маҷлиси суд оид ба аз нав оғоз кардани мурофиа, бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав (м.421 КМҶ ҶТ). Чунки риоя ва иҷрои шартҳои

умумии муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ на дар як марҳилаи алоҳида, балки дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бояд таъмин гардад.

5. Матни қ. 1 м. 287 КМҶ ҶТ бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Агар дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ҳолатҳои нави қаблан номуайян ва барои парванда муҳим ошкор шуда бошанд, ки тафтиши онҳо дар маҷлиси суд бе тафтиши иловагӣ имконнопазир аст, суд, судя метавонанд бо дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонанд». Ин муқаррарот:

а) ба амалӣ гаштани талаботи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва мубоҳиса пурра мувофиқат мекунад;

б) майл ё ҷонибдории айбдоркунии судро истисно мекунад;

в) масъулияти мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаи ҷиноятиро то оғози муҳокимаи судӣ баланд мебардорад;

г) ҳадди ваколатҳои суд ва муҳокимаи судиро мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ва кафолати ҳифзи судӣ дақиқ мекунад.

6. Суд мақомоти амаликунандаи таъқиби ҷиноятӣ нест, суд функсияи айбдоркунӣ ё таъқиби ҷиноятиро иҷро намекунад. Салоҳияти суд оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ дар рафти баррасии парвандаи ҷиноятӣ ҷонибдории тарафро ифода намекунад. Судя, суд бо ташаббуси худ ҷой доштани аломати ҷиноятро дар кирдори содиршуда бо роҳи ҷамоварии далелҳо муайян намекунанд, чунки судя, суд *ба далелҳои ба суд пешниҳодшуда* мустақилона баҳои ҳуқуқӣ дода, новобаста аз мавқеи тарафҳо хулоса мебароранд.

7. Салоҳияти суд барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судӣ ҳамчун кафолати иловагии риояи қонуният баромад мекунад. Ин ваколат шароит фароҳам меорад, ки қонуншиканиҳои содиршуда дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ё таҳқиқ, инчунин маҳдудиятҳои ғайриқонунии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа сари вақт муайян ва бартараф карда шаванд. Дар натиҷа, ҳифзи

самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин гардида, аз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ҷилавгирӣ мегардад.

8. Дар қисми 2 м.333 КМҶ ҶТ талабот нисбати қонунӣ эътироф шудани ҳукм бояд дар шакли нисбатан васеъ «Ҳукм ҳангоме қонунӣ эътироф карда мешавад, ки он бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд» пешбинӣ гардад, ки дар натиҷа: а) тафсири гуногун ва яктарафаи ин меъёрро бартараф мекунад; б) фаҳмиши қонунӣ эътироф шудани ҳукм бо тафсири риояи танҳо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва татбиқи танҳо қонуни ҷиноятӣ хотима намеёбад; в) амалишавии принсипи конститутсионии қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ тақвият мебахшад.

9. Бо мақсади таъмини талаботи одилона дониста шудани ҳукм ва васеъ кардани ҳадди мустақилияти суд дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар м.335 КМҶ ҶТ ба доираи масъалаҳое, ки дар хонаи машваратӣ ҳал мешаванд, ҳалли масъала оид ба татбиқ, дароз кардан ё бекор кардани чораҳои таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ ё хешовандони онҳо илова карда шавад.

10. Мавзуи муҳокимаи судиро баррасӣ ёфтани воқеияти маҷмуи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти ҳуқуқидошта ва доираи масъалаҳои мурофиавӣ (м.335 КМҶ ҶТ) муайян мекунанд, ки дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (м.85, 90 КМҶ ҶТ) ва қонуни ҷиноятӣ (КҶ ҶТ) пешбинӣ гашта, муқаррар карда шудани онҳо барои ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ ногузиранд, ки мухолифи ҳадди муҳокимаи судӣ нест.

3. Айбдоркуниро дар суд тағйир додан мумкин аст, ба шарте ки вазъи судшаванда бадтар нашавад ва ҳуқуқи ӯ барои ҳимоя риоя гардад.

4. Дар сурати ошкор шудани ҳолатҳое, ки боиси тағйир додани айбдорӣ бо татбиқи меъёри қонун оид ба ҷинояти вазнинтар мегардад,

ки бо ҳамин асосҳо прокурор уҳдадор аст ва ҷабрдида ҳуқуқ дорад ба суд дар бораи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ дархост пешниҳод намоянд.

11. Ҳадди муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дақиқ мегардад, агар дар қ. 1 м. 335 КМҶ ҶТ, ба доираи масъалаҳое, ки дар хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм ҳал мешаванд, масъалаҳое илова карда шаванд, ки мавзуи бевоситаи муҳокимаи судиро ташкил медиҳанд ва бе истисно тамоми масъалаҳои мурофиавиро, аз ибтидои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноят, эълони айб ва то исботи тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро дар бар гирифта, ҳалли одилона ва беғаразонаи парвандаи ҷиноятиро муяссар гардонад.

12.Қисми 4 м.333 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин маънидод ва татбиқ карда шавад, ки ба вазифаҳо ва ҳадафи мурофиавӣ мувофиқ аст:

Талаботи одилона эътироф гаштани ҳукм бо ҷазои ҷиноятии таъин гардида, ҳалли масъалаҳои дигари мурофиавӣ бо назардошти исботи худро ёфтани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта мутобиқи арзишҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Амалишавии пешниҳодҳои асоснокшуда мазмуни меъёрҳои мурофиавиро дақиқ намуда, ба татбиқи дурусти қонунҳо ёрӣ мерасонанд, ки на танҳо ба қонунӣ, асоснокӣ ва одилона қабул гаштани ҳукм мусоидат мекунанд, балки нофаҳмӣ, шубҳа ё хатогиҳоро дар амалияи судӣ пешгирӣ ва бартараф мекунанд, инчунин, воқеан, ҳамаҷониба, пурра ва холисона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро таъмин карда, ҳадди муҳокима ва мустақилияти судро дар ҳалли одилонаи масъалаҳои парвандаи ҷиноятӣ дақиқ мекунад, маҳдудиятҳои мустақилияти судро дар баррасии масъалаҳои мурофиавӣ аз байн мебаранд.

4.4. Амал ва санадҳои судӣ зимни муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ

Воқеияти кунунии муқовимат ба ҷиноятқорӣ масъулияти баланди кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва судиро талаб мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон, дар роҳи пешрафти бемайлони иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад. Бо назардошти воқеияти кунунӣ ва таъмини амнияти устувор ҷиҳати пешгирӣ аз хатарҳои афзояндаи терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои замони муосир, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар қироат шуданд, пайваста андешида шудани табирҳои мушаххаси ташиливу ҳуқуқӣ тақозо мешавад [64].

Ҳолатҳои мазкур такмили фаъолияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва судиро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани кирдорҳои хавфнок, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳкор таҳлилу омӯзиши омилҳои онро тақозо мекунанд.

Масъалаи такмил дода шудани фаъолияти мақомоти судӣ дар тақвияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ назаррас ва хеле муҳим аст. Чунки суд ҳангоми пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ маҷмуи масъалаҳои мураккаби мурофиавиро ҳал мекунанд, ки ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ нигаронида шудаанд. Ҳалли ин масъалаҳо ба қонунӣ, асоснок ва одилона қабул шудани ҳукми суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ шароит ба вуҷуд меорад.

Тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ тибқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки қонун муқаррар кардааст ҷараён мегирад. Ҳанӯз

И.Д. Перлов мавзуи баррасии судиро баҳси ҳуқуқии байни давлат ва судшаванда номидааст, ки «дар ҷараёни баргузории он прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ дар асоси далелҳои ҷамъовардашуда, шахсро дар содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок айбдор мекунад ва аз суд мепурсад, ки ин шахс аз номи давлат расман гунаҳгор эътироф карда шавад, нисбати вай ҷазои ҷиноятӣ татбиқ гардад, барқарор кардани зарар ба зиммаи вай вогузор гардад» [167, с. 62].

Қоидаҳои ҳалли масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаи судӣ танҳо шакли фаъолияти мақомоти судиро дар бар намегиранд, чунки дар пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иштирок намуда, мақоми мурофиавӣ пайдо мекунанд ва ба ҳалли масъалаҳои мурофавӣ мусоидат менамоянд. Ҳалли масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ бояд дар доираи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ гардад. Зеро ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ҳангоми баргузории маҷлиси судӣ иҷрои вазифаҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунад.

Маҷлиси судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, менависад Г.И. Загорский марҳилаи нисбатан мустақил, лекин ҳалкунандаи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад [132, с. 16]. Дар натиҷаи он суди марҳилаи якум бо иштироки тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя, маводҳои парвандаи ҷиноятиро мавриди баррасӣ қарор дода, гунаҳгор ё бегуноҳ будани шахсро дар содир кардани ҷиноят муайян мекунад ва нисбати судшаванда ҷазои ҷиноятии дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишударо таъин мекунад ё ӯро сафед мекунад. Аз ин лиҳоз, барои муайян кардани тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ:

а) пайдарҳамии иҷрои амалҳои судӣ;

б) тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавии судиро дида мебароем.

Маҷлиси судӣ аз чунин амалҳое иборат аст, ки баъди ҳалли масъала ва вазифаҳои муайян пайдарҳам якдигарро иваз мекунанд, қайд кардаанд муаллифон [258, с. 50-51]. Ҳар як қисми маҷлиси судӣ ба бароварда шудани ҳукми мутобиқ ба қонун, бо далелҳо асоснок ва дар асоси арзишҳои иҷтимоӣ одилона шароит муҳайё мекунанд.

Ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ аз қисми тайёрӣ оғоз мешавад, ки бахши муҳим, мустақил ва таркибии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

П.А. Лупинская низ дар навбати худ қайд менамояд, ки «дар марҳилаи маҷлиси судӣ як қатор амалҳои судии мурофиавӣ, ки дорои мақсади ягона мебошанд, ба амал бароварда мешаванд» [150, с. 233]. Мақсади онҳо менависад, П.А. Лупинская «ин муқаррар намудани риоя шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ баҳри баррасии ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, тадқиқ ва баҳодиҳӣ ба далелҳо ва ниҳоят таъмин кардани қабули ҳукми қонунӣ ва асоснок аз рӯйи парванда мебошад» [150, с. 233].

Муҳаққиқон С.А. Шейфер, А.Б. Соловьев ба ин масъала аз нуқтаи назари исбот эътибор дода, дуруст асоснок кардаанд, ки амалҳои судӣ, ки дар қисми тафтиши судии муҳокимаи судӣ бо мақсади таҳқиқ, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳо иҷро мешаванд, «амалҳои тафтишии судӣ» номида шуда, амалҳои дигаре, ки аз ҷониби суд иҷро мешаванд амалҳои дигари мурофиавиро ташкил медиҳанд. Дар шакли дигар гурӯҳбандӣ кардани амалҳои судӣ бемазмун аст [231, с. 11; 200, с. 36].

Омӯзиши амалияи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, имконият медиҳад, ки мазмун ва моҳияти амалҳои судиро вобаста ба тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавии судӣ муайян намоем. Амалҳои судӣ вобаста ба масъалаҳое, ки дар маҷлиси суд баррасӣ мешаванд, танҳо аз рӯйи пайдарҳамӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанад [325, с. 123-127; 138, с. 140; 299, с. 164-167], лекин қоидаҳо ё шартҳои умумии муҳокимаи судиро инкор ё истисно намекунанд.

Ба андешаи мо, барои таҳлили ин масъала амалҳои судиро вобаста ба тартиби мурофиавии ҳалли масъалаҳо марбут ба парвандаи ҷиноятӣ шартан ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

а) амалҳои судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, ё то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ;

б) амалҳои судӣ дар ҷараёни муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ;

в) амалҳои судӣ дар марҳилаи иҷрои ҳукм;

г) амалҳои судӣ дар суди марҳилаҳои истисноии мурофиаи ҷиноятӣ.

Мутобиқи ин гурӯҳбандӣ ба амалҳои судӣ, ки то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ иҷро мешаванд, инҳоро дохил кардан зарур аст:

- амалҳои судӣ оид ба дида баромадан ва ҳал кардани арзу дархости иштирокчиён ва мақомоти амаликунандаи таъқиби ҷиноятӣ (м.м.110, 111,112,114,116 КМҶ ҶТ);

- амалҳои судӣ ҷиҳати иҷозат додан ба чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ (м.35[1] КМҶ ҶТ);

- амалҳои судӣ ҷиҳати иҷозат додан ба пешбурди амалҳои тафтишӣ (м.35[2] КМҶ ҶТ);

- амалҳои судӣ ҷиҳати дида баромадан ва ҳалли шикояти иштирокчиёни мурофиа (м.124 КМҶ ҶТ).

Онҳо ҳадаф, вазифаҳои ягона ва умумии мурофиавӣ доранд ва бо тартиби муайянкардаи қонун амалӣ мешаванд. Хусусияти хоси амалҳои судии номбаршуда дар он зоҳир мешавад, ки тамоми масъалаҳои баррасишаванда, бинобар зарурати муваққатан маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вобастаанд. Лекин, дар аксари ҳолатҳои баррасии судии ин масъалаҳо мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ имконияти бештари мурофиавӣ доранд, чунки ба зиммаи онҳо уҳдадории таъқиби ҷиноятӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ вогузор шудааст (м.26 КМҶ ҶТ).

Ҳарчанд иштироки шахсони манфиатдори мурофиаи ҷиноятӣ дар баррасии ин масъалаҳо ҳатмӣ набошад ё маҳдуд шуда бошад ҳам, ба онҳо имконият дода шудааст, ки бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ шинос карда шаванд ва аз болои санад ё амалҳои ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ шикоят намоянд [350, с. 13-14]. Лекин, баъди хатми тафтиши пешакӣ (баъди 2 моҳ) шинос карда шудани иштирокчиён бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ё баррасии судии арзу шикояти иштирокчиёни мурофиа, масъалаҳоро пурра ва мусбӣ ҳал намекунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳангоми ҳалли судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ кафолатҳои мурофиавӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ (ҷабрдида, намояндаи ӯ, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндаи онҳо) пешбинишуда, бинобар ихтилофи меъёрҳои мурофиавӣ ва нодуруст иҷро шудани амалҳои судӣ:

- на ҳама вақт дар амалия риоя ва иҷро мешаванд ё амалишавии онҳо зоҳирӣ ба роҳ монда шудааст;

- барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо кофӣ нестанд;

- кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳо сари вақт таъмин намешаванд.

Аз таҳлили меъёрҳои ҷорӣ бармеояд, ки шахсони манфиатдор аз ҳуқуқи иштирок дар маҷлиси суд, ки дар марҳилаҳои тосудӣ бо дархости мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокурор баргузор мешаванд, беасос маҳдуд карда шудаанд. Судя ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки дар м.35 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда, боиси маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодиҳои шахс (иҷозат дода ба татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ва амалҳои тафтишӣ) мегардад, бояд аз нуқтаи назари принсипи конститутсионии адолати судӣ тарафҳоро дар бораи баргузории маҷлиси суд хабардор намуда, риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро таъмин намояд.

Агар ба муқаррароти м.35 (2) КМҶ ҶТ эътибор диҳем, пешбинӣ шудааст, ки (қисми 3) дар вақти баргузории маҷлиси суд ҳузур доштани шахсони манфиатдор, даъвогар ва ҷавобгари гражданӣ ё намояндаи онҳо, мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ низ ҳатмӣ нест. Судя масъалаи иҷозат додан ба гузаронидани амали тафтиширо танҳо дар асоси маводи пешниҳодшуда ҳал мекунад. Оё муайян карда шудани беғаразӣ ва босалоҳият будани судя дар ҳалли масъалаи мурофиавӣ муҳим нест?

Баррасии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар давоми 24 соат аз лаҳзаи ворид шудани дархост муқаррар шудааст, ки кофӣ аст иштироки ҳатмии прокурор ва хабардор кардани шахсони манфиатдор таъмин карда шавад. Дар ин меъёр имконияти иштироки онҳо дар маҷлиси суд, инчунин ҳатман супорида шудани нусхаи қарори судя ба онҳо пешбинӣ намешавад, то ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа амалӣ гардад (м.35 (2) КМҶ ҶТ).

Умуман, бе иштироки шахсони манфиатдор баррасӣ ва ҳал шудани ҳамаи масъалаҳои парвандаи ҷиноятӣ, ки хусусан боиси маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодаи қонун мегарданд, мухолифи м.м.19, 88, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.м.20, 277 КМҶ ҶТ мебошанд.

Барои бартараф карда шудани чунин маҳдудият пешниҳод мекунем, ки:

- қисмҳои 3-5 м.35 (2) КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шаванд:

«3. Дар маҷлиси суд иштироки прокурор ҳатмист. Ҳангоми зарурат судя метавонад бо ташаббуси худ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва шахсони манфиатдорро ба маҷлиси суд даъват ё аз вақти баргузории он хабардор кунад.

4. Қарори суд ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор супорида мешавад.

Дар натиҷаи татбиқ шудани ин пешниҳод на танҳо доираи салоҳияти суд дақиқ, иҷрои якхелаи амалҳои судя ба шартҳои умумии

муҳокимаи судӣ мутобиқ гашта, беасос маҳдуд карда шудани имкониятҳои иштироки шахсони манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бартараф ва пешгирӣ мешавад, балки, воқеан, амалӣ гаштани кафолатҳои конститутсионӣ таъмин мегардад. Аз ҷумла, дар амал татбиқ шудани қисмҳои 6, 7 м.35 (2) КМҶ ҶТ, ки тартиб ва муҳлати пешниҳоди шикоят ва эътирозро аз болои ҳамин қарори судя нишон додааст, имконпазир мешавад.

Амалҳои судӣ ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ низ ба таҳлил ва муҳокимаи алоҳида ниёз доранд. Байни муаллифон нисбати татбиқи ҳабс нисбати молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳамчун чораи маҷбурии мурофиавӣ андешаронӣ идома дорад [330, с. 149-154]. Ҳабси амвол то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бо иҷозати суд татбиқ мешавад ва айни замон имконияти бекор карда шудани онро ҳам қонун муқаррар кардааст.

Лекин моддаи 268 КМҶ ҶТ тартиберо пешбинӣ мекунад, ки ба хулосаҳои ғалат оварда мерасонад, чунки дар ин меъёр пешбинӣ шудааст, ки «судя дар бораи қатъ намудани парванда қарор бароварда, чораи пешгирӣ, даъвои граждани, *мусодираи молу мулкро тағйир медиҳад* ва масъалаи далелҳои шайъиро ҳал мекунад».

Аввал ин, ки м.268 КМҶ ҶТ тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавиро то баргузории маҷлиси суд муқаррар кардааст. Дуюм, дар чунин мавридҳо ҳукм бароварда намешавад, ки мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазо татбиқ шуда бошад. Сеюм, тағйир додани ҳукми суд дар қисмати мусодираи молу мулк ба салоҳияти судя дар ин марҳила дохил намешавад. Чорум, судя вазифадор аст, ки ҳангоми қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, дар қатори масъалаҳои дар қонун пешбинишуда, масъалаи бекор кардани чораҳои таъмини даъвои граждани, иҷрои ҷазо ва эҳтимоли мусодираи молу мулкро, ки қаблан татбиқ шудаанд, ҳал намояд.

Мутаасифона, қонунгузор (м.116 КМҶ ҶТ) дар муҳокимаи судии ин масъала иштироки ҳатмии тарафҳоро пешбинӣ накардааст. Ҳол он ки дар сурати иштироки шахсони манфиатдор, гумонбаршаванда, айбдоршаванда ё ҳимоятгари онҳо шояд, ки ихтиёран даъвои граждани қонеъ карда шавад ё ҷойи қарор доштани молу мулкро ҷабрдида ё намояндаи ӯ бо пешниҳоди маълумоти дигар (ғайр аз маводе, ки мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба дархост замима кардаанд) аниқ кунад ё иштирокчиёни дигар нигоҳдошти молу мулки ҳабсшударо ба нигоҳубини худ гиранд ё ҳиссаи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда дар моликияти умумӣ муайян карда шавад ва ғайраҳо.

Воқеан, татбиқи ин намуди чораи маҷбурӣ ҳуқуқи молумулкии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда, инчунин хешовандони наздики онҳоро маҳдуд мекунад, мумкин аст аз сарчашмаи даромад пурра маҳрум намояд. Дар сурати иштирок надоштани шахсони манфиатдор оё судя имконият дорад ҳамаи масъалаҳоро танҳо ҳал намояд? Ин ҳолат маротибаи дигар зарурат ва аҳаммияти пешниҳодҳои дар боло қайдгадидаро нишон медиҳад.

Дар қисми 5 м.116 КМҶ ҶТ омадааст, ки дар раванди ҳабси амвол шахсони холис ва мутахассис даъват мешаванд. Аниқтар, онҳо на дар маҷлиси суд, балки ҳангоми иҷрои қарори суд ва номнавис шудани молу мулк иштирок мекунанд. Бинобар ин, дар қисми 5 ҳамин модда, ин меъёр бояд чунин муқаррар шавад, ки дар вақти номнависии амвол соҳибмулк ё намояндаи қонунии ӯ ҳатман иштирок намоянд.

Масъалаҳои барои нигоҳдошт супоридани молу мулки ба ҳабс гирифташуда маҷбурӣ аст ё ихтиёрӣ; оё онҳо имконияти нигоҳдошти молу мулкро доранд ё не; хароҷоти нигоҳдошти молу мулкро кӣ муайян мекунад; фарсуда, корношоям ё гум шудани сифату арзиши молу мулк, чӣ гуна оқибатро ба миён меорад ва дигар масаъалҳо дар қарори судя нишон дода мешавад ё не, бе ҷавоб мондаанд.

Ҳамин қоида низ дар амалия боиси андешаронии гуногун гаштааст, яъне чораи маҷбурии мурофиавӣ, ки бо қарори суд татбиқ шудааст,

минбаъд бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор низ метавонад бекор карда шавад.

Ба андешаи мо, азбаски ин намуди чораи маҷбурӣ бо дархости муфаттиш, розигиии прокурор ва иҷозати суд татбиқ шудааст, бинобар ин, бекор кардани ҳабси молу мулк низ бояд салоҳияти танҳо суд бошад. Ягон мақомоти дигар ё шахсони мансабдор наметавонанд қарори судяро (ё таъиноти судро) тағйир диҳанд ё бекор намоянд, ба истиснои ҳолатҳои пешбиникардаи қонун, аз ҷониби судҳои марҳилаи болоӣ.

Дар таҷриба ин шакли корбарӣ, яъне, воқеан, бекор карда шудани қарори судя, таъиноти суд бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор мустақилияти суд ва умумиҳатмӣ, қатъӣ будани қарори судро зери шубҳа мемонад ва дигар асосҳои баамалбарории адолати судиро коҳиш медиҳад.

Ин қоидаҳо дар таҷрибаи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ на ҳама вақт риоя ва иҷро мешаванд [399], [372].

Аз ҷониби судя, дар ҳамин марҳила ҳал шудани масъалаи интихоб, бекор кардан ё тағйир дода шудани чораи пешгирӣ низ ба ҳамин гуна оқибатҳо оварда мерасонад.

Ба андешаи мо, муҳим аст, ки сари вақт ва пурра иҷро гаштани сандаҳои мурофиавӣ назорати доимиро талаб мекунад [66]. Чунин нишондиҳандаҳо солҳои охир ҳам дида мешаванд [434].

Муҳаққиқони ватнӣ андеша баён кардаанд, ки вазифаи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо ошкор кардани аломати ҷиноят хотима намеёбад, онҳо уҳдадоранд ба амалишавии кафолатҳои қонунии иштирокчиён диққат диҳанд [376].

Амалҳои судӣ бо пайдарҳамие, ки қонун пешбинӣ мекунад, иҷро мешаванд. Лекин аз таҳлил ва омӯзиши амалияи судӣ бармеояд, ки онҳо бояд на дар шакли танҳо зоҳирӣ, балки дақиқ мутобиқ ба присипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва бо риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ иҷро шаванд, то ки тарафҳо баробарҳуқуқ бошанд. Барои ин дар ҳама

марҳилаҳои судии мурофиа уҳдадории суд, судя оид ба баррасӣ ва қонеъ гардонидани арзу дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ пешбинӣ шудааст (м.м. 262, 277, 306 КМҶ ҶТ).

Ба андешаи Р.Р. Раҳмадҷонзода, масъалаи ба мурофиа даъват карда шудани шоҳидони ҳодиса, таъини экспертиза ё ғайри қобили қабул донистани далелҳои бо роҳи ғайриқонунӣ ҷамъоварда шударо новобаста аз мавқеи тарафҳо, мустақилона ва бевосита ҳал намояд [243, с. 14].

Дархости иштирокчиёни мурофиа тамоми масъалаҳои муҳокимашавандаро дар бар гирифта наметавонад, ки ин ба шарти умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ мутобиқ нест.

Лекин, моддаи 277 КМҶ ҶТ мавзуи дархости иштирокчиёни мурофиаи судиро дақиқ пешбинӣ кардааст. Дар м.262 КМҶ ҶТ пешбинӣ мешавад, ки судя ҳангоми баррасии масъалаҳое, ки то таъини маҷлиси судӣ ҳал мешаванд, метавонад арзу дархости иштирокчиёни мурофиаро оид ба ҳолатҳое, ки дар м.262 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд баррасӣ намуда, шахсони манфиатдорро бо қарори қабулшуда хабардор намояд

Муаллифон Ю.И. Станцовский, ва А.М. Ларин қаблан ҳам қайд карда буданд, ки дар қисми тайёрии маҷлиси судӣ барои пурра, ҳаматарафа ва холисона дида баромадани парвандаи ҷиноятӣ шароит фароҳам оварда мешавад **[**348, с. 48-51**].** Вайрон кардани қоидаҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки қисмати тайёрии мурофиаи судиро танзим менамоянд, ба қабул шудани ҳукми ғайриқонунӣ ва беасос ё баргардонидани парванда ба тафтишоти иловагӣ оварда мерасонанд, бинобар ин, муҳаққиқ А.Л. Ципкин лозим дониста буд, ки мурофиаи судии парванда аз нав баргузор шавад **[**245, с. 44-58**]**. Баъд аз анҷом ёфтани қисмати тайёрии маҷлиси судӣ суд метавонад, ки ба қисмати асосии он - тафтишоти судӣ гузарад. Барои гузаштан ба тафтишоти судӣ бартараф намудани нуқсонҳо ва шубҳаҳои мавҷуда нисбати парванда шарти муҳим ҳисобида мешавад. Баъди қисми тайёрии муҳокимаи судӣ, тафтишоти судӣ бо эълон

кардани фикри (хулосаи) айбдоркунӣ оғоз меёбад. Дар ҷараёни тафтишоти судӣ (қисми марказии маҷлиси судӣ), ки дар ҷараёни он далелҳои ҷамъовардашуда мавриди таҳлил ва таҳқиқи суд, тарафҳо ва иштирокчиён қарор мегирад, санҷида баҳо дода мешаванд. Тафтишоти судӣ аз рӯйи парванда ҷиноятии гуногун ва ҳатто рафти муҳокимаи парвандаҳои ба ҳам монанд якхел ҷараён намегирад. Олими дигар К.Ф. Гуценко андешаронӣ кардааст, ки моҳиятан мавриди таҳлил қарор додани ҳолатҳои ҷудогонаи парвандаи ҷиноятӣ, бинобар танзим нашудани тартиби дақиқи таҳқиқу санҷиши далелҳо мураккаб аст **[**102, с. 42**]**.

Аз нигоҳи муаллифони ватанӣ, давомнокии таҳқиқи далелҳо бо эътироф ё инкори гуноҳ (айб) аз ҷониби судшаванда вобаста аст [178, с. 548]. Ба ақидаи В.А. Лазарева агар судшаванда айби худро инкор намояд, он гоҳ таҳқиқи далелҳоро аз пурсиши шоҳидоне, ки судшавандаро мешиносанд, бояд оғоз намуд. Баъд аз он, ба пурсиши судшаванда шуруъ кардан лозим аст [146, с. 153]. Ин ақида аз он бармеояд, ки дар ин ҳолатҳо, суд бо пурсиши шоҳидон ҳолатҳоеро муайян мекунад, ки ҷараёни минбаъдаи пурсиши судшавандаро осон мегардонад [245, 44-58].

Олимон чунин мешуморанд, ки тартиби тафтишоти судӣ ва давомнокии баргузории он аз иқрор ё инкори айб аз ҷониби судшаванда вобаста аст. Аз он ҷумла, И.Д. Перлов чунин меҳисобид, ки таҳқиқи далелҳо дар ҳамаи ҳолатҳо бояд аз пурсиши судшаванда оғоз кард, зеро дар ин ҳолат мумкин аст, ки суд ба зудӣ муносибати судшавандаро бо айби ба ӯ эълоншуда дақиқ намуда, тарафҳои баҳсноки айби ӯро бо дигар далелҳо мушаххас ва дақиқ созад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар вақти санҷиши далелҳо нуқсон, зиддияти далелҳо нисбат ба далелҳои дигари ҷамъоварда бартараф шаванд, менависад И.Д. Перлов [166, с. 69-90].

Умуман, пешбинӣ кардани давомнокӣ ва ҷараёни тафтишоти судӣ, ки дар баррасии ҳар як парвандаи ҷиноятӣ баргузор мешавад, имконнопазир аст. Аз ин рӯ, барои муайян кардани рафти тафтишоти судӣ бояд нуқтаҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

а) тафтишот бояд аз санҷиши далелҳое шуруъ карда шавад, ки барои ин ё он таркиби ҷинояти мушаххас моҳиятан муҳим бошанд ва ҳолатҳои содир шудани он бо далелҳои дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ҷамъоварӣ шуда, асоснок гардидаанд. Масалан, бо нишондоди шоҳидоне, ки дар бораи ҳолатҳои муҳимми парванда маълумот додаанд;

б) маводи ҷамъоваришуда мувофиқи мақсад, бе шитобкории зоҳирӣ, пурра ва ҳаматарафа мавриди санҷиш қарор дода шаванд;

в) пайдарҳамии мантиқии таҳқиқи далелҳое, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро тасдиқ мекунанд риоя карда шавад. Дар ин ҳолат, дар ҷараёни таҳқиқи далелҳо, ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят бо ошкор шудани сабаб ва шароити содиршавии ҷиноят пайдарҳам, дар алоқамандӣ бо ҳамдигар то фаро расидани оқибати ба ҷамъият хавфнок таҳқиқ карда мешаванд;

г) тартиби таҳқиқи далелҳоро аз рӯйи мазмун ва дахлдорӣ ба мавзуи исбот (м.85 КМҶ ҶТ) ба тариқи зайл мантиқан ифода кардан мункин аст: Сабаб (мақсад, ангеза, муносибат бо ҷабрдида) – шароит (вақт, маҳал, тайёрӣ, моил кардани дигарон, восита) – кирдор (ҳаракат, беҳаракатӣ, қасд, беэҳтиётӣ фаъол, ғайрифаъол, нақши ва мавқеи шарик дар фаро расидани оқибат) – оқибат (ҳаҷм ва андозаи зарар, намуди зарар ва ғ.). Дигар ҳолатҳо (ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ) дар алоқамандӣ ба ҳолатҳои номбаршуда мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд.

Ҷараёни тафтишоти судӣ аз як ҷиҳат аз шумораи судшавандагон ва лаҳзаҳои содир шудани ҷиноят низ вобаста аст. Масалан, бояд ҳамаи далелҳои барои айбдории як шахс, аз рӯйи чанд лаҳза муайян карда

мешаванд ё ин ки ҳамаи далелҳо аз рӯйи як лаҳза дар муносибат ба ҳамаи судшавандагон таҳқиқ мегарданд.

Дар таҷрибаи судӣ як қатор услубҳои самараноки баррасии судии парвандаҳои мураккаби бисёрлаҳза ба роҳбарӣ гирифта мешаванд. Масалан, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳоро вазифадор мекунад, ки ҳангоми муайян кардани миқдори зарари расонидашуда ва банду басти ҷиноят зарур аст, ки арзиши молу мулки тасарруфшуда бо назардошти хароҷотҳои истеҳсолӣ, ба даст овардан, нигаҳдорӣ, интиқол ба инобат гирифта шавад. Дар сурати мавҷуд набудани имкониятҳои муайян намудани арзиши молу мулки тасарруфшуда, нархи онҳо бояд дар асоси хулосаи экспертон, бо нархи вақти (замон) содир кардани ҷиноят муайян карда шавад [23, с. 343].

Ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба он, суд аз мавқеи иштирокчиёни мурофиаи судӣ вобастагӣ надорад.

Суд, - қаблан гуфта буд Л.Е. Аротскер, - бояд маълумоти дақиқи санҷидашударо ба назар гирифта хулосаи мустақилона барорад [82, с. 48-50]. Агар ба хулоса ояд, ки маълумоти ба муҳокима пешниҳодгардида бо роҳҳои ғайриқонунӣ дастрас шуда бошанд, суд бояд дар қарори худ вайронкунии дақиқи қонунро ва аз ҷониби кӣ роҳ дода шудани онро нишон диҳанд [21, с. 277].

Қоидаи баҳодиҳӣ ба далелҳо дар натиҷа ба хулосабарории (ё қабули қарори) қатъӣ ва бешубҳа дуруст мусоидат мекунад, менависад муалифи дигар Б.А. Филимонов [234, с. 128-157]. Хулосаи суд, судя доир ба иҷрои тамоми вазифаҳои пешбиникардаи қонун дар ҳукм ифодаи худро меёбад.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] аввалин маротиба қоидаи дигари тафтишоти судиро - тартиби мурофиавии тафтишоти соддаи судиро пешбинӣ кардааст.

Аз як тараф тафтишоти соддаи судӣ ба сарфаи вақти баррасӣ ва одилона ҳал шудани парвандаи ҷиноятӣ мусоидат менамояд, аз ҷониби дигар амалӣ гаштани ин қоида оқибатҳои дигар низ дорад. Ба тариқи

соддаи мурофиавӣ гузаронидани тафтишоти судӣ бо ташаббуси танҳо судшаванда имконпазир аст. Баргузории тафтиши соддакардашудаи судӣ бидуни дархости судшаванда ғайриимкон аст ва дар сурати розигии прокурор ё ҷабрдида бо дархости судшаванда, умуман далелҳои пешниҳодшуда таҳқиқ карда намешаванд. Дар ин ҳолат дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм кирдори ҷиноятие, ки судшаванда оид ба он гунаҳгор буданашро эътироф кардааст, хулосаи суд, судя доир ба риоя гардидани шартҳои бе гузаронидани тафтишоти судӣ баровардани ҳукм, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо зикр мешаванд. Зеро, бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372-и КМҶ оид ба яктарафа ё нопурра будани тафтишоти судӣ ва ба ҳолатҳои воқеии парванда мувофиқат накардани хулосаи суд, судя, ки дар ҳукм баён шудаанд, нисбат ба ҳукме, ки бо чунин тартиб қабул шудааст, шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест.

Агар қонеъ кардани дархости судшаванда рад карда шавад, дар чунин ҳолатҳо мурофиаи судӣ аз рӯйи қоидаҳои умумӣ гузаронида мешавад.

Мурофиаи судӣ бо тартиби соддакардашуда нисбати судшаванда оқибатҳои дигари мурофиавӣ низ дорад.

Бо назари мо, таҳлилҳо (ки дар бобҳои гузаштаи рисола муҳокима шуданд) нишон доданд, ки асосҳои номбаршуда мазмуни хеле васеъ дошта, татбиқи онҳо дар амалияи судӣ минбаъд метавонанд дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ, боиси маҳдуд карда шудани ҳуқуқи тарафҳо ба химоя гардад.

Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки дар матни қисми 9 м. 310 КМҶ ҶТ «бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372 КМҶ ҶТ» ихтисор карда шуда, мазмуни ҳамин қисм тағйир дода шавад:

«Ба ҳукми суд, ки дар асосҳои дар ҳамин модда пешбинӣ шуда ва бинобар ихтиёран даст кашидани тарафҳо аз таҳқиқи далелҳо шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест».

Дар қисми 3 м.310 КМҶ ҶТ ин тартиб нисбати шахсони сидқан пушаймон гуда, бори аввал аз беэҳтиётӣ кирдори хавфнок содиркарда ва нафароне, ки ба тафтиши босифати ҷиноят, ошкор ва бартараф кардани сабабу шароити содиршавиии он ёрии амалӣ расонидаанд, татбиқ карда шавад, ки ки одилона қабул шудани ҳукмро таъмин мекунад.

Албатта, тамоми амалҳои судиро оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятии гуногун дар доираи як таҳқиқот, бо назардошти фикру ақидаҳои муаллифони дигар мавриди таҳлил ва муҳокима қарор додан мушкил аст, лекин бо ин маҳдуд нашуда таҳқиқотҳо бояд давом дода шаванд, ки натиҷаи онҳо вайронкунии қонун ва татбиқ нодурусти қонунҳои ҷорирo (авф) бартараф намоянд.

Аз ин ру:

а) ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар хонаи машваратӣ бештар ба хатогиҳои зерин роҳ дода мешавад, аз ҷумла:

- нодуруст татбиқ кардани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, хусусан дар нодуруст бандубаст кардани ҷиноят, дар татбиқи меъёри қонуне, ки набояд татбиқ мегардид;

-дар ҳукм нишон надодани қисм ё банди моддаи қонуни ҷиноятӣ, ки суд онро татбиқ кардааст;

-нодуруст татбиқ кардани меъёри қонун дар бораи шарикӣ дар ҷиноят, тайёр кардан ва сӯиқасд ба ҷиноят; татбиқ ё татбиқ накардани санади авф; вайрон кардани тартиби муқарраршудаи таъини ҷазои иловагӣ;

-нодуруст муайян кардани ҷойи иҷрои ҷазо дар муассисаи ислоҳӣ ва ғайраҳо. Ин гуна ҳолатҳо аз тарафи суди марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ баъд аз нав баррасӣ ёфтани ҳукм аз рӯйи шикоят ё эътироз, ошкор ва бартараф карда мешаванд. Дар чунин мавридҳо салоҳиятнокии судяҳо, ки ба чунин хатогиҳо пайваста роҳ медиҳанд, бояд мавриди санҷиш қарор дода шавад.

б) бо мақсади таъмини одилона эътироф шудани ҳукм дар вақти таъин кардани ҷазо, судҳо бояд хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти судшаванда ва ҳолатҳои дигари парвандаи ҷиноятӣ, бартарафшаванда ё бартарафнашаванда будани зарар, нақши судшаванда дар фарорасии оқибат, инчунин ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ва ҷазоро бояд ба ҳисоб гиранд. зарур аст, ки нисбати шахсоне, ки кирдори содиркардаи онҳо дорои таркиби ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна мебошанд, масъалаи имконияти бе татбиқ намудани ҷазои ҷиноятӣ ислоҳ кардани онҳо ва дар ҳолати ҷой доштани асосҳо, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани чунин ашхосро мутобиқи моддаҳои 72, 73, 74, 89 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима намоянд.

в) барои суд, судяҳо муҳим аст, ки талаботи қонунро, ки таъин намудани ҷазоҳои иловагиро муқаррар намудааст, ҳатман риоя намоянд, зеро дуруст татбиқ намудани онҳо барои фардикунонии ҷазо имконияти зиёд дода, тадбири муҳимми ислоҳ намудани маҳкумшудагон мебошад, ҳамчунин барои пешгирӣ кардани ҷиноятҳои нав мусоидат менамояд.

Суд, судя бояд маълумотро оид ба шахсияти судшаванда, бо назардошти аҳаммияти муҳим доштани онҳо, барои муайян кардани намуд ва андозаи ҷазо ҳаматарафа, пурра ва холисона таҳқиқ намоянд. Аз он ҷумла, бояд рафтори судшаванда дар ҷойи кор ва оила, имконият, қобилияти меҳнатӣ, ҳолати саломатӣ, вазъи оилавӣ, маълумот оид ба доғи судӣ, муайян карда шавад.

Лекин, ба андешаи мо, маълумоте, ки бо парванда муқаррар шудааанду судшавандаро аз ҷиҳати манфӣ тавсиф мекунанд (майзадагӣ, нашаъмандӣ, муносибати дағалона дар оила, хунукназарӣ нисбати таълиму тарбияи фарзандон ва ғайра), набояд ҳангоми таъини ҷазо ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо баҳогузорӣ шаванд, агар ҳолатҳои номбаршуда ба содир шудани ҷиноят алоқаманд набошанд. Зеро ин ҳолатҳо ба шахсияти гунаҳгор мансуб буда, ба ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо, иртибот надоранд. Ҳангоми таъини ҷазо суд

ҳолатҳои дар м.62 КҶ ҶТ зикрнагардидаро ҳолатҳои вазнинкунанда эътироф карда наметавонад.

г) муҳлати тибқи м.359 КМҶ ҶТ муқарраршуда барои омода ва саривақт ирсол кардани шикоят ё эътироз кифоя нест, чунки судя танҳо бо хоҳиши тарафҳо нусхаи эътироз ё шикоятро ба онҳо месупорад (м.361 КМҶ ҶТ). Барои супоридани нусхаи шикоят ва эътироз низ, новобаста аз тарафҳо муҳлат қорӣ мешавад. Дар натиҷа тарафҳо барои тайёрӣ ва ҷамъоварии маълумоти иловагӣ вобаста ба шикоят ё эътироз дар ин муддат вақт ва имконияти мурофиавӣ надоранд.

Илова ба ин, дар м.384 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудани таъини экспертиза ва бозгоштани пешбурди судӣ дар доираи ҳадди ваколати суд аст, лекин дар сурати таъин шудани экспертизаи судӣ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа набояд маҳдуд шавад.

Бинобар ин, дар ҳамин моддаи қонун пешбинӣ шавад, ки ҳангоми таъини экспертизаи судӣ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа, ки дар м.210 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, риоя карда шавад.

9. Тибқи м.м.368, 410 КМҶ ҶТ масъалаи даъват ва иштироки маҳкумшуда дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ ба салоҳияти суд вогузор шудааст, ки ба принсипҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мутобиқ нест. Бинобар ин, дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ иштироки маҳкумшуда ва ё ҳимоятгари ӯ, ҳатман бояд таъмин гардад.

Таҳлили амалҳои судӣ ва ҳалли масъалаҳо марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳалли қонунӣ ва асосноки тамоми масъалаҳои номбаршуда аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо воқеан амалишавии адолати судиро таъмин мекунанд.

Ҳамин тариқ:

1. Ҳангоми ҳалли судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ кафолатҳои мурофиавӣ, ки баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои

иштирокчиёни мурофиаи судӣ (ҷабрдида, намояндаи ӯ, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ё намояндаи онҳо) пешбинӣ шудаанд, бинобар ихтилофи меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои нодурусти амалҳои судӣ:

-на ҳама вақт дар амалия риоя ва иҷро мешаванд ё амалишавии онҳо зоҳирӣ ба роҳ монда шудааст;

-барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа кофӣ нестанд;

-кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳо сари вақт таъмин намешаванд.

2. Судя ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки дар м.35 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда,боиси маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодиҳои шахс (иҷозат дода ба татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ва амалҳои тафтишӣ) мегардад, бояд аз нуқтаи назари принсипи конститутсионии адолати судӣ тарафҳоро дар бораи баргузории маҷлиси суд хабардор намуда, риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро таъмин намояд.

3. Тибқи м.35 (2) КМҶ ҶТ иштирокчиёни мурофиа ҳуқуқи овардани шикоятро доранд, лекин дар ин меъёр имконияти иштироки онҳо дар маҷлиси суд, инчунин ҳатман супорида шудани нусхаи қарори судя ба онҳо пешбинӣ намешавад, то ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа амалӣ гардад.

Барои бартараф карда шудани чунин маҳдудият пешниҳод мекунем, ки:

- дар м.35 (2) КМҶ ҶТ муқаррароти зерин пешбинӣ шаванд:

« Дар маҷлиси суд иштироки прокурор ҳатмист. Ҳангоми зарурат судя метавонад бо ташаббуси худ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва шахсони манфиатдорро ба маҷлиси суд даъват ё аз вақти баргузории он хабардор намояд.

Қарори суд ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор супорида мешавад».

Дар қисми 5 м.116 КМҶ ҶТ дар вақти номнависи амвол соҳибмулк ё намояндаи қонунунии ӯ даъват карда шавад.

4. Барои муайян кардани рафти тафтишоти судӣ бояд нуқтаҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

а) тафтишот бояд аз санҷиши далелҳое шуруъ карда шавад, ки барои ин ё он таркиби ҷинояти мушаххас моҳиятан муҳим бошанд ва ҳолатҳои содир шудани он бо далелҳои дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ҷамъоварӣ шуда, асоснок гардидаанд. Масалан, бо нишондоди шоҳидоне, ки дар бораи ҳолатҳои муҳимми парванда маълумот додаанд;

б) маводи ҷамъоваришуда мувофиқи мақсад, бе шитобкории зоҳирӣ, пурра ва ҳаматарафа мавриди санҷиш қарор дода шаванд;

в) пайдарҳамии мантиқии таҳқиқи далелҳое, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро тасдиқ мекунанд риоя карда шавад. Дар ин ҳолат, дар ҷараёни таҳқиқи далелҳо, ҳама ҳолатҳои содир шудани ҷиноят бо ошкор шудани сабаб ва шароити содиршавии ҷиноят пайдарҳам, дар алоқамандӣ бо ҳамдигар то фаро расидани оқибати ба ҷамъият хавфнок таҳқиқ карда мешаванд;

г) тартиби таҳқиқи далелҳоро аз рӯйи мазмун ва дахлдорӣ ба мавзуи исбот (м.85 КМҶ ҶТ) ба тариқи зайл мантиқан ифода кардан мункин аст: Сабаб (мақсад, ангеза, муносибат бо ҷабрдида) – шароит (вақт, маҳал, тайёрӣ, моил кардани дигарон, восита) – кирдор (ҳаракат, беҳаракатӣ, қасд, беэҳтиётӣ фаъол, ғайрифаъол, нақши ва мавқеи шарик дар фаро расидани оқибат) – оқибат (ҳаҷм ва андозаи зарар, намуди зарар ва ғ.).

5. Дар матни қисми 9 м. 310 КМҶ ҶТ «бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372 КМҶ ҶТ» ихтисор карда шуда, мазмуни ҳамин қисм дар шакли зайл тағйир дода шавад:

«Ба ҳукме, ки бо ҳамин тартиб қабул шудааст, бо асосҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ва бинобар ихтиёран даст кашидани тарафҳо аз таҳқиқи далелҳо шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест».

Дар м.384 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки ҳангоми таъини экспертизаи судӣ, аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа, ки дар м.210 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, риоя карда шавад.

6. Тибқи м.м.368, 410 КМҶ ҶТ масъалаи даъват ва иштироки маҳкумшуда дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ ба салоҳияти суд вогузор шудааст, ки ба принсипҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мутобиқ нест. Бинобар ин, дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ иштироки маҳкумшуда ва ё ҳимоятгари ӯ, ҳатман бояд таъмин гардад.

Дар натиҷаи татбиқ шудани хулоса ва пешниҳодҳои муаллифӣ на танҳо доираи салоҳияти суд дақиқ, иҷрои якхелаи амалҳои судя ба шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мутобиқ гашта, беасос маҳдуд карда шудани имкониятҳои иштироки шахсони манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бартараф ва пешгирӣ мешавад, балки воқеан амалӣ гаштани кафолатҳои конститутсиониро таъмин менамояд.

БОБИ V. МУАММОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ РИОЯ ВА ИҶРОИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДӢ ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

5.1. Бозгоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ

Таҳлили маълумоти оморӣ оид ба фаъолияти мақомоти судӣ дар кишвар, инчунин натиҷаи таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз дигаргуниҳои мусбӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ миқдори муайяни вайронкуниҳои қонун ҷой доранд, ки иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятиро ба таъхир мегузоранд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи суди ҷиноятӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд монеъ мешаванд [168; 161; 211].

Дар қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қайд мешавад, ки «риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ ва ба он муқобил гузоштани ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, номувофиқии хулосаҳои бармаҳали судя бештар ба қайд гирифта шудаанд» [20]. Нисбат ба фаъолияти судӣ ин гуна камбудиҳо ҳангоми интихоб ва тағйир додани чораҳои пешгирӣ, иҷрои амалҳои судӣ, саривақт наандешидани чораҳои таъмини даъво, нокифоя санҷидани далелҳо, татбиқи нодурусти қонуни ҷиноятӣ нисбати судшаванда ва ғайраҳо дида мешаванд, ки боиси боздоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ мегарданд.

Барои паст кардани сатҳи вайронкунии қонунгузорӣ ва барқарор кардани оқибатҳои он, инчунин баҳри таъмини амалишавии принсипи ҳифзи судӣ, баробарии тарафҳо ва мубоҳиса; мукаммалгардонии меъёрҳои танзимкунандаи институти боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ зарурати омузиш ва таҳлили назариявии ин масъалаҳо афзудааст.

Дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ имконияти боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст, ки мазмун, моҳият ва хусусиятҳои худро дорад, ки мавзуи ин қисми таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Ҳар як парвандае, ки пешбурди судии он боздошта ё мавқуф гузошта шудааст, саволҳои бисёрро ба миён меорад, ки оё ба бартараф кардани асосҳое, ки ба баррасии судӣ монеа мешаванд, чораҳо андешида шуда буданд ё не ва ё чӣ гуна чораҳо? Оё ҳангоми боздоштан ё мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа риоя мешаванд?

Пешбурди ҳар як парвандаи оғозшуда бо тартиби муқарраркардаи қонун бо мақсади сари вақт ва пурра кушодани ҷиноят ҷараён мегирад. Лекин, бинобар ошкор ё фаро расидани ҳолатҳои муайян, имконияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ барои идомаи амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ маҳдуд мешавад. Чунки чунин ҳолатҳо ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеъ мешаванд ва зарурати бартарф карда шудани онҳо ба миён меояд. Бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо татбиқи яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, яъне боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба миён меояд [144, с. 271].

Таҳқиқотро аз он бояд оғоз бахшид, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ҳолатҳое ошкор мешаванд, ки ба тафтишот ва баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ монеъ мешаванд ё халал мерасонанд. Аксарияти чунин ҳолатҳоро мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби муайянкардаи қонун ошкор ва сари вақт бартараф менамояд. Масалан, агар иштирокчиёни мурофиа ба пешбурди парванда халал расонанд, нисбати вайронкунандагони қонун чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятӣ интихоб ва татбиқ мешавад [390].

Лекин, ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва судӣ, ҳолатҳое ба миён меоянд, ки пешгирӣ ё дарҳол бартараф кардани онҳо ғайриимкон аст ё дар баъзе ҳолатҳо бартараф карда шудани онҳо аз доираи имкониятҳои мурофиавии муфаттиш, судя берун мебароянд. Дар чунин мавридҳо

зарурати эълони танаффуси муваққатии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён меояд.

КМҶ ҶТ асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии бозdoштани пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро пешбинӣ кардааст, лекин паҳлуҳои ҷудогонаи татбиқи ин қоида таҳлилро талаб мекунанд.

Таҳлил ва омӯзиши қоидаҳои мурофиавӣ нишон медиҳанд, ки «бозdoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз иҷрои якчанд амалҳои мурофиавӣ иборат аст, ки ҳангоми муайян шудани ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои амалҳои хоси мурофиавии ҷиноятиро ба миён меорад» [179, с. 457].

Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ мафҳуми қоидаҳои бозdoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба таври гуногун шарҳу маънидод мешаванд. Муаллифи ватанӣ М. Ғозиев нуқтаи назари худро чунин изҳор кардааст: «Бозdoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ин танаффуси муваққатӣ дар истеҳсолоти парвандаи ҷиноятӣ аст, ки онро қонун пешбинӣ намудааст ва сабабгори он ғоибияти айбдоршаванда ва ғайриимкон будани иштироки ӯ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мебошад» [104, с.188]. Н.А. Қудратов андеша баён мекунад, ки «бозdoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ хотима ёфтани онро дар назар надорад, ин қоида танаффус ё танҳо ҷорӣ шудани муҳлати онро қатъ мекунад, баъди бартараф кардани асосҳое, ки боиси бозdoштан шудаанд, пешбурди он идома меёбад» [144, с.274].

Ба андешаи олимони соҳа, ки «бозdoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ танаффуси аз тарафи қонун танзимкардашуда дар раванди мурофиа буда, дар давоми он мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор, судя дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати бартараф намудани ҳолатҳоеро, ки бозdoштанро ба миён овардаанд, чораҳои фаъолро амалӣ менамоянд» [191, с.12].

Муҳаққиқон муваққатан бозdoшта шудани пешбурди парвандаи ҷиноятиро «чун танаффус дар пешбурди танҳо амалҳои тафтишӣ, бо сабаби ҷой доштани ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузорӣ» ифода

мекунанд [115, с.334].

Р.Р. Раҳмадҷонзода ва Р.Ҳ. Раҳимзода қоидаи бордошта шуданро бо сари вақт ҳозир нашудани айбдоршаванда ё имконияти дар мурофиа аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ иштирок карда натавонистани ӯ алоқаманд донистаанд [175, с. 379].

Муаллифи дигар чунин қайд мекунад, ки «бордоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, намуди махсуси муносибатҳои ҳуқуқиро, ки дар давраи тафтиши пешакӣ ва судӣ, бинобар ба миён омадани ҳолатҳое, ки боиси ғайриимкон гаштани мурофиа мешаванд, баҳри таъмини ҳуқуқи иштирокдорони мурофиаи ҷиноятӣ равона карда шударо танзим менамояд» [419, с. 12].

Дар маҷмуъ, дар тафсири қоидаҳои овардашуда, ки ба ин шарти муҳокимаи судӣ бахшида шудаанд, нуқтаи назари гуногуни муаллифон мавҷуд аст, ки шартҳои умумӣ ҳамчун «қоидаи мурофиавӣ», «маҷмуи меъёрҳои мурофиавӣ», «муносибатҳои махсуси мурофиавӣ», «танаффуси муваққатӣ» ё «муваққатан қатъ шудани ҷоришавии муҳлати мурофиавӣ», «роҳи мурофиавии бартараф кардани ҳолатҳои ба пешбурди парванда монешаванда» ифода мешаванд, лекин онҳо мазмуни пурра ва дақиқи шартҳои умумии муҳокимаи судиро дар бар намегиранд.

Барои мухтасар ифода кардани мафҳуми бордоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва равшанӣ андохтан ба моҳияти қоидаи мазкур, сараввал ба хусусиятҳои хоси он равшанӣ меандозем. Аксари муаллифон қоидаҳои бордоштани пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро аз он ҷиҳат тавсиф медиҳанд, ки «мурофиаи судии ҷиноятӣ, бинобар ба миён омадани баъзе ҳолатҳое, ки ба иҷрои вазифа ва ҳадафҳои бо қонун муқаррар карда шуда комёб намегардад» [75, с. 6].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ «пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро бордоштан» бо маънои оид ба ҳолати ошкоршуда қарор қабул карда натавонистани судя ё барояш ғайриимкон гардидани ноил шудан ба мақсади дар пеш

гузоштаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳам баён мешавад. Бояд қайд намоем, ки ҳангоми боздоштани иҷрои амалҳои мурофиавӣ, ҳоло масъалаи мурофиавӣ, аз ҷумла гунаҳгорӣ ё бегуноҳӣ муҳокима ва ҳал нашудааст, ки ҳалли онҳо бо пешбурди оянда имконпазир мешавад.

Ба назари таҳқиқотчиён қоидаи муқарраршуда баҳри таъмини иҷро шудани вазифаҳои пешбиникардаи қонун, ҷиҳати бартараф кардани ҳолатҳои барои боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ асосгардида, инчунин барои иҷрои уҳдадории андешидани чораҳои хусусияти мурофиавӣ ва ғайримурофиавидошта равона мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба таври зайл низ баён мешавад: «Боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ин қоидаи мурофиавӣ, танаффуси бо қонун танзимшаванда, бо тартиби муқарраргардида ба расмият даровардашудаи мурофиаи судии ҷиноятӣ аст, ки асосҳои дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардаро пешбинӣ карда, уҳдадорӣ ё салоҳияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятиро инъикос мекунад, ки дар доираи он ҷиҳати аз байн бурдани ҳолатҳои барои боздоштани тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ асос гардида ва бо мақсади таъмини ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, мақомоти пешбурди парвандаи ҷинояти амалҳои мурофиавӣ ва ғайримурофиавиро иҷро менамоянд» [75, с. 12].

Бинобар ин, боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ шарти муҳимми мурофиаи судии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Аҳаммияти саҳеҳ тавсиф дода шудани қоидаи мазкур то имрӯз аз байн нарафтааст, балки «масъалаҳои вобаста ба он бештар дар амалия вомехӯрад, ки зиёдшавии нишондиҳандаҳои оморӣ» [435] ва муҳокимаи шумораи зиёди муаммоҳои бо таҳқиқоти олимони соҳа оид ба қоидаҳои боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ошкоршуда, шаҳодати он аст.

Аҳаммияти боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятиро бо як меъёр ё қоида баён кардан ғайриимкон аст. Дар қонун муқаррар карда шудани

асосҳои боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ беҳуда нест.

Масалан, А.С. Шагинян аҳаммияти ин қоидаҳоро ба мақоми он вобаста намуда, «ҷиҳати самарнокгардонии фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятӣ дар давраи судӣ ва тосудӣ роҳҳои сарфа кардани қувва, восита ва вақт» [428, с. 9] баҳо додааст

Ба андешаи олимони рус Н.А. Громов, В.А. Пономаренков, Ю.В. Францифоров муҳлати мурофиавии муайян унсури муҳимми шакли муқарраршудаи мурофиавӣ аст ва дар баробари боздошт шудани пешбурд он ҷорӣ намешавад [107, с. 350].

Ба ақидаи В.М. Быков танҳо баъди бартараф шудани асосҳои воқеии боздоштани пешбурд, самаранокии таҳқиқу тафтиши ҷиноят таъмин шуда метавонад [268, с. 15-16].

Бинобар боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, муваққатан иҷро нашудани амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, маънои ғайриимкон гаштани иҷрои онҳоро надорад, балки пешбурди минбаъдаи ин амали мурофиавӣ, ки бо мақсади таъмини иштироки тарафҳо дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, баробарҳуқуқии онҳо ва мубоҳиса, таъмини кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, исботи ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ иҷро мешавад, танҳо баъди бартараф шудани монеаҳои мавҷуда муяссар мешавад. Лекин, вобаста аз марҳилаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, асос ва тартиби боздоштани он фарқ мекунад. Таҳлили мо нишон медиҳад, ки фарқияти онҳоро бо чунин хусусиятҳо муайян намоем:

а) пайдарҳамии амалҳои мурофиавӣ оид ба боздоштани пешбурди парванда;

б) асос ва тартиби мурофиавии боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

в) бинобар тобеияти тафтишотӣ ва судии парвандаҳои ҷиноятӣ;

г) иҷрои амалҳои бартарафкунандаи монеаҳои ҷойдошта, ки боиси

бoздoштани пешбурди парванда гаштаанд.

Ҳатто дар марҳилаи oғози парвандаи ҷиноятӣ қоидаҳои меъёрии на бoздoштани пешбурди парванда, балки ба он монанди танаффуси муваққатии мурофиавӣ, ба таъхир гузoштани қабули қарори ниҳоӣ ва дароз кардани муҳлати баргузории амалҳои мурофиавӣ, дида мешаванд. Лекин онҳо бoздoштани пешбурди парвандаи ҷиноятиро ифода намекунанд.

Дар марҳилаи тафтишoти пешакӣ низ ҳолатҳои воқеиро қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар кардааст, ки онҳо барои пешбурд ва ба итмом расонидани тафтиши пешакӣ монеъ мешаванд [88, с. 241-242].

Дар марҳилаҳои судӣ масъалаи бoздoштани пешбурди парвандаи ҷиноятиро мувофиқан суд ё судя ҳал мекунанд, лекин доираи ҳолатҳои ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеъшаванда дар ин марҳилаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Прокурор, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда дар марҳилаи тафтиши пешакӣ барои бoздoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳои дар м.230 КМҶ ҶТ пешбинишударо ба асос мегиранд.

Дар марҳилаҳои судӣ, дар марҳилаи омодагӣ ба маҷлиси судӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, барои бoздoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, мувофиқан, суд ё судя асосҳои дар м.м. 265, 286 КМҶ ҶТ пешбинишударо ба асос мегиранд.

Дар марҳилаи тафтиши пешакӣ масъалаи бартараф карда шудани ҳолатҳое, ки ба бoздoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ асос шудаанд, мувофиқан, ба зиммаи прокурор, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда, инчунин мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вогузор мешавад. Дар марҳилаи судӣ бошад, масъалаи бартараф карда шудани ҳолатҳое, ки ба бoздoштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ асос шудаанд, бо қарори судя ё таъиноти суд ба зиммаи прокурор, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда, инчунин мақомоти амаликунандаи фаъолияти

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вогузор мешавад ва таҳти назорати судӣ қарор мегирад. Танҳо баъди бартараф шудани ҳолатҳои дар м.м. 265, 286 КМҶ ҶТ пешбинишуда, суд баррасии парвандаи ҷиноятиро таъин мекунад ё идома медиҳад.

Дар марҳилаи тафтиши пешакӣ бартараф карда шудани ҳолатҳое, ки ба боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ асос шудаанд, барои баргузории амалҳои тафтишотӣ ва судӣ шароит ба вуҷуд меоранд. Дар марҳилаҳои судӣ масъалаи бартараф карда шудани ҳолатҳое, ки ба боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ асос шудаанд, ба баргузории маҷлиси судӣ, тафтиши судӣ ва ниҳоят барои ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят мусоидат мекунад.

Асосҳои боздоштани тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ низ фарқ мекунанд. КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои боздоштани тафтиши пешакиро муқаррар намудааст. Ҳамаи ин асосҳо бо як ҷиҳати умумӣ - ғайриимкон будани иштироки гумонбаршаванда ё айбдоршаванда, судшаванда дар амалҳои мурофиавии тафтишотию судӣ тавсиф дода мешаванд [176, с. 127].

Асосҳои боздоштани пешбурди мурофиа, ки дар қонун муқаррар гардидаанд, мукаммал буда, лекин аз рӯйи қиёс дар ҳама марҳилаҳо татбиқ шуда наметавонанд. Тибқи КМҶ ҶТ ягон ҳолати дигар, ба истиснои ҳолатҳои пешбиникардаи қонун, ки аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ барои пешбурди тафтишот мушкилӣ эҷод мекунанд, барои боздоштани тафтиши пешакӣ асос шуда наметавонад.

Яке аз асосҳои боздоштани тафтиши пешакӣ, воқеан, ғайриимкон гаштани амалҳои минбаъдаи муфаттиш ва мақомоти таҳқиқ барои ҷалби шахс ба сифати гумонбаршаванда ё айбдоршаванда аст, қайд мекунанд муҳаққиқон [218, с. 302].

Яъне, новобаста аз чораҳои андешидаи мақомоти таҳқиқ ва тафтишот, сари вақт ошкор намудани ҳамаи ҳолатҳои содир кардани ҷиноят ғайриимкон гардидааст ва муфаттиш барои нисбат ба ин ё он

нафар дар содир кардани ҷиноят барои эълон намудани айб асоси кофӣ надорад (сархати 1 қисми 1 моддаи 230 КМҶ ҶТ). Аммо барои дар асоси ҳолати қайдгардида бозпурсии пешакӣ, бояд дақиқии ҳодисаи рухдода ё аломати ҷиноят муайян карда шавад. Агар содир шудани ҷиноят дақиқ набошад, пас парвандаи ҷиноятӣ бозпурсӣ нашуда, он бинобар мавҷуд набудани кирдори ҷиноятӣ бояд қатъ карда шавад.

Асоси дигари бозпурсии пешакӣ аз тафтиш ё суд пинҳон шудани айбдоршаванда ё бо сабабҳои дигар муайян карда нашудани маҳалли будубоши ӯ алоқаманд карда шудааст (сархати 2 қисми 1 моддаи 230 КМҶ ҶТ). Аз рӯйи асоси кайдгардида муфаттиш пеш аз қабули қарор дар бораи бозпурсии пешакӣ дар макони пешбурди тафтиши пешакӣ набудани айбдоршаванда ё гумонбаршавандаро бояд муайян намояд. Барои ин муфаттиш бояд ҷойи иқоматро санҷад, аъзои оила, ҳамсоягонро дар бораи эҳтимолияти ҷойи қарордоштаи гумонбаршаванда ё айбдоршаванда пурсад, санҷад, ки оё ӯ дар беморхона бистарӣ нашудааст, ба хизмати ҳарбӣ даъват нашудааст, аз рӯйи дигар парвандаи ҷиноятӣ дастгир нашудааст, ба сафари хизматӣ нарафтааст, барои таҳсил ё истироҳат ба ҷойи дигар нарафтааст ва амсоли инҳо. Танҳо баъди чунин санҷишҳоро гузаронида боварӣ ҳосил кардан, ки гумонбаршаванда ё айбдоршаванда аз тафтиш пинҳон шудааст, тафтиши пешакӣ бо ҳамин асос бозпурсӣ шуданаш мумкин аст [217, с. 345-346].

Асоси дигари бозпурсии пешакӣ мубталои бемории руҳӣ гаштани шахс ба ҳисоб меравад. Аз мазмуни меъёри ифодашудаи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ чунин бармеояд, ки беморӣ бояд вазнин буда, он барои иштироки шахс дар амалҳои тафтишотӣ имконият надиҳад, вале бояд хусусияти муваққатӣ ва муолиҷашаванда дошта бошад. Бемории гумонбаршаванда ё айбдоршаванда бояд аз ҷониби духтури муассисаи табобатии давлатӣ тасдиқ карда шавад. Лекин, дар ин ҳолат таъйин ва гузаронидани ташхиси (экспертизаи) судӣ-тиббӣ истис-

но намешавад.

Асоси дигари боздоштани тафтиши пешакӣ навоварӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии РСС Тоҷикистон чунин асос пешбинӣ нашуда буд.

Дар сархати 4 қисми 1 моддаи 230 КМҶ ҶТ асоси боздоштани тафтиши пешакӣ дар сурати маҳалли будубоши айбдоршаванда маълум будан, ҳолатҳои зерин номбар карда шудаанд, ки воқеияти иштироки айбдоршавандаро дар парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон мегардонанд.

Дар қиёс қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия дар қисми 3 моддаи 208 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар намудааст: «дар сурате, ки маҳалли будубоши гумонбаршаванда ё айбдоршаванда маълум аст, вале имконияти воқеии иштироки ӯ дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд нест» [179, с. 365].

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир додани сархати 4 қисми 1 моддаи 230 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо матни *«дар сурате, ки маҳалли будубоши айбдоршаванда маълум аст, вале имконияти воқеии иштироки ӯ дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд нест»* аз манфиат холӣ нест, зеро асоси мазкур тамоми ҳолатҳоеро, ки, воқеан, иштирок карда натавонистани айбдоршавандаро ҳамчун асос барои боздоштани тафтиши пешакӣ муқаррар менамояд, дар бар гирифта метавонад. Номгӯи ин гуна ҳолатҳоро, вобаста ба дигаргуниҳо дар ҳаёти ҷомеаи муосир, пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст, аз ҷумла гумонбаршаванда ва ё айбдоршаванда дар мусобиқаҳои варзишӣ, сафари сайёҳӣ ё кӯҳнавардӣ бошад, бо мақсади таҳсил, муолиҷа барои иқомати доимӣ ба хориҷи кишвар равад ё дар корҳои геологии ҷустуҷӯии конҳои маъдани кӯҳӣ, ангишт ё дур аз маҳалли аҳолинишин қарор дошта бошад, инчунин дар маҳалле, ки бинобар ҳодисаи офати табиӣ, ҳозир шудани ӯро ғайриимкон гардонад.

Барои қабули қарор дар бораи боздоштани тафтиши пешакӣ мавҷудияти асосҳои дар боло қайдгардида кифоя нестанд. Барои қабули

қарор дар бораи боздоштани тафтиши пешакӣ риояи иҷрои як қатор шартҳои боздоштан, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба зиммаи муфаттиш бобати иҷрои амалҳои муайяни мурофиавии ҷиноятӣ ва ё супориши андешидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муқаррар карда шудаанд, зарур аст. Бе риояи ин шартҳо қарори муфаттиш оид ба боздоштани тафтиши пешакӣ қонунӣ ва асоснок ҳисобида нашуда, минбаъд боиси монеагии тафтиши ҷиноят ва ошкор намудани он мегардад.

Ҷолиби қайд аст, ки дар ҳолатҳои ғайриимкон будани иштироки айбдоршаванда (судшаванда) дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, таъмини ҳуқуқҳои мурофиавии бо қонун кафолатдодашуда ҳам ба айбдоршаванда ва ҳам ба судшаванда, инчунин ба иштирокчиёни дигари мурофиа (ҷабрдида) ғайриимкон мегардад, ки ин ҳолат мухолифи кафолати иштироки онҳо дар мурофиа аст [378; 374]. Дар ҳолати дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок накардани айбдоршаванда ё судшаванда муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба таври муътадил давом ёфта наметавонанд ва барои боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ зарурат ба миён меояд.

Бо даъвати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ сари вақт ҳозир нашудани иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ, масалан, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва амсоли онҳо, ҳамчун қоида барои давом додани раванди муқаррарии мурофиаи ҷиноятӣ монеа эҷод намекунад. Албатта, дар баъзе мавридҳо иштирок накардани онҳо пешбурди парвандаро мушкил менамояд, вале он барои боздоштани пешбурди парванда асос нашуда, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ мумкин аст барои татбиқи чораи маҷбурии мурофиавӣ, дароз кардани муҳлати тафтиш ё мавқуф гузоштани мурофиаи судӣ боис гардад. Бинобар ин, дар моддаи 230, 265, 286 КМҶ ҶТ иштирок надоштани ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ, шоҳидон ва амсоли онҳоро ҳамчун асос барои боздоштани пешбурди

парвандаи ҷиноятӣ муқаррар накардааст.

Бозбоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ хусусияти муваққатӣ дорад, ки танаффуси тафтиши пешакӣ ва судии парвандаи ҷиноятиро ба миён меорад. Қонунгузор ҳангоми бозбоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ иҷро шудани амалҳои тафтишотиро, ки бидуни иштироки айбдоршаванда ва судшаванда ғайриимкон аст, манъ накардааст, лекин муддати танафусси муваққатиро дақиқ накардааст.

Бинобар ин, дар м.м.230, 265, 286 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад, ки вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда муҳлате, ки парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолати бозбошташуда қарор мегирад, мутобиқи м.75 КҶ ҶТ муқарар карда мешавад. Дар ин муддат оё ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа, беш аз ҳама айбдоршаванда, судшаванда ва ҷабрдида таъмин мешаванд ё не? Ба андешаи мо, зарари ба ҷабрдида аз ҷиноятҳои махсусан вазнин расонидашуда дар сурати бозбоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ бинобар гузаштани муҳлати дар м.75 КҶ ҶТ пешбинишуда бояд аз ҳисоби воситаҳои фонди давлатии расонидани кӯмак ба онҳо, дар асоси санади судӣ пурра ҷуброн карда шавад.

Тибқи қоидаҳои ҷорӣ ҳам дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ пешбурди парвандаи ҷиноятӣ то он даме бозбошта мешавад, ки ҳолатҳои барои бозбоштан асос шудаанд, аз байн нараванд ё ҳолатҳое, ки дар қонун ҳамчун асос барои қатъи парвандаи ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд, ошкор нашаванд.

Мувофиқи қонун дар ҳолате, ки айбдоршаванда ё судшаванда аз тафтиш ё суд пинҳон шудааст ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши онҳо муайян карда нашудааст, маҳалли будубоши айбдоршаванда ё судшавандаро муайян мекунад ва агар ӯ пинҳон шуда бошад, барои ҷустуҷӯи вай чораҳо меандешад. Бинобар бозбоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ кадом амалҳои ғайримурофиавиро иҷро кардани муфаттишро қонун мушаххас нишон надодааст. Чораҳои андешидашаванда, пеш аз ҳама, вазифадор карда шудани мақомоти

дахлдор барои иҷрои чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ мебошанд [315, с. 27-40].

Аз лаҳзаи ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ ба суд таъин кардани маҷлиси судӣ ва омодагӣ ба он марҳилаи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ оғоз мешавад, ки дар ҷараёни он судя, масъалаи гунаҳкор ё бегуноҳии судшавандаро пешакӣ ҳал накарда, барои баррасии маҷлиси судӣ кофӣ будани маводи парвандаи ҷиноятӣ, мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеиро барои таъин кардани маҷлиси судӣ, мавриди санҷиш қарор медиҳад ва амалҳои омодагиро ба маҷлиси судӣ анҷом медиҳад. Қаблан ин марҳила «басуддиҳии айбдоршаванда» номида мешуд (КМҶ ҶТ - 1961) [46].

Яке аз кафолатҳои ҳалли ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаи ҷиноятӣ ин риояи дақиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он мебошад. Инро ба назар гирифта, 23 декабри соли 2011 Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи таҷрибаи аз тарафи судяҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ марбут ба таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба онро қабул намудааст [24, с. 232].

Профессор Н.А. Қудратов қайд мекунад, ки ҳангоми таъини муҳокимаи судӣ ба далелҳо танҳо аз нуқтаи назари барои баррасии парванда кофӣ буданашон баҳо дода шуда, судя масъалаи гунаҳгор будан ё набудани айбдоршавандаро дар қарори таъин намудани парванда ба маҷлиси судӣ ҳаллу фасл намояд [144, с. 360]. Бо ин адешаҳои муаллиф розӣ шуда наметавонем зеро баргузории маҷлиси судиро қонунгузор дар ин марҳала муқаррар накардааст.

Муаллифони дигар доир ба ин масъала қайд мекунанд, ки таъин кардани маҷлиси судӣ ва омодагӣ ба он – ин марҳилаи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар ҷараёни он судя, масъалаи гунаҳкор ё бегуноҳии судшавандаро пешакӣ ҳал накарда, барои баррасии маҷлиси судӣ кофӣ будани маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ ва

воқеиро барои таъин кардани маҷлиси судӣ, мавриди санҷиш қарор медиҳад ва амалҳои омодагиро ба маҷлиси судӣ анҷом медиҳад [179, с. 402]. Доир ба ин масъала ақидаи дигари ғалатро қайд кардан мумкин аст, ки мувофиқи хулосаҳои муаллифон «судя ин масъалаҳоро ҳал намуда, дар бораи ба суд додани айбдоршаванда судя қарор ва суд бошад таъинот мебароранд» [159, с. 412]. Ин хел қоидаро қонун пешбинӣ намекунад. Ақидаи муаллиф ба қонун мувофиқат накарда, қоидаи қаблан пешбиникардаи КМҶ ҶСШ Тоҷикистонро (с.1961) ифода мекунад.

Бо андешаҳои А.Э. Раҳматулоев розӣ шудан мумкин аст, чунки судя дар ин марҳила ва умуман «дар бораи ба суд додани айбдоршаванда» қарор қабул намекунад ва дар ин марҳила ва умуман «маҷлиси амардиҳӣ» баргузор намешавад [179, с. 403].

Марҳилаи мазкур нисбати марҳилаи тафтишоти пешакӣ давраи санҷишӣ буда, нисбати марҳилаи маҷлиси судӣ марҳилаи омодагӣ (тайёрӣ) мебошад. Марҳилаи номбурда қоидаҳои мурофиавиеро дар бар гирифтааст, ки бо ёрии онҳо дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ риоя шудани талаботи пурра, ҳаматарафа ва холисона муқаррар карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, мавриди санҷиши судя қарор дода мешаванд. Муаллифон А.Э. Раҳматулоев, З.Б. Авезова, А.И. Иноятова қайд мекунанд, ки ин марҳила ифодакунандаи функсияи назорати судӣ оид ба риоя ва иҷрои қонунҳои мурофиавӣ ва ҷиноятӣ мебошад [179, с. 455].

Таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва ақидаҳои олимон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи омодагӣ ва таъин кардани маҷлиси судӣ ин заминаи пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ аст. Лекин дар ин марҳила масъалаи асосии мурофиавӣ ҳалли худро намеёбад, чунки ин марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ функсияи (таъиноти) худро дорад:

1) функсияи санҷишӣ;

2) функсияи тайёрӣ ё омодагӣ.

а) тамоми амалҳои иҷрошуда ва қарорҳои мурофиавии қабулшуда мутобиқ ба талаботи қонун мавриди санҷиш қарор дода мешаванд;

б) функсияи омодагии (тайёрӣ) ин марҳила дар он ифода мёбад, ки камбудиҳо ё норасоии дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ҷойдошта, ба қадри имкон бартараф карда мешаванд, агар бартараф кардан аз ҳадди ваколати судя берун набарояд; масъалаи иҷозат додан барои иштирок дар маҷлиси судӣ, талаб кардани ҳуҷҷатҳо, маълумотнома, баррасии дархостҳо, муайян кардани вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ дар ин марҳила ҳалли худро меёбанд [219, с. 187].

Барои ҳалли масъалаи даъват карда шудани шоҳидон, таъин карда шудани экспертизаи такрорӣ ё иловагӣ, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, ба парванда ҳамроҳ карда шудани маводи дигар, беэътибор донистани далелҳои бо роҳҳои ғайриқонунӣ ҷамъовардашуда, тағйир ё бекор кардани чораи пешгирӣ, татбиқи чораҳои таъмини даъвои гражданӣ ва ғ.), ки вазифаи бевоситаи суд ба шумор мераванд, иштироки тарафҳоро бояд суд ҳал намояд.

Марҳилаи таъин карда шудани маҷлиси судӣ дар низоми мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти хоса дошта ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ шароит муҳайё мекунад. Ин марҳилаи мурофиавӣ, натиҷаи пайдарҳам иҷро гаштани амалҳои мурофиавӣ ва ҳалли масъалаҳои дар қонун номбаршуда буда, аз рӯйи қоидаҳои муайянкардаи қонун амалӣ мешавад [178, с. 478]. Яъне, пеш аз таъин кардани муҳокимаи судии парванда якчанд масъалаҳои мурофиавӣ бояд дар марҳилаҳои тосудӣ ва ибтидои муҳокимаи судӣ ҳалли худро ёбанд.

Омодагӣ ва таъин карда шудани маҷлиси судӣ оид ба баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ танҳо баъди хотима ёфтани тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ амалӣ шуда метавонад, ки барои баргузории муҳокимаи судӣ шароит ба вуҷуд меорад [206, с. 217].

Тибқи м. 265 КМҶ ҶТ боздоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, бинобар аз суд пинҳон шудани айбдоршаванда (агар маҷлиси судӣ таъин нашуда бошад судшаванда эътироф намешавад) бо сабабҳои дигар муайян карда нашудани маҳалли будубоши ӯ алоқаманд карда

шудааст. Аз рӯйи асоси қайдгардида судя пеш аз қабули қарор дар бораи бозгоштани пешбурди судӣ, прокурорро вазифадор мекунад, ки воқеияти ҳозир будани айбдоршавандаро дар макони пешбурди судӣ бояд муайян намояд [166, с.69-90]. Барои ин прокурор мақомоти корҳои дохилиро вазифадор мекунад, ки бояд ҷойи истиқомати вайро санҷанд, аъзоёни оила, ҳамсоягонро дар бораи эҳтимолияти ҷои қарор доштаи айбдоршаванда пурсад, санҷад, ки оё ӯ дар беморхона бистарӣ нашудааст, ба хизмати ҳарбӣ даъват нашудааст, аз рӯйи парвандаи ҷиноятии дигар дастгир нашудааст, ба сафари хизматӣ нарафтааст, барои таҳсил ё сайёҳат ба ҷои дигар нарафтааст ва амсоли онҳо. Танҳо баъди чунин санҷишҳоро гузаронида боварӣ ҳосил кардан, ки айбдоршаванда аз суд пинҳон шудааст ва аз ҳозир шудан ба маҷлиси судӣ саркашӣ мекунад, пешбурди судӣ бо ҳамин асос бозгошта шуданаш мумкин аст [272, с. 5].

Ҳангоми бозгоштани пешбурди парванда бо асосҳои пинҳон шудани айбдоршаванда ва ё агар маҳалли будубоши ӯ маълум нест, судя парвандаи ҷиноятиро барои эълон кардани ҷустуҷӯи айбдоршаванда ба прокурор бармегардонад (м.265 КМҶ ҶТ). Лекин, «ба прокурор баргардонида шудани парвандаи ҷиноятӣ», мантиқан ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудани парвандаи ҷиноятиро ифода кардааст. Қонунгузор ҳангоми ошкор шудани вайронкунии қонун ба тафтиши иловагӣ ирсол кардани тамоми маводҳои парвандаро имконпазир медонад, ки ихтилофи ин меъёрҳоро ба миён меорад. Албатта, мақсади баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор барои «тафтиши иловагӣ» ва «ҷустуҷӯи айбдоршаванда» бо тартиб ва доираи масъалаҳои мурофиавӣ фарқияти худро доранд, лекин тибқи м.264 КМҶ ҶТ, ҳарчанд «ҷустуҷӯи айбдоршаванда» ҷузъи муҳимми тафтиши пешакиро ташкил диҳад ҳам, лекин ҳамчун асос барои баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор барои тафтиши иловагӣ пешбинӣ намешавад.

Ба андешаи мо, азбаски парвандаи ҷиноятӣ ба таъини баррасии суди

пешниҳод шудааст, дар чунин мавридҳо назорати судии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ идома ёфта, аз ҷониби судя мақомоти таъқиби ҷиноятӣ барои ҷустуҷӯ, дастгир кардан ва маҷбуран овардани айбдоршаванда ё судшаванда бояд вазифадор карда шаванд.

Ҷустуҷӯи судшаванда ҳангоми боздоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ бояд дар асоси қарори судя аз ҷониби прокурор эълон шавад. Дар қарори судя бояд муҳлати ниҳоии иҷрои ҳамин қарор ва имконияти дароз карда шудани он бояд нишон дода шаванд. Супориш ва дастуре, ки прокурор ба кормандони таҳқиқ медиҳад, аз рӯйи мазмун ва мақсади худ ниҳоят гуногун шуда метавонанд, ки нусхаи он бояд ба судя пешниҳод гардад. Новобаста аз он, ки мазмуни дастур ва супориши прокурор муайян кардани ҷойи қарор доштани айбдоршавандаи (судшаванда) аз суд пинҳон ё саркашӣ карда ва шахсияти ӯро [187, с. 17] дар бар мегиранд, дар як вақт ин масъалаҳо бояд мавзуи назорати судиро ҳам ташкил диҳанд.

Судя имконият пайдо мекунад, зимни боздошта шудани пешбурди парванда ва андешидани чораҳои ҷустуҷӯӣ мустақилона камбудиҳои амалияро ошкор ва сари вақт бартараф намояд ва нисбати шахсони масъул қарори хусусӣ барорад.

Ба доираи масъалаҳое, ки мавзуи назорати судиро ташкил медиҳанд, инҳоро номбар кардан мумкин аст:

1) оё маълумот дар бораи хешовандони наздики айбдоршаванда (судшаванда), ҷойи истиқомат, ҷойи кор, таҳсил, ё ҷойи хизмати ҳарбии айбдоршаванда (судшаванда), бо мақсади пайдо кардани ҷойи эҳтимолии қарор доштани айбдоршаванда (судшаванда) ҷамъ оварда санҷида шудаанд?

2) оё азназаргузаронии объектҳои алоҳида (таҳхона, болохона, сохтмонҳои нотамоми алоҳида иҷро шудааст?

3) оё муносибат ва ё муомилаи айбдоршаванда (судшаванда) бо шахсоне, ки дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба сифати шоҳид ҷалб нашудаанд, муайян шудааст?

4) чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо мақсади пайдо кардани шахсони воқиф аз ҷойи қарор доштани айбдоршаванда ва аниқ кардани ҳолатҳое, ки ба ҷустуҷӯи судшаванда мусоидат мекунанд, чӣ натиҷа додаанд?

5) натиҷаи ҷалби воситаҳои ахбори маҳаллӣ бо хабардор кардан оид ба ҳодиса, нишонаҳои хосаи ҷиноятқор ва дархост барои кӯмак расонидан дар муқаррар кардани ҷойи пинҳон шудани шахсони дар ҷустуҷӯ қарордошта?

6) оё дар нуқтаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, тиббӣ ба аҳолӣ; муоинаи техникии нақлиёт, бо мақсади муайян кардани ҷойи пинҳон шудани айбдоршаванда (судшаванда) чораҳои ҷустуҷӯӣ гузаронида шудаанд?;

7) дар нуқтаҳои хизматрасонии нақлиёт санҷиши ҳуҷҷатҳое, ки баромад ва баргашти нақлиёти шахсиро барои давраи муайян инъикос мекунанд;

8) дар нуқтаҳое, ки пайдо шудани айбдоршаванда (судшаванда) имконпазир мебошад (ҷойҳои қарор гирифтани нақлиёти мусофиркашон ва роҳи оҳан, фурудгоҳ ва ғайра) мушоҳида ё чораҳои дигари ҷустуҷӯӣ гузаронида шудаанд?;

9) кадом чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида шуданд ва чӣ гуна натиҷа дод?.

Номгӯи масъалаҳое, ки дар вақти ҷустуҷӯӣ айбдоршаванда (судшаванда) ба миён меоянд, маҳдуд намешавад, лекин мазмуну мақсади ҳалли онҳо ягона аст, бартараф кардани ҳолате, ки дар қарори судя нишон дода шуда, ба пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ монеъ шудааст [186, с. 85].

Ҷустуҷӯи айбдоршаванда (судшаванда) пинҳоншуда ва ё шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ

кашида шаванд, мумкин аст то тамом шудани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, барои ҷинояти содиршуда давом дода шавад. Баъд аз ба охир расидани чунин мухлатҳо пешбурди парвандаҳои ҷиноятии бозгошташуда, бояд аз ҷониби судя қатъ карда шавад, агар қонуни ҷиноятӣ барои содир кардани чунин ҷиноят ҷазои якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё қатлро пешбинӣ накарда бошад.

Дар қонун пешбинӣ шудани ин пешниҳод нишон медиҳад, ки:

- суд мақомоти мустақил аст, салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатиро дорад ва новобаста аз мавқеи тарафҳо амал мекунад;

- риоя ва иҷрои санади судӣ ба тамоми мақомот ва шахсони мансабдор хусусияти ҳатмӣ дорад;

- пешбурди минбаъдаи парвандаи бозгошташуда таҳти назорати суд қарор мегирад;

- барои бартараф шудани ҳолатҳое, ки ба баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ монеъ шудааст, назорати судӣ ҷорӣ шуда, сатҳи масъулиятшиносии мақомоти таъқиби ҷиноятиро баланд мебардорад;

- судя сари вақт баргузор шудан ва самаранокии чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҷорӣ шудани муҳлати мурофиавиро назорат мекунад;

- барои таъмини кафолати ҳимояи шахсони аз ҷиноят зарардида, сари вақт чораҳои амалӣ андешида мешаванд.

Асоси дигари бозгоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ беморӣ ба ҳисоб меравад. Аз мазмуни меъёри ифодашудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ чунин бармеояд, ки беморӣ бояд вазнин буда, он барои иштироки шахс дар амалҳои судӣ имконият надиҳад, вале бояд муваққатӣ ва муолиҷашаванда бошад.

Албатта муайян кардани муҳлати умумӣ ё ниҳоии муолиҷаи бемории руҳӣ ё вазнини айбдоршаванда ё судшаванда ғайриимкон аст. Бинобар ин, муҳлати дар кадом муддат парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолати бозгошташуда қарор мегирад, муайян нашудааст. Лекин ба андешаи мо,

дар ин ҳолатҳо муҳлати ниҳоӣ ва имконияти дароз кардани давомнокии муолиҷаро аз рӯйи хулосаи муассисаи давлатии тиббӣ, дар қиёси м.м. 437, 451 КМҶ ҶТ муқаррар кардан мумкин аст. Ин пешниҳод имконият медиҳад, ки:

а) ҳолате, ки боиси бездоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гаштааст, дақиқ ва сари вақт бартараф шавад;

б) барои бартараф шудани ҳолатҳое, ки ба баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ монеъ шудаанд, назорат ҷорӣ шуда, ҷорӣ шудани муҳлат низ таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор мегирад;

в) фаъолияти муассисаи тиббӣ, ки муолиҷаро ба зимма гирифтааст таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор дода шуда, ҳисси масъулиятшиносии онҳо баланд мегардад;

г) барои таъмини кафолати ҳимояи шахсони аз ҷиноят зарардида дар ин муддат чораҳои амалӣ андешида мешаванд;

д) рафтори зиддиҳуқуқии айбдоршаванда ва судшаванда, ки парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо бездошта шудааст, пешгирӣ карда мешавад.

Барои таъмини саривақт баргузор шудани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо айбдории якчанд нафар (ҷиноятҳои аз ҷониби гурӯҳ содиршуда), дар сурати ғайриимкон будани баррасии парвандаи ҷиноятӣ ҷудо аз қисме, ки асосҳои бездоштан мавҷуд аст, пешбурди тамоми парванда бояд пурра бездошта шавад. Ин пешниҳод татбиқи дақиқи қоидаҳои дар м.м.265, 280, 286 КМҶ ҶТ пешбинишударо таъмин хоҳад кард.

Ҳолате, ки чун асоси воқеии бездоштани пешбурди судӣ таҳлилро талаб мекунад, ба суроғаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон агар пешниҳод дар бораи конститутсионӣ будани қонуни дар ҳамин парванда татбиқшуда ирсол гардад. Чунин ҳолат ҳамчун асоси бездоштани пешбурди судӣ қаблан дар қонун пешбинӣ нашуда буд ва

дар марҳилаи тафтиши пешакӣ низ муқаррар нашудааст. Пешниҳоди судя дар ин бора дар шакли хаттӣ бо замимаи маводҳои парвандаи ҷиноятӣ равона мешавад [438, с. 53].

Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди воридшударо ба судяи Суди конститутсионӣ барои омӯзиш ва санҷиш медиҳад. Судя пешниҳодро тафтиш намуда, дар муддати як моҳ ба Суди конститутсионӣ дар бораи оғоз кардани мурофиаи Суди конститутсионӣ ё рад кардани оғози мурофиаи Суди конститутсионӣ таклиф мегузорад. Суди конститутсионӣ таклифи судяро баррасӣ намуда, дар бораи оғоз кардани мурофиаи Суди конститутсионӣ таъинот мебарорад ва ба судя супориш медиҳад, ки парвандаро ба маҷлиси Суди конститутсионӣ тайёр намояд ё дар рад кардани оғози мурофиаи Суди конститутсионӣ таъинот мебарорад ва маводро ба судяи пешниҳод ирсолкарда бармегардонад.

Дар мавриди оғоз шудани мурофиаи суди конститутсионӣ Суди конститутсионӣ метавонад бо таъиноти худ то дида баромадани парванда амали санади баҳсшавандаро боздорад, ки дар ин маврид ҳам муҳлат дақиқ нест [3].

Агар санади судӣ бинобар ғайриконститутсионӣ будан беэътибор дониста шавад, дар ин сурат Суди конститутсионӣ дар доираи далелҳо ва мулоҳизаҳои дар пешниҳодот баёнгардида маҳдуд намешавад. Бекор ё аз эътибор соқит шудани санаде, ки конститутсионӣ будани он мавриди баҳс қарор гирифтааст, боиси қатъ шудани мурофиаи Суди конститутсионӣ шуда метавонад.

Аз қоидаҳои таҳлилшуда бармеояд, ки муҳлати бартараф шудани ин ҳолат ҳам чун асоси боздошта шудани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ номуайян аст ва дақиқ нест. Бинобар ин, ҳангоми ирсол шудани пешниҳод бо асосҳое, ки боиси боздоштани таъини маҷлиси суд гаштааст, судя пешакӣ бояд якчанд масъалаҳои ба ҳамин парванда аҳаммиятидоштаро ҳал кунад, ки боиси маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мегарданд, аз ҷумла масъалаи чораи

пешгирӣ нисбати айбдоршаванда ва чораҳои барои таъмини даъво ё иҷрои ҳукм қаблан андешидашуда, тақдири далелҳои шайъӣ ва ғайраҳо.

Масъалаи дигар, судя бо маводҳои пешниҳодшуда маҳдуд нашуда, мустақилона новобаста аз хулосаи айбдоркунӣ ба таъини маҷлиси судӣ кофӣ будани маводи ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро мавриди санҷиш ва баҳодиҳии ҳуқуқӣ қарор медиҳад. Судя ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ аз лаҳзаи ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ ба суд то таъини маҷлиси судӣ экспертиза низ таъин кунад (м.м.265,286 КМҶ ҶТ), ки боиси боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мегардад.

Ба андешаи мо ва амалияи судӣ [23, с. 315] ҳангоми зарурати таъини экспертиза, ки боиси боздоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ мегардад, якчанд шартҳо бояд ба назар гирифта шаванд:

1. Зарурати таъини экспертиза ба миён ояд, ҳангоми ошкор шудани чунин ҳолатҳо:

а) ҳангоми бо дархости тарафҳо ба суд пешниҳод ва ё аз ҷониби суд талаб карда гирифта шудани маводи нав, ки таҳқиқоти махсусро дар соҳаи илм, тиб, техника, ё ягон соҳаи дигар талаб мекунад;

б) бо мақсади аниқ кардани саҳеҳӣ, эътимоднокии хулосаи экспертизаи қаблан таъин ва иҷрошуда;

в) дар сурати ҷой доштан ё маълум шудани ҳолатҳои преюдитсионалӣ;

2. Кафолати мурофиавии иштирокчиёни мурофиа ҳангоми таъини экспертиза таъмин шуда бошад.

Зарурати таъини экспертиза дар марҳилаи тафтиши пешакӣ ва судӣ низ муқаррар шудааст, лекин дар фарқият аз ҳалли ин масъала дар марҳилаҳои судӣ, таъини экспертизаро ҳамчун асоси боздоштани тафтиши пешакӣ қонун пешбинӣ накардааст.

Бинобар ин, дар м.230 КМҶ ҶТ таъини экспертиза ҳамчун асоси боздоштани тафтиши пешакӣ ва муҳлати ниҳоии экспертиза бо

имконияти дароз карда шудани ин муҳлат бояд нишон дода шавад, ки дар натиҷа:

а) зарурати дароз карда шудани муҳлати тафтиши пешакӣ ва расмиёти он аз байн меравад;

б) рафтори зиддиҳуқуқии айбдоршаванда, ки парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ боздошта шудааст, назорат ва пешгирӣ карда мешавад;

в) фаъолияти эксперт, муассисаи экспертӣ, ки таҳқиқотро ба зимма гирифтааст таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор дода шуда, ҳисси масъулиятшиносии онҳо баланд мегардад;

г) барои таъмини кафолати ҳимояи шахсони аз ҷиноят зарардида чораҳои амалӣ андешида шаванд.

Чунин пешниҳод ба самаранокӣ ва сарфаи вақти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунад, ки ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ аст (м.2 КМҶ ҶТ).

Суд дар ҷараёни пешбурди тафтиши судӣ тибқи м.м. 286, 311-327 КМҶ ҶТ пешбурди амалҳои судии тафтишӣ, аз ҷумла таъин кардани экспертизаро ба зимма мегирад. Акнун маълумоти ба суд пешниҳодгардида тибқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар пайдарҳамӣ тибқи тартиби муайянкардаи қонун анҷом дода мешаванд [148, с. 185].

Ташхис нисбати ҷабрдида ва шоҳидоне, ки аз ҷониби суд номукаллаф эътироф шудаанд, бо розигии хатии намояндагони қонунии онҳо иҷозат дода мешавад [144, с 235].

Агар ташхиси иловагӣ ё такрориро тарафҳо низ дархост намоянд, судя қарори худро дар бораи таъини ташхис тағйир медиҳад ё ба он илова медарорад. Агар дархост рад шавад, шахси дархостдода дар ин бора бояд хабардор карда шавад [22].

Лекин таҳлили мо нишон медиҳад, ки дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси суд, ки пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, бинобар таъин шудани экспертиза боздошта мешавад (м.265 КМҶ ҶТ)

иштирокчиёни мурофиа, аз ҷумла айбдоршаванда (судшаванда), ҳимоятгар, ҷабрдида, намояндаи ҷабрдида, намояндагони даъвогари граждани ва ҷавобгари граждани дар ҳалли ин масъала иштирок намекунанд, бо қарори судя ва хулосаи эксперт шинос карда намешаванд ва аз ҳуқуқҳои худ, ки номбар шуданд, беасос маҳрум мешаванд.

Ҳангоми ба суд ворид шудани маводи парванда зарурати тағйир додан ё бекор кардани чораи маҷбурии татбиқгардида ва андешидани чораҳои таъмини даъворо судя ҳал мекунад ва оид ба бартараф карда шудани ҳолатҳои ба таъини маҷлиси суд монеъшаванда қарори дахлдор қабул мекунад.

Ҳарчанд судя салоҳияти тағйир додан ва қатъ кардани чораҳои пешгирии қаблан татбиқшударо дошта бошад ҳам, тибқи қонун интихоб, тағйир додан ва ё бекор кардани чораҳои пешгири, ки ҳуқуқу озодии шахсро ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунанд (ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан), инчунин татбиқи чораҳои дигари пешгири, монанди кафолати шахсӣ, таҳти назорат супоридани ноболиғ ва гарав бе иштироки тарафҳо имконнопазир аст.

Судя метавонад бо қарори худ андешидани чораҳои пешбиникардаи қонунро (м.116 КМҶ ҶТ) ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар ва иҷрои ҷазо ба зиммаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ вогузор намояд, лекин барои ҳалли ин масъалаҳо даъват шудани тарафҳо ва шахсони манфиатдор на танҳо кафолати мурофиавии ҳимояи ҳуқуқу озодиро таъмин мекунад, балки мумкин аст, бо ташаббуси тарафҳо зарурати тағйир додан ё бекор кардани чораи пешгирии интихобгардида ва андешидани чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳукм аз байн равад ё умуман зарурати бекор кардани ҳабси молу мулки қаблан татбиқшуда ба миён ояд. Лекин, дар қонун (м.262 КМҶ ҶТ) ҳалли ин масъалаҳо бе иштироки тарафҳо пешбинӣ шудааст, ки мухолифи кафолатҳои мурофиавӣ ва шарти умумии муҳокимаи судӣ, монанди баробарҳуқуқии тарафҳо, муҳокимаи ошкоро ва бевосита шуда метавонад.

Дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судӣ низ масъалаҳои мурофиавӣ, ки қонунгузор муайян кардааст, бояд бо иштирок ё ташаббуси тарафҳо мавриди баррасӣ қарор ёбад, ки он аз салоҳдиди судя вобаста аст. Бинобар ин, муаллифони алоҳида ба ин муаммо диққат дода, дар чунин ҳолатҳо амалишавии мустақилияти суд ва салоҳияти истисноии судро дар ҳалли ин масъалаҳо шарти муҳим мешуморанд [344, с. 30].

Чунки дар мавриди бождоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ дар асоси яке аз ҳолатҳое, ки м.265 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, молу мулки таҳти ҳабс қарор дошта то кадом мухлат бояд нигоҳ дошта шавад, дар қонун дақиқ нашудааст. Дар сурати бождошта шудани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ ва татбиқ гаштани м.75 КҶ ҶТ, масъалаҳои мантиқан дуруст ба миён меоянд, монанди оё муҳлати зиёд нигоҳ доштани амволи дар ҳабс қарордошта (15-20 сол) боиси паст шудани арзишу сифати он намегардад ё амвол дар ин муддат умуман, қисман ё пурра коршоям намешавад, ё нигоҳдории он хароҷоти зиёдро талаб намекунад, хароҷот нигоҳдории амволи дар ҳабс қарордошта ба зиммаи кӣ вогузор мешавад (?).

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлил пешниҳод мекунем, ки:

1) бо мақсади таъмини беғаразии судя, дар м.62 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад, ки судяе, ки қарори интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятӣ ва андешидани чораҳои таъмини даъвои граждани ва иҷрои ҳукмро баррасӣ кардааст, минбаъд зимни мохиятан муҳокима шудани парванда иштирок накунад.

2) барои баратараф карда шудани маҳдудиятҳои ҳимоя дар сурати то таъини маҷлиси суд ба миён омадани зарурати аз ҷониби судя қабул шудани қароре, ки ҳуқуқу озодии шахсро муваққатан ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунад, инчунин зимни андешидани чораҳо (дар намуди ҳабси молу мулк) иштироки тарафҳо дар муҳоимаи он бо салоҳдиди судя таъмин карда шавад.

3). Дар матни қонун истифодаи калимаву ибораҳо ё мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногуни ҳаммаъно норавост [11]. Аз ин рӯ, агар матн ва мазмуни баъзе аз қоидаҳои мурофиаи ҷиноятиро мавриди таҳлил қарор диҳем, маълум мешавад, ки баъзе мафҳумҳои мурофиаи ҷиноятӣ нодуруст ифода ёфтаанд. Ин сабабгори мухолифати меъёрҳои гуногун мегардад. Азбаски дар қоидаҳои боздоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ мафҳуми «кофтуков» нишон дода шудааст, барои бартараф кардани ихтилофи меъёрҳо дар ҳамин қоида бояд ин мафҳум бо истилоҳи «ҷустуҷӯ» иваз карда шавад. Зеро истилоҳи «кофтуков» танҳо як амали тафтиширо дар шакли маҳдуд дар бар мегирад, аз ин лиҳоз, дар ин меъёр пешбинӣ шудани истилоҳи «ҷустуҷӯи судшаванда» имконияти васеи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро нишон медиҳад, ки барои ошкор ва маҷбуран ҳозир кардани судшавандаи пинҳоншуда самаранок ва хеле ногузир аст, агар чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо сохторҳои дигари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли ҷомеа амалӣ гарданд [10; 237, с. 137].

4) Дар м.м.230, 265, 286 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вазифадор аст, ки дар ҳамин қарор бекор карда шудан ё дароз карда шудани давомнокии ҳабси молу мулк, тақдири далелҳои шайъӣ ва ба манфиати ҷабрдида рӯёнидани товони зарарро аз ҳисоби фондҳои махсуси иҷтимоӣ инъикос намоянд.

Ҳамин тариқ:

1. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар қисми 1 м.286 КМҶ ҶТ давомнокии муҳлати мавқуфгузории муҳокимаи судӣ, набояд аз 5 шабонарӯз зиёд бошад.

2. Дар матни м.м.230, 265, 286 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад, ки вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда *давомнокии муҳлате,* ки парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолати бозгошташуда қарор мегирад, мутобиқи м.75 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

3. Пешниҳод мешавад, ки зарари ба ҷабрдида аз ҷиноятҳои махсусан вазнин расонидашуда дар сурати боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ, бинобар гузаштани муҳлати дар м.75 КҶ ҶТ пешбинишуда, бояд аз ҳисоби воситаҳои фонди давлатии расонидани кӯмак ба онҳо, дар асоси санади судӣ пурра ҷуброн карда шавад.

6. Ҳангоми эълон карда шудани ҷустуҷӯӣ судшавандаи пинҳоншуда парвандаи ҷиноятӣ дар ҳаҷми пурра ба прокурор баргардонида нашавад (м.265 КМҶ ҶТ). Чунки ҷустуҷӯи айбдоршаванда ё судшаванда ҳамчун асоси баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ дар м.264 КМҶ ҶТ пешбинӣ нашудааст.

Бо ҳамин қарор судя метавонад дар доираи салоҳияти худ андешида шудани ҳамаи чораҳои ҷустуҷӯӣ, натиҷаҳои он, инчунин риоя шудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, муқаррароти қонун ё камбудиҳоеро, ки зимни боздошта шудани пешбурди парванда ва андешидани чораҳои ҷустуҷӯӣ ошкор карда мешаванд, сари вақт муайян ва бартараф намояд ва нисбати шахсони масъул қарори хусусӣ барорад.

4. Асоснок шудааст, ки дар ҳолатҳои бо қарори судя ё таъиноти суд боздоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ (м.м. 265, 286 КМҶ ҶТ) муҳлати ниҳоӣ ва имконияти дароз кардани давомнокии муҳлати иҷрои чораҳое, ки барои бартараф кардани ҳолатҳои ба маҷлиси суд монеашавада муҳимманд, муайян карда шавад. Ин пешниҳод имконият медиҳад, ки:

а) ҳолате, ки боиси боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гаштааст, сари вақт бартараф шавад;

б) барои бартараф шудани ҳолатҳое, ки ба баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ монеъ шудааст, назорат ҷорӣ шуда, ҷорӣ шудани муҳлат низ таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор мегирад;

в) фаъолияти муассисаи тиббӣ, ки муолиҷаро ба зимма гирифтааст

таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор дода шуда, ҳисси масъулиятшиносии онҳо баланд мегардад;

г) барои таъмини кафолати ҳимояи шахсони аз ҷиноят зарардида дар ин муддат чораҳои амалӣ андешида мешаванд;

д) рафтори зиддиҳуқуқии айбдоршаванда ва судшаванда, ки парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо боздошта шудааст, пешгирӣ карда мешавад.

5. Пешниҳод шудааст, ки дар м.230 КМҶ ҶТ таъини экспертиза ҳамчун асоси боздоштани тафтиши пешакӣ ва муҳлати ниҳоии пешниҳоди хулосаи экспертиза муқаррар шавад. Бинобар ин:

а) масъалаи тағйир дода шудани давомнокии муҳлати тафтиши пешакӣ ҳалли худро меёбад;

б) рафтори зиддиҳуқуқии айбдоршаванда, ки парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ боздошта шудааст, назорат ва пешгирӣ карда мешавад;

в) фаъолияти эксперт, муассисаи экспертӣ, ки таҳқиқотро ба зимма гирифтааст, таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор дода шуда, ҳисси масъулиятшиносии онҳо баланд мегардад;

г) барои таъмини кафолати ҳимояи шахсони аз ҷиноят зарардида чораҳои амалӣ андешида шаванд.

12. Муаллиф бо хулосаҳо асоснок кардааст, ки дар м.м.230, 265, 286 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вазифадор аст, ки дар ҳамин қарор бекор карда шудан ё дароз карда шудани муҳлати ҳабси молу мулк, тақдири далелҳои шайъӣ ва *имконияти* (пурра ё қисман) ба манфиати ҷабрдида рӯёнидани товони зарарро аз ҳисоби фондҳои махсуси иҷтимоӣ инъикос намоянд.

5.2. Асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти масъалаҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро мавриди муҳокима қарор дода, қайд карданд, ки камбудиҳо ва мушкилоти дар амалия ошкоршуда боиси нигаронианд.

Солҳои сипаригашта қариб ҳазору дусад парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла аз ҷониби судҳо панҷсаду сию чор парванда ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст. Баъди тафтишоти иловагӣ қариб ҳаштсад парванда дубора ба судҳо ирсол гардида, як саду шаст парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи худи мақомоти тафтиш қатъ карда шудаанд.

Яъне оид ба ҳазору яксаду панҷоҳу нӯҳ парвандаи ҷиноятӣ на танҳо айбдоршавандагон, балки шоҳидону хешу таборони онҳо такрор ба такрор ба мақомот даъват гардидаанд, ки ҳамаи ин вақт ва маблағи иловагиро талаб мекунад. Зиёда аз як саду шаст парвандаи қатъгардида бошад, нишон медиҳад, ки ҳамин қадар айбдоршавандаҳо беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд [65].

Дар натиҷаи таҳлили солҳои 2011-2013 215 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 302 нафар шаҳрвандон барои тафтиши иловагӣ ва 49 парвандаи ҷиноятӣ ба судҳо баргардонида шудааст, ки дар маҷмуъ 22,7 % ташкил медиҳад. Дар давраи солҳои 2009-2019 судҳо нисбати 891 нафар шаҳрвандон 610 парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ баргардонданд, ки аз ин 466 парвандаи ҷиноятӣ (81,80 %) баъди тафтиши иловагӣ ба судҳо аз нав фиристода нашудааст [67].

Воқеан, дар байни масъалаҳое, ки дар марҳилаҳои судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ баррасӣ мешаванд, масъалаи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ аҳаммияти хоса доранд. Баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ қоидаи

муқаррарӣ ва ё танзими як лаҳзаи мурофиавӣ нест, балки яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки маҷмуи амалҳои мурофиавӣ ва ҳалли масъалаҳои мурофиавиро дар бар гирифтааст.

Тартиб ва асосҳои баргардонидани парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ қонун муқаррар кардааст, лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муаммоҳои назария ва амалияи дар марҳилаҳои судӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ пурра бартараф нашудаанд.

Қонун тартиб ва асосҳои ба тафтиши иловагӣ ва тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятиро дар якчанд меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ, пешбинӣ кардааст, ки онҳо бо меъёрҳои м.м.248, 264,287,371,411 КМҶ ҶТ танзим ёфтаанд.

Аз таҳлили ин меъёрҳо бармеояд, ки шарти умумии ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, бо асос ва тартиби мурофиавӣ аз ҳамдигар фарқият доранд. Лекин асосҳои ҳуқуқии танзимкунанда муносибатҳои мурофиавии судӣ ҳадафи ягона ва умумӣ доранд, онҳо ба бароварда шудани ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона шароит ба вуҷуд меоранд.

Бинобар қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба миён омадани масъалаҳое, ки зимни баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ ба вуҷуд меоянд, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсус «Дар бораи тағрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медароранд» қабул карда буд, ки аз аҳаммияти амалии ин масъалаҳо шаҳодат медиҳад» [22, с. 280-281]. Дар ин қарор қайд шудааст, ки барои ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ноил шудан, тамоми мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вазифадоранд тамоми ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро бо далелҳо исбот кунанд.

Зимни ошкор гаштани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории ҷорӣ барои тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ онҳо асос мешаванд. Лекин, қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ду ҳолати барои тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаро пешбинӣ карда, дар марҳилаҳои дигари судӣ ҳолатҳои дигари баргардонида шудани парвандаи ҷиноятиро ба марҳилаҳои тосудӣ дар канор мондааст, ки онҳо дар меъёрҳои мурофиавии ҷорӣ «ба тафтиши нав ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ» ифода шудаанд.

Воқеан, дар таносуби ин қоидаҳо тафовут ҷой дорад:

1) ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то баргузории маҷлиси суд ва моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, яъне дар марҳилаҳои ҳатмии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст;

2) ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои истисноии (ҳатмӣ нестанд) мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун салоҳияти истисноии суд пешбинӣ мешавад;

3) баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ, то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, ҳатман бекор карда шудани санадҳои қабулшудаи мурофиавӣ пешбинӣ намешавад;

4) дар сурати ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ, дар суди марҳилаи кассатсинӣ ва назоратӣ ҳатман бекор карда шудани санадҳои қаблан аз ҷониби суди марҳилаҳои поёнӣ қабулшудаи мурофиавӣ (ҳукм, қарор, таъинот) пешбинӣ мешавад;

5) асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳои аз ҷониби судя ошкор шудани ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, то баргузории маҷлиси суд, пешбинӣ мешаванд.

Чӣ хеле ки таҳлили меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ҳарчанд асос ва тартиби мурофиавии «ба тафтиши иловагӣ

баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ» ва «ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ» гуногун бошанд ҳам, онҳо ҳадафҳои ягона ва умумӣ дошта, дар мавридҳои ошкор шудани вайронкунии қонун ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешаванд, хатогиҳои ҷойдоштаро бартараф намуда, барои қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шудани муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ шароит ба вуҷуд меоранд.

Яке аз асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби судя то таъини маҷлиси судӣ, ошкор шудани ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Аз ин бармеояд, ки баъзе аз вайронкуниҳои қонун ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ мумкин аст «ҷиддӣ» дониста нашаванд. Монанди, саҳифабандӣ нашудани маводи парвандаи ҷиноятӣ, ба протоколи амали тафтишӣ имзо нагузоштани иштирокчиёни амали тафтишӣ, риоя нашудани тобеияти тафтишии парвандаи ҷиноятӣ, гузаштани муҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, гум шудани маводи парвандаи ҷиноятӣ, ғайриқонунӣ рад кардан аз оғози парванда ё беасос қатъ намудани он, риоя нашудани шартҳои якҷоя ва ҷудо кардани парвандаи ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти ҷинояти содиршуда, ба манфиати ҷабрдида барқарор нашудани зарари аз ҷиноят расида, сари вақт қабул нашудани қарори мурофиавӣ ё эълон нашудани айб ва ё вайронкуниҳои дигари қонун.

Муаллифони ватанӣ И.Т. Махмудов, А.А. Мухиддинов, О.А. Косимов дар таҳқиқоти худ қайд мекунанд, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ низ чунин камбудиҳо ҷой доранд, ки ба самаранокӣ, сари вақт ва пурра кушодани ҷиноят халал мерасонанд [154, с. 221; 315, с. 27-40].

З.Ҳ. Искандаров, Р.Р. Раҳмадҷонзода, А.М. Маҳмадализода, А.Л. Арипов, Э.Ҳ. Каримов камбудиҳои дигарро, ки дар ҷараёни пешбурди

парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ пайваста вомехӯранд ва боиси маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мегарданд, номбар намуда, оид ба бартараф карда шудани онҳо хулосаҳои ҷолибро пешниҳод мекунанд [131; 186].

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф кардани қонунвайронкунӣ дастуру супоришҳо медиҳад, ки «дар сурати ошкор кардани чунин ҳолатҳо, бояд бетаъхир санҷиши ҳамаҷонибаю холисона гузаронида, қарори қонунӣ қабул карда шавад»[17, с. 344]. Мутассифона, дар баъзе мавридҳо санҷишҳои прокурорӣ дар ин самт пурсамар набуда, баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта мусоидат намекунанд. Ҳолатҳои зиёди вайрон намудани муҳлатҳои оғози парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ (парвандаҳои санҷиши пешакии оперативӣ, парвандаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, парвандаҳои оперативӣ-мушоҳидавӣ ва ғайра), иҷрои номатлуби вазифаҳои касбӣ аз тарафи кормандони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба назар мерасанд. Дар асоси парвандаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳаракатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалиёти маҷмуӣ, амалиёти махсус ва чорабиниҳои махсус ба таври дахлдор гузаронида намешаванд ва тибқи ин парвандаҳо ҷиноятҳои дар ҳолати номуайянӣ содиршуда, хеле кам кушода мешаванд [16, с. 353].

Дар назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқвайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро зоҳиран ба вайронкунии «ҷиддӣ» ва ё «ҷиддӣ нестанд» ҷудо кардан ба вазифаҳо, принсипҳо, таъинот ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ мувофиқ нест. Дар амалия ва назария чунин муқаррарот ихтилофи меъёрҳои амалкунанда (м.9 КМҶ ҶТ) ва шарҳу эзоҳи гуногуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро ба миён меорад, татбиқи дуруст ва дақиқи қонунро коҳиш медиҳад. Масалан, дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «ба маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда

кафолатдодаи қонун, *аз ҷумла он* ҳолатҳое дохил мешаванд, ки агар парванда бе иштироки ҳимоятгар мавриди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ қарор гирифта, иштироки ҳимоятгар тибқи қонун ҳатмӣ бошад, ё бо тарзи дигар, ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда барои доштани ҳимоятгар, инчунин дар рафти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда дар бобати истифодаи забони модарӣ ё забони дигаре, ки онро медонанд, ё хизмати тарҷумон ва ғайра вайрон карда шуда бошад» [22, с. 278-279].

Аз ин бармеояд, ки ғайр аз ҳолатҳое, ки дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қисми 1 м.375 КМҶ ҶТ пешбинишуда, ки боиси риоя нашудани кафолати мурофиавӣ мегардад, ҳолатҳои дигари вайронкунии ҷиддии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд доранд, лекин онҳо дақиқ номбар намешаванд. Ин гуна ҳолатҳо (дар шакли ҷамъ ва умумӣ ё носаҳеҳ ифода ёфтани матни меъёр) ба фаҳмиши маҳдуди қоидаҳои мурофиавӣ, ба маҳдуд шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ва дар ниҳоят ба татбиқи нодурусти меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ оварда мерасонад.

Таҳлили ин масъала нишон медиҳад, ки ҳама гуна вайронкунии дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва амалӣ гаштани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷойдошта ва ошкоршуда, мухолифи принсипи қонуният, ҳифзи судӣ ва адолати судӣ аст. Аз ин рӯ, умуман, бояд андешидани чораҳои мурофиавии бартарафкунанда, инчунин аз тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кардрҳо, иҷрои амалҳои ташкилию ташвиқотӣ то моддиву техникӣ ногузиранд, то ки камбудиву норасоиҳои ҷойдошта бартараф ва адолати судӣ, воқеан, амалӣ гардад.

Бинобар ин, Р.Р. Раҳмадҷонзода махсус қайд мекунад, ки нобаробарӣ дар қабули қонунгузории асосӣ ва ба назар нагирифтани хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ва вобастагии байни онҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ боиси ихтилоф ва нофаҳмӣ мегардад.

Тибқи қоидаҳои боби 31 КМҶ ҶТ судя масъалаи баргардонидани парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ танҳо, бе иштироки тарафҳо ҳал мекунад, ҳол он ки тибқи м.м.2, 277 КМҶ ҶТ барои ҳалли одилонаи масъалаи дар суд муҳокимашаванда иштироки тарафҳо бояд таъмин гардад. Оё бе иштироки тарафҳо, ҳалли ғайриошкорои масъалаи ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда, ҷабрдида, намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, даъвогари гражданӣ ва намояндагони онҳоро маҳдуд намекунад? Тафтиши иловагӣ чанд муҳлат давом мекунад? Зеро ки чунин муҳлатро қонун муқаррар накардааст. Оё судя бо қарори худ парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ баргардонида, муҳлати бартараф карда шудани вайронкунии қонунро муқаррар карда метавонад? Чунин салоҳияти судяро м.264 КМҶ ҶТ пешбинӣ намекунад. Дар меъёрҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ низ барои муайян шудани муҳлати «тафтиши иловагӣ» ё «тафтиши нав» ягон муқаррарот мавҷуд нест.

Агар дар қиёс ба тартиби «ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ» эътибор диҳем (қисми 3 м.383 КМҶ ҶТ), ин гуна талабот нисбати қарори судя дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судӣ (м.264 КМҶ ҶТ), ки парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ бармегардонад, бо мазмуни дигар пешбинӣ гардидааст.

Тибқи м.20 КМҶ ҶТ суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва набояд ба маводи парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшуда аз мавқеи «барои айбдорӣ кофӣ» баҳо дода, далелҳои пешниҳодшударо аз нуқтаи назари айбдорӣ дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судӣ мавриди санҷиш қарор диҳад. Тарафҳо бояд дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судӣ дар муҳокимаи ин масъала иштирок карда, бо иштироки худ бояд эътимод пайдо намоянд, ки, воқеан, вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ошкор шудааст, ки ба таъин кардани маҷлиси суд монеъ мешавад.

Иштироки тарафҳо дар ҳалли ин масъала имконият медиҳад, ки баъзе аз камбудиҳои ошкоршуда (масалан, аз ҷониби ҳимоятгар, ҷабрдида ё прокурор ё бо супориши прокурор аз ҷониби муфаттиш ё таҳқиқбаранда) сари вақт бартараф карда шуда, муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар муҳлати муқарраркардаи қонун баргузор гардад. Бинобар ин, баҳри бартараф кардани ихтилофҳои ҷойдошта дар қисми 1 м.264 КМҶ ҶТ асосҳои ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ, то баргузории маҷлиси суд, дар шакли дигар:

«Дар ҳолати ошкор шудани вайронкунии талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки бартараф карда шудани онҳо ҳангоми пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон аст, судя ҳуқуқ дорад парвандаро (на бо ташаббуси худ –Қ.Н.) бо дархости тарафҳо барои тафтиши иловагӣ баргардонад, ки дар ин сурат муҳлати тафтиши иловагӣ аз 30 шабонарӯз зиёд шуда наметавонад».

Ин ҷо бояд илова кард, ки ба вайронкунии қонун, ки аз ҷониби судя ошкор шудааст, ҳамчун вайронкунии қонун, ки бартарафшаванда аст ё не, дар кадом муҳлат ин ҳолатҳо бартараф мешаванд бояд муайян карда шавад, ки фаҳмиши умумӣ ва шарҳи нодурусти вайронкунии «ҷиддии» (ё «ҷидди нест») қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро аз байн мебарад. Ин пешниҳод асоси ҳуқуқӣ низ дорад. Агар дар қиёс ба матни м.287 КМҶ ҶТ эътибор диҳем, мантиқан дуруст қайд мешавад, ки агар бартараф кардани ҳолате, ки ба идомаи маҷлиси суд монеъ мешавад бе тафтиши иловагӣ имконнопазир бошад, пас парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида мешавад. Бинобар ин, аз ҷониби судя ошкор шудани вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки бартараф кардани он дар муҳлати то баргузории маҷлиси суд (30 шабонаруз) имконпазир аст (масалан, саҳифабандӣ нашудани маводи парвандаи ҷиноятӣ, дар протоколи амали тафтишӣ имзо нагузоштани иштирокчиёни амали тафтишӣ, нодуруст қайд шудани маълумот дар бораи шахсияти иштирокчиёни мурофиа, сари вақт қабул нашудани

қарори мурофиавӣ, гузаштани муҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, гум шудани маводи парвандаи ҷиноятӣ, андешида нашудани чораҳои таъмини даъво ё ҳимояи давлатӣ ва ғайраҳо), набояд боиси ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ гарданд. Бинобар ин, дар қисми 4 ҳамин модда пешбинӣ гардад, ки «далелҳое, ки дар маводи парвандаи ҷиноятӣ бо вайрон кардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба суд пешниҳод шудаанд, новобаста ба ворид шудани ариза ё дархости тарафҳо, аз нигоҳи қобили қабул будани онҳо ҳамчун далел, мавриди тафтиш ва баҳодиҳӣ қарор дода мешаванд»;

Дар қисми 5 ҳамин модда пешбинӣ гардад, ки «Судя нисбат ба онҳое, ки ба вайронкунии қонун ва камбудӣ роҳ додаанд, вобаста аз оқибатҳои фарорасида, қарори хусусӣ мебарорад». Чунки тибқи муқаррароти м.9 КМҶ ҶТ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда мешаванд.

Ин пешниҳодҳои муаллифӣ ба баҳсҳои назариявӣ хотима гузошта, амалишавии принсипҳои конститутсионии адолати судӣ, татбиқи дурусти меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин риояи шартҳои умумии муҳокимаи судиро, хусусан дар м.м. 2, 9, 20, 21, 273, 277 КМҶ ҶТ муқарраргаштаро таъмин мекунад.

Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мешавад, ки ҳамзамон «нопурра гузаронидани пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ (бахусус оид ба ҷамъ намудани далелҳои сафедкунандаву сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ), вайрон кардани талаботи моддаи 21 КМҶ маҳсуб ёфта, дар сурати имконнопазирии пурра кардани он дар мурофиаи судӣ, асос барои баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ мегардад» [22, с. 280].

Ғайр аз ин, дар қисми 2 м.375 КМҶ ҶТ на танҳо «нопурра гузаронидани пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ», балки «яктарафа ё нопурра будани тафтиши судӣ» низ вайронкунии ҷиддии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ эътироф шудааст. Саволе ба миён меояд, ки ҳадду ҳудуди пурра ё нопурра гузаронидани пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакиро бо кадом меъёр муайян кардан мумкин аст?

Дар боби дуюми рисола оид ба ин масъала андешаронӣ карда, тибқи талаботи м.21 КМҶ ҶТ қайд карда будем, ки талаботи ҳамаҷониба, пурра ва холисона, пеш аз ҳама, ба исботи тамоми ҳолатҳо нигаронида шудааст.

Бинобар ин, мазмуни нопурра гузаронидани пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакиро аз ҳамин нуқтаи назар муайян кардан мумкин аст. Таҳқиқ як шакли тафтиши ҷиноятҳои начандон хавфнок, ки дар м.м.151, 453 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дониста мешавад. Шакли асосии тафтиши ҷиноятро тафтиши пешакӣ меноманд, ки дар марҳилаи тосудӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (м.159 КМҶ ҶТ) бо тартиби муайянкардаи қонун амалӣ мешавад. Исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ки аз ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ ба далелҳо иборат аст (м.85 КМҶ ҶТ) ба зиммаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ вогузор шудааст, ки иҷрои он дар доираи тартиби муайянкардаи қонун амалӣ мешавад. Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ (масалан, тарафи ҳимоя) уҳдадор нестанд, лекин имконияти васеи дар ҷараёни исбот иштирок карданро доранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамаи ҳолатҳои марбут ба парванда мавзуи исбот номида мешаванд [177, с. 200; 108, с. 10; 345, с. 160-168], ҳалли масъалаи мурофиавӣ, қабули қарорҳои мурофиавӣ, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ғайриимкон мегардад. Дар адабиёт муҳаққиқон мавзуи исботро – ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта меноманд [197, с. 67-69; 106, с. 124-148; 136, с. 12; 89, с. 116].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назари дигарро низ дидан мумкин аст, ки тибқи он мавзуи исбот ба мавзуи айбдоркунӣ [345, с. 165] ва мавзуи ҳимоя [108, с. 10] ҷудо карда мешаванд. Р.Р. Раҳмадҷонзода қайд кардааст, ки *мавзуи (предмети) исбот муайян карда шудани* ҳолатҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ воқиббуда, мебошад [159, с. 156].

Дар қонунгузории ҷорӣ ҳолатҳое, ки бояд исбот шаванд (м.85 КМҶ ҶТ), дар шакли умумӣ пешбинӣ шудаанд, ки мазмуни ҳар як ҳолати номбаршуда маънидодкунии (шарҳи) иловагиро талаб мекунад. Чунки ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ (ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва эълони айб, интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ, боздоштан ва қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ғайраҳо) аз муқаррар шудани ҳамаи ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, вобастагӣ дорад.

Аз ҷониби дигар, таҳлили муқаррароти марбут ба ҳолатҳое, ки бояд исбот шаванд (м. 85 КМҶ ҶТ), нишон медиҳад, ки ҳар як ҳолати номбаршуда маҷмӯи омилҳои бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Исботи ин омилҳо барои ҳаллу фасли дурусти масъалаҳои парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Аз ҷумла, сабабу шароите, ки ба содир шудани ҷиноят аз ҷониби ноболиғ мусоидат намудаанд, тибқи м. 90 КМҶ ҶТ ба доираи мавзуи исбот дохил мешаванд. Муайян ва бартараф намудани чунин омилҳо метавонад заминаи пешгирии саривақтии ҷиноятҳои навро фароҳам оварад.

Бо ин мақсад, бояд исбот карда шаванд:

а) омилҳое, ки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мавқеи зиддиҷамъиятии айбдоршаванда таъсир расонидаанд;

б) ҳолатҳое, ки дар раванди ташаккули чунин ақида ва мавқеи шахсӣ ба пайдоиши ангезаи ҷиноятӣ оварда, шахсро ба амалҳои ғайриқонунӣ водор намудаанд;

в) шароитҳое, ки муҳити мусоид барои содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнокро ба вуҷуд овардаанд.

Чӣ хеле ки дида мешавад, мавзуи исботнамоиро ҳолатҳое ташкил додаанд, ки ошкор карда шудани онҳо барои ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ногузир аст. Аз ин рӯ, саволе ба миён меояд, ки оё пурра бартараф нашудани сабабу шароити содир шудани ҷиноят, ки мавзуи исботро ташкил медиҳад, нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакиро ифода мекунад?

Аз ин лиҳоз, барои аз байн бурдани баҳсҳои дар амалия ва назария ҷойдошта ва баҳри риояи дақиқи принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи исоботнамоӣ дар матни м. 85 КМҶ ҶТ ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда (мавзуи исбот), банди нав «-ҳолатҳои дигаре, ки ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд» илова карда шавад. Ин пешниҳод умумият ва ягонагии мавзуи исботро, ки дар м.м.27, 92, 85, 90, 102, 230, 234, 425, 439 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, таъмин намуда, дар доираи мавзуи исбот, ғайр аз «ҳолатҳои содир шудани ҷиноят» «ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро» ифода мекунанд.

Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки мавзуи исбот оид ба парвандаҳои ҷиноятии ноболиғон дар як моддаи КМҶ ҶТ муттаҳид карда шавад, чунки пешбинӣ гаштани мавзуи исбот ҳам дар м. 90 КМ ҶТ ва ҳам дар м. 425 КМҶ ҶТ боиси каҷфаҳмӣ ё баҳс шуда метавонанд. Дар меъёрҳои номбаршуда мавзуи исботнамоӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии ноболиғон такрор ва бо ҳолатҳои гуногун ифода ёфтааст.

Новобаста аз ин, таҳлилҳои муҳаққиқони ватанӣ нишон медиҳад, ки нопурагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, ки боиси ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ мегардад, маҳз ба исботи ҳолатҳое вобаста шудааст [307, с. 38-46; 298, с. 87-92].

Дар қисми 2 м.373 КМҶ ҶТ нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба таври омехта бо «яктарафагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» нишон дода мешавад.

Дар қиёси меъёрҳои амалкунанда, ки мавзӯъ ва зинаҳои исботро пешбинӣ мекунанд, ин қоида дар шакли хеле маҳдуд ва омехта ифода ёфтааст. Дар ҳамин қоида ифода шудани як қисми сарчашмаи далелҳо, ки «аҳаммияти ҷиддӣ доранд» бар хилофи қоидаҳои баҳодиҳӣ ба далелҳо мебошад. Чунки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ маълумоти ҷамъовардашуда нисбати ҳамдигар муқоиса шаванд ҳам, лекин пешакӣ ба онҳо афзалият дода намешавад (қисми 6 м.88 КМҶ ҶТ). Бар хилофи қонун, далелҳо набояд «ба аҳаммияти ҷиддӣ дошта ва надошта» ҷудо карда шаванд.

Таҳлили ҳуқуқии ин масъала ва талаботи м.м.21,72,85 КМҶ ҶТ нишон медиҳад, ки таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ нопурра эътироф карда шавад, агар:

1. Ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта бо далелҳо муайян нашуда бошанд. (Доираи ҳолатҳоеро, ки бояд исбот шаванд м.м.85, 90, 425, 439 КМҶ ҶТ ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд м.м. 27, 85, 90, 92, 102, 230, 234 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунанд);

2. Далелҳои ҷамъовардашуда қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ ва кофӣ набошанд (м.м.88, 88(1) КМҶ ҶТ;

3. Амалҳои тафтишӣ, ки қонун номбар кардааст, гузаронида нашудаанд ё тартиби иҷрои онҳо вайрон карда шуда бошад (м.182-220 КМҶ ҶТ;

4. Бе асосҳои кофӣ ва воқеӣ (исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят) қарорҳои мурофиавӣ қабул шуда бошанд.

Бинобар ин, сархати 1 қисми 2 м.373 КМҶ ҶТ бо назардошти ин пешниҳод тағйир дода шавад, ки татбиқи дурусти меъёрҳои номбаршударо таъмин мекунад ва фаҳмиши «нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакиро» дақиқ мекунад.

«Яктарафа» дониста шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ набояд бо нопуррагии онҳо дар шакли омехта ва ғалат дар санадҳои расмӣ шарҳу

эъзоҳ дода шаванд. Чунки тибқи талаботи м.21 КМҶ ҶТ, ки принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян шудани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро ифода мекунад, исботи ҳам ҳолатҳои сабуккунанда ва ҳам вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ҳам ҳолатҳои сафедкунанда ва ҳам ҳолатҳои айбдоркунандаро дар бар гирифтааст.

Дар қисми 1 м.373 КМҶ ҶТ яктарафа дониста шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дақиқ нест. Муқаррароти ин модда танҳо ба нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дахл дорад. Таҳлил нишон медиҳад, ки «яктарафа» дониста шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ исбот шудани танҳо ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ва айбдоркунанда ё баръакс дар натиҷаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ исбот шудани танҳо ҳолатҳои сабуккунанда ва сафедкунандаро ифода мекунад.

Ба андешаи мо, пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ он гоҳ яктарафа аст, ки агар дар натиҷаи онҳо танҳо ҳолатҳои вазнинкунанда ва айбдоркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ё баръакс, дар натиҷаи таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва тафтиши судӣ танҳо ҳолатҳое, ки ҷавобгарии айбдоршавандаро сабук ё ӯро сафед мекунанд, муайян шуда бошанд.

Таҳлили амалияи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ аз ҷониби судя дар марҳилаҳои судии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки асоси онро ошкор шудани «вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ», ташкил медиҳад. Бинобар ин:

- вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро «ҷиддӣ» ифода кардан;

- вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро дар доираи маҳдуд бо вайронкунии меъёрҳои алоҳида, аз ҷумла бо яктарафагӣ ва нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, бо маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, бо таъмин

нашудани кафолатҳои мурофиавӣ, бо баргузор нашудани амалҳои тафтишӣ, бо мавзуи исбот, бо риоя накардани принсипҳо ва расмиёти пешбурди судӣ вобаста кардан хулосаи нодуруст ва бармаҳал аст.

Чунки вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ риоя ва иҷро нашудани тамоми меъёрҳои мурофиавии ҷиноятии амалкунандаро дар бар мегирад ва гурӯҳбандӣ кардани вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бештар хусусияти умуминазариявӣ дошта, набояд бо номбар карда шудани вайронкунии меъёрҳои алоҳидаи қонун хотима ёбад.

Қайд бояд кард, ки агар суд муайян намояд, ки дар рафти пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ба вайронкунии қонун роҳ дода шудааст, дар ҳолатҳои зарурӣ бояд чораҳоро барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъул, ки ба чунин вайронкунӣ роҳ додаанд, андешида барояд [22, 280].

Ба андешаи мо, муайян кардани оқибатҳои фарорасида, мазмун ва натиҷаи вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, дараҷаи хавфнокӣ, ҷавобгарии шахсони масъул, дар муҳлати муайян бартарафшаванда ё бартарафнашаванда будани онҳо, бояд салоҳияти судро ташкил диҳад, ки дар асоси маводи ба суд пешниҳодшуда қарори дахлдор ва қатъӣ қабул мекунад.

Дар ҳолате ки барои бартараф намудани нопуррагии таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ гузаронидани экспертизаи иловагӣ, такрорӣ ё комплексӣ зарур гардад, суд (ё судя) метавонад бо ташаббуси худ ё бо дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонад. Ин қарор дар он сурат қабул мешавад, ки гузаронидани экспертиза бо зарурати ҷамъоварӣ ва талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, намунаҳо ё далелҳои шайъӣ вобаста бошад, ё таҳқиқоти ҳаҷман бузург талаб намояд, ки анҷоми он дар доираи муҳокимаи судӣ бе мавқуф гузоштани парванда ба муҳлати тӯлонӣ имконнопазир буда, бо манфиатҳои адолати судӣ мутобиқат накунад.

Ҳангоми пешниҳод гардидани ариза аз ҷониби судшаванда ё дигар иштирокчии мурофиа дар бораи истифодаи усулҳои ғайриқонунии тафтишот, суд вазифадор аст асоснокии чунин иддаоро мавриди санҷиши ҳамаҷониба қарор диҳад. Агар муайян гардад, ки ҳангоми ҷамъоварии маълумоти воқеӣ расмиёти муқарраршуда вайрон шудааст, суд бо дархости тарафҳо чунин маълумотро аз доираи далелҳои қобили эътибор хориҷ менамояд ва ин қарорро дар санади судӣ инъикос мекунад.

Агар муайян карда шавад, ки «аз рӯйи парвандаи қаблан (дар марҳилаи таъини маҷлиси судӣ ва омодагӣ ба он) барои тафтиши иловагӣ баргардонидашуда, мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ тавзеҳоти судро бобати пурра кардани норасогиҳо дар таҳлили ҳолатҳои муҳимми парванда иҷро накардаанд, ин ҳолат наметавонад барои такроран баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ асос гардад» [239, с. 412]. Парвандаи мазкур барои моҳиятан баррасӣ намудан ба муҳокимаи судӣ таъин карда шуда, дар натиҷа қарори дахлдор қабул карда мешавад.

Ҳамзамон, дар санади қабулгардида суд, судя бояд асосҳои нопурра иҷрошуда ҳисобидани тавзеҳоти қаблиро қайд намояд [133, с. 37].

Тибқи таҳлили назариявӣ:

1. Дар назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба вайронкунии «ҷиддӣ» ва ё «ҷиддӣ нестанд» ҷудо кардан мутобиқи вазифаҳо, принсипҳо, таъинот ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ нест. Дар амалия ва назария чунин муқаррарот ихтилофи меъёрҳои амалкунанда (м.9 КМҶ ҶТ) ва шарҳу эзоҳи гуногуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро ба миён меорад, татбиқи дуруст ва дақиқи қонунро коҳиш медиҳад.

Носаҳеҳ ё дар ихтилоф бо мазмуни меъёрҳои дигар ифода ёфтани матн ва мазмуни меъёри мурофиавӣ ба фаҳмиши маҳдуди қоидаҳои мурофиавӣ, ба маҳдуд шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни

мурофиа ва дар ниҳоят барои татбиқи нодурусти меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ оварда мерасонад.

2. Вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро «ҷиддӣ» ифода кардан; дар доираи маҳдуд бо вайронкунии меъёрҳои алоҳида, аз ҷумла бо яктарафагӣ ва нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, бо маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, бо таъмин нашудани кафолатҳои мурофиавӣ, бо баргузор нашудани амалҳои тафтишӣ, бо мавзуи исбот, бо риоя накардани принсипҳо ва расмиёти пешбурди судӣ вобаста кардан, ба хулосаи нодуруст ва ғалат оварда мерасонад.

Чунки вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ риоя ва иҷро нашудани тамоми меъёрҳои мурофиавии ҷиноятии амалкунандаро дар бар мегирад ва набояд мавзуи «вайронкунии қонунгузорӣ» бо номбар карда шудани вайронкунии меъёрҳои алоҳидаи қонун хотима ёбад.

3. Дар қарори судя дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судӣ (м.264 КМҶ ҶТ), ки парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ бармегардонад, пешбурди кадоме аз амалҳои тафтишӣ ногузир аст, илова карда шавад.

4. Баҳри бартараф кардани ихтилофҳои ҷойдошта дар қисми 1 м.264 КМҶ ҶТ ҳангоми ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то таъин ва баргузории маҷлиси суд, муҳлати тафтиши иловагӣ набояд аз 30 шабонарӯз зиёд муқаррар карда шавад.

5. Ба м.264 КМҶ ҶТ бояд қисмҳои 4,5 илова карда шаванд:

Дар қисми 4 пешбинӣ гардад, ки далелҳое, ки дар маводи парвандаи ҷиноятӣ, бо вайрон кардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ба суд пешниҳод шудаанд, бо қарори судя беэътибор дониста шаванд.

6. Мавзуи исботро дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳолатҳои содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ташкил медиҳанд, ки ошкор ва тасдиқи

воқеияти ҷой доштани онҳо барои ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ногузир аст.

7. Барои аз байн бурдани баҳсҳои дар амалия ва назария ҷойдошта ва баҳри риояи дақиқи принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона дар манти м. 85 КМҶ ҶТ ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда (мавзуи исбот), сархати нав «ҳолатҳои дигаре, ки дар ҳамин Кодекс пешбинишуда ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд», илова карда шавад.

8. Мавзуи исбот оид ба парвандаҳои ҷиноятии ноболиғон дар як моддаи КМҶ ҶТ муттаҳид карда шавад, чунки пешбинӣ гаштани мавзуи исбот ҳам дар м. 90 КМ ҶТ ва ҳам дар м. 425 КМҶ ҶТ боиси каҷфаҳмӣ ё баҳс шуда метавонанд. Дар меъёрҳои номбаршуда мавзуи исботнамоӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии ноболиғон такрор ва гуногун ифода ёфтааст.

9. Таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ нопурра эътироф карда шавад, агар:

1. Ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта бо далелҳо муайян нашуда бошанд. (Доираи ҳолатҳоеро, ки бояд исбот шаванд м.м.85, 90, 425, 439 КМҶ ҶТ ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, м.м. 27, 85, 90, 92, 102, 230, 234 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунанд);

2. Далелҳои ҷамъовардашуда қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ ва кофӣ набошанд (м.м.88, 88(1) КМҶ ҶТ;

3. Амалҳои тафтишӣ, ки қонун номбар кардааст, гузаронида нашудаанд, ё тартиби иҷрои онҳо вайрон карда шуда бошад (м.182-220 КМҶ ҶТ;

4. Бе асосҳои кофӣ ва воқеӣ (исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят) қарорҳои мурофиавӣ қабул шуда бошанд.

Бинобар ин, сархати 1 қисми 2 м.373 КМҶ ҶТ бо назардошти ин пешниҳод тағйир дода шавад, ки ин татбиқи дурусти меъёрҳои номбаршударо таъмин мекунад ва фаҳмиши «нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакиро» дақиқ мекунад.

10. Дар қисми 1 м.373 КМҶ ҶТ яктарафа гузаронида шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ё судӣ дар сурати исбот шудани танҳо ҳолатҳои вазнинкунанда ва айбдоркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ё баръакс дар натиҷаи таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва тафтиши судӣ танҳо ҳолатҳое, ки ҷавобгарии айбдоршавандаро сабук ё ӯро сафед мекунанд, муайян шуда бошанд.

11. Матни қисми 4 м.21 КМҶ ҶТ бо мазмуни дақиқ ифода карда шавад, ки ин принсип ҳангоми муҳокима ва ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ бевосита амал мекунад.

12. Қисмҳои 1-2 м. 287 КМҶ ҶТ бояд бо таҳрири зерин ифода ёбанд:

«1. Агар дар ҷараёни муҳокимаи суд вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ошкор шавад, суд баҳри бартараф карда шудани натиҷаи онҳо бояд чораҳо андешад».

5.3. Аҳаммияти расмиёти натиҷаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ

Тоҷикистони соҳибистиқлол эъмори давлати ҳуқуқбунёдро ҳамчун ҳадафи пешрафти ҷомеаи муосир интихоб кардааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Фароҳам овардани фазои ҳуқуқӣ, шароити арзандаю осоишта дар ҷомеа вазифаи аввалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд аст.

Барои амалӣ намудани ин ҳадаф, пеш аз ҳама, оромиву осоиштагии ҳаёти ҷомеа, ҳифзи амният ва тартиботи ҳуқуқӣ зарур аст. Аз ин ҷост, ки ҳоло таъмини амният аз падидаҳои хавфнок, ба монанди терроризм ва ифротгароӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар сархати масъалаҳои мубрами рӯз қарор дорад – қайд кардаанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза зидди ҷиноят ва ҷиноятқорӣ. Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро, ки арзиши олии ҷомеаи мо эътироф шудаанд, самти афзалиятноки фаъолияти худ ҳисобида, сифати иҷрои вазифаҳо ва андешида шудани чораҳои муқовимат зидди ҷиноят ва ҷиноятқориро боз ҳам беҳтар намоянд [61; 64].

Ҳар як шаҳрванди кишвар бояд ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, дастовардҳои истиқлолро бо масъулиятшиносӣ дар кору фаъолияти хеш ғанӣ гардонад, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва ҳаргиз фирефтаи таблиғоту ақидаҳои бебунёди ифротӣ нашавад [60].

Андешаҳои дурнамои Сарвари давлат дар ягонагӣ ба риояи дақиқ, иҷрои қатъӣ ва татбиқи дурусти қонун, умуман ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ низ дахл дорад, ки амалӣ шудани онҳо зарурати омӯзиш ва таҳлили назариявии меъёрҳои муқарраркардаи қонун ва такмил додани роҳҳои риоя, иҷро ва татбиқи онҳоро ба миён меорад, зеро дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босурати он, торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, ҳимояи марзу буми кишварҳои минтақа ва ҳифзи амнияти ҳар як давлату миллат, самаранокии мубориза ва татбиқи чораҳои муқовимат зидди ҷиноят ва ҷиноятқорӣ аз риояи дақиқ, иҷро ва дурусту бамаврид татбиқ гардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад [67].

Яке аз воситаҳои самараноки сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ ва муқовимат бар зидди ҳама гуна зуҳуроти хавфнок риоя, иҷро ва татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки

барои таъмини амалишавии онҳо зарурати таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, омӯзиш ва таҳлили назариявии масъалаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ба миён меояд.

Дар таъмин намудани волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, муқовимат ба ҷиноят ва ҷиноятқорӣ нақш ва мавқеи мақомоти пешбурди судии ҷиноятӣ назаррас мебошад.

Пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми танзимёфтаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти ваколатдори давлатӣ аз маҷмуи амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ иборат аст, ки онҳо дар марҳилаҳои ҷудогона пайдарҳам ва дар мавридҳои муайянкардаи қонун амалӣ мешаванд. Ҳар як марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ маҷмуи амалҳои мурофиавиро дар бар гирифта, бо таҳия ва қабул шудани санади мурофиавӣ оғоз ва хотима меёбад.

Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ гуфта, тартиби таҳия ва қабули маҷмуи ҳуҷҷатҳои мурофиавиро меноманд, ки дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар шакли муқарраркардаи қонун амалӣ мешавад. Дар ин санадҳо хулосаи мақомоти ваколатдор, инчунин мазмун, ҷараён ва натиҷаи амалҳои мурофиавӣ инъикос мешаванд. Иҷрои санадҳои мурофиавӣ, аз ҷумла қарорҳои мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ барои тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ аст.

Расмиёти санадҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки ҷузъи таркибии шакли мурофиавии ҷиноятиро ташкил медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми расмиёти мурофиаи ҷиноятӣ аз нуқтаи назари «шакли мурофиавӣ», «талаботи мурофиавӣ», «ифодаи кафолати мурофиавӣ», «тартиби расмии мурофиавӣ» баён мешавад.

Муаллифон қайд мекунанд, ки фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ аз маҷмӯи амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ иборат буда, бо тартиби муайянкардаи қонун иҷро мешаванд [159, с. 23].

Шакли мурофиавии ҷиноятӣ гуфта, Н.А. Қудратов муайян шудани тартиб ва қоидаҳои пешбурди амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳадду ҳудуди иштирок дар иҷрои амалҳои мурофиавӣ қайд кардааст, бо ҳадаф ва вазифаҳо умумият дорад [144, с. 14].

Дар баъзе ҳолатҳо «расмиёти мурофиавии ҷиноятӣ» дар доираи «шакли мурофиавӣ» чун тартиби расмии (давлатии) муқарракардаи қонун оид ба иҷрои тамоми амалҳои мурофиавӣ маънидод мешавад. Масалан, дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мешавад, ки «риоя накардани расмиёти пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар вайрон намудани шартҳои умумии пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, шакл ва тартиби гузаронидани ҳаракатҳои мурофиавӣ, ба расмиятдарории рафти онҳо ифода меёбад» [15]. Ба мисоли:

« - оид ба парванда, агар ба вайронкунии талаботи моддаҳои 151, 161 КМҶ роҳ дода шуда бошад, яъне ба ҷои тафтиши пешакӣ таҳқиқ гузаронида шуда бошад;

- дар парванда қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мавҷуд набошад;

- қисми маводи парванда нодуруст якҷоя ё ҷудо карда шуда бошад;

- тафтиши пешакӣ аз рӯйи маводе, ки аз дигар парванда нисбати шахси дигар дар асоси эълони айб, бе оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба пешбурди алоҳида ҷудо карда шуда бошад;

- пешбурди парвандаи ҷиноятии қатъшуда бар хилофи талаботи қонун аз нав оғоз карда шуда бошад;

- ҳангоми эълон намудани айб ба вайронкунии талаботи моддаи 222 КМҶ роҳ дода шуда бошад (модда, қисм ё банди моддаи КҶ, кирдори аниқи айбдоршаванда нишон дода нашуда, ё ҳангоми содир намудани

якчанд ҷиноят ба ҳар яке аз онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода нашуда бошад ва ғайра);

- тавсифи айб, ки дар фикри айбдоркунӣ нишон дода шудааст, аз айби эълонгардида моҳиятан фарқ кунад;

- фикри айбдоркунӣ аз ҷониби прокурори дахлдор тасдиқ карда нашуда бошад, ба истиснои тартиб додани фикри айбдоркунӣ аз тарафи худи прокурор;

- тафтиши пешакӣ ё амалҳои мурофиавӣ аз ҷониби шахсе гузаронида шуда бошанд, ки тибқи қонун чунин салоҳиятро надошта бошад, ё бояд рад карда шавад;

- бар хилофи қонун шахсони иштирокчии парванда (айбдоршаванда, ҳимоятгар, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи онҳо) бо тамоми маводи парванда шинос карда нашуда бошанд.

- дар ҳолати вайрон гардидани тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғайра» [22, с. 272].

Ба андешаи мо, расмиёти мурофиавии ҷиноятӣ бояд дар шакли нисбатан маҳдуд, ҳамчун қисмати таркибии «шакли мурофиавӣ» фаҳмида шавад, на баръакс, чунки расмиёт, пеш аз ҳама, ба санадҳои мурофиавӣ ва тартиби таҳия, қабул ва иҷрои онҳо дахл дорад. Аз ин лиҳоз, муаллифони ватанӣ низ моҳияти шакли мурофиавиро бештар бо қоидаҳои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ ва бо шакли танзимёфтаи муносибати иштирокчиёни мурофиа вобаста мекунанд [159, с. 23-24].

Муаллифон аҳаммияти шакли мурофиавиро дар:

а) иҷрои вазифа ва принсипҳои пешбурди судӣ;

б) танзими муносибатҳои мурофиавӣ;

в) таъмини қонуният;

г) кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа ифода мекунанд [159, с. 23-24; 145, с. 3].

Ба андешаи муаллифони ватанӣ «шакли мурофиавӣ асос, шарт, қоидаҳо ва тартиби иҷрои амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки бо ёрии

онҳо мақомоти ваколатдори давлатӣ вазифаҳои худро иҷро мекунанд, шаҳрвандон ҳуқуқу уҳдадориҳои худро амалӣ месозанд, дар бар мегирад» [179, с. 72].

Шакли мурофиавӣ мазмуни нисбатан васеъ дошта, асос, шарт, қоида ва тартиби ба амал баровардани амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки бо ёрии онҳо мақомоти ваколатдори давлатӣ вазифаҳои худро иҷро мекунанд, шаҳрвандон ҳуқуқу уҳдадориҳои худро амалӣ месозанд, дар бар мегирад. Бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ иҷро шудани амали мурофиавӣ ва дар ҳуҷҷати мурофиавӣ инъикос ва мустаҳкам шудани натиҷаҳои онро муаллифон А.Э. Раҳматулоев, К.Т. Мухторов, Н.М. Қаҳоров ҳамчун талаботи шакли мурофиавӣ, қайд мекунанд [183, с. 30].

Шакл аз калимаи лотинӣ «forma» сарчашма гирифта, ифодакунандаи намуди зоҳирӣ, ҳадду ҳудуд, доираи муайяни зоҳиршавӣ, ҳадду ҳудуди ҷойгиршавии сохтори таркибӣ аст [209, с. 536]. Таҳлил нишон медиҳад, ки расмиёти мурофиавии ҷиноятӣ чун ҷуъзи шакл ва кафолати мурофиавӣ қисми таркибии принсипи қонуниятро ташкил дода, иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро нишон медиҳад. Кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ маҷмуи имкониятҳои ҳуқуқӣ, роҳу воситаҳои пешбиникардаи қонун мебошанд, ки расмиёти он барои риоя ва иҷро шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа, вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ шароит фароҳам меоранд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, барасмиятдарории раванди амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки тавассути он ҷараён, натиҷа ва мазмуни амалҳои иҷрошуда, хулосаи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар шакли санади мурофиавӣ омода мешаванд, аз ҷузъи талаботи қонуният бармеояд [127, с. 21]. Барои ҳамин, истисно ё инкор кардани қоидаҳои мурофиавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ва тартиб дода шудани санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, қатъиян мумкин нест. Риоя ва иҷро шудани тартибу қоидаҳои муайяншудаи тартиб дода шудани санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ (шакли мурофиавӣ)

шарти муҳимми таъмини қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Шакли мурофиавӣ ва кафолати мурофиавӣ барои баамалбарории муносибатҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ шароити мусоид фароҳам меоранд ва тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро водор мекунанд, ки дар доираи меъёри муқараргардида ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии худро амалӣ, риоя ва иҷро намоянд.

Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ моҳият ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани санадҳои мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятиро таҷассум мекунанд. Чунки:

1) Таҳия, қабул ва иҷрои ҳуҷҷатҳои мурофиавии ҷиноятӣ уҳдадории мақомоти ваколатдори давлатӣ аст, ки риоя ва иҷрои онҳо барои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, шахсони мансабдор ва тамоми шаҳрвандон ҳатмист. Риоя ва ё иҷро нашудани санадҳои мурофиавӣ боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад ва имконияти ба таври маҷбурӣ иҷро шудани онҳо низ имконпазир аст.

Дар ҳуҷҷатҳои мурофиавии ҷиноятӣ амалишавии салоҳияти мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дида мешавад, ки метавонанд ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оғоз бахшанд, онро қатъ кунанд, ба раванди муътадили мурофиа чораҳо андешанд, мақоми иштирокчиёнро муайян кунанд, ногузирии интихоб ва татбиқ шудани чораҳои маҳдуднамоиро нисбати иштирокчиёни алоҳида муайян кунанд ва ғайраҳо [308, с. 464-469].

Ба андешаи мо, таъмин гаштани «адолат» (одилона) на танҳо ба ҳукми суд дахл дорад, он бояд уҳдадории тамоми мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бошад [329, с. 115-119].

Дар КМҶ ҶТ талаботи «одилона» будани санади мурофиавӣ танҳо нисбати ҳукми суд пешбинӣ шудааст (м.333). Агар ба мазмуни санадҳои мурофиавӣ, хусусан ба қарорҳои суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ эътибор

диҳем, натиҷаи онҳо одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавиро талаб мекунанд. Масалан:

- Таъиноти суд ё қарори судя дар бораи таъин кардани ҷарима (м.м.117, 292 КМҶ ҶТ);

- Таъиноти суд ё қарори судя дар бораи татбиқ кардани ҷазои маъмурӣ (м.м.117, 292 КМҶ ҶТ);

- Таъиноти суд ё қарори судя дар бораи озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо бо татбиқ кардани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (қ.1 м.449 КМҶ ҶТ);

- Таъиноти суд ё қарори судя дар хусуси қатъи парвандаи ҷиноятӣ бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ (м.436 КМҶ ҶТ);

- Таъиноти суд ё қарори судя дар бораи андешидани чораҳо ҷиҳати нигаҳбонии молу мулк ё манзили судшаванда ё маҳкумшуда (м.351 КМҶ ҶТ) ва ғайраҳо.

Ба андешаи мо, қарори судя, таъиноти суд, қарорҳои прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошанд.

2) Дар ҳар як марҳилаи мурофиаи судии ҷиноятӣ шахсони ваколатдори масъул салоҳияти мурофиавӣ доранд, ки онро қонун муқаррар кардааст. Мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои мурофиавӣ ҳамдигарро иваз намекунанд, салоҳияти худро новобаста аз ҳамдигар дар доираи тартиби муайянкардаи қонун амалӣ менамоянд, лекин ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, фаъолияти минбаъдаи мурофиавӣ бо санадҳои қабулкардаи онҳо вобаста аст.

Ҳар як қарори дар марҳилаҳои тосудӣ қабулшуда, ки хусусиятҳои мурофиавӣ пайдо кардаанд, минбаъд мавзуи баррасии судии парвандаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Тибқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ судя, суд бо иштироки тарафҳо қонунӣ ва асоснокии ҳар як санади пешниҳодшударо мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор медиҳанд.

Ба тамоми маводи ба муҳокимаи суд аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ирсолгардида судя, суд аз нуқтаи назари кифоя будан барои ҳалли масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда, новобаста аз фикри айбдоркунии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, мустақилона баҳо медиҳанд ва амал мекунанд [238, с. 34].

Бинобар ин, ҳадди муҳокимаи судӣ бо муҳокимаи танҳо айби барои содир кардани ҷиноят пешниҳодшуда (м. м. 221-225, 285 КМҶ ҶТ), маҳдуд карда намешавад. Ҳадди муҳокимаи судиро бояд пурра, ҳаматарафа ва холисона исбот шудани тамоми ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта, вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли қонунии ҳама масъалаҳои мурофиавӣ, то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ташкил диҳад, ки онҳо дар санадҳои мурофиавӣ инъикос шудаанд.

Тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла расмиёти санадҳои мурофиавӣ ба татбиқ шудани меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ва санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ шароит ба вуҷуд меоранд. Дар санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ тартиби муайян карда шудани аломати ҷиноят, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда, бандубасти ҷинояти содиршуда, исботи ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, эълон кардани айб барои содир кардани кирдори дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда, моҳияти айбдорӣ ва дигар масъалаҳо тибқи меъёрҳои муайянкардаи қонуни ҷиноятӣ инъикос мешаванд [181, с. 31].

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ инъикосгари бо тартиби муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ аст. Иҷрои тамоми амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, таҳия ва қабули ҳамаи санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳадаф ва вазифаҳои умумӣ ва ягона доранд. Санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ раванди иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ ва қонунӣ,

асоснок ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавии ҷиноятиро инъикос мекунанд.

Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо салоҳият, аз ҷумла уҳдадории мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба қайду мустаҳкам кардани ҷарёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аст. Мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вазифадор карда шудааст, ки риоя шудани кафолатҳои мурофиавӣ, пайдарҳамӣ, муҳлат ва тартибу натиҷаи ҳар як амали мурофиавиро дар санади мурофиавӣ қайду мустаҳкам намоянд.

Дар санади мурофиавӣ қайду мустаҳкам шудани натиҷаи амалҳои мурофиавӣ ва хулосаи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти мурофиавӣ, эътибори расмӣ (давлатӣ) ва хусусияти қатъӣ ва умумиҳатмӣ доштани онҳоро (санадҳои мурофиавиро) нишон медиҳад.

Преюдитсия, – қайд карда буд яке аз олимони шинохтаи соҳа Строгович М.С., яке аз қоидаҳои умумиэътирофгаштаи мурофиавӣ мебошад, ки мувофиқи он ҳолатҳое, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ гирифтаи суд муқаррар шудаанд, маротибаи дигар мавзуи санҷиш ва исботнамоӣ қарор дода намешаванд [208, с. 212; 213, с. 360]. Ин гуна ҳолатҳо, воқеан, муқарраршуда эътироф гашта дар ҷараёни мурофиаи дигари судӣ инкор шуда наметавонанд.

Ҳолатҳое, ки бо ҳукми қувваи қонунӣ гирифтаи суд исботи худро ёфтаанд, ҳангоми пешбурди дигар парвандаи ҷиноятӣ, ки ба шахсони манфиатдори мурофиаи ҷиноятӣ ё ба ҳолатҳои парвандаи баррасишаванда вобастагӣ доранд, аз нав мавзуи исботнамоӣ қарор дода намешаванд. Ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба ҷой доштан ё надоштани ин ё он ҳолатҳои оқибати ҳуқуқидошта, барои суди юрисдиксияи умумӣ ва судҳои иқтисодӣ ҳангоми баррасӣ намудани парвандаҳои маданӣ ва ё иқтисодӣ низ ҳатмӣ мебошад, яъне агар ҳолатҳои ба баҳси маданӣ ё иқтисодӣ алоқамандидошта, қаблан бо ҳукми қувваи қонунӣ гирифтаи суд муқаррар шуда бошанд, онҳо маротибаи дигар ба исботнамоӣ эҳтиёҷ надоранд.

Яке аз талаботи дигари преюдитсия дар он зоҳир мешавад, ки қоидаҳои он нисбати шахсони манфиатдоре татбиқ мегарданд, ки қаблан дар мурофиаи судӣ иштирок доштанд ва ҳолатҳои каблан бо ҳукм ё қарори қувваи қонунӣ гирифтаи суд муқаррар гардида, бо ҳолатҳои парвандаи мавриди баррасии суд қарордошта алоқамандӣ ё вобастагӣ дошта бошанд. Нисбати шахсони сеюм амали қоидаҳои преюдитсия паҳн намешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ эътибори қатъӣ ва ҳатмӣ доштани қарор ё ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд ва преюдитсия институтҳои гуногуни мурофиавӣ дониста шудаанд [269, с. 21-25].

Преюдитсияи ҳукми эътибори қонунӣ гирифтаи суд, нисбати ҳолатҳои парвандаи дигари ҷиноятии дар муҳокимаи судӣ қарордошта, қувваи исботнамоӣ дорад ва амал мекунад, лекин ба ҳалли масъалаи асосии (гунаҳгор ё бегуноҳ эътироф гаштани шахс дар содир кардани ҷиноят) парвандаи ҷиноятии дигар, ки мавриди баррасии судӣ қарор дорад, таъсир намерасонад.

Мувофиқи ақидаи В.Д. Арсеньев дар доираи амали преюдитсия аз нав исбот кардани ҳолатҳое, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ гирифтаи суд муқаррар шудаанд ё муқарраршуда эътироф кардани онҳо рад карда шудааст, бар хилофи талаботи принсипи қонуният мебошанд [260, с. 12]. Лекин, мувофиқи талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар ҷараёни исботнамоӣ, хусусан ҳангоми баҳодиҳӣ ба далелҳои ҷамъовардашуда оид ба ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ягон далел барои суд қувваи пешакӣ муқарраркунандаро надорад.

Аз рӯйи андешаҳои Г.М. Резник дар сурати шубҳанокӣ ё беэътимодии ҳолатҳои преюдитсионӣ, суд имконияти мустақилонаи ҳуқуқӣ дорад, ки аз нав ин гуна ҳолатҳоро мавриди санҷиш ва таҳлил қарор диҳад. Агар суд муайян намояд, ки ҳолати преюдитсионӣ қаблан нодуруст муқарраршуда эътироф гаштааст, суд метавонад пешбурди парвандаи ҷиноятии дар баррасии суд қарордоштаро боздорад ва масъалаи эътироз оварданро нисбати ҳукми эътибори қонунӣ гирифтаи

суд, ба тариқи назоратӣ ё бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав ба миён гузорад [190, с. 56-60].

И.Л. Петрухин ақидаи номбаршударо дастгирӣ намуда, иброз кардааст, ки дар мавридҳои номбаршуда суд метавонад оид ба парвандаи ҷиноятии баррасишаванда ҳукмро аз рӯйи ақидаи ботинии худ барорад. Азбаски ҳукми суд дар чунин мавридҳо ҳолати преюдитсионо инкор мекунад, ин ҳукми суд то баррасӣ ёфтани ҳар ду ҳукм аз ҷониби суди марҳилаи болоӣ (то ҳалли масъалаи кадоме аз ҳукмҳои судӣ аз рӯйи қонун ва адолат бароварда шудааст), қувваи қонунӣ намегирад [323, с. 45]. Лекин ин ақидаҳо низ ба талаботи КМҶ ҶТ мухолифат мекунанд. Чунки мувофиқи КМҶ ҶТ мурофиаи судии парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар сурати саркашӣ ё пинҳон шудани судшаванда ё бо дигар сабабҳо ҷойи қарор доштани вай маълум нагаштааст ё ин ки дар сурати беморию руҳӣ ё вазнинии судшаванда, ки аз ҷониби муассисаи тиббӣ тасдиқ ёфтааст ва дар дигар мавридҳои пешбиникардаи м.м.264,286 КМҶ ҶТ, бозdошта шуда метавонад. Нисбати муҳлати эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми судӣ бошад, КМҶ ҶТ ягон истисноо ба ҳамин ақида мувофиқро пешбинӣ намекунад.

Амалишавии преюдитсия бо назардошти хулосаҳои зерин ба роҳбарӣ гирифта шуда, дар амал татбиқ шудани онҳо мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ дониста мешаванд:

1) қоидаҳое, ки мазмуни преюдитсияро ифода менамоянд, оқибати мантиқан дурусту ҳаққонияти (қатъӣ ва ҳатмӣ будани) ҳукм ва санадҳои судиро, ки қувваи қонунӣ гирифтаанд, нишон медиҳанд;

2) ҳамаи ҳолатҳое, ки бо ҳукми қувваи қонунӣ гирифтаи суд муқаррар шудаанд, воқеан ҷойдошта (аслӣ) эътироф мешаванд;

3) преюдитсия дар як вақт мавҷуд будани хулосаҳои зид ё гуногуни судиро дар ҳукмҳои (қарорҳои) алоҳида, оид ба ҳамон ҳолати ягонаи воқеии парванда мавҷудбударо истисно мекунад;

4) аз рӯйи қоидаҳои преюдитсия зарурати исбот кардани ҳолатҳое, ки бо ҳукм ё қарори қувваи қонунӣ гирифтаи суд муқаррар шудаанд, аз байн мераванд;

5) ҳолатҳои преюдитсионӣ пешакӣ гунаҳгорӣ ё бегуноҳиро муайян намекунанд;

6) қоидаҳои преюдитсия доираи амали принсипи аз рӯйи ақидаи ботинӣ баҳодиҳӣ ба далелҳоро маҳдуд намекунад, баръакс дар сурати шубҳанок ё беэътимод дониста шудани ҳолатҳое, ки қаблан бо ҳукми қувваи қонунӣ гирифтаи суд муқаррар шудаанд, қоидаҳои преюдитсия амал намекунанд;

7) дар доираи амали қоидаҳои преюдитсия мурофиаи ҷиноятӣ, бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав аз ҷониби мақомоти дахлдор, мувофиқи тартиби муқарраргардида аз нав оғоз карда мешавад:

8) доираи амали қоидаҳои преюдитсиониро танҳо бо ҳукм ё санадҳои қувваи қонунӣ гирифтаи суд маҳдуд донистан ба мақсад мувофиқ нест, балки қоидаҳои преюдитсионӣ нисбати ҳолатҳое, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, корхона, ташкилот, муассиса, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон бо тартиби муқарраркардаи қонун расман (бо санад ё ҳуҷҷати дахлдор) тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шудаанд ва агар мавзуи асосии баҳси ҳуқуқии ҳамин мурофиаи судиро ташкил надиҳанд, паҳн мегардад. Ин хулоса асоси ҳуқуқӣ дошта, татбиқи он тибқи м.м.72, 82 КМҶ ҶТ имконпазир аст.

Ба андешаҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои дарпешистода кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро талаб мекунад, ки такмил дода шудани заминаҳои ҳуқуқии онро талаб ба миён меорад» [62].

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки забони пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ забони давлатӣ аст

(м.18 КМҶ ҶТ). Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ тамоми санадҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо забони давлатӣ таҳия ва қабул мешаванд. Ин қоидаҳо нисбати иштирокчиёни мурофиа ягон маҳдудиятро ба вуҷуд намеоранд, ҳуқуқҳои онҳо беасос ва ғайриқонунӣ маҳрум ё маҳдуд карда намешаванд. Баръакс, нисбати онҳо имконият ва кафолатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ пешбинӣ гаштааст, ки баробарҳуқуқии онҳоро дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ пурра таъмин менамояд:

а) имконияти истифодаи (арзу шикоят кардан, нишондод додан, изҳори дархост кардан) забони модарӣ ё забони дигаре, ки онро медонанд;

б) имконияти бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки онро медонанд, шинос шудан бо маводи парванда;

в) имконияти даъват кардан ва таъмин шудан бо тарҷумон;

г) имконияти тарҷумаи маводи хаттӣ ва санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ;

д) имконияти бо забони аксарияти аҳолии маҳал гузаронида шудани мурофиаи судии ҷиноятӣ;

е) дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии ҷиноятӣ будани тарҷумон;

ё) ҷавобгарии ҳуқуқии тарҷумон барои фош кардани сирри тафтишоти пешакӣ;

ж) иштироки ҳатмии ҳимоятгар зимни баррасии парвандаҳои шахсоне, ки забони мурофиаи ҷиноятиро намедонанд;

з) имконияти рад карда шудани тарҷумон, дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳое, ки дар м.68 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Ҳангоми таҳияи матн ва қабули санадҳои мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла инъикоси ягон ҳолат, вазъият, маълумот, баёни фикр ё хулоса истилоҳоте, ки Комиссияи татбиқи қонуни забони давлатӣ тавсия кардааст, инчунин «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ин масъалаҳо ба расмиёти санадҳои мурофавии судии ҷиноятӣ бевосита дахл доранд. Чунки дар санади мурофиавӣ агар забони ифодаи меъёри ҳуқуқӣ, ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, хулосаҳои суд нофаҳмо, ғалат, бо ихтилоф бошанд, аз рӯйи манфиатдорӣ (нуфузи шахсӣ, мансабӣ, гурӯҳӣ, соҳавӣ) хавф ба миён оварда, боиси тафсири ғалат ва шарҳи нодуруст (интерпретатсия) [209, с. 199] мегардад. Онҳо иҷрои қатъии қонун, мазмуни дақиқи онро коҳиш медиҳанд, волоияти қонунро таъмин намекунад.

Истилоҳоти санади мурофиавии ҷиноятӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ», расмӣ, оммафаҳм тартиб дода шаванд. Ҳамон як истилоҳи дар санади мурофиавӣ истифодашуда, бояд як маъно, хулосаи томро ифода намуда, мазмуни ягона, ба ҳам алоқаманд ва дақиқро дошта бошад. Дар санадҳои мурофиавӣ низ истилоҳоти ҳуқуқӣ, калима (ё ибораи) дар шакли ҷамъ номи мафҳуми ҳуқуқиро ифодакунанда, бояд бо ягонагии моҳият ва устувории мазмун фарқкунанда ифода гарданд. Ҳангоми истифодаи ин ё он истилоҳот, мафҳуми ҳуқуқӣ (ё ибора) дар санади мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо бояд ба ҷиҳати мазмуни ин мафҳум, истилоҳот (ё ибора) эътибор дода шавад, то ки тафсири гуногуни санад, ё қисмати онро истисно намояд, амалишавии онро душвор ва мураккаб накунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мешавад, ки «олами моддӣ дар тафаккури инсон бо мафҳумҳо ифода меёбад, лекин мафҳумҳои комил вуҷуд надоранд, ки даъвои ҳақиқати мутлақро кунанд, зуҳурот ва ҳодисаҳоро пурра, бе ягон нуқсон ё камбудӣ инъикос намоянд, чунки байни мафҳум ва воқеият доимо рахнае ҳаст…» [88, с. 110].

Бинобар ин, дар ҳолати зарурати дақиқ намудани истилоҳот ва мафҳумҳои дар санади мурофиавӣ истифодашуда, дар санад бояд банд, қисм, сархат, моддаи қонун нишон дода шаванд, ки дар онҳо моҳияти ин истилоҳоту мафҳумҳо шарҳ дода шудаанд. Асоснок, саҳеҳу дақиқ ифода

шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳалли масъалаҳои мурофиавии суди сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқиро тақозо мекунад [417].

Истилоҳоти махсус (соҳавӣ, техникӣ, тиббӣ ва ғ.) мумкин аст дар санади мурофиавии ҷиноятӣ танҳо бо ҳамон маъное истифода гарданд, ки онҳо дар соҳаи махсуси дахлдор истифода мешавад. Истилоҳоти махсус бояд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё санадҳои соҳавӣ шарҳ дода шуда бошанд.

Чунин талабот дар ҳамаи марҳилаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳангоми иҷрои тамоми амалҳои мурофиавӣ ва таҳия шудани санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ амал мекунад.

Тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми таҳияи санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ, дар матни санад бояд ба ҳар як маълумоти дар ҷараёни тафтиш ва ё баррасии парвандаи ҷиноятӣ ошкоршуда ё муайяншуда, дар бораи ҳолат, вазъияти ҳодисаи гузаштаи рухдода аз нигоҳи мансубият (дахлдорӣ), имконпазирӣ (ҷоизӣ), саҳеҳ (аниқ, боэътимод) будан ва ҳамаи маълумоти ҷамъоваришуда, дар маҷмуъ аз ҷиҳати кифоя будан барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ, баҳои холисонаи ҳуқуқӣ дода шавад.

Ҳангоми пешбурди парвандаҳо мебояд, ки баҳамалоқамандии тамоми ҳолатҳо, сабаб ва оқибати кирдори хавфноки содиршуда истифода ва ба роҳбарӣ гирифта шаванд. Аз ин рӯ, натиҷаи пешбурди тафтишот ва баррасии одилонаи парвандаи ҷиноятӣ, аз сатҳу дараҷаи дониши ҳуқуқии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя, аз сатҳу сифат ва мазмуни санадҳои мурофиавии омодашуда вобаста аст.

Бинобар ин, мақомоти давлатӣ дар симои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [15], санад Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон [17] санадҳои соҳавӣ қабул мекунанд, то ки чунин ҳолатҳо, ё камбудиву оқибатҳои номбаршуда (ки боиси қабул шудани санадҳои беасос, ғайриқонунӣ ва ноодилона мешаванд), пешгирӣ ва бартараф карда шаванд.

Лекин, амалия нишон медиҳад, ки ин кофӣ нест, ин масъалаҳо бояд ҳангоми таҳияи тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба андешаи муҳаққиқон, тавассути коркард ва қабули ҳуҷҷатҳои комплексии дорои мазмуни соҳавӣ, монанди Стратегияи ислоҳоти фаъолияти мақомоти тафтишотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [411, с. 38] мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳалли худро ёбанд.

Дар амалияи судӣ ҳоло ҳам як қатор масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ вуҷуд доранд, ки ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, ба ҷараёни маҷлиси суд ва ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ таъсир мерасонанд. Дар сатҳи меъёрӣ, дар матни моддаҳо баъзе аз қоидаҳо муқаррар шудаанд, ки риоя ва иҷрои тартиби муқаррашударо душвор ва дар баъзе мавридҳо онро ҳатто ғайриимкон мегардонанд. Баъзе аз онҳоро, ки ба расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд, таҳлил мекунем:

1. Дар м.145 КМҶ ҶТ муқаррароти аз рӯйи тобеияти тафтишӣ ирсол шудани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят мантиқан нодуруст аст. Дар ин марҳила дар сурати ошкор нашудани аломати ҷиноят ариза ё иттилоот дар бораи ҳуқуқвайронкунӣ (ғайр аз ҷиноят) аз рӯйи тобеияти идоравӣ ё соҳавӣ, маъмурӣ ё судӣ ирсол мешавад. Қоидаи «тобеияти тафтишӣ» мебояд ки дар сурати оғоз шудани пешбурди парванда татбиқ шавад, яъне ин қоида набояд то оғози парвандаи ҷиноятӣ дар хусуси ба мақомоти дигар ирсол шудани маводҳо татбиқ шавад.

2. Моддаи 261 КМҶ ҶТ санадҳои судии ҳамин марҳиларо нопурра нишон додааст. Чунки ба ғайр аз санадҳои номбаршуда вобаста ба ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар ҳамин марҳила:

а) қарор дар бораи рад кардани қонеъгардонии арзу дархост;

б) қарор дар бораи интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораи пешгирӣ, сандаҳои дигар қабул мешаванд.

4. Барои дар амалия пурра татбиқ гаштани талаботи принсипи қонуният дар доираи ваколати прокурор дар моддаи 150, қ.1 м.168 КМҶ ҶТ бекор карда шудани қарори ғайриқонунии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва аз айбдорӣ хориҷ кардани далелҳои дар асоси он қарор ҷамъовардашуда муқаррар гардад. Ин навоварӣ дар амал татбиқ гаштани на танҳо принсипи қонуният, балки, воқеан, амалӣ гаштани талаботи м.21, қ.3 м.88 КМҶ ҶТ ва одилона баргузор гаштани муҳокимаи судиро таъмин менамояд.

5. Ба андешаи мо, дар моддаи 371 КМҶ ҶТ истилоҳи «қарор» дар шакли ҷамъ ифода шудааст ва дақиқтар бояд бо истилоҳ ба тариқи дастаҷамъона доир ба масъалаҳои баррасишавандаи мурофиавии ҷиноятӣ таъинот мебарорад, на ин ки қарор. Қарор ҳамчун санади мурофиавӣ аз ҷониби судя қабул мешавад (м.6 КМҶ ҶТ).

6. Мутобиқи талаботи моддаи 85 КМҶ ҶТ, зимни баррасии парванда, дар қатори дигар ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, аз ҷумла ҳодисаи ҷиноят, гунаҳгории судшаванда дар содир намудани ҷиноят, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи он, сабабҳои содиршавии ҷиноят дохил мешаванд.

Дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд таҳлили ҳаматарафаи далелҳое, ки хулосаи суд, судя бо онҳо асоснок карда шудааст, оварда, ба ҳамаи далелҳои исботкунандаи гуноҳ ва сафедкунандаи судшаванда баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

7. Дар ҳолате, ки агар дар парванда якчанд хулосаи коршинос (эксперт) оид ба ҳамон як савол ё масъала гуногунмазмун бошанд, суд, судя бояд дар ҳукм ба ҳар яке аз онҳо дар маҷмуъ бо дигар далелҳо баҳо дода, асосҳоеро, ки бо яке аз онҳо розӣ буда, дигарашро рад кардаанд, бо пуррагӣ нишон диҳанд (м.343 КМҶ ҶТ).

8. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла дар протоколи маҷлиси суд қайду мустаҳкам шудани ҷараён ва натиҷаи муҳокимаи судӣ, на танҳо ҳангоми баргузории муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар

суди марҳилаи аввал, балки ҳангоми муҳокимаи судии тамоми масъалаҳои мурофиавӣ, аз ҷумла дар:

- маҷлиси суд оид ба баррасии мавод барои гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (м.35 (1) КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба баррасии дархости гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м.35 (2) КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба баррасии дархости муваққатан дур кардан аз вазифа (м.114 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба таъини ҷарима (м.118 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ (м. 369 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (м.447 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба баррасии масъалаҳои мурофиавӣ, ки бо дароз кардани муҳлат, тағйир додан ва қатъ намудани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ алоқаманд мебошанд (м.451 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм ва бардоштани доғи судӣ (м.401- 402 КМҶ ҶТ);

-баргузории мурофиа аз рӯйи эътироз ва шикоят дар суди марҳилаи назоратӣ (м.410 КМҶ ҶТ);

- оғоз карда шудани мурофиа бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав (м. 421 КМҶ ҶТ) ҳатмӣ пешбинӣ карда шавад.

Аз соли 2021 қисман ин масъала ҳалли худро ёфт ва дар маҷлиси суд риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ пешбинӣ ва тартиб дода шудани протоколи маҷлиси суд ҳатмӣ дониста шуд [9], ки ифодаи доираи амали шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар ҳама марҳилаи мурофиавии судии ҷиноятӣ аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла санадҳои суд сари вақт, асоснок ва бо тартиби муқарраркардаи қонун гузаронида шудани амалҳои мурофиавиро инъикос мекунанд [205, с.18]. Баъзе аз санадҳои мурофиавӣ ба сифати сарчашмаи далелҳо

(масъалан протоколи пурсиш, хулосаи эксперт), дигаре ба сифати воситаи таъминкунандаи ҷараёни дурусти тафтишот ё суд (масалан протоколи шинос шудан бо маводи парвандаи ҷиноятӣ), гурӯҳи дигар ба сифати ифодакунандаи хулосаи мақомоти ваколатдор оид ба парвандаи ҷиноятӣ (масалан, қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, фикри айбдоркунӣ) баромад мекунанд, - қайд кардаанд муаллифон [186, с. 82].

Ба андешаи мо, санадҳои судиро вобаста аз марҳилаи мурофиаи судӣ, вобаста аз мазмуни амалҳои суд ва доираи масъалаҳои баррасӣ шаванда, вобаста аз ҳайъати суд ва вобаста аз хулосаҳои суд гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст, лекин, шакли мурофиавии онҳо ягона ва умумӣ боқӣ мемонад.

Агар судя парвандаи ҷиноятиро танҳо баррасӣ намояд, доир ба масъалаҳои мурофиавӣ қарор қабул мекунад, агар парвандаи ҷиноятиро ҳайъати дастаҷамъонаи суд баррасӣ намояд, доир ба масъалаҳои мурофиавӣ таъинот мебарорад.

Шакл ва мазмуни санадҳои судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ вобаста аз амалҳои иҷрошаванда ва доираи масъалаҳое, ки мавзуи муҳокимаи судиро ташкил медиҳанд, хусусиятҳои худро доранд [168, с. 384]. Яке аз санадҳои муҳокимаи судӣ протоколи маҷлиси суд мебошад. Қонун доир ба шакли мурофиавии ин санади судӣ қоидаи махсусро пешбинӣ кардааст.

Дар сурати риоя нашудани қоидаҳои муҳокимаи судӣ, судя иштирокчиёни ҳуқуқвайронкунӣ содиркардаро пурсиш ва далелҳоро тафтиш мекунад, ки ин амал дар протоколи маҷлиси суд қайд мешавад [126, с. 39].

Ғайр аз ин, ба протоколи маҷлиси суд санадҳои ёрирасони мурофиавӣ (забонхат, санад, ҳуҷҷат, сабти нишондод ё сабти видео, хулосаи коршинос, тавсияи хаттии иштирокчиёни музокираи судӣ, эродҳо ба протоколи маҷлиси суд) метавонанд замима шаванд [177, с. 276].

Новобаста аз дастаҷамъона баррасӣ шудани парванда ҷиноятӣ, доир ба ҳамин масъала дар суди марҳилаи назоратӣ таъинот бароварда намешавад. Чунки ин масъаларо раисикунанда танҳо ҳал мекунад [175, с. 417].

Итминон дорем, ки натиҷаҳои таҳлил ва хулосаҳои муаллифӣ ба муайянсозии мазмуни меъёрҳо, талаботи онҳо, тартиби дурусти татбиқи меъёрҳо ва муайян кардани мавридҳои амалишавии меъёрҳо ёрӣ мерасонанд.

Ҳамин тариқ таҳлил муайян кард, ки:

1. Расмиёти санадҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки он ҷузъи таркибии шакли мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳад.

2. Барасмиятдарории санадҳои мурофиавӣ чун ҷуъзи шакл ва кафолати мурофиавӣ қисми таркибии принсипи қонуниятро ташкил дода, раванди иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро нишон медиҳад.

Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ аҳаммият, моҳият ва эътибори ҳуқуқӣ, хусусияти расмию ҳатмӣ ва қатъӣ пайдо кардани санадҳои мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятиро таҷассум мекунанд.

3. Дар қисми 3 м.9 КМҶ ҶТ бояд нишон дода шавад, ки «Қарори суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад».

4. Ҳадди муҳокимаи судӣ бо муҳокимаи айбдории шахс дар содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок (м.м.221-225, 285 КМҶ ҶТ), маҳдуд намешавад. Ҳадди муҳокимаи судиро бояд пурра, ҳаматарафа ва холисона исбот шудани тамоми ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта, вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли қонунии ҳамаи масъалаҳои мурофиавӣ, то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ташкил диҳад, ки дар санадҳои мурофиавӣ инъикос шудаанд. Бинобар ин, расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ инъикосгари бо тартиби

муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ва ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ аст.

5. Ҳангоми таҳияи матн ва қабули санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ, инъикоси ҳолат, вазъият, маълумоти ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, барои баёни фикр ё хулоса истилоҳоте, ки Комиссияи татбиқи қонуни забони давлатӣ тавсия кардааст, инчунин «фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» ҳатман ба инобат гирифта шаванд.

Истилоҳоти санади мурофиавии ҷиноятӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои «фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ», расмӣ, оммафаҳм тартиб дода шаванд. Ҳамон як истилоҳи дар санади мурофиавӣ истифодашуда, бояд як маъно, хулосаи томро ифода намуда, мазмуни ягона, ба ҳам алоқаманд ва дақиқро дошта бошад. Дар санадҳои мурофиавӣ низ истилоҳоти ҳуқуқӣ, калимаи (ё ибораи) дар шакли ҷамъ номи мафҳуми ҳуқуқиро ифодакунанда, бояд бо ягонагии моҳият ва устувории мазмун фарқкунанда ифода гардад. Ҳангоми истифодаи ин ё он истилоҳот, мафҳуми ҳуқуқӣ (ё ибора) дар санади мурофиавии ҷиноятӣ, ба мазмуни ин мафҳум, истилоҳот (ё ибора) бояд эътибор дода шавад, то ки тафсири гуногуни санад, ё қисмати онро истисно намояд, амалишавии онро душвор ва мураккаб накунад.

6. Натиҷаи пешбурди тафтишот ва баррасии одилонаи парвандаи ҷиноятӣ дар санади мурофиавӣ қайду мустаҳкам мешавад. Мазмуни санадҳои мурофиавии омодашуда аз дараҷаи дуруст, саҳеҳ дарк шудани ҳолатҳои содир шудани он, аз сатҳи дониши ҳуқуқии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя, аз сатҳу сифати иҷрои қоидаҳои мурофиавӣ вобаста аст. Ин масъалаҳо бояд бо таҳияи тафсири расмии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёбанд.

7. Дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд таҳлили ҳаматарафаи далелҳое, ки хулосаи суд, судя бо онҳо асоснок карда шудааст,

овардашуда, ба ҳамаи далелҳои исботкунандаи гуноҳ ва сафедкунандаи судшаванда баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Дар ҳолате, ки агар дар парванда якчанд хулосаи коршинос (эксперт) оид ба ҳамон як савол ё масъала гуногунмазмун бошанд, суд, судя бояд дар ин қисми ҳукм ба ҳар яке аз онҳо, дар маҷмуъ бо дигар далелҳо, баҳо дода, асосҳоеро, ки бо яке аз онҳо розӣ буда, дигарашро рад кардаанд, бо пуррагӣ нишон диҳанд.

8. Риояи яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла дар протоколи маҷлиси суд қайду мустаҳкам шудани ҷараён ва натиҷаи муҳокимаи судӣ ҳангоми муҳокимаи судии тамоми масъалаҳои мурофиавӣ, аз ҷумла дар:

- маҷлиси суд оид ба баррасии мавод барои гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (м.35 (1) КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба баррасии дархости гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м.35 (2) КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба таъини ҷарима (м.118 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ (м. 369 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (м.447 КМҶ ҶТ);

- маҷлиси суд оид ба масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм ва бардоштани доғи судӣ (м.401- 402 КМҶ ҶТ) бо салоҳдиди суд таъмин карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли хулосаҳои муаллифӣ пешбарӣ ва асоснок шудаанд, самтҳои минбаъдаи таҳқиқоти илмиро дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда, ба такмил дода шудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ифодаи саҳеҳ ва фарогири мазмуни меъёрҳои ҷорӣ, ба татбиқи самараноки онҳо дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар маҷмуъ, ба баланд бардоштани сатҳи баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат хоҳанд кард.

ХУЛОСА

Дар Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави рушду инкишоф, раванди таҳкими асосҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ислоҳотҳои судию ҳуқуқӣ, такмил дода шудани қонунгузории миллӣ бо назардошти бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд идома доранд. Дастовардҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва тағйироти куллӣ дар таъмини адолати судӣ ба амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ дар кишвар, муайян кардани ҳадафҳои рушди ҳуқуқ ва заминаҳои инкишофи асосҳои адолати судӣ ва нақши он дар амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат карданд.

Дар сатҳи конститутсионӣ пешбинӣ шудани асосҳои роҳбарикунандаи адолати судӣ заминаи устувори рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон дод, лекин дар шароити муосир, муносибатҳои тағйирёбандаи ҷамъиятӣ, амалияи судӣ ва сатҳи риоя ва иҷрои қонунҳо масъала ва вазифаҳои навро пеш оварда, ки ҳалли онҳо зарурати таҳқиқоти илмӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва такмил дода шудани қоидаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқро талаб карданд, ки сабаби таҳқиқоти мазкур гардидааст.

Муҳокима ва таҳқиқоти илмии муаммоҳои назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар таъмини адолати судӣ ба масъалаҳои гуногун равшанӣ андохта, роҳҳои самараноки ҳалли муаммоҳои ҷойдоштаро муайян карданд. Бинобар ин, дар доираи таҳқиқоти илмии мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ, риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, мазмун, моҳият ва аҳаммияти онҳо дар таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нақши шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар ноил шудан ба ҳадафи баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, бо назардошти нуқтаи назари муҳаққиқон,

олимони соҳа ва амалияи судӣ мавриди муҳокима ва таҳлили ҳуқуқӣ қарор гирифтааст.

Баҳри ҳалли муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ, татбиқи ҳуқуқ дар амалияи судӣ, роҳҳои ҳадафноки амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти судӣ дар самти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, саҳеҳ ва дақиқ кардани ҳадди имкониятҳои суд, тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиа ҳангоми муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ниҳоят барои такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ дар самти амалишавии сиёсати ҳуқуқии давлат, муаллифи рисола хулоса ва пешниҳодҳои худро оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, бо назардошти амалияи судӣ ва мазмуну моҳияти меъёрҳои ҷорӣ, асоснок мекунад:

1. Пешниҳоди афкори илмӣ оид ба таҳкими асосҳои назариявӣ, методологии илми мурофиаи ҷиноятӣ ва ташаккулёбии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ:

1.1. Аввалин падидаҳои мурофиа дар шакли урфу одат, расму ойин, ё қоидаҳои одитарини танзимкунандаи муносибати байни одамон, қонеъ кардани талабот, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз бартараф кардани бесарусомонӣ ва худсарӣ арзи вуҷуд кардаанд. Унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя»-и расму оин ва урфу одатҳо дар низоми муносибатҳо ҷорӣ шуда, аз як насл ба наслҳои дигар гузашта, то ба шакли қоидаҳои меъёрии ҳатмӣ ва танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Ин қоидаҳо падидаҳои аввалини ҳуқуқӣ на дар фаҳмиши муосири шакли расмидошта, балки инъикоси натиҷа, маҳсули эҷод ва кӯшишҳои инсон оид ба ногузир барпо карда шудани муҳити ҳамзистӣ (зоҳиршавии табиати иҷтимоӣ) буда, таъиноти худро мутобиқан ба табиати аслии худ пайдо кардааст.

Ҳадафи ҷорӣ шудани ин қоидаҳои мурофиавӣ сараввал як шакли таъсиррасонӣ ва ё танзими рафтор, ҳифзи анъана ва манфиатҳои аъзои авлод ё қабила бошад, баъдан баробари авҷи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба яке аз воситаҳои муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷузъи низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфтааст.

1.2.Таҳқиқоти манбаъҳои ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиаи судӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ чунин даврaҳоро аз сар гузаронидааст:

1) қоидаҳои давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ);

2) қоидаҳои давраи ташаккули мурофиаи замони зардуштӣ;

3) қоидаҳои давраи рушди мурофиаи шариатӣ;

4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ;

5) қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ;

6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятӣ дар замони муосир **[16-М].**

1.3. Қоидаҳои аз урфу одатҳои авлодӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ шакли устувор гирифтаи мурофиаи даъвогӣ ва хусусӣ барои минбаъд ҷорӣ ва амал кардани қоидаҳои мурофиавӣ таҳкурсӣ гузоштанд, ки бо мурури замон, бинобар тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ ва пайваста васеъ гаштани фаҳмиши адолат ва шартҳои муҳокимаи судӣ такмил дода шуда, мазмуну муҳтавои нав гирифтанд. Аз ҷумла, бо қоидаҳои зерин ғанӣ гаштаанд:

а) шарту шароити баргузории мурофиа бо ташаббуси даъвогар, ҷабрдида ё хешовандони ӯ;

б) ҳуқуқ ба шикоят ва арзу даъво доштани шахс;

в) таҳти ҳимояи аҳли ҷомеа ва ё ҳоким, довар қарор доштани ҷабрдида ва ё даъвогар, нафарони муҳтоҷ, ниёзманд, зарардида;

г) ҳуқуқи даъвогар ба рӯёнидани товони зарар;

д) қоидаҳои дастаҷамъона ва шифоҳӣ баррасӣ шудани арзу даъво;

е) иштироки тарафҳо ва аҳли ҷомеа дар муҳокима, яъне ошкоро баргузор шудани мурофиа;

ё) барои тарафҳо пешбинӣ шудани имкониятҳои мурофиавӣ ва имконияти созиши тарафҳо;

ж) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба исботи гунаҳгорӣ;

з) уҳдадории ҷабрдида ё даъвогар оид ба даъвати шоҳидон ва пешниҳоди далел;

и) одилона таъин кардани ҷазо;

к) кӯшиши оқилона, воқеъбинона муайян кардани товони зарар;

л) ҷорӣ шудани хароҷоти мурофиавӣ, қоидаҳои риояи қатъии мурофиаи судӣ;

м) таъмини мустақилият ва беғаразии суд дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ.

2. Пешниҳодҳои назариявии илмӣ ҷиҳати тақвияти асосҳо ва мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар илми мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

2.1.Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад, ки тавассути таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз ибтидо то интиҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ онҳо вобаста: а) бо амалишавӣ дар марҳилаҳои ҷудогонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ; б) бо мавзуи муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ; в) бо амалишавии функсияи айбдоркунӣ; г) бо амалишавии таъиноти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ки дар натиҷа аҳаммият, мазмун ва умумияти ҳар як шарт муайян карда шудааст **[16-М].**

2.2. Муҳокимаи ошкорои муҳокимаи судӣ (м.273 КМҶ ҶТ) мазмуни васеъ дошта, танҳо бо моҳият ва аҳаммияти мурофиавӣ, яъне бо ифодаи иштироки бевоситаи тарафҳо ва шахсони манфиатдор дар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию давлатӣ дошта:

а) шакли иштироки аҳли ҷомеа (доираи васеи шаҳрвандон) дар амалӣ гардидани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

б) шакли амалисозии ҳокимияти халқ, имконияти иштироки аҳли ҷомеа (ба сифати тарафҳо) дар қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

в) иштироки аҳли ҷомеа дар амалинамоии намуди муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ;

г) шакли ҳуқуқии назорати аҳли ҷомеа (халқӣ) аз болои фаъолияти мақомоти судӣ мебошад **[15-М].**

2.3. «Муҳокимаи бевосита» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мазмуни нисбатан васеъ дошта, танҳо бо тафтиши бевоситаи далелҳо маҳдуд намешавад, чунки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад:

- суд, судя далелҳои пешниҳодшударо бевосита санҷида, баҳои ҳуқуқӣ медиҳанд, бо роҳи пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ (м.м.21, 311-326 КМҶ ҶТ);

- суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунанд (м.м.21, 85,90 КМҶҶТ);

- дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро ҳал мекунанд (м.м.286-289, 351 КМҶ ҶТ);

- суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита қабул мекунанд (м.м. 290, 332-350 КМҶ ҶТ) **[18-М].**

3. Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати ғанӣ гардонидани мазмуни истилоҳоти меъёрӣ ва қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ:

3.1.Мафҳуми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (на танҳо ҷамъи қоидаҳо) ифодаи ҷузъи ҷудонопазири масъулияти давлат ҷиҳати таъмини

кафолати расмӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гашта, дар ҷараёни ҳалли тамоми масъалаҳое, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муҳокима ва баррасии судиро тақозо менамоянд, амал мекунад. Он моҳияти расмию ҳуқуқии муҳокимаи судиро ифода карда, ба татбиқи меъёрҳои ҷорӣ ва амалӣ гаштани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ шароит барпо менамояд».

Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар раванди амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои мурофиавӣ, иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷинояти таъмин мекунанд. Бо ин хусусиятҳо, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъиноти худро ифода мекунад: ҳимояи ҳуқуқи инсон дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, барпо кардани шароити омодагӣ ва баррасии ошкорои судии парвандаи ҷиноятӣ; таъмини рафтори муайяни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; таъмини иҷрои вазифаҳои асосии пешбурди судии ҷиноятӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ **[16-М].**

3.2. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни талабот ва кафолати мурофиавӣ дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъсир расонида, барои ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ шароит муҳайё мекунанд. Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои ҳатмии мурофиавии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

3.3.Тавассути танзими муносибати иштирокчиёни мурофиавии судии ҷиноятӣ, бо ҷорӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, чунин шакли таъсиррасонии расмии давлатӣ ба рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шудааст, ки зарурати таъсиррасонии

он дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар шакли ваколатдиҳӣ, уҳдадорнамоӣ, имкониятдиҳӣ, маҷбуркунӣ, барқарорсозӣ, маҳдуднамоӣ, пешгирӣ ва манъ кардан пайдо мешаванд, тағйир меёбад, қатъ мешавад ва ё хотима меёбад.

Аз ин рӯ, таъиноти хос мурофиавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян мешаванд:

- ҳамчун шакли мурофиавии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудаанд;

- амалӣ шудани принсипҳои адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин мекунанд;

- мазмун ва таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни муҳокимаи судиро ташкил дода, дар ҷараёни амалишавии ин фаъолият ба риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ шароит муҳайё мекунанд;

- ҳадди имконият ва рафтори иштирокчиён, мақсад ва хусусияти иштироки тарафҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегиранд.

4. Хулоса ва пешниҳод ҷиҳати таъмини кафолатҳои мурофиавӣ дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ:

4.1. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, шароиту муҳити муносиб барпо мекунанд, ки дар натиҷаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрванд беасос, ноодилона айбдор ва маҳкум нашавад, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъмин гардад.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъминкунандаи баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо, ифодаи иштироки онҳо дар маҷлиси судӣ, амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ ва риояи тартиби ягонаю умумии мурофиавӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини қонуният дар ин марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд **[19-М].**

5. Пешниҳод ва хулосаҳои илмӣ ҷиҳати такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

5.1. Барои таъмини самаранокии амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст, ки:

Дар матни м.34 КМҶ ҶТ бояд муқаррароти «....тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро ба тариқи дастаҷамъона доранд» нишон дода шавад.

Дар м.292 КМҶ ҶТ бояд нишон дода шавад, ки «...агар судшаванда аз толори маҷлиси суд берун карда шуда бошад, иштироки вай бояд дар музокираи суд таъмин карда шавад» **[20-М].**

5.2.Баробарии тарафҳо ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ бояд дар баррасии дархост дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта (м.м.110, 111, 112, 114, 116 КМҶ ҶТ); баррасии дархости гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м.35[2] КМҶ ҶТ); дар баррасии шикоят аз қарорҳо ва амалҳои (беамалӣ) ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (м.124 КМҶ ҶТ), баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи эътироз ё шикоят (м.410 КМҶ ҶТ) таъмин карда шаванд **[15-М].**

Пешниҳодҳои пешбарӣ кардаи муаллиф ҷиҳати такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни меъёрҳои мурофиавиро дақиқ намуда, ба татбиқи дурусти қонунҳо ёрӣ мерасонанд, ки на танҳо ба қонунӣ, асоснокӣ ва одилона қабул гаштани ҳукм мусоидат мекунанд, балки нофаҳмӣ, шубҳа ё хатоҳоро дар амалияи судӣ пешгирӣ ва бартараф мекунанд, инчунин воқеан ҳамаҷониба, пурра ва холисона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро таъмин карда, ҳадди муҳокима ва мустақилияти судро дар ҳалли одилонаи масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ дақиқ мекунанд, вайроншавии ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ва маҳдудиятҳои мустақилияти судро дар баррасии масъалаҳои мурофиавӣ аз байн мебаранд.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Пешниҳод ҷиҳати такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар партави амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон:

1.1. Моддаи 2 КМҶ ҶТ «Ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, қисми 2 моддаи 2 КМҶ ҶТ бо чунин мазмун ифода карда шавад: «Ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз айбдор ва маҳкумкунии беасос, аз ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо ӯ, ба амал баровардани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ иборат мебошад».

1.2. Дар қисми 1, м. 2 КМҶ ҶТ ифодаи вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ «ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд» маҳдуд ифода шуда, аҳаммияти чунин талаботро нисбати ҳалли масъалаҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ дар канор мондааст. Ба андешаи мо, ин вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ бояд дар шакли васеъ: - «ҳалли одилонаи ҳамаи масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта» дар сархати 6, қисми 1 м. 2 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад.

1.3. Барои бартараф кардани ихтилофи мазмуни меъёрҳои ҷорӣ ва таъмини мутобиқати меъёрҳои санадҳои меъёри ҳуқуқӣ бо меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (м.м.2,6) ибораи «пурсиши оперативӣ» бо истилоҳи «пурсуҷӯи оперативӣ» иваз карда шавад.

1.4. Дар матни м.34 КМҶ ҶТ бояд муқаррароти «....тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро, новобаста аз дараҷаи хавфнокии ҷиноят, ба тариқи дастаҷамъона доранд» нишон дода шавад **[20-М].**

1.5. Дар матни қ.2 м.3 КМҶ ҶТ истилоҳи «....супориши...» бояд бо истилоҳи «...дархости ё хоҳиши...» иваз карда шавад. Дар матни моддаҳои 470, 474 КМҶ ҶТ истилоҳи «..супориш..», «...супориши..» мувофиқат, бо истилоҳи «..дархост...», «..дархости..» иваз карда шавад **[20-М].**

1.6. Дар м.м.274, 286 КМҶ ҶТ муқаррароти нав пешбинӣ гардад, ки:

а) асос ва тартиби эълон шудани танаффуси маҷлиси судӣ ва давомнокии онро пешбинӣ кунад;

б) дар ин муддат (танаффус ва мавқуфгузории маҷлиси суд) ҳайъати суд дар баррасии ин парвандаи ҷиноятӣ, набояд ба баррасии парвандаҳои дигари ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, оилавӣ шуруъ кунад.

1.7. Моддаи 19 КМҶ ҶТ бо мазмуни саҳеҳ ва фарогир бояд «Принсипи ошкоро дар мурофиаи ҷиноятӣ» номида шуда:

- қисми 1 ҳамин модда ба тариқи зайл: «1.Пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон дар ҳамаи марҳилаҳои он ошкоро амалӣ мешавад»:

1.8. Дар қисми 4 м.282 КМҶ ҶТ истилоҳи «....дар ғоибии ҷабрдида...», бо истилоҳи «....бе иштироки ҷабрдида...» иваз карда шавад.

1.9. Дар «Низомнома дар бораи машваратчиёни халқӣ» пешбинӣ карда шавад, ки ба ҳайси довталаб ҳамчун машваратчии халқӣ танҳо нафароне, ки дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълумот ва собиқаи корӣ доранд, пешбарӣ карда шаванд.

1.10. Қисми 1 м.62 КМҶ ҶТ бояд бо иловаи зерин таҳрир шавад:

«Судяе, ки ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ иҷозат додааст, ё маълумоти хаттии мақомоти таъқиби ҷиноятиро дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани амали тафтишӣ баррасӣ кардааст, қарори татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ё дароз кардани муҳлати онҳоро қабул намудааст, қарор оид ба масъалаҳои мурофиавиро дар марҳилаи таъин кардан ва омодагӣ ба маҷлиси суд

қабул кардааст, дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карда наметавонад».

1.11. Дар м. 64 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад, ки баррасии раддия нисбати судяро ба зиммаи судяе, ки нисбати ӯ раддия оварда шудааст ва инчунин ба зиммаи судяе, ки қаблан дар ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҳамин парванда иштирок намудааст, вогузоштан манъ аст.

1.12. Дар м.6 КМҶ ҶТ сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиш, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳамчун иштирокчиёни тарафи айбдоркунанда пешбинӣ гарданд.

1.13. Дар КМҶ ҶТ м.284 (1) илова гашта, дар матни он «сабабҳои узрноки сари вақт ҳозир нашудани тарафҳо ба маҷлиси суд» нишон дода шавад, аз ҷумла:

- сафари хизматӣ, иштирок дар чорабиниҳои таъмини бехатарии аҳолӣ, раъфи оқибати офатҳои таббӣ;

- хизмати ҳарбӣ, иштирок дар машқҳои таълимии ҳарбӣ;

- бе нигоҳбон мондан ё бемории аъзои оила;

- ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани тарафро новобаста аз хоҳиш ва иродаи ӯ номумкин месозад. Узрнок будани ҳолатҳои дигарро суд, судя бояд муайян созанд.

Тарафҳо бояд судя, судро аз сабаби дар муҳлати таъингардида ҳозир нашуданашон огоҳ кунанд».

1.14. Ба м.м. 38, 41, 170 КМҶ бояд тағйирот ворид карда шуда, пешбинӣ гардад, ки «....сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиши пешакӣ ва роҳбари гурӯҳи тафтишӣ салоҳияти бекор кардани қарорҳои ғайриқонунии муфаттиш ва таҳқиқбаранда ва ғайри қобули қабул эътироф кардани маълумоти ғайриқонунӣ ҷамъовардашударо доранд».

1.15. Барои дақиқ муқаррар шудани манбаи далелҳо сархатҳои 10,11,12 дар қисми 2 м.72 КМҶ ҶТ муттаҳид карда шуда, бо тағйироти зерин «- маводи бо роҳи оперативию ҷустуҷӯӣ ҷамъовардашуда» пешбинӣ шаванд.

1.16. Барои дақиқ муқаррар шудани манбаи далелҳо сархатҳои 10,11,12 дар қисми 2 м.72 КМҶ ҶТ муттаҳидкардашуда, бо тағйироти зерин «-маводи бо роҳи оперативию ҷустуҷӯӣ ҷамъовардашуда» пешбинӣ шаванд.

1.17. Қисми 9 м.310 КМҶ ҶТ аз матни ин модда ихтисор карда шавад. Чунки чунин маҳдудияти меъёрӣ ба м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, м.м.20, 23 КМҶ ҶТ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (м.277 КМҶ ҶТ) мутобиқ нест. Бинобар ин, ҳуқуқи судшаванда ва ҷабрдида оид ба шикоят овардан аз амали (беамалии) шахсони масъул ё нисбати тамоми санадҳои ғайриқонунӣ, беасос ва ноодилонаи судӣ бояд барқарор шавад.

1.18. Дар қисми 2 м.333 КМҶ ҶТ талабот нисбати қонунӣ эътироф шудани ҳукм, бояд дар шакли нисбатан васеъ пешбинӣ гардад, ки дар натиҷа:

а) тафсири гуногун ва яктарафаи ин меъёрро бартараф мекунад;

б) фаҳмиши қонунӣ эътироф шудани ҳукм бо тафсири риояи танҳо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва татбиқи танҳо қонуни ҷиноятӣ хотима намеёбад;

в) амалишавии принсипи конститутсионии қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ тақвият мебахшад.

1.19. Бо мақсади таъмини талаботи одилона дониста шудани ҳукм (м.333 КМҶ ҶТ) ва васеъ кардани ҳадди мустақилияти суд дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар м.335 КМҶ ҶТ ба доираи масъалаҳое, ки дар хонаи машваратӣ ҳал мешаванд, ҳалли масъала оид ба татбиқ, дароз кардан ё бекор кардани чораҳои таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиави ҷиноятӣ ё хешовандони онҳо илова карда шавад.

1.20. Дар моддаи м. 285 КМҶ ҶТ вобаста ба ҳадди муҳокимаи судӣ муқаррар гардад, ки суд бо ваҷҳҳои дар фикри айбдоркунӣ овардашуда вобаста набуда, риоя гаштани қонунро ҳангоми пешбурди парванда дар ҳаҷми пурра, ҳамаҷониба ва холисона месанҷад.

Дар сурати ошкор шудани ҳолатҳое, ки боиси тағйир додани айбдорӣ бо татбиқи меъёри қонун оид ба ҷиноятҳои вазнинтар мегарданд, прокурор уҳдадор аст ва ҷабрдида ҳуқуқ дорад ба суд дар бораи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ дархост пешниҳод намоянд» **[16-М].**

1.21. Дар м.306 КМҶ КМҶ ҶТ бояд мавзуи дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ вобаста ба мавкеъ ва имкониятҳои мурофиавии тарафҳо пурра карда шуда, имконияти пешниҳоди «дархост оид ба ғайри қобили қабул эътироф карда шудани далелҳои ба суд пешниҳодшуда» нишон дода шавад.

1.22. Муқаррароти қ. 1 м. 287 КМҶ ҶТ:

а) ба амалӣ гаштани талаботи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва мубоҳиса пурра мувофиқат мекунад;

б) майл ё ҷонибдории айбдоркунии судро истисно мекунад;

в) масъулияти мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаи ҷиноятиро то оғози муҳокимаи судӣ баланд мебардорад;

г) ҳадди ваколатҳои суд ва муҳокимаи судиро мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ва кафолати ҳифзи судӣ дақиқ мекунад.

1.23. Дар қарори судя дар марҳилаи омодагӣ ва таъини маҷлиси судӣ (м.264 КМҶ ҶТ), ки парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ бар мегардонад, пешбурди кадом амали тафтишӣ зарур аст, пешбинӣ гардад.

1.24. Дар қисми 1 м.264 КМҶ ҶТ асосҳои ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то баргузории маҷлиси суд дар шакли дигар:

«Дар ҳолати ошкор шудани вайронкунии талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки бартараф карда шудани онҳо ҳангоми пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон аст, судя ҳуқуқ дорад парвандаро бо дархости тарафҳо барои тафтиши иловагӣ баргардонад, дар ин сурат муҳлати тафтиши иловагӣ аз 30 шабонаруз зиёд шуда наметавонад» муқаррар гардад.

1.25. Ба м.264 КМҶ ҶТ бояд қисмҳои 4,5 илова карда шаванд:

Дар қисми 4 пешбинӣ гардад, ки «далелҳое, ки дар маводи парвандаи ҷиноятӣ бо вайрон кардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба суд пешниҳод шудаанд, бо қарори судя беэътибор мешаванд».

1.26. Дар м. 85 КМҶ ҶТ ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда (мавзуи исбот), сархати нав «-ҳолатҳои дигаре, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд» илова карда шавад.

1.27. Таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ нопурра эътироф карда шавад (м.374 КМҶ ҶТ), агар:

1. Ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта бо далелҳо муайян нашуда бошанд. (Доираи ҳолатҳоеро, ки бояд исбот шаванд м.м.85, 90, 425, 439 КМҶ ҶТ ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд м.м. 27, 85, 90, 92, 102, 230, 234 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад);

2. Далелҳои ҷамъовардашуда қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ ва кофӣ набошанд (м.м.88, 88(1) КМҶ ҶТ;

3. Амалҳои тафтишӣ, ки қонун номбар кардааст, гузаронида нашудаанд, ё тартиби иҷрои онҳо вайрон карда шуда бошад (м.182-220 КМҶ ҶТ;

4. Бе асосҳои кофӣ ва воқеӣ (исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят) қарорҳои мурофиавӣ қабул шуда бошанд.

Бинобар ин, сархати 1 қисми 2 м.373 КМҶ ҶТ бо назардошти ин пешниҳод тағйир дода шавад, ки ин татбиқи дурусти меъёрҳои номбаршударо таъмин мекунад ва фаҳмиши «нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакиро» дақиқ мекунад.

1.28. Дар қисми 1 м.373 КМҶ ҶТ яктарафа гузаронида шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ё судӣ дар сурати исботи танҳо ҳолатҳои вазнинкунанда ва айбдоркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ё баръакс дар натиҷаи таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва тафтиши судӣ танҳо ҳолатҳое,

ки ҷавобгарии айбдоршавандаро сабук ё ӯро сафед мекунанд, эътироф шаванд.

1.29. Дар м.35 (2) КМҶ ҶТ имконияти иштироки иштирокчиёни мурофиа дар маҷлиси суд, инчунин ҳатман супорида шудани нусхаи қарори судя ба онҳо пешбинӣ намешавад, то ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа амалӣ гардад.

Барои бартараф карда шудани чунин маҳдудият пешниҳод мекунем, ки:

- қисмҳои 3-5 м.35 (2) КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шаванд:

«3. Дар маҷлиси суд иштироки прокурор ҳатмист. Ҳангоми зарурат судя метавонад бо ташаббуси худ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва шахсони манфиатдорро ба маҷлиси суд даъват ё аз вақти баргузории он хабардор намояд.

4.Қарори суд ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор супорида мешавад.

1.30. Дар қисми 5 м.116 КМҶ ҶТ меъёр бояд дар шакли зерин ифода ёбад:

«Дар вақти номнависии амвол соҳибмулк ё намояндаи қонунии ӯ иштирок мекунанд».

1.31. Дар матни қисми 9 м. 310 КМҶ ҶТ «....бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372 КМҶ ҶТ» ихтисор карда шуда, мазмуни ҳамин қисм дар шакли зайл тағйир дода шавад:

«Нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи ҳамин модда бароварда шудааст, бо асосҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ва бинобар ихтиёран даст кашидани тарафҳо аз таҳқиқи далелҳо, шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест».

1.32. Дар қисми 3 м.310 КМҶ ҶТ ибораи «...ҷиноятҳои вазнин» ихтисор карда шавад, то ки тафтиши соддакардашудаи судӣ нисбати

судшавандае ҳам татбиқ карда шавад, ки бори аввал, аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир карда, сидқан пушаймонаст ва ба тафтиши ҷиноят, ошкор ва бартараф кардани сабабу шароити содиршавиии он ёрии амалӣ мерасонад, ки ин одилона қабул шудани ҳукмро таъмин мекунад.

1.33. Дар м.384 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки ҳангоми таъини экспертизаи судӣ аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа, ки дар м.210 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, риоя карда шавад.

1.34. Дар қисми 3 м.357 КМҶ ҶТ истилоҳи «...маҳкумшуда..» бо истилоҳи «...судшаванда..» иваз карда шавад.

1.35. Дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд таҳлили ҳаматарафаи далелҳое, ки хулосаи суд, судя бо онҳо асоснок карда шудааст, оварда, ба ҳамаи далелҳои исботкунандаи гуноҳ ва сафедкунандаи судшаванда баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Дар ҳолате, ки агар дар парванда якчанд хулосаи коршинос (эксперт) оид ба ҳамон як савол ё масъала гуногунмазмун бошанд, суд, судя бояд дар ин қисми ҳукм ба ҳар яке аз онҳо дар маҷмуъ бо дигар далелҳо, баҳо дода, асосҳоеро, ки бо яке аз онҳо, розӣ буда, дигарашро рад кардаанд, бо пуррагӣ нишон диҳанд».

Хулоса ва пешниҳодҳои асоснокшудаи муаллиф ба асосҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқ буда, риоя шудани тартиби ягона ва ҳадафноки амалҳои судӣ ва ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавиро таъмин мекунанд, инчунин ба риоя, иҷро ва татбиқи якхела ва дақиқи меъёрҳои мурофиавӣ ва танзими боэътимоди муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат хоҳанд кард; ба бартараф шудани ихтилофҳои дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷойдошта, шарҳу тафсири ғалати онҳо, инчунин ба амалишавии ҳадафнок ва дурусти меъёри ҳуқуқӣ ёрӣ мерасонанд.

Дар натиҷаи татбиқ шудани хулоса ва пешниҳодҳои асосноки муаллифӣ, на танҳо доираи салоҳияти суд дақиқ мегардад, балки ба иҷрои якхелаи амалҳои судя, ба шартҳои умумии муҳокимаи судӣ

мутобиқ гашта, аз ҷумла беасос маҳдуд карда шудани имкониятҳои иштироки шахсони манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бартараф ва пешгирӣ карда мешавад, ки ин воқеан, амалӣ гаштани кафолатҳои конститутсионии арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: (бо назардошти тағйироту иловаҳо аз солҳои 1999, 2003, 2016). – Душанбе: Паёми Сомониён, 2016. – 135 с.

[2]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с., №1084 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №7. – Қ. 1. – Мод. 380.

[3]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №7. – қ. 1. – м. 379.

[4]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 3 – юми декабри соли 2009 № 564, (бо тағйиру иловаҳои то 19.07.2024 № 1900). - Сомонаи расмии mmk. tj.

[5]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, таҳти №574 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат: 26.03.2024).

[6]. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1. – қ-1, мод. 6.

[7]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2022, № 915 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //mmk.tj /content/ кодекси-мадании-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи мурочиат: 12.06.2024).

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2011. – № 720.

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 29.01.2021. – № 1755.

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ аз 25 марти соли 2011, № 687 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www/ mmk.tj. (санаи мурочиат: 12.06.2024).

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санади меъёрии ҳуқуқӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – № 5, қ. 1, мод. 271; ҚҶТ аз 19.07.2019 с., №1632.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – №644.

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 1695.

[14]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 1.

[15]. Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992-2009) [Матн]. –Душанбе: Ирфон, 2009. – 485 с.

[16]. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон №25 аз 15 феврали соли 2016 «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» [Матн] // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016 – 420 с.

[17]. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон №25 аз 15 феврали соли 2016 «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» [Матн] // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. - 436 с.

[18]. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 15 феврали соли 2016 «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои суд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» [Матн] // Маҷ. Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 2016, - С. 276.

[19]. Қарори Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007, №5 [Матн] // «Дар бораи риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ».

[20]. Қарори Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба таҷрибаи судӣ оид ба таъин намудани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо» № 5 аз 13 марти соли 2003 (Бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 19 марти соли 2009 №9 воридкарда шудаанд) [Матн] // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2012). – Душанбе: Маркази маърифати ҳуқуқӣ, 2012. – С. 296.

[21]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №33 аз 24 декабри соли 2010 «Дар бораи ҳукми судӣ» [Матн] // Маҷ. қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Матбуот, 2012. – 327 с.

[22]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 декабри соли 2011 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медароранд» [Матн] // Маҷ. қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С.272.

[23]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №22 аз 26 июни соли 2009 «Дар бораи тачрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» [Матн] // Маҷ. қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С.315.

[24]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 23 декабри соли 2011 Дар бораи тачрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон [Матн] // Маҷ. қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С.232.

[25]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2012, № 2 «Дар бораи баъзе масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ оид ба рӯёнидани товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда». [Матн] // Маҷ. қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С.342.

[26]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 6 аз 12.12.2002 «Дар бораи тачрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» [Матн] // Маҷмуи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1992-2009. – Душанбе, 2009. –С.321.

[27]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 7 аз 23.12.2011 [Матн] // «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандонва шахсони ҳуқуқӣ».

[28]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2010, №34 [Матн] // «Дар бораи тачрибаи судӣ оид ба парвандаҳои граждани марбут ба баҳсҳои аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк».

[29]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 23 декабри соли 2011 «Дар бораи тачрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад» [Матн] // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2012). – Душанбе: Маркази маърифати ҳуқуқӣ, 2012. – 396с.

[30]. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 25 июни соли 2004 (бо тағйиру иловаҳо аз 19 марти соли 2009, №7) [Матн] // «Дар бораи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузориҳое, ки бастан, тағйир додан ва қать кардани шартномаи (қарордоди) меҳнатиро ба танзим медароранд.

[31]. Конвенсия ба муқобили зӯроварӣ ва дигар рафтори бераҳмона ва пасткунандаи шаъну эътибор 1984. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/9-Konvensiyai-ziddi-shikanja-va-digar-namudi-munosibati-berahmona.pdf (санаи мурочиат: 12.06.2024).

[32]. Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ (м.6) [Матн] // Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – 506 с.

[35-М]. Қаҳоров, Н.М. Доир ба аҳаммияти маълумоти воқеи дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмию-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба “Ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар” дар мавзуи “Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот” филиали донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара. – 2020. – С. 231-236.

[36-М]. Қаҳоров, Н.М. Доир ба масъалаҳои мурофиавии боздоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон: Маводи 3-юмин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ. – Душанбе, 2020.– С. 268-272.

[37-М]. Қаҳоров, Н.М. Зарурияти такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Маҷмуаи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 80-87.

[38-М]. Қаҳоров, Н.М. Талаботҳо оид ба риояи қонун ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Маҷмуаи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида

ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хуҷанд 2021. – С. 74-79.

[39-М]. Қаҳоров, Н.М. Муаммоҳои назорати прокурорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ: Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Исфара, 2021.–С. 210-216.

[40-М] Қаҳоров, Н.М. О необходимости совершенствования мер по пресечению и предупреждению преступлений [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содироти ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ: Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Исфара, 2021. - С.247-254.

[41-М]. Қаҳоров, Н.М. Такмил додани фаъолияти мақомоти прокуратура дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Таъмини волоияти қонун – самти асоси фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 132-138.

[42-М]. Қаҳоров, Н.М. Фаъолияти муосири прокуратура дар самти риоя ва иҷрои дақиқи қонунҳо [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Таъмини волоияти қонун –самти асосии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021 - С. 138-145.

[43-М]. Қаҳоров, Н.М. Асосҳои ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи конститутсионӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи донишгоҳии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 27 - солагии қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. - С.175-185.

[44-М]. Қаҳоров, Н.М. Адолати судӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи донишгоҳии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 27- солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 186-193.

[45-М]. Қаҳоров, Н.М. Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун самти асосии фаъолияти мақомоти прокуратура [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Таъмини волоияти қонун-самти асоси фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 112-120.

[46-М]. Қаҳоров, Н.М. Мавзуи назорати прокурорӣ дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Таъмини волоияти қонун-самти асоси фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021 – С. 121-132..

[47-М]. Қаҳоров, Н.М. Принцип справедливости в отечественном уголовном судопроизводтсве [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни 35 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик. (19 апрели соли 2024). – Хуҷанд, 2024 – С. 10-15.

[48-М]. Кахоров, Н.М. Конституционные принципы правосудия в уголовном судопроизводстве [Текст] / Н.М. Кахоров // Материалы дистанционной международной научно-практической конференции, приуроченной к 55-летию Карагандинской академии МВД Республики Казахстан им. Б. Бейсенова. Проблемы и перспективы совершенствования законадательства и правоприменительной практики органов внутренных дел. Караганда 30 октября 2024 г . – С.41-45.

[49-М]. Қаҳоров, Н.М. Бевосита ва шифоҳӣ баргузоршудани муҳокимаи судӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-

амалии Ҷумҳуриявӣ “Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он” Бахшида ба рузи илми тоҷик ва солҳои рушди иқтисодӣ ва иноватсия. – Хуҷанд, 2025. – С. 41-45.

[50-М]. Қаҳоров, Н.М. Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи 4-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. Дар мавзуи “Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он” бахшида ба Рузи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, д.и.ҳ., профессор Р.С. Мулкаев.– Душанбе, 10 декабри с.2025. Шуъбаи ташкили-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 262-266.

[51-М]. Қаҳоров, Н.М. Мафҳум ва мазмуни далелҳо, мавқеи он дар назарияи далелҳо [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи 4-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. Дар мавзуи “Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он” бахшида ба Рузи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, д.и.ҳ., профессор Р.С. Мулкаев.– Душанбе, 2025. – С. 258-266.

[52-М]. Қаҳоров, Н.М. Таъмини дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони “Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон” бахшида ба амалишавии “Стратегияи рушди иқтисодӣ “Сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” ва Рӯзи илми тоҷик (23 апрели соли 2025). – Хуҷанд, 2025 – С. 268-272.

[53-М]. Қаҳоров, Н.М. Таҳйирнопазирии ҳайати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Иттилоотонии

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” бахшида ба солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (01 ноябри соли 2025). – Хуҷанд, 2025 – С. 202-206.

Замимаи 1

Замима ба лоиҳаи

«Барномаи рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Самт: Такмил дода шудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳадаф: Дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба ҷиноятқорӣ ва ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва амалӣ шудани Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ворид карда шудани тағйиротҳои зерин ба меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст:

1. Моддаи 2 КМҶ ҶТ «Ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шавад:

Қисми 2 м. 2 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин пешбинӣ карда шавад: «Ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад».

2. Дар сархати 6, қисми 1, м. 2 КМҶ ҶТ ифодаи вазифаи мурофиаи дар шакли: - «ҳалли одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта» пешбинӣ карда шавад.

3. Дар қисми 4, м.34 КМҶ ҶТ тағйирот бо муқаррароти «Тарафҳо имконияти талаб кардани баррасии судии парвандаи ҷиноятиро, новобаста аз дараҷаи хавфнокии ҷиноят ба тариқи дастаҷамъона доранд» ворид карда шавад.

4. Дар матни қ.3, м.3 КМҶ ҶТ истилоҳи «...супориши...» бо истилоҳи «...дархости ё хоҳиши...» иваз карда шавад.

5. Дар матни моддаҳои 470, 474 КМҶ ҶТ истилоҳи «...супориш...», «...супориши. мувофиқат бо истилоҳи «...дархост...», «...дархости...» иваз карда шавад.

6. Дар қисми 4 м.15 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад:

«Ҳама гуна шубҳаҳои айбдории айбдоршаванда ё гунаҳгории судшаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда ва судшаванда маънидод карда мешавад».

7. Дар м.142 КМҶ ҶТ мафҳуми «гуноҳ» бо истилоҳи «айб» иваз шуда, ин қоида бо мазмуни зерин иваз карда шавад:

«Ҳозир шудан бо иқрори айби худ иттилооти ихтиёрии шахс дар бораи ҷинояти содирнамудааш, ки ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маълум нест, ҳисобида мешавад, ба шарте, ки ин шахс ҳанӯз гумонбар нашуда ё айбдоркунӣ дар содир намудани ҷиноят пешниҳод нагардида бошад».

8. Қисми 1 м. 286 (1) КМҶ ҶТ муқаррар гардад:

«1. Суд, судя, ки маҷлиси судиро оғоз кардааст, ҳангоми фарорасии шаб ва барои истироҳат ё зарурати дигар танаффус эълон мекунад ва вақти оғози баррасии парвандаи ҷиноятиро баъди танаффус эълон мекунад.

2. Дар давоми танаффуси маҷлиси суд ва ё мавқуфгузории он ҳайъати суд набояд ба баррасии парвандаҳои дигари ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, оилавӣ иштирок кунад».

9. Моддаи 19 КМҶ ҶТ «Принсипи ошкоро дар мурофиаи ҷиноятӣ» номида шуда;

- қисми 1 ҳамин модда ба тариқи зайл «Пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон дар ҳама марҳилаҳои он ошкоро амалӣ мешавад»:

- қисми 2 «Парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси кушоди суд ба таври ошкоро муҳокима карда мешавад» муқаррар карда шавад.

10. Дар сархати 6, қисми 1 м.248 истилоҳи «...дар ғоибии судшаванда...» бо истилоҳи «...бе иштироки судшаванда...» иваз карда шавад.

11. Дар қисми 3 м.280 КМҶ ҶТ истилоҳи «...дар ғоибии ӯ...» бо истилоҳи «...бе иштироки у...» иваз карда шавад.

12. Дар қисми 4 м.282 КМҶ ҶТ истилоҳи «....дар ғоибии ҷабрдида... », бо истилоҳи «...бе иштироки ҷабрдида...» иваз карда шавад.

13. Дар сархати 3, қисми 1 моддаи 312 КМҶ ҶТ истилоҳи «...дар ғоибии судшаванда...» бо истилоҳи «...бе иштироки судшаванда...»иваз карда шавад.

14.Дар қисми 3 моддаи 316 КМҶ ҶТ истилоҳи «...дар ғоибии судшаванда...» бо истилоҳи «...бе иштироки судшаванда...» иваз карда шавад.

15. Дар сархати 3, қисми 3 м.375 истилоҳи «...дар ғоибии судшаванда...» бо истилоҳи «...бе иштироки судшаванда...» иваз карда шавад.

16. Дар м.273 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолатҳое, ки зарурати маҷлиси пӯшидаи судиро ба миён меоранд, «...дархости айбдоршаванда, судшаванда ва ҷабрдида ва намояндаи қонунӣ ва хешовандони наздики онҳо» илова карда шавад.

17. Дар қисми 2 м.273 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад: «Ҳангоми мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи он ки ба ҷабрдида, шоҳид ё дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо барои иштирок дар маҷлиси судӣ бо куштор, зӯроварӣ, несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулк ё дигар амали ғайриқонунии хавфнок таҳдид мекунанд, суд, судя, бояд дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки иштирокчиёни мурофиа ва хешовандони онҳо *бо дархости онҳо ё ташабусси худ* маҷлиси судиро пӯшида гузаронад».

18. Дар қисми 4 м.273 КМҶ ҶТ муқаррароти «...танҳо *бо иҷозати*...», бо истилоҳи зерин «...танҳо бо *розигии*...» тағйир дода шавад.

19. Қисми 5 м.124 КМҶ ҶТ ихтисор карда шавад.

20. Қисми 1, м. 62 КМ ҶТ бо тағйироти зерин илова карда шавад:

«Судяе, ки қарори ба ҳабс гирифтан ё таҳти ҳабси хонагӣ қарор додани гумонбаршуда ёайбдоршавандаро қабул намудааст, муҳлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани онҳоро дароз кардааст ё шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро аз амал (беамалӣ) ва қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор то баргузории маҷлиси судӣ баррасӣ кардааст, дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карда наметавонад».

Замимаи 2

Замима ба лоиҳаи

«Барномаи рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Самт: Такмил дода шудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳадаф: Дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ ва ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва амалӣ шудани Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ворид карда шудани тағйиротҳои зерин ба меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст:

1. Қисми 1 м.62 КМҶ ҶТ бо таҳрири зерин илова карда шавад:

«Судяе, ки ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ иҷозат додаст ё маълумоти хаттии мақомоти таъқиби ҷиноятиро дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани амали тафтишӣ баррасӣ кардааст, қарори татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ё дароз кардани муҳлати онҳоро қабул намудааст, қарор оид ба масъалаҳои мурофиавиро дар марҳилаи таъин кардан ва омодагӣ ба маҷлиси суд қабул кардааст, дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок карда наметавонад».

2. Дар м. 64 КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ гардад:

«Баррасии раддия нисбати судяро ба зиммаи судяе, ки нисбати ӯ раддия оварда шудааст ва инчунин ба зиммаи судяе, ки қаблан дар ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҳамин парванда иштирок намудааст, вогузоштан манъ аст».

3. Қисми 4, м 64 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«Раддия нисбат ба судяе, ки парвандаро танҳо баррасӣ мекунад ё шикоятро оид ба татбиқи чораи пешгирӣ ва дигар чораҳои маҷбуркунии

мурофиавӣ баррасӣ мекунад, *аз тарафи раиси суди дахлдор* тавассути қабули қарор ҳал карда мешавад».

4. Матни қисми 2 м.63 КМҶ ҶТ бо иловаи зерин тағйир дода шавад:

«...Арзи дертари раддия то оғози музокираи судӣ танҳо дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки асоси раддия ба суд ё ба шахси изҳоркунандаи раддия пас аз оғози тафтиши судӣ аён гардида бошад».

5. Ба қисми 5 м.35(2) КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«...баробари гирифтани маълумоти хаттӣ дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани кофтуков ва дарёфт кардан ё амали дигари тафтишӣ судя маводи ба он алоқамандро аз мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ талаб намуда, дар муҳлати на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи гирифтани онҳо, маводҳоро танҳо баррасӣ менамояд.

Судя қонунӣ будани қарорро дар бораи гузаронидани амали тафтишӣ *бо иштироки тарафҳо* месанҷад.

Аз рӯйи натиҷаҳои санҷиш судя дар бораи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ будани қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ қарори асоснок бароварда, *нусхаҳои онро* ба прокурор, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ *ва бо дархости иштирокчиёни манфиатдор ба онҳо* ирсол менамояд».

6. Ба қисми 3 м.111 КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«...дар маҷлиси суд инчунин намояндаи қонунии гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ, *ҷабрдида ва намонядаи ӯ*, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқи иштирок кардан доранд.

Бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани тарафҳо, ки аз вақти гузаронидани маҷлиси суд сари вақт огоҳонида шудаанд, барои баррасии дархост монеъ шуда наметавонад, ба истиснои ҳолатҳои ҳозир нашудани гумонбаршуда ё айбдоршаванда ва ҳимоятгари онҳо».

7. Қисми 7 м.111 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«...дар хусуси ба ҳабс гирифтани ҳамон як шахс аз рӯйи ҳамон як парвандаи ҷиноятӣ пас аз баровардани қарори суд дар бораи рад кардани интихоби ин чораи пешгирӣ танҳо ҳангоми пайдо шудани

ҳолатҳои нав, ки зарурати татбиқи ба ҳабс гирифтани шахсро ба миён меоваранд, такроран ба суд бо дархост мурочиат кардан мумкин аст, *ки бо тартиби дар қисми 3 ҳамин модда пешбинишуда баррасӣ мешавад*».

8. Қисми 3 м.124 КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«...ба маҷлиси суд ҳозир нашудани шикояткунанда, таҳқиқбаранда ё муфаттиш ва прокурор ба баррасии шикоят монеъ шуда наметавонад, вале судя метавонад ҳозир шудани онҳоро ҳатмӣ шуморад ва баррасии шикоятро мавқуф гузорад…»

9. Қисми 4 м.124 КМҶ ҶТ бо иловаи зерин тағйир дода шавад:

«...судя шикоятро асоснок эътироф намуда, дар бораи қонеъ намудани шикоят ва бекор кардани қарор ё ин ки беқаноат мондани шикоят қарор мебарорад, ки нусхаи он ба шахси шикоятоварда супорида мешавад…».

10. Дар м.6 КМҶ ҶТ сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиш, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ба доираи иштирокчиёни «тарафи айбдоркунанда» илова карда шаванд.

11. Ба КМҶ ҶТ м.284 (1) «Сабабҳои узрноки сари вақт ҳозир нашудани тарафҳо ба маҷлиси суд» илова шавад:

«1. Сабабҳои узрноки сари вақт ҳозир нашудани тарафҳо ба маҷлиси суд инҳоянд, аз ҷумла:

- беморӣ, ки ҳозир шудани тарафро ғайриимкон месозад;

- фавтидани хешовандони наздик;

- офатҳои табиӣ, садамаи дигари техникӣ;

- огоҳонида нашудан, нагирифтани даъватнома;

- сафари хизматӣ, иштирок дар чорабиниҳои таъмини бехатарии аҳолӣ, раъфи оқибати офатҳои таббӣ;

- хизмати ҳарбӣ, иштирок дар машқҳои таълимии ҳарбӣ;

- бе нигоҳбон мондан ё бемории фарзандони ноболиғ, шахсони дигари дар таъминоташ буда ё падару модари пиронсол;

- ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани тарафро новобаста аз хоҳиш ва иродаи ӯ номумкин месозад. Узрнок будани ҳолатҳои дигарро суд, судя бояд муайян созанд.

Тарафҳо бояд судя, судро аз сабаби дар муҳлати таъингардида ҳозир нашуданаш огоҳ кунанд».

12. Сархати 6, қисми 1 м. 38 КМҶ тағйир дода шавад:

«- қарорҳои ғайриқонунии муфаттишро бекор кунад, бо қарори худ маълумоти ғайриқонунӣ ҷамъовардашударо ғайри қобули қабул эътироф намояд».

13.Сархати 5, қисми 1 м.41 КМҶ ҶТ бо матни зерин тағйир дода шавад:

«-қарорҳои ғайриқонунии таҳқиқбарандаро бекор кунад, бо қарори худ маълумоти ғайриқонунӣ ҷамъовардашударо ғайри қобули қабул эътироф намояд».

14. Сархати 4, қисми 4 м.170 КМҶ ҶТ илова карда шавад

«-қарорҳои ғайриқонунии муфаттишони ҳайъати гурӯҳро бекор кунад, бо қарори худ маълумоти ғайриқонунӣ ҷамъовардашударо ғайри қобули қабул эътироф намояд».

15. Ба қисми 1 м. 168 КМҶ ҶТ иловаи зерин ворид карда шавад:

« - дархости иштирокчиёни мурофиа, пешниҳоди сардори воҳиди таҳқиқ ва тафтиши пешакиро оид ба беътибор донистани маълумоти дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ҷамъовардашударо баррасӣ мекунад ва қарори дахлдор мебарорад».

16. Дар матни м.м.42 қ.2, 44 қ.4, 46 қ.4, 47 қ.4, 53 қ.2 КМҶ ҶТ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа (ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгар) дар шакли «...далелҳо пешниҳод намоянд», бояд бо муқаррароти «...маълумот пешниҳод намоянд» иваз карда шавад.

17. Дар м.6 КМҶ ҶТ ба сифати иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ кафилон (м. 106 КМҶ ҶТ), ҳайъати фармондеҳии қисми ҳарбӣ (м.107 КМҶ ҶТ), парасторон, васиён ё дигар шахсони сазовори эътимод, инчунин намояндагони муассисаҳои махсуси кӯдакон (м.108 КМҶ ҶТ), гаравсупоранда (шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ғайр аз гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда) (м.109 КМҶ ҶТ), шахсоне, ки амалиёти таҷрибавиро ҳангоми озмоиши тафтишӣ мегузаронанд (м.188 КМҶ ҶТ) пешбинӣ карда шаванд.

18. Ба қисми 1 м. 280 КМҶ илова карда шавад:

«...ҳангоми саривақт бо даъвати суд, судя бо сабабҳои узрнок ба маҷлиси суд ҳозир нашудани судшаванда баррасии парванда мавқуф гузошта мешавад, агар барои ҳозир шудани судшаванда дар давоми 5 шабонарӯз имконият мавҷуд бошад».

Замимаи 3

Замима ба лоиҳаи

«Барномаи рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Самт: Такмил дода шудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳадаф: Дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ ва ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва амалӣ шудани Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ворид карда шудани тағйиротҳои зерин ба меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст:

1. Матни қисми 4 м. 310 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«Дархост дар бораи гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ танҳо аз ҷониби судшаванда пешниҳодшуда, бо розигии айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида аз ҷониби суд, судя қонеъ карда мешавад».

2. Ба мтни қисми 1 м.461 КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«Товони зараре, ки ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ дар натиҷаи амал (беамалӣ) ё санади ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ расонида шудааст, аз тарафи давлат сарфи назар аз гуноҳи таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд пурра рӯёнида мешавад».

3. Қисми 3 м.9 КМҶ ҶТ бо иловаи зерин тағйир дода шавад:

«...Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда, рӯёнидани товони зарар кафолат дода мешаванд».

4. Ба м. 462 КМҶ ҶТ сархати 4 илова карда шавад:

«- рӯёнидани товони зарари ҷисмонӣ».

5. Дар матни қисми 2 м.464 КМҶ ҶТ баъди калимаҳои «...зарараи момулки...» илова карда шавад «...маънавӣ ва ҷисмонӣ...».

6. Моддаи 464 (1) КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«1) Баррасии аризаи рӯёнидани товони зарарро ба зиммаи прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва судяе, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз санад ё амали онҳо ба аризадиҳанда зарар расидааст ва инчунин ба зиммаи шахси мансабдоре, ки қарор ё амали ғайриқонунирро тасдиқ намудааст, вогузоштан манъ аст.

2) Прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва судя дар ҷараёни баррасии аризаи рӯёнидани товони зарар вазифадоранд, ки ваҷҳҳои дар ариза овардашударо ҳамаҷониба ва холисона санҷанд, ҳангоми зарурат маводи иловагӣ талаб намоянд ё экспертиза таъин намоянд, ки қарори таъини он ба аризадиҳанда эълон карда шавад.

3) Прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва судя дар ҷараёни баррасии аризаи рӯёнидани товони зарар вазифадоранд, ки дар доираи ваколати худ барои барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии поймолшудаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин дигар шаҳрвандон, корхона, ташкилот ва муассисаҳо чораҳо андешанд».

7. Қисми 9 м.310 КМҶ ҶТ аз матни ин модда ихтисор карда шавад. Ин маҳдудияти меъёр ба м.88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, м.м.20,23 КМҶ ҶТ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ (м.277 КМҶ ҶТ) мутобиқ нест.

8. Қисми 2 м.333 КМҶ ҶТ бо иловаи зерин тағйир дода шавад:

«Ҳукм ҳангоме қонунӣ эътироф карда мешавад, ки он бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси онҳо бароварда шуда, амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд».

9. Бо мақсади таъмини талаботи одилона дониста шудани ҳукм (м.333 КМҶ ҶТ) ва васеъ кардани ҳадди мустақилияти суд дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар м.335 КМҶ ҶТ ба доираи масъалаҳое, ки дар хонаи машваратӣ ҳал мешаванд, ҳалли масъала оид ба татбиқ, дароз кардан ё бекор кардани чораҳои таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиави ҷиноятӣ ё хешовандони онҳо илова карда шавад.

10. Моддаи м. 285 КМҶ ҶТ бо иловаҳои зерин тағйир дода шавад:

«1. Парванда дар суд танҳо нисбати судшаванда ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба ӯ бо тартиби дар Кодекси мазкур пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима карда мешавад.

2. Суд бо ваҷҳҳои дар фикри айбдоркунӣ овардашуда вобаста набуда, риоя гаштани қонунро ҳангоми пешбурди парванда дар ҳаҷми пурра, ҳамаҷониба ва холисона месанҷад.

3. Айбдоркуниро дар суд тағйир додан мумкин аст, ба шарте, ки вазъи судшаванда бадтар нашавад ва ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя риоя гардад.

4. Дар сурати ошкор шудани ҳолатҳое, ки боиси тағйир додани айбдорӣ бо татбиқи меъёри қонун оид ба ҷиноят вазнинтар мегардад, ки бо ҳамин асосҳо прокурор уҳдадор аст ва ҷабрдида ҳуқуқ дорад ба суд дар бораи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ дархост пешниҳод намоянд».

11. Ба қисми 4 м.333 КМҶ ҶТ тағйироти зерин илова карда шавад:

«Ҳукми суд ба шарте одилона дониста мешавад, ки дар он ҷазои ба гуноҳгор таъингардида мутобиқи моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноят пешбинӣ мекунад, таъин гардида, ҳалли масъалаҳои дигари мурофиавӣ

бо назардошти исботи худро ёфтани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта мутобиқи арзишҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ бошад».

12. Ба матни қисми 1 м.306 КМҶ КМҶ ҶТ баъди калимаи «...ҳуҷҷатҳо...» илова карда шавад:

«...оид ба ғайри қобул эътироф карда шудани далелҳои ба суд пешниҳодшуда...».

13. Аз матни қ. 1 м. 287 КМҶ ҶТ «...бо ташаббуси худ...» ихтисор карда шавад.

14. Ба м.264 КМҶ ҶТ) қисми 4 илова карда шавад:

«Судя бояд дар қарори худ зикр кунад, ки парванда дар кадом асос ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст ва ба таври мушаххас кадом амали тафтиширо ҳангоми тафтиши иловагӣ гузаронидан зарур аст».

15. Қисми 1 м.264 КМҶ ҶТ бо матни зерин тағйир дода шавад:

«Дар ҳолати ошкор шудани вайронкунии талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки бартараф карда шудани онҳо ҳангоми пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон аст, судя ҳуқуқ дорад парвандаро бо дархости тарафҳо барои тафтиши иловагӣ баргардонад, ки дар ин сурат муҳлати тафтиши иловагӣ аз 30 шабонаруз зиёд шуда наметавонад».

16. Ба м.264 КМҶ ҶТ бояд қисмҳои 5,6 илова карда шаванд:

«5. Далелҳое, ки дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ бо вайрон кардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба суд пешниҳод шудаанд, новобаста ба ворид шудани ариза ё дархости тарафҳо аз нигоҳи қобили қабул будани онҳо ҳамчун далел, мавриди тафтиш ва баҳодиҳӣ қарор дода мешаванд»;

«6. Судя нисбат ба онҳое, ки ба вайронкунии қонун ва камбудӣ роҳ додаанд, вобаста аз оқибатҳои фарорасида, қарори хусусӣ мебарорад».

17. Ба қисми 2 м. 85 КМҶ ҶТ сархати нав илова карда шавад:

«- ҳолатҳои дигаре, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд».

18. Қисми 1 м.373 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«Таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ яктарафа ба ҳисоб меравад, ба шарте, ки зимни анҷом додани онҳо танҳо ҳолатҳои вазнинкунанда ва айбдоркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ё баръакс дар натиҷаи таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва тафтиши судӣ танҳо ҳолатҳое, ки ҷавобгарии айбдоршавандаро сабук ё ӯро сафед мекунанд, муайян шуда бошанд».

19. Ба қисми 2 м.374 КМҶ ҶТ сархатҳои зерин илова карда шаванд:

- Ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият дошта бо далелҳо исбот нашуда бошанд;

- Далелҳои ҷамъовардашуда қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ ва кофӣ набошанд (м.м.88, 88(1) КМҶ ҶТ;

- Амалҳои тафтишӣ, ки қонун номбар кардааст гузаронида нашудаанд ё тартиби иҷрои онҳо вайрон карда шуда бошад (м.182-220 КМҶ ҶТ;

- Бе асосҳои кофӣ ва воқеӣ (исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят) қарорҳои мурофиавӣ қабул шуда бошанд.

20. Матни қисми 4 м.21 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«Ҳангоми ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки аз парванда бармеоянд, бояд ҳам ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ва ҳам айбдоркунанда, ҳам ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ва ҳам сафедкунандаи айбдоршаванда, ба инобат гирифта шаванд».

Замимаи 4

Замима ба лоиҳаи
«Барномаи рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Самт: Такмил дода шудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳадаф: Дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ ва ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва амалӣ шудани Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ворид карда шудани тағйиротҳои зерин ба меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст:

1.Қисмҳои 1-2 м. 287 КМҶ ҶТ бояд бо таҳрири зерин тағйир дода шаванд:

«1. Агар дар ҷараёни муҳокимаи суд вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, ҳолатҳои нави қаблан номуайян ва барои парванда муҳим ошкор шуда бошанд, ки тафтиши онҳо дар маҷлиси суд бе тафтиши иловагӣ имконнопазир аст, суд, судя метавонад бо дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонад. Бо ҳамин асосҳо парванда минбаъд ба тафтиши иловагӣ баргардонида намешавад».

«2. Суд, судя парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонида, дар айни замон вазифадор аст, масъалаи чораҳои пешгириро нисбат ба судшаванда ва муҳлати тафтиши иловагиро ҳал кунад».

2. Қисмҳои 3-5 м.35 (2) КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«3. Дар маҷлиси суд иштироки прокурор ҳатмист. Ҳангоми зарурат судя метавонад бо ташаббуси худ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва шахсони

манфиатдорро ба маҷлиси суд даъват ё аз вақти баргузории он хабардор намояд.

4. ...Қарори суд ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор супорида мешавад.

5. ...Аз рӯйи натиҷаҳои санҷиш судя дар бораи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ будани бе иҷозати суд гузаронида шудани амали тафтишӣ қарори асоснок бароварда, нусхаи онро ба прокурор, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони манфиатдор ирсол менамояд».

3. Қисми 1 м.268 КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«...Судя дар бораи қатъ намудани парванда қарор бароварда, масъалаи бекор кардани чораи пешгирӣ, чораҳои таъмини даъвои гражданӣ, иҷрои ҷазо ва эҳтимоли мусодираи молу мулк ва масъалаи далелҳои шайъиро ҳал мекунад».

4. Қисми 5 м.116 КМҶ ҶТбо муқаррароти зерин тағйир дод шавад:

«Дар вақти номнависи молу мулк молики амвол ё хешовандони наздики вай, шахсони холис ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо мутахассисе, ки арзиши онро муайян менамояд, иштирок мекунанд».

5. Қисми 1 м. 306 КМҶ ҶТ бо мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«1. Раисикунанда аз тарафҳо мепурсад, ки оё онҳо доир ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаҳои ба баррасиии он вобаста, аз ҷумла, доир ба беэтибор донистани далелҳои пешниҳодшуда, даъвати шоҳидону, экспертон, мутахассисони нав ва талаб карда гирифтани далелҳои шайъӣ, ё ҳуҷҷатҳо ягон дархост доранд ё не. Шахсе, ки ба суд дархост пешниҳод кардааст, бояд нишон диҳад, ки барои муайян кардани маҳз кадом ҳолатҳо маводҳои иловагӣ заруранд ё бо кадом асосҳо қонеъ кардани дархостро аз суд мепурсад».

6. Дар матни қисми 9 м. 310 КМҶ ҶТ қоидаи «...бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи 372 КМҶ ҶТ» ихтисор карда шуда, мазмуни ҳамин қисм тағйир дода шавад:

«Нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи ҳамин модда бароварда шудааст, бо асосҳои дар ҳамин модда пешбинӣ шуда ва бинобар ихтиёран даст кашидани тарафҳо аз таҳқиқи далелҳо шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест».

7. Дар қисми 3 м.310 КМҶ ҶТ ибораи «...ҷиноятҳои вазнин» ихтисор карда шавад.

8. Ба қисми 2, м.292 КМҶ ҶТ илова карда шавад:

« Агар судшаванда аз толори маҷлиси суд берун карда шуда бошад, иштироки вай бояд дар музокираи суд таъмин карда шавад».

9. Аз матни қисми 4 м.362 КМҶ ҶТ муқаррароти

«...Зимнан дар эътирози иловагии прокурор ё дар шикояти шахс дар бораи тағйир додани шикоят, ҳамчунин дар шикояти иловагии ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндагони онҳо, ки пас аз гузаштани муҳлати овардани шикоят ё эътироз ба ҳукм пешниҳод шудааст дар бораи бад кардани вазъи маҳкумшуда, ба шарте, ки чунин талаб дар шикоят ё эътирози пештар овардашуда ҷой надошта бошад, масъала гузоштан мумкин нест» ихтисор карда шавад.

10. Дар м.384 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад:

«Ҳангоми таъини экспертизаи судӣ аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа, ки дар м.210 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, риоя мешавад».

11. Қисми 2 м.47 КМҶ ҶТ бо муқаррароти зерин тағйир дода шавад:

«...судшавандае, ки нисбат ба ӯ ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо кардааст, маҳкумшуда номида мешавад, агар ҳукм пурра сафедкунанда бошад, сафедшуда номида мешавад».

12. Дар қисми 3 м.357 КМҶ ҶТ истилоҳи «...маҳкумшуда..» бо истилоҳи «...судшаванда...» иваз карда шавад.

13. Қисми 3 м.9 КМҶ ҶТ бо муқаррароти зерин тағйир дода шавад: «Қарори суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошанд».

14. Дар сархати 4, қ.6 м.145 КМҶ ҶТ қарор бояд чунин ифода гардад: «Қарор дар бораи аз рӯйи тобеият барои баррасӣ равон кардани ариза ё иттилоот».

15. Матни қ.1 м.290 КМҶ ҶТ ба таври зерин ифода шавад:

«Оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ аз тарафи суд ҳал мегардад, *суд таъинот, судя қарор* мебарорад, ки он бояд дар маҷлиси суд эълон карда шавад».

16. Моддаи 263 КМҶ ҶТ бо меъёри зерин тағйир дода шавад:

«1. Судя мавҷуд набудани асосҳои барои баррасии парванда дар маҷлиси суд монеашавандаро муайян намуда, дар бораи таъини маҷлиси суд ва судшаванда эътироф шудани айбдоршаванда қарор мебарорад.

2. Судшаванда аз лаҳзаи қабул шудани қарор метавонад аз ҳуқуқҳое, ки дар КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, истифода барад.

3. Судшаванда уҳдадор аст:

- бо даъвати судя, суд ба маҷлиси суд саривақт ҳозир шавад;

- ба амрҳои қонунии судя, суд, раисикунандаи маҷлиси суд итоат намояд;

- тартиботро дар маҷлиси суд риоя кунад, ба баргузории маҷлиси судӣ монеа нашавад;

- дар тафтиши судӣ иштирок намояд.

Нусхаи қарори мазкур ба судшаванда, ҳимоятгари ӯ бояд дар давоми 12 соат супорида шавад».

17. Дар м.6 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки:

«Судшаванда шахсе мебошад, ки нисбати ӯ қарори судя оид ба судшаванда эътироф кардан ва барои моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ маҷлиси суд таъин карда шудааст».

18. Ба моддаи 343 КМҶ ҶТ илова карда шавад:

«...Суд, судя дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд баёни кирдори ҷиноятиро, ки онро исботшуда эътироф кардаанд, бо нишон додани маҳал, вақт, тарзи содир кардани он, намуди гуноҳ, сабаб, мақсад

ва оқибатҳои ҷиноят инъикос намояд. Агар ҷиноят аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, дар ҳукм бояд аниқ дарҷ ёбад, ки ҳар яке аз шарикони ҷиноят маҳз кадом ҳаракатҳои ҷиноятиро содир намудаанд, ки боиси оқибат гаштааст.

Дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд таҳлили ҳаматарафаи далелҳоеро, ки хулосаи суд, судя бо онҳо асоснок карда шудааст оварда, ба ҳамаи далелҳои исботкунандаи гуноҳ ва сафедкунандаи судшаванда баҳои ҳуқуқӣ дода шавад».

Замимаи 5

Лоиҳаи

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид карда шудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи фаъолияти опреативӣ-ҷустуҷуӣ»

1. Дар сархати 5, моддаи 1 ҳамин қонун истилоҳи «пурсиши оперативӣ» бо истилоҳи «пурсуҷӯи оперативӣ» иваз карда шавад.

2. Дар сархати 1, қисми 1, моддаи 6 ҳамин қонун истилоҳи «пурсиши оперативӣ» бо истилоҳи «пурсуҷӯи оперативӣ» иваз карда шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон ***Эмомалӣ РАҲМОН***

Таснифоти
шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба самтҳои фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ

Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ки аз вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бармеоянд	***Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ки аз принсипҳои конститутсионии адолати судӣ сарчашма гирифтаанд***	***Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба таъмини кафолатҳои мурофиавӣ равона мешаванд***
- Ҳадди муҳокимаи судӣ; - Имконияти мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ; - Имконияти баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ; - Имконияти мавқуф гузоштан, боздоштан ва қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ; - Ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; - Тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд; - Тартиби маҷлиси суд; - Чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд; - Протоколи маҷлиси суд; - Раисикунанда дар маҷлиси суд; - Котиби маҷлиси суд; - Тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; - Тартиби қабули қарори мурофиавӣ.	-Тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; - Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; - Муҳокимаи ошкорои судӣ; - Тағйирнопазирии ҳайати суд; - Иштироки машваратчии халқии эҳтиётӣ; - Иштироки ҳимоятгар дар муҳокимаи судӣ; - Мубоҳисаи тарафҳо; - Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ.	- Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; -Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки ҳимоятгар дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки даъвогари гражданӣ ё ҷавобгари гражданӣ дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки мутахассис, эксперт дар муҳокимаи судӣ.

Таснифоти
шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба намудҳои айбдорнамоӣ дар суд

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар баррасии судии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ	***Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар баррасии судии парвандаҳои айбдоркунии умумӣ***
- Тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; - Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; - Муҳокимаи ошкорои судӣ; - Тағйирнопазирии ҳайати суд; - Мубоҳиса; - Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; - Ҳадди муҳокимаи судӣ; - Тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд; - Тартиби маҷлиси суд; - Чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд; - Протоколи маҷлиси суд; - Раисикунанда дар маҷлиси суд; - Котиби маҷлиси суд.	- Тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; - Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; - Муҳокимаи ошкорои судӣ; - Тағйирнопазирии ҳайати суд; - Иштироки машваратчии халқии эҳтиёткор; - Мубоҳиса; - Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; - Ҳадди муҳокимаи судӣ; - Имконияти мавқуф гузоштан ва бозгоштани муҳокимаи судӣ; - Имконияти баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ; - Имконияти қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ; - Ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; - Тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд; - Тартиби маҷлиси суд; - Чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд; - Протоколи маҷлиси суд; - Раисикунанда дар маҷлиси суд; - Котиби маҷлиси суд; - Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ; - Шартҳои дигар, ки боби 30-31 КМҶ ҶТ пешбинӣ кардааст.

Таснифоти
шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба танзимоти меъёрӣ

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки хусусияти императивӣ доранд	***Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки хусусияти диспозитивӣ доранд***
- муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; - муҳокимаи ошкорои судӣ; - тағйирнопазирии ҳайати суд ҳангоми муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ; - баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; - тартибот дар маҷлиси суд; - тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; - ҳадди муҳокимаи судӣ; - расмиёти муҳокимаи судӣ; - расмиёти мурофиавӣ; - раисикунанда дар маҷлиси суд; - котиби маҷлиси суд	- мавқуф гузоштан ва бозdoштани муҳокимаи судӣ; - баррасии арзу дархост; - баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ; - қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ; - ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; - чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд - иштироки даъвогари гражданӣ ё ҷавобгари гражданӣ дар муҳокимаи судӣ; - иштироки мутахассис, эксперт дар муҳокимаи судӣ
Хусусияти императивии (калимаи лотинӣ «imperativus» «амрдиҳӣ», «ҳатмӣ»-ро мефаҳмонад) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мегардад, ки амалишавии онҳо аз ҷониби тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҳатмӣ аст.	**Хусусияти диспозитивии (калимаи лотинӣ «dispositivus» «соҳибихтиёрӣ»-ро мефаҳмонад) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мегардад, ки амалишавии онҳо аз салоҳдиди суд, судя (дар доираи салоҳияти истисноии суд) вобаста аст.**

Таснифоти
шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ	***Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар марҳилаҳои судӣ***
(бо назардошти талаботи моддаҳои 273, 276, 277, 278, 279, 281, 290, 293, 299, 301 ва 306 КМҶ ҶТ) - муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; - муҳокимаи ошкорои судӣ; - раисикунанда дар муҳокимаи судӣ; - баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; - котиби маҷлиси суд; - иштироки айбдоркунандаи давлатӣ; - иштироки ҳимоятгар дар муҳокимаи судӣ; - тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд; - протоколи маҷлиси суд; - эълони ҳайати суд, дигар иштирокчиёни мурофиа ва фаҳмондани ҳуқуқи рад кардан; - изҳори дархост ва баррасии он.	- Тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ - Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; - Муҳокимаи ошкорои судӣ; - Тағйирнопазирии ҳайати суд; - Иштироки машваратчии халқии эҳтиётӣ; - Мубоҳиса; - Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; - Ҳадди муҳокимаи судӣ; - Имконияти мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ; - Имконияти баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ; - Имконияти қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ; - Ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; - Тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд; - Тартиби маҷлиси суд; - Чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд; - Протоколи маҷлиси суд; - Раисикунанда дар маҷлиси суд; - Котиби маҷлиси суд; - Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ; - Шартҳои дигар, ки боби 30-31 КМҶ ҶТ пешбинӣ кардааст.

Таснифоти

шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ

(дар таҳрири нав)

Қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ эътироф мешаванд	**Қоидаҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ки аз мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судӣ бармеоянд**
- Тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ - Муҳокимаи бевосита, бефосила ва шифоҳии судӣ; - Муҳокимаи кушоди судӣ; - Ҳайати суд; - Мубоҳисавият дар муҳокимаи судӣ; - Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; - Мавзуъ ва ҳадди муҳокимаи судӣ; - Чораҳо оид ба барқарор кардани зарар ва оштидиҳӣ; - Баррасии ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаи ҷиноятӣ; - Ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи мавзуи муҳокимаи судӣ; - Баррасии ҳатмии арзу дархости тарафҳо; - Риояи тартибот ва расмиёти муҳокимаи судӣ.	- Имконияти мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ; - Имконияти баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ; - Имконияти қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ; - Ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; - Иштироки машваратчии халқии эҳтиётӣ; - Тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд; - Тартиби маҷлиси суд; - Чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд; - Протоколи маҷлиси суд; - Раисикунанда дар маҷлиси суд; - Котиби маҷлиси суд; - Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ; - Иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки ҳимоятгар дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки даъвогари граждани ё ҷавобгари граждани дар муҳокимаи судӣ; - Иштироки мутахассис, эксперт дар муҳокимаи судӣ.